3

ҲОҶӢ АКБАР ТУРАҶОНЗОДА

# ҶОЙГОҲИ ЗАН ДАР ИСЛОМ

Душанбе - 2011

ББК 86.38+87.717+67.91
Т-86

**Муқарризон:**
**М.Диноршоев,** академики АИ ҶТ
**А.Имомов,** устоди ҳуқуқшиносии ДМТ
**М.Умаров,** ходими калони илмии АИ ҶТ

**Муҳаррир:** Қиёмиддин Сатторӣ

**ҲОҶӢ АКБАР ТУРАҶОНЗОДА**
**ҶОЙГОҲИ ЗАН ДАР ИСЛОМ.** Душанбе. «Шуҷоиён», 2011, 320 саҳ.

*Рисолаи мазкур ба мавзӯи хеле ҳассоси ҷомеаи Тоҷикистон, яъне ҷойгоҳи зан дар таълимоти исломӣ бахшида шудааст, ки доманаи он хеле фарох мебошад.Муаллиф воқеъбинона ҳадди мавзӯъро маҳдуд сохта, фақат ба муайян намудани ҷойгоҳи зан дар Ислом кӯшиш кардааст. Ва хонандагони арҷманди рисола худ қазоват хоҳанд кард, ки маҳз бо ҳамин роҳу усул муаллиф тавонистааст, ки мақоми шоистаи занро дар Ислом боварибахш ва фаҳмо нишон бидиҳад.*

*Китоб ба доираи васеи хонандагон тавсия мешавад.*

ISBN 978-99947-69-59-9

**© Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода, 2011**

این کتاب از سایت کتابخانه عقیده دانلود شده است.

**www.aqeedeh.com**

آدرس ایمیل: book@aqeedeh.com

**سایت‌های مفید**

www.aqeedeh.com
www.islamtxt.com
www.ahlesonnat.com
www.isl.org.uk
www.islamtape.com
www.blestfamily.com
www.islamworldnews.com
www.islamage.com
www.islamwebpedia.com
www.islampp.com
www.videofarda.com
www.nourtv.net
www.sadaislam.com
www.islamhouse.com
www.bidary.net
www.tabesh.net
www.farsi.sunnionline.us
www.sunni-news.net
www.mohtadeen.com
www.ijtehadat.com
www.islam411.com
www.videofarsi.com

# Мундариҷа

**Муаррифии китоб........................................... 6**
**Муқаддима............................................... 10**
***Боби якум:* Ҷойгоҳи зан дар оила аз назари Ислом 15**
*Бахши 1:* **Баробарии фитрии зан ва мард аз назари Ислом.......................................................... 16**
Оё зан ва мард баробар офарида шудаанд?.........16
*Бахши 2:* **Назари Ислом ба ҳуқуқ ва ҷойгоҳи зан дар оила.........................................................28**
**Ҳуқуқ ва ҷойгоҳи модар дар шариати исломӣ**
1.Назаре ба ҷойгоҳи модар дар Қуръони карим ..29
2.Нигоҳе ба ҷойгоҳи модар дар суннати Пайғамбари Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам.* ............33
Ҳуқуқ ва ҷойгоҳи духтар аз назари Ислом........ .42
Ҷойгоҳи ҳамсар дар таълимоти Ислом..............47
*Бахши 3:* **Издивоҷ ва муносибатҳои оилавӣ дар Ислом**
Ислом ва озодии интихоби ҳамсар.....................50
Ҷойгоҳ ва муҳити оила аз назари Ислом........... 56
Ҳуқуқи занон дар назди мардон ...................... 60
Масъалаи маҳрия ........................................ 60
Таъмини нафақаи оила ва фарзандон................67
Муомилаи нек бо ҳамсар.............................. 74
Таъмини эҳтиёҷоти ҷинсии зан.................... 79
Ҳифзи асрори заношӯӣ................................ 82
Ҳуқуқҳои шавҳар дар назди ҳамсар................ 84
Масъалаи итоат аз шавҳар ва сарпарастии оила........................................................ 84
Таъмини ниёзҳои ҷинсии шавҳар.....................92
Иҷрои корҳои хона ва омода намудани хӯрок.....95

***Боби дуюм:*** **Ҷойгоҳи зан дар ҷомеа аз назари Ислом 101**

*Бахши 1:* **Таҳсил ва илмомӯзии занон аз назари Ислом……………………………………………….102**

Ҷойгоҳи илм ва илмомӯзӣ дар Ислом …………..102

1.Нигоҳе ба ҷойгоҳи илм дар Қуръони карим… 102

2.Масъалаи омӯхтани илм дар ҳадисҳои Паёмбари Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам* …………………110

3. Мавзӯи илму таълим дар фармудаҳои саҳобагон ва бузургони исломӣ ………………………………………126

Назари шариати исломӣ дар бораи таълим ва таҳсили занон……………………………………………133

1. Занон ва касби илму дониш дар садри Ислом.134

2.Чаро занону духтарон бояд ҳатман илму дониш биёмӯзанд?………………………………………………….141

3. Баъзе талаботи шаритаи исломӣ барои таҳсилу таълими занон… 146

*Бахши 2:* **Назари Ислом ба фаъолияти кории занон**

1.Дидгоҳи куллии Ислом дар масъалаи кори занон………………………………………………… 149

2.Шароити кор ва фаъолияти меҳнатии занон аз назари Ислом ………………………………………155

*Бахши 3:* **Зан ва фаъолиятҳои сиёсию ҷамъиятӣ**

1. Назари усулии Ислом дар бораи ҳуқуқи фаъолияти ҷамъиятию сиёсии зан…………………167

2.Масъалаи сардори давлат ва вазир шудани зан аз назари Ислом……………………………………………175

3.Назари Ислом дар бораи ҳуқуқи зан барои интихоб кардан ва интихоб шудан дар ҳукумати қонунгузор……………………………………………190

4.Назари шариати исломӣ дар мавриди ба мақоми қозии додгоҳ ё додситон интихоб шудани зан…....201

***Боби сеюм:*** **Баъзе масъалаҳои хоссаи ҳуқуқи зан дар Ислом ………………………………………… 205**

1.Масъалаи чандҳамсарӣ дар Ислом…………… 206

Оё бисёрзаниро Ислом ба бор овард ва он хосси Ислом аст?....................................................... 207

Назари куллии Ислом дар мавриди бисёрзанӣ чист?...........................................................................210

Ислом дар кадом ҳолатҳо гирифтани беш аз як занро иҷозат медиҳад?..........................................211

2.Масъалаи талоқ дар Ислом……………………..221

3.Масъалаи ҳиҷоб дар Ислом…………………… 253

4.Масъалаи саҳми зан аз мерос………………… 290

Манбаъҳо ва адабиёти илмию соҳавӣ ……….. 315

# МУАРРИФИИ КИТОБ

Рисолаи мазкур ба мавзӯи хеле ҳассоси ҷомеаи Тоҷикистон бахшида шудааст, ки мазмуну мӯҳтавои он хеле фарох мебошад, аммо муаллифи мӯҳтарам воқеъбинона ҳадди мавзӯъро маҳдуд сохта, фақат ба муайян намудани ҷойгоҳи зан дар Ислом кӯшиш кардааст. Ва хонандагони арҷманди рисола худ қазоват хоҳанд кард, ки маҳз бо ҳамин роҳу усул муаллиф тавонистааст, ки мақоми шоистаи занро дар Ислом боварибахш ва фаҳмо таълиф намояд.

Тафаккури исломии латхӯрдаи ҷомеаи тоҷик имрӯз аз ҳарвақта ҳарчӣ бештар ба омӯзиш ва дарки таҳкурсии динии худ эҳтиёҷ дорад. Сатҳи пасти фарҳанги ҷомеа имкон намедиҳад инсон дарк намояд, ки бе эътиқоди худошиносӣ ва риояи аркони дини Ислом ӯ наметвонад ба худшиносии миллӣ ва шинохти асли хеш ноил гардад, зеро қисми ҷудонопазир ва мӯҳтавои аслии фарҳанги тоҷик эътиқоди устувор ба Худованди мутаъол ва қудрати беинтиҳояш мебошад. Хонандаи китоб, хусусан, занону духтарон ба бисёр саволҳои худ дар хусуси одобу ахлоқи ҳамидаи зан дар ҷомеа, оид ба мавқеи ӯ ба даъвати вақту замон ва нозукиҳои ҳассоси давр ҷавоб ёфта метавонад.

Рисола се қисм дошта, ҳар яки он аз се-чор боб иборат аст ва ҳар яки онҳо ба масъалаҳои мухталифи

ҷойгоҳи зан дар Ислом равшанӣ андохтаанд. Муаллифи мӯҳтарами рисола донанда ва муҳаққиқи шинохтаи таълимоти исломӣ, дар китоб асоснок нишон додааст, ки моҳияти асосии таълимоти Ислом дар масъалаи зан иборат аз он аст, ки ин дини мубин тамоми вижагиҳои табиӣ, биологӣ, физиологӣ, ҷисмӣ, ҷинсӣ, ҳиссӣ, равонӣ ва ҳамчунин, нақши башарӣ, иҷтимоӣ ва ҷамъиятии занро ба таври комил дар назар гирифта, аҳкоми худро маҳз бо таваҷҷӯҳ ба ин воқеият танзим намудааст.

Тамоми мундариҷаи китоб дар асоси зарофати ояҳо ва сураҳои Қуръони карим ва чидаҳо аз Суннати набавӣ бо дарки воқеияти замону вақт, такя ба сарчашмаҳои боэътимоди алломаҳои исломӣ, фақеҳони бузургвори аҳли суннат ва ҷамоат навишта шудааст.

Дар қисми аввали рисола ҷойгоҳи зан дар оила аз назари Ислом, масъалаҳои мубрами баробарии фитрии зан ва мард, ҳуқуқ ва ҷойгоҳи зан дар хонавода, ҳуқуқ ва ҷойгоҳи модар, ҳуқуқ ва ҷойгоҳи духтар, ҷойгоҳи ҳамсар аз назари Ислом тадқиқ гаштааст. Инчунин, ба масъалаҳои издивоҷ ва муносибатҳои оилавӣ дар Ислом, озодии интихоби ҳамсар, ҳуқуқи занон дар назди мардон, ҳуқуқҳои шавҳар дар назди ҳамсар равшанӣ андохта шудааст.

Дар қисми дуюми рисола ҷойгоҳи зан дар ҷомеа аз назари Ислом оид ба таҳсил ва илмомӯзии занон, фаъолияти кории занон, фаъолияти сиёсию ҷамъиятии занон аз назари Ислом маълумоти амиқи боэътимод дода шудааст, ки барои дарки амиқи вазъи занон дар ҷомеаи муосир хеле муҳим мебошад. Муаллифи рисола бо ояҳои қуръонӣ ва Суннати набавӣ бо далелҳои эътимоднок ҳуқуқи занро ба

маълумотгирӣ, шуғли илм ва ишғоли касбу вазифаҳои ба шаъну шарафи зан муносиб дар Ислом дастгирӣ ёфтанро нишон додааст. Ин амал барои бартараф кардани ақидаи хурофотие, ки қобилияти занро ба шуғли таҳсил ва илм зери шубҳа мегузорад, ҷавоби муносиб аст. Дар ин қисм кӯшиш карда шудааст, ки дар қиёс умумияти баъзе арзишҳои исломӣ, байъат бо интихоботи вакилони халқ ва интихоботи Президенти Ҷумҳурӣ нишон дода шуда, сазовории зан ба мансаби сарвари ҳукумат, раиси ҷумҳур, вазирӣ, вакилии халқ асоснок карда шавад.

Дар қисми сеюми рисола ба баъзе масъалаҳои хоссаи ҳуқуқи зан дар Ислом ва масъалаҳои сатҳи оиладорӣ ва дарки ҳуқуқҳои фитрии зан бо мисолҳои таърихӣ равшанӣ андохта шудааст. Аз ҷумла, таърихи пайдоиши омили чандҳамсарии мард, талоқ, маҳр, ҳиҷоб, саҳми зан аз мерос ва ғайраҳо хеле дақиқ нишон дода шуда, моҳияти иҷтимоии онҳо дар марҳалаи ҳозира воқеъбинона нишон дода шудааст.

Дар рисола ба чандин масъалае, ки аз самти Қуръони карим ва Суннати набавӣ ба онҳо кайҳо равшанӣ андохта шудааст, вале дар замони муосир ба мавзӯъҳои хеле ҷиддии ихтилофи на фақат динию ақидатӣ, балки сиёсию ғоявии сатҳи ҷаҳонӣ табдил дода шудааст, ҷавобҳои боэътимод пайдо кардан мумкин аст. Барои дарки мазмуну моҳияти онҳо зарурати ақлу идрок ва тафаккури исломӣ доштан таъкид карда шудааст. Хусусан, дар масъалаҳои баробарии зану мард, моҳияти иҷтимоии маҳр, шарту шароити талоқ, мерос, ҳиҷоб, фаъолияти кории зан, ишғоли мансаби давлатию ҷамъиятӣ, донишомӯзӣ ва интихоб кардану интихоб шудани зан ва ғайраҳо. Бо таассуф қайд кардан лозим аст, ки дар ватани мо ҳам шиорҳои бадномсозии арзишҳои

исломӣ, ки тарғибгарони ғарбӣ пахш мекунанд, гоҳе аз тарафи баъзе сиёсатмадорон, мансабдорон ва зиёиён дастгирӣ мeёбад. Дар рисолаи мазкур бепоягии ин шиорҳо ва хусумати маҳз будани онҳо асоснок нишон дода шудааст ва тибқи Қуръони карим ва Суннати набавӣ таъкид шудааст, ки занон аз назари гавҳар, сифат, маводи офариниш, шарофату арзиши инсонӣ ҳамвора баробар бо мардонанд.

Ба ҳамин тариқ, дар рисолаи мазкур мавзӯи хеле муҳимми ҳаёти фардии инсон дар мисоли ҷойгоҳи зан дар Ислом асоснок, бо пояҳои мантиқӣ ва сарчашмаҳои боэътимод бо дарки воқеияти имрӯзӣ ва сатҳи тафаккури исломии ҷомеа содаю фаҳмо тадқиқ шудааст. Нашр гардидани чунин рисолаи муфид барои равшанӣ андохтан ба мавзӯи мазкур ва ба ҳамватанони арҷманд фаҳмо гаштани асли моҳияти назари исломӣ ба ҷойгоҳи зан дар ҷомеа, сиёсат, маориф, ҳаёти иҷтимоӣ, дар оила ва рӯзгордорӣ ва ғайра ёрӣ мерасонад. Дар хотима ба муаллифи арҷманди рисола аз Худованди мутаъол орзумандем, ки дар кору зиндагияшон пирӯзӣ ато намояд ва бо килки равони худ ва андешаҳои мутафаккирона рисолаҳои навро иншо кунанд, то ки ба раванди худошиносии мусалмонони ҷумҳурӣ мусоидат намояд.

Бо дуои нек,

**Ҳоҷӣ Ашӯрбой Имомов,**
*устоди факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон, собиқ раиси Кумитаи назорати конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# МУҚАДДИМА

***Бисмиллоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим***
***Бо дуруду салом ба рӯҳи поки Паёмбари Ислом, алайҳи-с-салоту ва-с-салом***

Масъалаи ҷойгоҳ ва ҳуқуқи зан яке аз муҳимтарин ва ҳассостарин бахшҳои таълимоти шариати исломӣ мебошад. Ин масъала дар тамоми давраҳои густариши дини мубини Ислом на танҳо ҳамчун як мавзӯи фиқҳӣ, балки чун як мавзӯи бисёр муҳимми фарҳангию иҷтимоӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ низ мавриди таваҷҷӯҳи ҷиддӣ будааст.

Аз он ҷо, ки дини мубини Ислом як дини фитрӣ буда, аҳкоми он аз сӯи Худованди мутаъол бо дар назар гирифтани табиат ва сиришти инсон муқаррар гардидааст, нигоҳи Ислом ба масъалаи ҳуқуқ ва ҷойгоҳи зан низ хусусиятҳои хосси худро дорад. Моҳияти асосии таълимоти Ислом дар масъалаи зан иборат аз он аст, ки ин дини мубин тамоми вижагиҳои табиӣ, биологӣ, физиологӣ, ҷисмӣ, ҷинсӣ, ҳиссӣ, равонӣ ва ҳамчунин, нақши башарӣ, иҷтимоӣ ва ҷамъиятии занро ба таври комил дар назар гирифта, аҳкоми худро маҳз бо таваҷҷӯҳ ба ин воқеият танзим намудааст. Аз назари Ислом, муносибати ҷомеа нисбат ба зан бояд маҳз бо дар назар гирифтани ин зарофату вижагиҳо ташаккул

ёбад, зеро фақат дар ҳамин сурат метавон нақш ва ҷойгоҳи баланду шарифи занро, чунон ки бояд, шинохт ва таъмин намуд.

Омӯзиши манбаъҳои асили дини мубини Ислом, яъне Қуръони карим ва Суннати набавӣ, нишон медиҳад, ки Ислом занро дар баландтарин дараҷаи эҳтиром ва ғамхорӣ гузошта, васеътарин маҷмӯи ҳуқуқу ихтиёротро барои зан пешбинӣ мекунад.

Ба таври мисол, Ислом танҳо динест, ки мардро шаръан (қонунан) вазифадор мекунад, то дар тамоми марҳалаҳои зиндагии зан ӯро аз ҳар назар таъмин ва нигоҳубин намояд. Ё, масалан, Ислом аз тариқи пешбинӣ кардани маҳрияи зан ва қарордоди ақди никоҳ беҳтарин ва комилтарин механизми ҳифзи иҷтимоии занонро ба вуҷуд овардааст, ки дар сурати риоят шудани шартҳои он марди мусалмон ҳаргиз наметавонад занро дар ҳолати вобастагӣ ва ниёзмандии молию моддӣ қарор бидиҳад.

Вале бо вуҷуди ин, дар даҳсолаҳои охир ба сабаби коҳиши шадиди маърифати динии мардум ва таҳоҷуми фарҳанги ғарбии зиддиисломӣ дар ҷомеаи мо чунин тасаввури козиб ва нодурусте ба вуҷуд омадааст, ки гӯё Ислом ҳуқуқи занонро маҳдуд сохта, боиси аз зиндагии хушбахтона ва аз ҳуқуқи таҳсил, кор ва фаъолияти ҷамъиятию сиёсӣ маҳрум гаштани онҳо мешавад. Дар натиҷа, як бахши бузурги ҷомеаи мо чунин мепиндорад, ки Ислом ҳуқуқи занро дар оила поймол намуда, илова бар ин, барои занон ҳуқуқи таҳсил, кор, иштироки сиёсӣ ва ғайраро пешбинӣ накарда, нақши занро фақат дар хонанишинӣ маҳдуд месозад. Мухолифони Ислом дар дохили кишвар низ ин андешаи бепояро ба таври сунъӣ ба зеҳни ҷомеа ва хусусан, ба зеҳни занони мусалмон бо ҳар васила талқин мекунанд.

Аз сабаби пеш омадани чунин холигии маърифатӣ, имрӯз дар ҷомеаи мо дар масъалаи ҳуқуқи занон дар Ислом як силсила саволҳои ҷиддӣ ба миён омадаанд, ки бисёре аз хоҳарону модарони мусалмон мехоҳанд дар мавриди онҳо посуххои шаръиро дар ихтиёр дошта бошанд. Аз ҷумла, дар бисёр мулоқотҳо хоҳарону модарони мо аз уламои исломӣ чунин саволҳо мекунанд: Оё аз назари Ислом занону мардон баробаранд? Чаро писарон ду баробари духтарон мерос мебаранд? Оё мувофиқи шариат духтарон низ дар интихоби ҳамсар озоданд? Оё фақат мард метавонад сардори оила бошад? Чаро Ислом ба мардон ҳуқуқи доштани чанд занро додааст? Чаро шариати исломӣ дар масъалаи никоҳ додани маҳрро (қалинро) воҷиб гардонидааст? Оё аз назари шариат анҷом додани корҳои хона барои зан ҳатмист? Ва умуман, ҳуқуқу вазифаҳои мардон дар баробари занон дар чист ва ғайра...

Илова бар ин, солҳои охир хоҳарони мусалмон як силсила саволҳои марбут ба фаъолияти зан дар ҷомеаро матраҳ мекунанд, ки низ бояд ба онҳо посух гуфт. Аз ҷумла: Оё дар Ислом зан ҳуқуқи таҳсили илм дорад? Оё духтарони мусалмон метавонанд дар донишгоҳҳо таҳсил намоянд? Оё аз назари Ислом зан ҳаққи якҷо бо мардон кор кардан дар корхонаҳо ва идораю муассисаҳоро дорад? Оё зан ҳаққи иштирок дар фаъолиятҳои ҷамъиятию сиёсиро дорад? Оё аз нигоҳи шариат зан метавонад қозии додгоҳ (судя) ё вакили парлумон бошад? Ва ниҳоят, оё аз назари Ислом зан метавонад сардори давлат бошад?

Ба такрор матраҳ шудани ин саволҳои марбут ба масъалаҳои оилавӣ ва ҷамъиятӣ боис шуд, ки банда бо ҳисси масъулияти шаръию ҷамъиятӣ ва ба

хотири кумаки коршиносӣ ба хоҳарону модарони мусалмон ба тадвини ин рисолаи мухтасар дар мавриди ҳуқуқи занон дар Ислом ва хусусан, ҳуқуқи зан дар оила ва ҳуқуқи он ба таҳсил, кор ва фаъолияти иҷтимоӣ аз назари Ислом бипардозам. Яъне, ин китоб ба таври мухтасар ба масъалаҳои баробарии фитрии зану мард, ҷойгоҳи зан дар оила, ҳуқуқу вазифаҳои мутақобилаи зану шавҳар дар баробари ҳамдигар, таҳсили занон дар мактабу донишгоҳҳои муосир, кору фаъолияти меҳнатии занон дар корхонаву муассисаҳо ва масъалаҳои фаъолияти ҷамъиятию сиёсии занон дар сатҳи ҷомеа пардохта, нигоҳи шариати исломиро ба ин мавзӯъҳо рӯшан ва муаррифӣ месозад.

Дар поён бояд қайд намоям, ки ин китоб аввал дар теъдоди ҳамагӣ чанд нусха омода шуда, барои ошноӣ ба мутахассисон ва олимони шинохтаи соҳаҳои гуногуни кишвар пешниҳод шуд, то онҳо китобро мутолиа намуда, фикру мулоҳизаҳои худро дар борааш баён кунанд. Аз ҷумла, барои арзёбии ҷанбаи илмӣ ва фалсафии китоб он ба доктори илмҳои фалсафа, академики АИ ҶТ, устод ва соҳибназари гиромӣ Мӯсо Диноршоев, барои баррасии ҷанбаҳои ҳуқуқии китоб он ба устоди факултаи ҳуқуқшиносии ДМТ, собиқ раиси Кумитаи назорати конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқшиноси барҷастаи кишвар Ашӯрбой Имомов, ҷиҳати баррасии ҷанбаҳои адабию забонӣ ва диншиносии китоб он ба ходими калони илмии Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ, донишманди улуми исломӣ Муҳаммадҷон Умаров ва шахсиятҳои дигари илмию динию адабӣ пешниҳод гардид. Қобили зикр аст, ки ин шахсиятҳои бисёр мӯътабари илмию фарҳангии

кишвар китобро ба таври бисёр муфассал мутолиа намуда, ҳар яке дар мавриди он мулоҳизоти воқеъбинонаи худро ба таври хаттӣ ироа доштанд, ки ҳам ҷанбаҳои мусбат ва ҳам нуқсонҳои китобро баён мекарданд. Аз ин рӯ, мутобиқи изҳори назар ва эроду мулоҳизаҳои устодони номбурда ва дигар дӯстоне, ки китобро мутолиа карданд, матн ва дастгоҳи илмии он бори дигар такмил карда шуда, хатоҳои имлоиву услубии он бартараф гашт. Бо ташаккур аз устодони гиромӣ, матни тақризҳои онҳоро бе ҳеҷ тағйир дар охири ин китоб ҷой додем, то хонандагон ва муҳаққиқони мӯҳтарам низ бо он ошно шаванд.

Бо умеди тавфиқи илоҳӣ,

***Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода***
*апрели 2011*

*Боби якум*

# ЉОЙГОЊИ ЗАН ДАР ОИЛА АЗ НАЗАРИ ИСЛОМ

# *Бахши 1*

# Баробарии фитрии зан ва мард аз назари Ислом

***

## Оё зан ва мард баробар офарида шудаанд?

Яке аз муҳимтарин ва бунёдитарин масъалаҳо дар шинохти ҷойгоҳ ва ҳуқуқи зан дар Ислом чигунагии назари дини муқаддаси Ислом ба мавзӯи офариниши зан аст. Яъне, оё аз назари дини мубини Ислом занон баробари мардон офарида шудаанд ва оё дар таълимоти исломӣ онҳо аз назари фитрат, ҷавҳари инсонӣ ва шарофату каромат бо ҳам баробаранд? Ё Ислом низ мисли динҳои яҳудию масеҳӣ занонро мавҷуди дараҷаи дуюм шуморида, фитрату ҷавҳари онҳоро дар назди Худованд нисбат ба фитрату ҷавҳари мардон пасттар мешуморад?

Додани посухи саҳеҳ ва возеҳ ба ин саволи усулӣ пеш аз ҳама барои он зарур аст, ки мо ба нигоҳи усулии Ислом ба масъалаи зан ва ҷойгоҳи инсонии он ошноӣ пайдо намоем, зеро тамоми аҳкоми дигари исломӣ, ки ҷанбаҳои гуногуни масъалаи занро дар шариати Ислом танзим мекунанд, маҳз аз таълимоти

усулии Ислом дар ин мавзӯъ сарчашма мегиранд. Аз ин хотир, зарур мешуморам, ки омӯзиш ва шарҳу тавзеҳи масъалаи ҷойгоҳи зан дар Исломро маҳз аз баррасии мухтасари ҳамин мавзӯъ оғоз намоям.

Аз ҳамин ибтидо бояд гуфт, ки ин масъала то имрӯз низ мавриди омӯзиш қарор гирифта, хусусан, дар адабиёти мухталифи илмию таърихӣ ва фалсафию каломӣ ба таври васеъ матраҳ гаштааст. Вале, чи дар баррасии ин мавзӯъ ва чи дар бахшҳои баъдии китоб равиши кори мо ин аст, ки ба масъалаҳои гузошташуда, пеш аз ҳама, аз худи сарчашмаҳои асили исломӣ, яъне аз Қуръони карим ва Суннати набавӣ посух гирифта, дар зимн, барои шарҳи бештари мавзӯъҳо аз манобеи мӯътабар ва эътирофшудаи аҳли суннат ва ҷамоат ва хусусан, мазҳаби ҳанафӣ, истифода намудем.

Дар оғоз мехоҳем рӯшан намоем, ки сарчашмаи ҷовидонаи таълимоти исломӣ, яъне Қуръони азимушшаън масъалаи офаридани занро чӣ гуна матраҳ менамояд. Худованди мутаъол дар Қуръони карим аз ин масъала, аз ҷумла, дар ояи якуми сураи «Нисо» ва ояи 189-уми сураи «Аъроф» ба таври бисёр возеҳ чунин хабар медиҳад:

***Матни оя:***

⬇□👓□☪✆👓✂ 👓❑&⑨❒🕯✵🕔◆③
⬉☠⬈▤✹📪◆❻ ☎✂❑→✆✸✍👓✂
🖫▪⬂▦✵☼ ♊&♓👌 📪⬈▤⬩✆■🖬⬩✿ ❽&🔔⅄✎👓✂
👓❑&⬃☸&👌 ♦📪■🖬⌃⌘◆❒ ⌨□⌃⑨&■🕓◆❒
⭘☸♦📪◆❒ 👓⌃♑⌃♉⬃❒⌃ꝏ
✂☪❸❷&⌖☒📫 ☪⬩🔔⌃♊⌀❻ 👓◆😐⬋&⬃☸&👌
☎✂❑→✆□✍👓✂◆❒ 🗐 ☯⬈✎👓✾○⌀💧◆❒
❽&🔔⅄✎👓✂ ⅄✎👓✂
🕗&○⌀📪 ♦♌❑⬈✆◆⬈✎👓✾○⬩✍
⅄✎👓✂ □♌⌀✆ 🗐 ♦🏱🔔♦■⬀❻☞✿👓✂◆❒

[illegible]

***Тарҷума:*** *Эй мардум, битарсед аз Парвардгоратон, он, ки шуморо аз нафси ягонае биофарид ва аз ҳамон нафс ҳамсари ӯро ва аз он ҷуфт мардону занони бисёр падид овард. Ва битарсед аз он Худое, ки бо савганд бо номи Ӯ аз якдигар чизе мехоҳед ва зинҳор аз хешовандон мабуред. Зеро Худованд ҳамеша муроқиби шумост!*

**Сураи «Нисо», ояи 1**

***Матни оя:***

[illegible]

***Тарҷумаи оя:*** *Ӯст, ки ҳамаи шуморо аз нафси ягона биёфарид ва аз он ҷуфташро (ҳамсарашро) низ биёфарид, то ба ӯ оромиш ёбад. Чун бо ӯ даромехт, ба боре сабук борвар шуд ва муддате бо он сар кард. Ва чун бор сангин гардид, он ду ба Аллоҳ, яъне ба Парвардгори хеш нидо карданд, ки агар моро фарзанде солеҳ диҳӣ, аз сипосгузорон хоҳем буд!*

**Сураи «Аъроф», ояи 189**

Агар ин ду ояи Қуръониро аз назари забон ва маънӣ таҳлил намуда, мазмуни онро бо такя ба тафсирҳои мӯътабари исломӣ рӯшан намоем, ба

таври возеҳ мебинем, ки Қуръони карим пеш аз ҳама **аз ягонагӣ ва баробарии гавҳарӣ ва сириштии мард ва зан** сухан мегӯяд. Худованди мутаъол дар ин ояҳо ба таври мушаххас хабар медиҳад, ки **мард ва зан аз як гавҳар офарида шуда, аз ин ҷиҳат аз ҳамдигар фарқе надоранд**.

Тавре ки мебинем, Худованд дар ин ояҳои муборака ибораи **«нафси воҳида»**-ро ба кор гирифтааст, ки мазмуни он гавҳари ягона ва дар баъзе тафсирҳо, моддаи ягона ва тани ягона аст. Гарчӣ ҳамин тасреҳи Худованд барои дарки ҳамгавҳарӣ ва баробарии зотии зану мард кифоят мекунад, вале ба хотири боз ҳам возеҳтар гаштани масъала Худованд пас аз ибораи «нафси воҳида» дар ояи аввал ҷумлаи **«ва халақа минҳо завҷаҳо»** ва дар ояи дуввум **«ва ҷаъала минҳо завҷаҳо»**-ро таъкидан овардааст, ки ҳар ду ба маънои **«ва аз ҳамон (нафси воҳида) ҷуфти ӯро низ офарид»** мебошанд. Яъне ба иборати дигар, Худованд дар Қуръон хабар додааст, ки зан ва мардро аз ҳамон як гавҳар ва як хамир сохтаем ва аз ин назар ҳеҷ яке аз онҳо дар назди Худованд бар дигаре бартарӣ надоранд.

Аз ин рӯ, Қуръон дар масъалаҳои марбут ба офариниши инсон ва ҷойгоҳи ӯ дар назди Худованд ва бисёр масоили усулии дигар мард ва занро баробар мавриди хитоб қарор дода, онҳоро аз назари аҳаммият ё дараҷа аз ҳамдигар ҷудо намекунад. Қуръони карим занону мардонро якҷо дар зери мафҳумҳои куллии **«инсон»** ва **«нос»** (мардум) мадди назар гирифтааст ва ҳамаи аҳкоми қуръоние, ки бо мурочиат ба **«инсон», «нос»** ва **«ё айюҳал-лазина оману»** ворид шудаанд, барои мардон ва занон баробар мебошанд.

Масалан, вақте ки Худованд дар ояи 9-уми сураи «Саҷда» дар мавриди ба ҷисми Одам дамида шудани даме аз рӯҳи Худо хабар медиҳад, зану мардро ба таври баробар дар назар дорад. Ва ё вақте ки Худованд дар ояи 30-уми сураи «Бақара» инсонро халифаи худ дар рӯи замин меномад ва ё ҷои дигар бо офаридани мавҷуде чун инсон ифтихор меварзад (сураи «Мӯъминун», ояҳои 12-14), ин ахбору аҳком ҳам мард ва ҳам занро шомил мешавад.

Албатта, бояд иқрор кард, ки дар тӯли садсолаҳо зеҳни аксари мусалмонон, чи мардон ва чи занон, то ҷое одат кардааст, ки ҳар гоҳе мо ибораҳои **«инсон халифаи Худост»** ё **«инсон амонатдори Худованд дар рӯи замин аст»** ва ғайраро мешунавем, пеш аз ҳама, мардон пеши назарамон меоянд ва чунин мепиндорем, ки маҳз мардон халифаи Худо ҳастанд. Вале матни ояҳои қуръонӣ, ки зикрашон болотар омад, бидуни ҳеҷ шубҳае нишон медиҳанд, ки Худованд ҳамаи инсонҳо, чи занон ва чи мардонро халифа (ҷойнишин) ва амонатдори худ донистааст. Пас, мутобиқи фармудаи Қуръон, занони мӯъмину ботақво низ дар рӯи замин халифаи Худо ва амонатдори Худованд мебошанд. Ин нуктаи муҳим ва азимест, ки бояд шинохти ҷойгоҳ ва ҳуқуқҳои зан дар Ислом аз он оғоз гардад.

***

Масъалаи муҳимми дигаре, ки ба баробарии фитрии занон ва мардон дар таълимоти исломӣ далолат мекунад, баробарии онҳо дар масоили имонӣ ва диндорӣ дар назди Худованд аст. Худованд дар Қуръони карим занон ва мардонро аз назари имон, эътиқод, бандагӣ, подош ва аҷри

гуноҳу савобашон баробар дониста, дар мавридҳои зиёде ин матлабро ба таври возеҳ зикр мекунад. Аз назари Қуръон, ҳамон гуна, ки мард барои ибодат, бандагӣ, камол ва саодат офарида шудааст, зан низ бо ҳамин ҳадаф офарида шудааст. Назари Ислом чунин нест, ки мард барои бандагию камол офарида шуда бошад ва зан ҳамчун васила ва асбоби ба камол расидани ӯ бошад, балки зан ва мард дар ин роҳ ва дар ин масъулият ҳамкор ва мусоиди ҳамдигар ҳастанд. Чунон ки дар Қуръони карим омадааст:

***Матни оя:***

[illegible]

***Тарҷума:*** *Мардони мӯъмин ва занони мӯъмин дӯст ва ёвари якдигаранд. Ба некӣ даъват мекунанд ва аз корҳои ношоиста бозмедоранд ва намоз мегузоранд ва закот медиҳанд ва аз Худову Паёмбараш итоат мекунанд. Худо ононро раҳмат хоҳад кард, Худо пирӯзманду ҳаким аст!*

**Сураи «Тавба», ояи 71**

Аз ин рӯ, Ислом ҳаргиз чунин намегӯяд, ки мард барои амали некаш аҷри бештар аз зан мегирад ва ё

дараҷаи савоби ибодати мард аз савоби ибодати зан бештар бошад. Масалан, агар ба ояи зерини қуръонӣ таваҷҷӯҳ намоем, мебинем, ки Худованд дар мавриди ҳамаи амалҳои неке, ки дар он омадааст, мардон ва занонро ба таври баробар зикр мекунад ва подоши худро барои онҳо баробар ваъда медиҳад:

***Матни оя:***

[illegible]

***Тарҷума:*** *Худованд барои мардони мусалмону занони мусалмон ва мардони мӯъмину занони мӯъмин ва мардони аҳли тоъату занони аҳли тоъат ва мардони ростгӯву занони ростгӯй ва мардони*

*сабркунанда ва занони босабр ва мардони худотарсу занони худотарс ва мардони садақадиҳандаву занони садақадиҳанда ва мардони рӯзадору занони рӯзадор ва мардоне, ки шармгоҳи худро(аз бесатрӣ ва зино) ҳифз мекунанд ва заноне, ки шармгоҳи худро (аз бесатрӣ ва зино) ҳифз мекунанд ва мардоне, ки Худоро ҳамвора ёд мекунанд ва заноне, ки Худоро ҳамвора ёд мекунанд, омурзиш ва музде бузург омода кардааст!*

**Сураи «Аҳзоб», ояи 35**

Ин таълими Ислом дар бораи баробарии мардону занон дар бандагиву ибодат ва дар аҷру подоши илоҳӣ дар ояи 97-уми сураи «Наҳл» низ ба таври возеҳ омадааст:

***Матни оя:***

♊♋♓✌ ✍☯⬧♐🖬🕐❁🕒 •✍♋☺◆⬉ ⇳♊◆✌
◆❑➔♎◆❒ 🗐✎⬧🕉✡⬆🕮 ⬃❑❑🕮 ✍❷•🗎⬧❶
🕐🡸❍◻☪◆❹✎⓿⬄⬧⬉☪■🖬⬧▫ ⌧♊♋✌⬃⬧⬉✌
☎ ☪❑◆⌛✎♒⓾⬧☪ ☪❑🗐❑◆⓿⍓❍
⬄⚐🡸♑◻✡◆③⌘❽⇳♐◆☪⬧♒◆❒
✍◆✌ ⬙♊❁❍⇳❍❑🕯♋✉ ☠➔♎◆❷⇳♉❑🕮
⬙♐♐⬀ ⬧♌❑➔🖬⍓☺⬃➔◆③ ☎✂❑🡸✡✍•🗎

***Тарҷума:*** *Ҳар марду зане, ки коре некӯ анҷом диҳад, дар ҳоле ки аз аҳли имон бошад, зиндагии хушу покизае (дар дунё) бад-ӯ хоҳем дод ва подоше бисёр беҳтар аз кирдорашон (дар охират)ато хоҳем кард.*

**Сураи «Наҳл», ояи 97**

Чунин башорати Худованд дар мавриди ин баробарӣ ҳамчунин дар ояи 195-уми сураи «Оли Имрон», ояи 124-уми сураи «Нисо» ва ғайра таъкид шудааст. Дар кулл, муҳаққиқони Қуръони карим маълум намудаанд, ки дар ин китоб Худованд дар 32 ояти карима баробарии занону мардонро дар фитрату ибодат ва дар бандагию аҷру савоб ба таври

возеҳу мушаххас зикр карда, дар садҳо ояти дигар ин баробариро дар зимни сиғаи ҷамъи музаккар баён намудааст, ки ба таври баробар шомили ҳоли мардон ва занон мебошад.

Ҳамин тавр, Худованд меъёри аслии арзиш ва каромати инсонҳоро на мард ё зан будан, балки имону тақвои бештар доштани онҳо медонад. Чунон ки мегӯяд:

***Матни оя:***

[illegible]

***Тарҷума:*** *Эй мардум, ба дурустӣ, ки шуморо аз як марду як зан офаридем ва шуморо қавмҳо ва қабилаҳо сохтем, то бо якдигар шиносо шавед. Бидуни шак, гиромитарини шумо назди Худо парҳезгортарини шумост. Худо донову кордон аст!*

**Сураи «Ҳуҷурот», ояи 13**

Пас, меъёри иззату бартарии инсонҳо аз назари Ислом на мард будан ё зан будани онҳо, балки имону тақво ва покию парҳезкории онҳо мебошад. Ин аст назари усулии Ислом дар мавриди ҷойгоҳи инсонҳо дар назди Худованд. Яъне, тавре ки дида мешавад, Ислом зан ва мардро аз назари ҷавҳар, сиришт, инсоният, арзиш ва аҳаммият ва ҳадафи офариниш комилан яксон ва баробар дониста, ҳеҷ якеро муҳимтар ва ё заруртар аз дигаре намешуморад. Қуръон таълим намедиҳад, ки мард асл ва ҳадафи аслии офариниш буда, занон барои истифодаи мард

дар ин роҳ офарида шудаанд. Балки назари Ислом ин аст, ки дар ин масъалаҳо занон ва мардон ҳамчун инсон комилан барбар буда, аз назари аҳаммият ва зарурат барои ҳамдигар дар мартабаи баробар қарор доранд. Яъне, ҳамон гуна, ки оромиш, камол ва идомаи насли занон бидуни мардон номумкин аст, оромиш ва идомаи насли мардон низ бе занон имкон надорад.

Шояд, маҳз бо дар назар гирифтани ҳамин баробарии ҷавҳарӣ ва сириштии марду зан, аз ҷумла, баробарии саҳму нақши онҳо дар идомаи насли башарӣ Ислом мардро **«волид»** ва занро **«волида»** номидааст. Ҳамин тавр, дар таълимоти исломӣ, зан ва мард аз назари ҷойгоҳ ва офариниш на мавҷудоти гуногундараҷа, балки такмилкунандаи ҳамдигар мебошанд.

***

Ин назари сареҳи Қуръон дар мавриди офариниши мард ва зан ва баробарии гавҳарии онҳо дар ҳадисҳои Паёмбари гиромии Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* низ баён шуда, тафсиру тавзеҳи бештар ёфтааст. Он Ҷаноб бар баробарӣ ва наздикии занон ва мардон таъкид намуда, аз ҷумла, дар ҳадиси машҳури худ фармудаанд:

***Аз матни ҳадис:***

«... إِنَّمَا النِّسَاءُ شَقَائِقُ الرِّجَالِ»

***Тарҷума:*** *Занон хоҳарони хунии мардонанд.*

**«Сунани Абудовуд», китоби «Таҳорат», ҳадиси 236**

Яъне, Паёмбари гиромӣ, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* эълом доштаанд, ки чунон ки ду фарзанде, ки аз як падару модар ба дунё меоянд ва нисбат ба ҳамдигар ҳеҷ фарқу имтиёзи зотӣ ва гавҳарӣ надоранд, занон ва мардон низ шақиқ (ҳамхун) ва баробари ҳамдигар ҳастанд.

Тавре ки дида мешавад, суннати Паёмбари гиромии Ислом низ бар баробарии гавҳарӣ ва инсонии зан ва мард таъкид мекунад. Вале дар ин масъала бояд зикр намуд, ки бисёре аз шарқшиносон бо ишора ба як ҳадиси машҳури набавӣ дар бораи аз устухони қабурғаи чапи мард офарида шудани зан изҳор медоранд, ки гӯё Ислом занонро нисбат ба мардон мавҷуди дараҷаи дуюум медонад.

Чун ин ҳадиси набавӣ аз ҳамон ибтидо байни мусалмонон машҳур буда, дар тӯли садсолаҳо адибону достоннависони гуногун онро бо қиссаҳои мухталиф омехта, ривоятҳои адабию фолклории офариниши занро эҷод кардаанд, ин ривоят дар зеҳни мардум ҷойгоҳи бисёр қавӣ пайдо кардааст. Илова бар ин, дар канори шарҳҳои мӯътабар, бар ин ҳадис шарҳҳои авомонаву ғаразноке низ ба вуҷуд омадаанд, ки мазмуну моҳияти онро таҳриф менамоянд. Аз ин рӯ, зарур медонам, ки бар сари санад ва маънии ин ҳадис андаке таваққуф намоем.

Матни комили ин ҳадиси машҳур чунин аст:

**«عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ عَنْ النَّبِيِّ y قَالَ مَنْ كَانَ يُؤْمِنُ بِاللَّهِ وَالْيَوْمِ الآخِرِ فَلا يُؤْذِي جَارَهُ ...**

**وَاسْتَوْصُوا بِالنِّسَاءِ خَيْرًا فَإِنَّهُنَّ خُلِقْنَ مِنْ ضِلَعٍ وَإِنَّ أَعْوَجَ شَيْءٍ فِي الضِّلَعِ أَعْلاهُ فَإِنْ ذَهَبْتَ تُقِيمُهُ كَسَرْتَهُ وَإِنْ تَرَكْتَهُ لَمْ يَزَلْ أَعْوَجَ فَاسْتَوْصُوا بِالنِّسَاءِ خَيْرًا».**

***Тарҷума:*** *Саҳобии бузург Абӯҳурайра гӯяд: Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, гуфтанд: Касе, ки имон ба Худо ва рӯзи қиёмат дорад, набояд ҳамсояи худро озор диҳад…*

*Ва шуморо ба некӯкорӣ ва хушрафторӣ бо занон супориш менамоям, ки занҳо аз қабурғаи сина ба вуҷуд омадаанд ва каҷтарин қисмати қабурға тарафи болои он аст, агар бихоҳӣ онро рост намоӣ, шикаста*

*мешавад, агар онро ба ҳолати худ бигузорӣ, ҳамин тавр ба сурати каҷ боқӣ мемонад, пас, амр ва тавсияи маро дар мавриди некӣ ва хушрафторӣ бо занон қабул кунед.*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Никоҳ», ҳадиси 5185 ва 5186 ва «Саҳеҳи Муслим», китоби «Ризоъ», ҳадиси 3537**

Пеш аз ҳама бояд зикр кард, ки ин ҳадис аз назари санад ва дараҷа аз ҷумлаи ҳадисҳои саҳеҳ буда, ҳам дар **«Саҳеҳи Бухорӣ»** ва ҳам дар **«Саҳеҳи Муслим»** ривоят шудааст.

Агар ба мазмуни ин ҳадис нигарем, он аз оғоз то охир дар мавриди аҳаммият ва мақоми зан буда, Паёмбари гиромӣ, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* дар он мусалмононро ба шинохти қадру қимати зан ва некӯкорию хушрафторӣ нисбат ба занон амр ва супориш мекунад. Яъне дар кулл, ин ҳадис на поинкунандаи ҷойгоҳи зан, балки баёнгари амри сареҳи Ислом бар некию эҳтирому хушрафторӣ нисбат ба занон мебошад.

Албатта, дар баробари қудрати Худованде, ки ин оламро аз нестӣ ба вуҷуд овардааст, аз устухони қабурға ва ё аз ҳар чизи дигаре ба вуҷуд овардани инсони дигаре ҳеҷ мушкиле надорад. Аммо, бо таваҷҷӯҳ ба матни ояҳои қуръонӣ, ки дар боло оварда шуданд ва низ бо таваҷҷӯҳ бо ҳадисҳои дигаре, ки Ҷаноби Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, дар мавриди ҷойгоҳу моҳияти зан хабар додаанд, метавон гуфт, ки маънии аз ҷинси устухони қабурғаи чапи болои дил халқ шудани занон пеш аз ҳама ишорат ба нозукию борикию зарофат ва аҳаммияту наздикии онҳо ба дил мебошад. Зеро дар ҳақиқат, чунон ки дар худи матни ин ҳадис шарҳ шудааст, занон мисли ҳамон устухони болоии қабурғаи болои дил нозуканд ва агар мардон бо

онҳо рафтори хашин ва номеҳрубонӣ бикунанд, онҳоро мешикананд.

Аз ин рӯ, бар мардон воҷиб аст, ки занонро ба монандаи устухони қафаси синаи худ наздик донанд ва эҳтиёт намоянд. Пас, ин ҳадиси шариф дар ҳар сурат ба дуюмдараҷа будани занон далолат накарда, баръакс, ба аҳаммият ва ҳамгавҳарӣ ва наздикии занон бо мардон далолат мекунад.

Ҳамин тавр, манбаъҳои асили исломӣ, яъне Қуръони карим ва Суннати набавӣ дар ҳеҷ ҷо занро махлуқи дараҷаи дуюм надониста, занонро аз назари гавҳар, сиришт, маводди офариниш, шарофату арзиши инсонӣ ҳамвора баробар бо мардон медонанд.

**Ин аст назари усулии Ислом дар масъалаи зан!**

# *Бахши 2*

# Назари Ислом ба ҳуқуқ ва ҷойгоҳи зан дар оила

***

## Ҳуқуқ ва ҷойгоҳи модар дар шариати исломӣ

Ҳуқуқи зан дар хонавода бахши муҳим ва ҳассоси масъалаи ҷойгоҳи зан дар шариати исломӣ буда, дини мубини Ислом дар ин бахш таълимоти комилеро ироа намудааст. Тавре ки дар муқаддимаи рисола зикр шуд, Ислом мардонро амалан вазифадор гардонидааст, ки занонро дар тамоми марҳалаҳои ҳаёташон зери таъмин ва ғамхории худ дошта бошанд. Ин ҳуқуқи занон ва ин вазифаи мардон пеш аз ҳама дар чорчӯби робитаҳои оилавӣ амалӣ мешаванд. Яъне, аз назари Ислом, занон дар давраи хурдӣ ва навҷавонӣ ҳамчун духтар ва ё хоҳар ва дар даврони баъдӣ ҳамчун ҳамсар ва дар айёми миёнасолӣ ва пирӣ ҳамчун модар ҳамеша мавриди ҳимоят, ғамхорӣ ва таъмину кафолати падар, бародар, ҳамсар ва ё фарзандони худ мебошанд.

Аз сабаби он, ки ин бахш аз ҳуқуқи занон ба зиндагии ҳамарӯзаи онҳо марбут мешавад ва мутаассифона, дар аксари мавридҳо аз ноогоҳии занону мардон аз ин таълимоти исломӣ, духтарон, ҳамсарон ва модарони мо пеш аз ҳама дар оилаҳо

мавриди фишору маҳрумиятҳо қарор мегиранд, баррасии ҷудогонаи ин масъала аз аҳаммияти зиёди амалӣ низ бархурдор аст. Аз ин рӯ, дар ин бахш ҷойгоҳ ва ҳуқуқи занон ҳамчун модар, духтар ва ҳамсар дар таълимоти исломӣ ба таври ҷудогона баррасӣ ва муаррифӣ мегардад.

***

## 1. Назаре ба ҷойгоҳи модар дар Қуръони карим

Бузургии мафҳуми модар ва гиромӣ донистани он фақат як бузургдошти хаёлӣ ва рамзӣ ва эҳтиромӣ нест, балки модар дар ҳақиқат аз офаридаҳо ва неъматҳои бузурги Худованд аст. Дар як баррасии куллӣ метавон гуфт, ки тамоми ҳаёти як модар ҳама қаҳрамонӣ, исор ва азхудгузаштагист. Модар ҳар бор шадидтарин мушкилу дарду машаққатҳоро таҳаммул мекунад, то фарзандеро ҳамл кунад ва ҳар бор бо марги воқеӣ рӯбарӯ мешавад, то фарзандеро ба дунё оварад.

Дар вуҷуди модар муҳаббати фитрие ниҳода шудааст, ки новобаста ба муносибати фарзанд нисбати модар, дар ҳар сурат ҷорӣ ва боқист. Ин муҳаббати фитрии бепоён боис мешавад, ки модар омода аст, то барои фарзанд тамоми сарвату дороӣ ва қуввату тавоноии худро сарф намояд ва аз ҷумла, ҷони худро барои рушду саодату наҷоти фарзанд фидо кунад.

Илова бар ин, фитрати модар чунин аст, ки он ба ҳузур, ҳамнишинӣ ва хидмати фарзанд эҳтиёҷи фитрӣ дорад. Ҳатто агар тамоми шароити зиндагӣ муҳайё бошад, боз ҳам модар орзу дорад, балки ниёз дорад, ки фарзанд дар канораш бошад. Вале фарзанд барои модар то ин андоза вафодору исоргар нест ва чун ба зиндагии мустақил расад, дар пайи хона-

водаву фарзанд ва кору фаъолияти худ мешавад ва дар аксари мавридҳо нисбат ба модар камтаваҷҷӯҳӣ менамояд. Дар ҷомеаҳое, ки аз фарҳанги исломӣ ва маънавияти инсонӣ дур мебошанд, модар барои фарзанд ҳатто ба бори зиёдатӣ табдил мешавад ва фарзанд ӯро тарк намуда ва ё дар беҳтарин сурат, ба ғарибхонаву хонаҳои калонсолон бурда мепартояд. Масалан, имрӯз мо дар кишварҳои ғарбӣ шоҳиди он ҳастем, ки ҳазорон падару модар аз сӯи фарзандони худ тарк шудаанд ва зиндагии танҳо ба сар мебаранд ва ё ба ғарибхонаҳо супорида шудаанд. Чунин падару модарони пирсол, ҳатто онҳое, ки зиндагии хубе доранд, бо шадидтарин азоби рӯҳӣ гирифторанд, зеро онҳо пеш аз ҳама ба ҳузури фарзандон ва ба зиндагӣ дар муҳити муҳаббати онҳо ниёзу эҳтиёҷ доранд. Аз ин рӯ, тарк кардани падару модар ва танҳо гузоштани онҳо бузургтарин гуноҳ аз тарафи фарзандон дар ҳаққи волидайн мебошад.

Мутаассифона, ин амали зишту нангин, яъне тарк кардан ва танҳо гузоштани падару модар имрӯз дар ҷомеаҳои мусалмоннишин низ мушоҳида мешавад ва баъзе фарзандони ноогоҳ аз таълимоти исломӣ нисбат ба падару модари худ ин гуноҳу ин ҷиноятро раво медоранд. Ва бисёре аз маводди матбуот дар ин мавзӯъ нишон медиҳад, ки бахше аз сокинони ғарибхонаҳову хонаҳои пирсолони Тоҷикистон низ афроде мебошанд, ки фарзандони зиндаву солим ва соҳиби касбу мақом доранд. Ба ростӣ, чунин амал ҳам аз назари таълимоти исломӣ ва ҳам аз назари фарҳангу арзишҳои миллии мо нангин ва норавост.

Ин аст, ки дар миёни динҳои ҷаҳонӣ Ислом ба хотири пеш наомадани хории падару модар ва арҷгузорӣ ба нақш ва хидматҳои бузурги онҳо ба зарурати эҳтиром ва гиромидошти онҳо бисёр таъкид намуда, эҳтироми волидайнро ҷузъи

вазифаҳои динӣ ва ақидатии инсон қарор медиҳад. Аз ин рӯ, иззату эҳтиром нисбат ба модар, қадрдонӣ аз заҳматҳои ӯ, хидмати беминнат ва риояти хотири модар аз ҷумлаи таълимот ва амрҳои таъкидшудаи шариати исломӣ ба мӯъминон мебошад.

Дар оғоз бояд бубинем, ки масъалаи модар ва ҷойгоҳи ӯ дар Қуръони карим чӣ гуна матраҳ шудааст. Худованди мутаъол дар Китоби худ мусалмононро борҳо ба эҳтироми падару модар амр намуда, аз ҷумла, чунин мегӯяд:

***Матни оя:***

[illegible]

***Тарҷума:*** *23.Ва Парвардгори ту ҳукм кард, ки ба ҷуз Худаш дигареро ибодат накунед; ва ба падару модар некӯкорӣ бикунед; агар яке аз онҳо, ё ҳар ду назди ту ба калонсолӣ бирасанд, пас, ба онҳо «уф» магӯ ва бар онҳо бонг назан ва ба онҳо сухани некӯ бигӯ. 24.Ва аз ҷиҳати меҳрубонӣ бозуи фурӯтаниро барояшон паст кун ва бигӯ: «Эй Парвардгори ман, бар онҳо бибахшой,чунончи маро дар хурдсолӣ парвариш карданд.»*

**Сураи «Исро», ояҳои 23-24**

Ё ҷои дигар Худованди мутаъол фармудааст:

***Аз матни оя:***

•◆◆❑ ⅄✐♋♐✁ ☎✁❑←⑨←⌛⇳⇖♋♐✁◆❑ ⌧
♋♐ॐ★⬂⓿⌧⅄ ⌚⬂❍⬂⬄ ☎✁❑⬀⬄⬂❸⇳⌑➔✍
⇳✗⬂⇦⧫♋♐⬂✐⌚◆❑⬂♑♋♐♋♐⬂⬄◆❑ ☎
... ♋♐✡☪⌚❁❍⇳❍⬂☽

***Тарҷума:*** *Танҳо Худоро ибодат кунед ва ҳеҷ чизеро шарики Ӯ накунед ва бо падару модари худ некӣ кунед...*

**Сураи «Нисо», аз ояи 36**

Имом Ибни Касир ҳангоми тафсири ин оя зикр мекунад: *«Ҳаққи Худованди Бузург ин аст, ки зоти ягонааш, ки ҳеҷ шарик ва ҳамтое надорад, ибодат шавад. Баъд аз он ҳаққи бандагонаш меояд, ки муҳимтарин ва авлотарини онҳо ҳаққи падар ва модар аст ва ба ҳамин далел Худованд ҳаққи падару модарро ҳамрадифу баробари ҳаққи худ қарор медиҳад».*

**«Тафсири Ибни Касир». ҷ. 1, саҳ. 494-495**

Қуръони карим ба заҳматҳои бузурги модар дар ҳамл ва парвариши инсон арҷ гузошта, бар инсонҳо супориш менамояд, ки қадри онро дониста, ба волидайни худ шукргузор бошад. Ин амри Худованд дар ояи 14-уми сураи «Луқмон» чунин таъкид гаштааст:

***Матни оя:***

⌘♊⌚❁❍⬧⬧⁕❝♋♐✁ ♋♐◆☪⬂❿❍⌚◆❑◆❑
⬅❍⬃☞■⬛◆✍⌧❑ ⬂❍⬃❸⍓⑨⬂♑⌚◆❑⬂⬄
▤❼■✍⧫⇖ ♋♐⌚☪⬃♎◆❑ ⌚⬅❍❿✌⬆🕮
❼⬂✗ ⌚⬅❍➔⬛⌚❁⌚⬂▫◆❑ ♑♊⬃♎◆❑
❼✎🖫 ⬀❷→⌛⇳⅄♋♐✁ ⇳♌❑🕮 ⇳✗⬃✓⧫✌🔔⧫⬊

◎❼■🖫🙦☽ ⍓🖮⬃③⍓⑨🙢🙫🕒◆❑🙦🙫◆❑
⬖⬂🙘⬀ 🡐❸❷⬗🕔⍓☺⬂🙫🙘✁

***Тарҷума:*** *Ва ба инсон амр намудаем, ки падар ва модарашро эҳтирому хидмат намояд. (Зеро) модараш ӯро ҳамл намуд, бо заъфе бар болои заъфе(бо таҳаммули марҳалаҳои вазнини ҳамлу зоиш) ва ду сол ӯро шир дод. Пас, ба ӯ супориш кардем, ки барои Ман ва падару модарат шукргузор бош ва бозгашти ҳама ба сӯи ман аст.*

**Сураи «Луқмон», ояи 14**

Амри Худованд дар мавриди хубию эҳсон нисбат ба падару модар дар ояти 15-уми сураи «Аҳқоф» ба лафзи боз ҳам сареҳтар чунин омадааст:

***Аз матни оя:***

⌘♊🕔❁❍💧💣☼❝🙘✁ 🙘◆☪⬂⑩❍🕒◆❑◆❑
☎ 🙘🕐☪🕔❁❍⇳❍🙦☽ 🙢❍⬃③⍓⑨🙢🙫🕒◆❑🙦📪
🙘🕉♎⬀❷⬈📬 🕕🡐❍⑩👌⬆🕮 🡐❍⬃☞■🖬◆🏱☒❑
☎ 🙘🕉♎⬀❷⬈📬 🡐❍⬃✌⍓➔❁⬂◆❑◆❑
🕕🡐❍➔🖬🕔❁🕔🙢▫◆❑ 🕕🡐❍➔🖬⬃🏱☒❑◆❑
...🗐✁🕖❷⬀🙵⍓✸ ♦♌❑➔⌖🕔■🖬❑🏳

***Тарҷума аз оя:*** *Мо ба инсон тавсия менамоем, ки бо падар ва модари худ ба хубӣ рафтор намояд. Зеро ки модараш бо ранҷ ва заҳмат ӯро ҳамл карда ва бо ранҷ ва машаққат ба дунё овардааст ва даврони ҳомилагӣ ва ширхорагии ӯ сӣ моҳ ба тӯл меанҷомад...*

**Сураи «Аҳқоф», ояи 15**

Аз ин мисолҳои рӯшани қуръонӣ метавон дид, ки Худованди мутаъол эҳтироми падару модарро бар мӯъминон ҳамчун як амри қатъӣ супориш карда, эҳсону некӣ дар ҳаққи онҳоро ҷузъи вазифаҳои шаръии инсон қарор додааст. Пас, дар таълимоти Ислом эҳтироми падару модар ва хусусан, қадрдонию шукргузорӣ аз заҳматҳои модар на танҳо як арзиши ахлоқӣ, балки як фаризаи динӣ буда,

беэҳтиромӣ нисбати онҳо саркашӣ аз амри Худованд ба ҳисоб меояд. ***Ин аст назари Қуръони карим нисбат ба модар!***

**2. Нигоҳе ба ҷойгоҳи модар дар суннати Пайғамбари Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам.***

Шакке нест, ки аз миёни тамоми паёмбарон Пайғамбари Ислом ҳазрати Муҳаммад, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* волотарин суханонро дар бораи занон ва модарон фармуда, ҷиддитарин таълимот ва таъкидҳоро дар бораи модар ба уммати худ ба ҷой мондаанд. Ҷаноби Пайғамбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* ҷойгоҳи модарро он қадре боло гузоштаанд, ки ҳатто ҷаннатро зери қудуми онҳо хондаанд. Ин ҳадиси зебо ва пурмазмуни Ишон то ба имрӯз низ болотарин сухан дар мавриди ҷойгоҳи модар ба ҳисоб меравад: ***«Ҳуқуқи модаратро баҷо биёр, зеро биҳишт зери пойи модарон аст!»*** **(Ниг.: «Сунани Нисоӣ», китоби «Ҷиҳод», ҳадиси 3101).**

Ин ҳадиси машҳур аз сӯи адибони бузурги форсу тоҷик ба тариқаҳои мухталиф ба назм кашида шуда, вирди забони мардуми мусалмони тоҷик гаштааст:

*Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,*
*Дар зери қудуми модарон аст.*

Ё:

*Сухан аз сарвари пайғамбарон аст,*
*Ки ҷаннат зери пойи модарон аст.*

Эҳсону некӣ дар ҳаққи модар дар таълимоти исломӣ ҳатто нисбат ба некӣ дар ҳаққи падар муқаддамтар буда, Паёмбари гиромӣ ин нуктаро дар ҳадиси саҳеҳи зерини худ ба таври возеҳ таълим додаанд:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ أبِي هُرَيْرَةَ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُ قالَ جَاءَ رَجُلٌ إلَى رَسُولِ اللَّـهِ y فقَالَ يَا رَسُولَ اللَّهِ مَنْ أحَقُّ النَّاسِ بِحُسْنِ صحابَتِي قالَ أمُّكَ قالَ ثُمَّ مَنْ قالَ ثُمَّ أمُّكَ قَالَ ثُمَّ مَنْ قالَ ثُمَّ أمُّكَ قالَ ثُمَّ مَنْ قالَ ثُمَّ أبُوكَ »**

***Тарҷума:*** *Абуҳурайра(р) ривоят мекунад, ки марде назди Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, омад ва гуфт: Эй Паёмбари Худо, дар ҳамнишинӣ ва эҳсону некӯкорӣ чӣ касе бештар аз ҳама бар ман ҳаққ дорад? Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Модарат. Он мард гуфт: Пас аз ӯ кӣ? Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, дубора фармуданд: Модарат. Он мард гуфт: Пас аз ӯ кӣ? Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, бори сеюм низ фармуданд: Модарат. Боз он мард гуфт: Баъд кӣ? Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ин бор фармуданд: Падарат.*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Адаб», ҳадиси 5971 ва «Саҳеҳи Муслим», китоби «Бирр, сила ва одоб», ҳадиси 6395**

Дар мавриди ин ҳадис Имом Санъонӣ мегӯяд: *«Ин ҳадис баёнгари муқаддам намудани ризояти модар бар ризояти падар мебошад». Ибни Баттол дар ин бора мегӯяд: «Манзури ҳадис ин аст, ки бояд хушрафторӣ бо модар се баробари падар бошад ва изофа мекунад, ки ба далели мушкилот ва сахтиҳои даврони бордорӣ, таваллуд ва ширдодан...».*

**Ниг: Муҳаммад ибни Исмоили Санъонӣ. «Субулу-с-салом», ҷилди 4, саҳ. 1462**

Ишон дар идома барои шарҳи ҳадиси боло ҳадисеро аз ҳазрати Оиша (р) нақл мекунад:

***Матни ҳадис:***

**«... ما أخرجه أحمد والنسائي وصححه الحاكم من حديث عائشة سألت النبي y أي النـاس أعظم حقـا علـى المـرأة قـال زوجهـا قلـت فعلـى الرجـل قـال أمـه»**

***Тарҷума:*** *Ҳазрати Оиша(р) аз Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, пурсид, ки чӣ касе бузургтарин ҳақро бар гардани зан дорад? Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Шавҳараш. Боз пурсидам: Ва чӣ касе бузургтарин ҳақро бар гардани мард дорад? Фармуданд: Модараш.*

**«Субулу-с-салом», ҷилди 4, саҳ. 1463 ва«Сунани Нисоии Кубро», ҷилди 5, саҳ. 363, ҳадиси 9148**

Дар ҳадиси дигар Паёмбари Худо, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* хушнудии Худоро дар хушнудии падару модар дониста мефармояд:

***Матни ҳадис:***

**« وعن عبد الله بن عمرو بن العاص رضي الله عنهما عن النبي ﷺ قال رضا الله في رضا الوالدين وسخط الله في سخط الوالدين»**

***Тарҷума:*** *Абдуллоҳ ибни Амр мегӯяд: Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Хушнудии Худо дар хушнудии падару модар аст ва хашми Худо дар хашми падару модар аст.*

**«Сунани Тирмизӣ», китоби «Бирр ва сила», ҳадиси 1907 ва Муҳаммад ибни Исмоили Санъонӣ. «Субулу-с-салом», ҷилди 4, саҳ. 1461**

Дар идома Имом Санъонӣ пас аз зикри ҳадиси боло мегӯяд: *«Ин ҳадис далел бар воҷиб будани дарёфти ризояти падару модар ва ҳаром будани барангехтани хашми онон аст. Пас, дар мавриди аввал Худованд хушнуд шуда ва дар мавриди дуюм боиси хашми Ӯ мегардад».*

**Ниг: Муҳаммад ибни Исмоили Санъонӣ. «Субулу-с-салом», ҷилди 4, саҳ. 1462**

Хубӣ ва эҳсон нисбат ба модар ба маънои эҳтиром, қадрдонӣ, дастбӯсӣ, муомилаи хуб, фармонбардорӣ ва касби ризояти ӯ дар тамоми корҳо мебошад. Ҳатто агар дар ҳолате, ки ҷиҳод

фарзи кифоя бошад, рафтан ба ҷиҳод низ бо ризояти модар раво мебошад. Дар ин замина аз Паёмбари Худо, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* ҳадиси зерин омадааст:

***Матни ҳадис:***

**« عَنْ مُعَاوِيَةَ بْنِ جَاهِمَةَ السَّلَمِيِّ أَنَّ جَاهِمَةَ جَاءَ إِلَى النَّبِيِّ y فَقَالَ يَا رَسُولَ اللَّهِ أَرَدْتُ أَنْ أَغْزُوَ وَقَدْ جِئْتُ أَسْتَشِيرُكَ فَقَالَ هَلْ لَكَ مِنْ أُمٍّ قَالَ نَعَمْ قَالَ فَالْزَمْهَا فَإِنَّ الْجَنَّةَ تَحْتَ رِجْلَيْهَا»**

**Тарҷума:** *Муовия ибни Ҷоҳимаи Саламӣ ривоят мекунад, ки падараш назди Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, омад ва гуфт: Ё Расулаллоҳ, азми ҷиҳод дорам ва барои машварат назди Шумо омадаам. Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Оё модар дорӣ? Он мард гуфт: Бале. Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Хидмати модаратро баҷо биёру бо ӯ бош, ҳамоно биҳишт зери пойи модарон аст.*

**«Сунани Нисоӣ», китоби «Ҷиҳод», ҳадиси 3101**

Дар ҳадиси дигар низ Паёмбари гиромӣ, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, аҷри некиву эҳсон ба падару модар ва нигаҳдорӣ аз онҳоро аз ҷиҳод бартар шумурда, мефармояд:

***Матни ҳадис:***

**«عن أبي سعيد الخدري أن رجلا هاجر إلى رسول الله y من اليمن فقال هل لك أحد باليمن قال أبواي قال أذنا لك قال لا قال ارجع إليهما فاستأذنهما فإن أذنا لك فجاهد وإلا فبرهما»**

**Тарҷума:** *Абусаъиди Хударӣ ривоят мекунад, ки марде аз Яман барои ҷиҳод ба назди Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, омад. Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ба ишон гуфт: Оё касеро дар Яман дорӣ? Он кас гуфт: Падар ва модарам. Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, пурсид: Оё ба ту иҷоза додаанд? Гуфт: На. Паёмбар, саллаллоҳу*

*алайҳи ва саллам, гуфт: Ба наздашон бозгард ва аз онон иҷозат бигир, агар ба ту иҷозат доданд, ҷиҳод кун, вагарна ба онон хидмат ва эҳсон кун.*

**«Сунани Абудовуд», китоби «Ҷиҳод», ҳадиси 2530**

Бо ҳамин мазмун Паёмбари Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, дар ҳадиси дигар мефармоянд:

***Матни ҳадис:***

**« ...قَالَ سَأَلْتُ النَّبِيَّ y أَيُّ الْعَمَلِ أَحَبُّ إِلَى اللَّهِ قَالَ الصَّلَاةُ عَلَى وَقْتِهَا قَالَ ثُمَّ أَيٌّ قَالَ ثُمَّ بِرُّ الْوَالِدَيْنِ قَالَ ثُمَّ أَيٌّ قَالَ الْجِهَادُ فِي سَبِيلِ اللَّهِ ...»**

***Тарҷума:*** *Абдуллоҳ ибни Масъуд(р) мегӯяд, ки аз Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, пурсидам. Кадом яке аз амалҳои мо беҳтарин ва бартарин аст? Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Адои намоз дар вақти таъйиншудааш. Боз пурсидам, ки баъд аз он кадом амал? Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Некию хидмат ба падару модар. Боз пурсидам, ки баъд аз он кадом амал? Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуд: Ҷиҳод дар роҳи Худо.*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Адаб», ҳадиси 5970**
**ва «Саҳеҳи Муслим», китоби «Имон», ҳадиси 154**

Хидмат ба модар ва ба даст овардани ризояти ӯ аз назари таълимоти исломӣ он қадр муҳим аст, ки Худованди мутаъол ба шарофати хидмат ба модар гуноҳҳои инсонро мебахшад. Паёмбари гиромии Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, дар ин бора чунин башорат медиҳад:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ ابْنِ عُمَرَ أَنَّ رَجُلًا أَتَى النَّبِيَّ y فَقَالَ يَا رَسُولَ اللَّهِ إِنِّي أَصَبْتُ ذَنْبًا عَظِيمًا فَهَلْ لِي تَوْبَةٌ قَالَ هَلْ لَكَ مِنْ أُمٍّ قَالَ لَا قَالَ هَلْ لَكَ مِنْ خَالَةٍ قَالَ نَعَمْ قَالَ فَبِرَّهَا»**

***Тарҷума:*** *Абдуллоҳ ибни Умар(р) ривоят мекунад, ки марде назди Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, омад ва гуфт: Ё Расулаллоҳ, ман дучори гуноҳи бузурге шудаам, оё роҳе барои тавба дорам? Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Оё модарат дар қайди ҳайёт аст? Он мард гуфт: Не. Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Оё хола дорӣ? Он мард гуфт: Бале. Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Нисбат ба ӯ некӣ кун (иншоаллоҳ, Худо тавбаатро қабул мекунад).*

**«Сунани Тирмизӣ», китоби «Бирр ва сила», ҳадиси 1911**

Нуктаи дигаре, ки дар ин ҳадиси набавӣ ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ин аст, ки аз баракати модар бастагони ӯ, яъне хола ва тағоҳо низ бояд мавриди эҳтироми комил қарор бигиранд ва Паёмбари акрам некӯкорӣ дар ҳаққи холаро низ боиси қабули тавба ва бахшида шудани гуноҳон донистаанд.

Ҷойгоҳи модар дар таълимоти исломӣ то ҷое баланд аст, ки ҳатто дар сурати аз назари ақидатӣ кофир ё мушрик буданаш низ эҳтиром ва хидмати ӯ воҷиб мемонад. Ин матлаб дар ҳадиси набавӣ чунин омадааст:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ أَسْمَاءَ بِنْتِ أَبِي بَكْرٍ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُمَا قَالَتْ قَدِمَتْ عَلَيَّ أُمِّي وَهِيَ مُشْرِكَةٌ فِي عَهْدِ رَسُولِ اللَّهِ y فَاسْتَفْتَيْتُ رَسُولَ اللَّهِ صَلَّى اللَّهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ قُلْتُ وَهِيَ رَاغِبَةٌ أَفَأَصِلُ أُمِّي قَالَ نَعَمْ صِلِي أُمَّكِ»**

***Тарҷума:*** *Асмо духтари Абубакри Сиддиқ(р) гӯяд: Модарам, ки дар замони Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, мушрик буд, пеши ман омад ва аз Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, дар мавриди модарам пурсидам, ки ӯ мушрик аст, интизор дорад чизеро ба ӯ бидиҳам, оё нисбат ба ӯ эҳсон ва некӣ анҷом бидиҳам? Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва*

*саллам, фармуданд: Дар ҳаққи модарат некӣ кун ва силаи раҳм (пайванди хешовандӣ)- ро баҷо биёвар!*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «ал-Ҳибати ва фазлиҳо ва-т-таҳризи алайҳо», ҳадиси 2620 ва «Саҳеҳи Муслим», китоби «Закот», ҳадиси 2214**

Ва ниҳоят, нуктаи дигаре, ки дар масъалаи ҳуқуқи модар дар Ислом муҳимм аст, ин аст, ки таълимоти исломӣ бо дар назар гирифтани ҳуқуқ ва отифаи модарии зан, дар сурати вайрон шудани оила ва ҷудоии зану шавҳар ҳаққи сарпарастии кӯдаконро ба ихтиёри модар гузоштааст. Яъне агар модар бихоҳад, ки пас аз ҷудо шудан фарзандаш бо ӯ бимонад, Ислом ин ҳақро аввал ба модар додааст, модоме ки шавҳари дигар накунад:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ عَبْدِ اللَّهِ بْنِ عَمْرٍو أَنَّ امْرَأَةً قَالَتْ يَا رَسُولَ اللَّهِ إِنَّ ابْنِي هَذَا كَانَ بَطْنِي لَهُ وِعَاءً وَثَدْيِي لَهُ سِقَاءً وَحِجْرِي لَهُ حِوَاءً وَإِنَّ أَبَاهُ طَلَّقَنِي وَأَرَادَ أَنْ يَنْتَزِعَهُ مِنِّي فَقَالَ لَهَا رَسُولُ اللَّهِ ﷺ أَنْتِ أَحَقُّ بِهِ مَا لَمْ تَنْكِحِي»**

***Тарҷума:*** *Абдуллоҳ ибни Амр(р) гӯяд, ки зане ба Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: Ё Расулаллоҳ, ин фарзанди ман аст, шикамам ҷойгоҳ ва пистонҳоям барояш нӯше гуворо ва оғӯшам осоишгоҳи ӯ будааст, падараш маро талоқ додааст ва мехоҳад ӯро аз ман бигирад. Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Чунончи қасди издивоҷ надорӣ, ҳаққи ту ба сарпарастии ӯ авлотар аст.*

**«Сунани Абудовуд», китоби «Талоқ», ҳадиси 2276 ва «Муснади Имом Аҳмад», ҳадиси 6420**

Имом Хаттобӣ дар шарҳи ин ҳадис мефармояд: *«Мазмуни ин ҳадис далолат бар эҳтироми бештари модар дорад. Зеро баъд аз шаклгирии ҷанин, ҳамл, таваллуд ва парвариши кӯдак бар ӯҳдаи модар аст ва аз он ҷо, ки падар дар ин корҳо нақш надорад, модар*

*ҳангоми ба миён омадани ихтилоф ба сарпарастии кӯдак дар авлавият аст».*

**( Ниг: Юсуф Қарзовӣ. «Марказу-л-маръати фи-л-ҳаёти-л-исломияти». Қоҳира: «Мактабату Ваҳба». 1416 ҳ.қ. (1996) саҳ. 70-71)**

Ҳамин тавр, омӯзиш ва таҳлили мақом ва чойгоҳи модар аз назари Қуръони карим ва Суннати набавӣ нишон медиҳад, ки дини мубини Ислом таълимоти бисёр комилеро дар мавриди модар ироа намуда, беҳтарин мактабу андешаи қадрдониву арчгузорӣ аз модарро ба вучуд овардааст. Шариати исломӣ на танҳо масъалаҳои отифию ахлоқие чун дӯст доштану эҳтиром кардани модар, балки масъалаҳои ҳуқуқию ичтимоие чун касби ризояти модар дар корҳо, ҳатто дар чиҳод ва таъмини харчҳои зиндагӣ ва нафақаи модарро барои фарзанд ҳатмӣ эълон намудааст.

Бо таваччӯҳ ба ин, бояд гуфт, ки имрӯз дар чомеаи мо на ҳамагон қадри модарро ба дурустӣ шинохта, хидмати ӯро ба таври шоиста ба чой меоранд. Тавре ки дар аввал зикр шуд, мутаассифона, гоҳе аз тариқи телевизон хабар медиҳанд, ки баъзе аз фарзандон модарони худро дар ҳолати мушкил раҳо намуда, баъзеи дигар модарони худро ҳатто ба ғарибхонаҳо ва хонаҳои пирсолон бурда мондаанд. Ин рафтор нисбати модар аз назари шариати исломӣ гуноҳи бузург ба ҳисоб рафта, ҳеч фарзанди огоҳ аз таълимоти исломӣ нисбат ба модари худ онро раво намебинад. Зеро, тавре ки аз сарчашмаҳои исломӣ маълум аст, мувофиқи таълимоти Ислом таъмини харчи зиндагӣ, нафақа ва хидмати модар ба дӯши фарзандон аст.

Ин аст, ки агар мо фармудаҳои дини мубини Исломро нисбат ба модарони худ ба чой оварем,

модарони мо хушбахттарин модарони ҷаҳон хоҳанд буд ва мо низ аз даргоҳи илоҳӣ аз савоби хидмат ба модар баҳраманд хоҳем гашт. Зеро ҳамаи хидмату талоши мо дар баробари мақому заҳматҳои МОДАР бисёр ночиз аст:

*Якшаба он ранҷ, ки модар кашид,*
*Бо ду ҷаҳонаш натавон баркашид!*

## Ҳуқуқ ва ҷойгоҳи духтар аз назари Ислом

Давраи духтарии занон, яъне аз замони таваллуд то шавҳар кардани онҳо, як давраи бисёр ҳассос буда, маҳз дар ҳамин марҳалаи зиндагӣ имону эътиқод, илму савод, одобу ахлоқ ва шахсияти зан ташаккул меёбад. Бинобар ин, дар ин марҳала духтарон ба шароиту муҳити солим ва таваҷҷӯҳу ғамхории махсус ниёз доранд, то дар оянда ҳамчун занони солеҳ ва солим барои ҷомеа тарбият ёбанд. Аз ин сабаб, шариати исломӣ ба масъалаи ҷойгоҳу ҳуқуқи духтарон дар оила аҳаммияти махсус дода, рӯи ин мавзӯъ таъкиди зиёд намудааст.

Аввалин масъалае, ки Ислом дар мавриди духтарон ба миён гузоштааст, баробарии онҳо бо писарон дар оила ва дар ҳаққи фарзандӣ мебошад. Тавре ки аз таърих маълум аст, дар даврони пеш аз ислом арабҳо таваллуд шудани фарзанди духтарро барои оилаи худ нангу ор дониста, онро аломати бадбахтӣ ва наҳсият мешумориданд. Аз ин сабаб, онҳо бисёр бераҳмона духтаронро зинда ба зери хок гӯр мекарданд, ки ҷузъиёти он дар тамоми осори таърихии марбут ба ин давра сабт ёфтааст.

Дини мубини Ислом баробари зуҳури худ ба ин одати ваҳшиёна муқобил баромада, онро маҳкум ва мамнӯъ эълон намуд. Чунон ки дар Қуръон омадааст:

***Матни оя:***

♦❷♎♏⌖🡐🗀 ✃⬧❶♋❍◆❑
□✍⬧🡐 🗐✍⬧ॐ☼✞❀☞☞♋✉ ☠➔♎🡐⑨⌂❍❑🕮
◆❑➔♎◆❑ ✃♦⑩◆❑⬄❍⬉✌ ⏀🡐❍🡐♑⇳♉◆❑
⮰♋♎⮳ ⎕❽◆❻◷◆❑♦☝♦③ ⮜☹⬈♎➔☒✍
♎⬈☑❑🡐☾ ♊♎✌ ♎✈⬀❑⬧❍⬊☞☞✃ ⌘♊♎✌
🗐 ⛶◷♎❍♋✉ ◆❸⬙♏⌑🡐🗀 ☞◆✌
✌♍❑➔♎ 🗐❼■✍◆⬉ ⏀🡐❍⬈⎕⬙❍⇳☺⬉③❑🕮
❼♋✗ ⏀🡐❍❾☾🡐⑨♦③ ⇳✈❑🕮
◆⬈✐☞⌂☾ •⬧❑🕮 ⎕ ✌☢✃◆❸♌✋☞☞✃
⮰♋♎⮳ ♦♌❑🡐☺⬈⎕⬊♦⬧⑥ ☞◆✌

***Тарҷума:*** *Ва ҳар гоҳ яке аз ишон хабар ёбад, ки соҳиби духтар шуд, чеҳрааш сиёҳ мегардад, гарчи ғазаби худро фурӯ мебарад. Аз шумии он хабар аз қавми худ рӯй мепӯшонад (ва меандешад, ки) оё ӯро бо хорӣ нигаҳ дорад ё зери хокаш намояд?! Ва ин гуна инсонҳо чӣ бад доварӣ мекунанд.*

**Сураи «Наҳл», ояҳои 58-59**

Худованд куштан ва зинда ба гӯр намудани духтаронро, ки миёни арабҳои пеш аз Ислом маъмул буд, гуноҳи бисёр бузург шуморида, дар Қуръони азимушшаън таъкид менамояд, ки чунин инсонҳо дар рӯзи Қиёмат аз ин гуноҳашон пурсида мешаванд, яъне барои ин амал ҷазои сахт мебинанд:

***Матни оя:***

⬈❑⌂⑩⏀⬇⬈⬀❑⌂☺⬊☞☞✃ ✃⬧❶♋❍◆❑
⎕■✉☼⬧❶ ⮰♎⮳ ⬂♎❽❑🕯♋✉ ⇳💣■■✍⯑🡐☾
⮰✍⮳ ⇳💣■■♎☝➔🕭

***Тарҷума:*** *Ва он гоҳ (дар рӯзи Қиёмат), ки аз духтари зиндабагӯршуда мепурсанд, ки ба кадомин гуноҳ кушта шудааст?*

**Сураи «Таквир», ояҳои 8-9**

Ҳамин тавр, Ислом баробари зуҳураш яке аз даҳшатноктарин одатҳои арабҳои ҷоҳилия, яъне безорӣ аз духтарон ва занда ба хок кардани онҳоро маҳкум сохта, онро ба куллӣ аз байн бурд.

Мувофиқи таълимоти Ислом, чи духтар ва чи писар неъмат ва ҳадяи Худо барои волидайн буда, онро ба ҳар касе, ки бихоҳад, медиҳад ва ба ҳар касе, ки раво надорад, намедиҳад:

***Матни оя:***

[illegible]

***Тарҷума аз матни оя:*** *... Ба ҳар кас бихоҳад фарзанди духтар ва ба ҳар кас бихоҳад, фарзанди писар мебахшад. Ё онҳоро писарон ва духтарони якҷо мебахшад ва ҳаркиро бихоҳад, ақим(бенасл) месозад. Ӯст донои тавоно.*

**Сураи «Шӯро», ояҳои 49-50**

Ҳатто дар ин ояи муборака низ Худованди бузургвор аввал духтарро зикр намуда, сониян аз фарзанди писар ёдовар мешавад, ки ин низ нишонаи гиромӣ доштани духтар ва баландии мақоми ӯст.

Аз ин рӯ, норозигӣ аз неъмати Худованд, чи аз фарзанди духтар ва чи аз фарзанди писар, барои шахси мусалмон ҷоиз нест, зеро интихоби духтар ё писар будани фарзандон ирода ва қудрати Худост.

Паёмбари гиромии Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* низ дар мавриди таваҷҷӯҳ ва тарбияти духтарон таъкиди зиёде намуда, падару модаронро вазифадор кардаанд, ки бо духтарон муомилаи нек дошта бошанд ва дар тарбияти онҳо талоши бештар намоянд. Ишон тарбияти солим ва ба воя расонидани духтарро масъулияти муҳим ва савоби бузург даниста, барои касоне, ки ин масъулиятро ба ҷой овардаанд, биҳишти ҷовидониро башорат медиҳанд:

***Матни ҳадис:***

**« عَنْ أَنَسِ بْنِ مَالِكٍ قَالَ قَالَ رَسُولُ اللَّـهِ y مَنْ عَالَ جَارِيَتَيْنِ حَتَّى تَبْلُغَا جَاءَ يَوْمَ الْقِيَامَةِ أَنَا وَهُوَ وَضَمَّ أَصَابِعَهُ»**

***Тарҷумаи ҳадис:*** *Анас ибни Молик(р) гӯяд: Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Касе, ки ду духтарро ба тарзи шоиста тарбият (бо имону ахлоқу ҳаёву илму касб) ва таъмин намуда, ба воя расонад, рӯзи Қиёмат монанди ин ду ангушт дар биҳишт дар канори ҳам хоҳем буд.*

**«Саҳеҳи Муслим», китоби «Бирр, сила ва одоб», ҳадиси 6590**

Паёмбари акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* хусусан, ба масъалаи риоят намудани баробарии духтарон ва писарон дар ҳаққи фарзандӣ таъкид намуда, дар оила аз писарон кам донистани духтар ва таҳқири онҳоро раво намешуморад ва хабар медиҳад, ки риояти адолат байни писарон ва духтарон дар оиларо савоби бузург ва аз сабабҳои ба биҳишт расидани волидайн хоҳад буд:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ ابْنِ عَبَّاسٍ قَالَ قَالَ رَسُولُ اللَّـهِ y مَنْ كَانَتْ لَـهُ أُنْثَى فَلَمْ يَئِدْهَا وَلَمْ يُهِنْهَا وَلَمْ يُؤْثِرْ وَلَدَهُ عَلَيْهَا قَالَ يَعْنِي الذُّكُورَ أَدْخَلَهُ اللَّهُ الْجَنَّةَ»**

***Тарҷума:*** *Абдуллоҳ ибни Аббос(р) гӯяд: Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Касе, ки духтар дошта бошад ва ӯро мавриди бемеҳрӣ ва таҳқир қарор надиҳад ва фарзандони писарро бар ӯ тарҷеҳ надиҳад, Худованд ӯро дохили биҳишт хоҳад кард.*

**«Сунани Абудовуд», китоби «Адаб», ҳадиси 5146**
**ва «Муснади Имом Аҳмад», ҳадиси 1856**

Худи Расули акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* аз духтари худ ҳазрати Фотима(р) ифтихор намуда, мегуфтанд: «*Фотима пораи тани ман аст ва ман бо шодии ӯ шод ва бо нораҳотии ӯ нороҳат мешавам*».

***Матни ҳадис:***

**« قال رسول الله ﷺ فاطمة بضعة مني يقبضني ما يقبضها ويبسطني ما يبسطها»**

**Муҳаммад ибни Абдуллоҳ, китоби «ал-Мустадрак ала-с-Саҳеҳайн», ҷилди 3, саҳ. 172, ҳадиси 4747**

Хулоса, дини мубини Ислом мақому ҷойгоҳи духтарро дар оила бисёр баланд ва муҳим дониста, аз падару модарон талаб менамояд, ки бо духтарон муомилаи беҳтарин дошта бошанд, онҳоро ҳаргиз аз писарон камтар надонанд, дар тарбияту ташаккули шахсияти онҳо таваҷҷӯҳ ва талоши махсус дошта бошанд. Бар тибқи таълимоти Ислом доштани духтар на танҳо нангу ор нест, балки баракату ифтихор аст ва тарбияти солими духтар мояи савоби бузург ва сабаби дарёфти биҳишт мебошад.

Ва шояд ин амал низ бисёр рамзӣ ва пурҳикмат бошад, ки Паёмбари Худо аз худ ҳеҷ писаре бар ҷой нагузоштанд ва насли Ишон то имрӯз аз насли духтари гиромиашон Ҳазрати Фотима(р) идома ёфтааст.

Назм:

*Машав гамгин, агар духтар бизодӣ,*
*Ки дар духтар бувад пайваста шодӣ.*
*Басе духтар, ки соҳибтоҷ гардад,*
*Ба пешаш сад писар мӯҳтоҷ гардад.*

## Ҷойгоҳи ҳамсар дар таълимоти Ислом

Ҷойгоҳи зан ҳамчун ҳамсар аз муҳимтарин ва васеътарин масъалаҳои баҳси ҳуқуқ ва ҷойгоҳи зан дар таълимоти исломӣ мебошад. Агар ба ин масъала ба таври куллӣ назар афканем, пеш аз ҳама бояд гуфт, ки Худованди мутаъол бино бар ҳикмати худ инсонро дар ҷуфти нарина ва модина халқ карда, дар вуҷуди онҳо меҳру улфати фитрӣ ва табиӣ нисбат ба ҳамдигарро ҷой намудааст. Дар ин маврид Худованд дар Қуръони карим мефармояд:

***Матни оя:***

⬃♌❒🕮 ▦🕗🙰❍🙰☝🕔⧫③✁◆➚ ⇳♊🙰👌◆❒
⇳♊🙰♓👌 📪➚▤⬧🙵 ⧫📪■💾⍓❀
🔔☯♊🕓◆❒⬂🙷❒🕮 ⬀☠➚▤⮪❍→▦☼❒🕮
👓⍓♑⬂⑩⬧🙵🙴☽ ☎✁☑❑⭦☪➚▤⬄❍⧫☞🙰🙶🙵
☪□□⑩◆❑□👌 ☠→⌛◆☪⬃❹⧫📪 •✍⍓➔⍓♉◆❒
⍓⌨🙰🙵🕓⬧❶ ❼🙴✗ □♌🙴☽ 🗐 🕓■⍓☺⇳❍◆❻◆❒
🗄✈⬀❑⬧☽🙰🙶🙵 🖮💣🕔⧫③✞⍓
⮰🙹⮲⮵ ⧫♌❒⭦❷⅄▤☒▦⧫☝⧫③

***Тарҷума:*** *Ва аз нишонаҳои қудрати Ӯст, ки бароятон аз ҷинси худатон ҳамсароне офарид, то бо ишон оромиш ёбед ва миёни шумо дӯстиву меҳрубонӣ ниҳод. Дар ин ибратҳоест барои мардуме, ки тафаккур мекунанд.*

**Сураи «Рум», ояи 21**

Аз ин сабаб, майл доштан ба ҳамсар ва ба зиндагии муштараки хонаводагӣ аз ҷумлаи хоҳишҳои фитриву табиии инсон буда, ҳеҷ мард ё зани солим аз ин ғариза маҳрум нест ва онро инкор намекунад. Хусусан, барои инсони мусалмон издивоҷ ва ташкили хонавода ҷузъи вазифаҳои динӣ ба ҳисоб рафта, он замонате барои ҳифзи саломатии рӯҳию ҷисмии инсон ва давом ёфтани насли башарӣ мебошад. Бо таваҷҷӯҳ ба ин таълимоти исломӣ, Паёмбари гиромӣ, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* никоҳ ва ташкили хонаводаро суннати худ эълон карда, рафтори касонеро, ки аз издивоҷ ва хонадорӣ рӯ метобанд, радд намудааст:

***Матни ҳадис:***

**« حَدَّثَنَا سَعِيدُ بْنُ أَبِي مَرْيَمَ أَخْبَرَنَا مُحَمَّدُ بْنُ جَعْفَرٍ أَخْبَرَنَا حُمَيْدُ بْنُ أَبِي حُمَيْدٍ الطَّوِيلُ أَنَّهُ سَمِعَ أَنَسَ بْنَ مَالِكٍ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُ يَقُولُ جَاءَ ثَلاثَةُ رَهْطٍ إِلَى بُيُوتِ أَزْوَاجِ النَّبِيِّ y يَسْأَلُونَ عَنْ عِبَادَةِ النَّبِيِّ y فَلَمَّا أُخْبِرُوا كَأَنَّهُمْ تَقَالُّوهَا فَقَالُوا وَأَيْنَ نَحْنُ مِنْ النَّبِيِّ y قَدْ غُفِرَ لَهُ مَا تَقَدَّمَ مِنْ ذَنْبِهِ وَمَا تَأَخَّرَ قَالَ أَحَدُهُمْ أَمَّا أَنَا فَإِنِّي أُصَلِّي اللَّيْلَ أَبَدًا وَقَالَ آخَرُ أَنَا أَصُومُ الدَّهْرَ وَلا أُفْطِرُ وَقَالَ آخَرُ أَنَا أَعْتَزِلُ النِّسَاءَ فَلا أَتَزَوَّجُ أَبَدًا فَجَاءَ رَسُولُ اللَّهِ y إِلَيْهِمْ فَقَالَ أَنْتُمْ الَّذِينَ قُلْتُمْ كَذَا وَكَذَا أَمَا وَاللَّهِ إِنِّي لاخْشَاكُمْ لِلَّهِ وَأَتْقَاكُمْ لَهُ لَكِنِّي أَصُومُ وَأُفْطِرُ وَأُصَلِّي وَأَرْقُدُ وَأَتَزَوَّجُ النِّسَاءَ فَمَنْ رَغِبَ عَنْ سُنَّتِي فَلَيْسَ مِنِّي»**

***Тарҷума:*** *Анас ибни Молик(р) мегӯяд: Се гурӯҳ ба хонаи Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, омаданд то аз ҳамсаронашон аз чигунагии ибодати Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, пурсон шаванд. Онҳо вақте ҷавоби пурсишҳои худро шуниданд, ибодати худро бо ибодати Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, қиёс намуда, ки ба назарашон кам намуд ва гуфтанд: Мо куҷо ва Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, куҷо (киноя аз бузургии мақоми Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, аст), дар ҳоле ки Худованд тамоми камбудҳои Ӯро бахшидааст, ин қадар зиёд ибодат мекунад. Яке аз ишон гуфт: Пас,*

*ман минбаъд тамоми шабро ибодат мекунам. Дигаре гуфт: Ман ҳар рӯз рӯза мегирам. Ва сеюмӣ гуфт: Пас, ман аз занон дурӣ мекунам ва ҳаргиз издивоҷ нахоҳам кард. Ҳангоме ки Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ташриф оварданд, фармуданд: Оё шумо касоне ҳастед, ки чунин ва чунон гуфтед? Ба Худо қасам, ки ман худотарстарин ва парҳезкортарини шумо ҳастам. Намоз мехонам, хоб ҳам меравам, баъзе рӯзҳо рӯза мегирам ва баъзе рӯзҳо ифтор мекунам ва издивоҷ мекунам. Ин суннати ман аст. Касе, ки аз суннати ман дурӣ кунад, аз ман нест.*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Никоҳ», ҳадиси 5063 ва «Саҳеҳи Муслим», китоби «Никоҳ», ҳадиси 3293**

Дини мубини Ислом доштани зани солеҳаро аз ҷумлаи бузургтарин неъматҳои дунё шумурдааст, ки дар ин бора Паёмбари гиромӣ, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, чунин хабар медиҳад:

***Матни ҳадис:***

«عَنْ عَبْدِ اللَّهِ بْنِ عَمْرٍو أَنَّ رَسُولَ اللَّهِ ﷺ قَالَ الدُّنْيَا مَتَاعٌ وَخَيْرُ مَتَاعِ الدُّنْيَا الْمَرْأَةُ الصَّالِحَةُ»

***Тарҷума:*** *Дунё пур аз неъматҳост ва беҳтарини неъматҳои он зани некӯкор ва покдоман аст.*

**«Саҳеҳи Муслим», китоби «Ризоъ», ҳадиси 3533, «Сунани Нисоӣ», китоби «Никоҳ», ҳадиси 3229**

Ҳамин тавр, Ислом издивоҷ ва ҳамсардориро ҷузъи табиати инсон додониста, ин амри некӯро ташвиқу тарғиб менамояд. Вобаста ба ин дар таълимоти исломӣ маҷмӯаи васеи арзишҳо, фармудаҳо ва муқаррароти шаръию ахлоқию ҳуқуқӣ дар боби интихоби ҳамсар, шароити издивоҷ, вазифаҳои ҳамсарон дар баробари ҳамдигар ва ғайра омадааст, ки бино бар вусъати масъала онро дар бахши алоҳида меоварем.

Назм:
*Зани хуби фармонбари порсо*
*Кунад марди дарвешро подшо.*
*Киро хона ободу ҳамхоба дӯст,*
*Худоро ба раҳмат назар сӯи ӯст.*

# *Бахши 3*

# Издивоҷ ва муносибатҳои оилавӣ дар Ислом

***

## Ислом ва озодии интихоби ҳамсар

Масъалаи интихоби ҳамсар дар таълимоти исломӣ мавриди таваҷҷӯҳи зиёд қарор гирифтааст ва Ислом ҳам барои мард ва ҳам барои зан озодӣ ва дастуроти бисёр дақиқу муфидеро дар амри интихоб намудани ҳамсари ҳаётии худ додааст. Аҳаммияти ин масъала дар он аст, ки ташкили як оилаи солим аз бисёр ҷиҳатҳо ба муносиб будани ду ҷониб бо ҳамдигар ва ризоияти ҳар ду тарафи издивоҷ аз ҳамдигар бисёр вобаста аст.

Яке аз нуктаҳои муҳимме, ки шариати исломӣ дар масъалаи интихоби ҳамсар ва ташкили оила фармудааст, ҳуқуқи комили занон дар интихоби ҳамсар ва шарт будани ризояти зан дар никоҳ ва издивоҷ мебошад. Бар хилофи тасаввуре, ки гӯё духтарон дар Ислом ҳаққи интихоби озодонаи шавҳарро надошта бошанд, шариати исломӣ ризояти духтарро аз ҷумлаи шартҳои асосии никоҳ ва издивоҷ медонад. Аз ин рӯ, падару модар ё сарпарасти духтар ҳақ надоранд, ки ӯро маҷбуран ва бар хилофи хоҳишаш ба ҳамсарии касе бидиҳанд.

Ҳамсари гиромии Паёмбари акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, ҳазрати Оиша(р) дар ин масъала ҳадиси зеринро аз он Ҷаноб овардаанд:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ عَائِشَةَ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهَا قَالَتْ قُلْتُ يَا رَسُولَ اللَّهِ يُسْتَأْمَرُ النِّسَاءُ فِي أَبْضَاعِهِنَّ قَالَ نَعَمْ قُلْتُ فَإِنَّ الْبِكْرَ تُسْتَأْمَرُ فَتَسْتَحْيِي فَتَسْكُتُ قَالَ سُكُوتُهَا إِذْنُهَا»**

***Тарҷума:*** *Ҳазрати Оиша(р) гӯяд: Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Барои ақди издивоҷи духтар бояд аз худи ӯ иҷоза гирифта шавад. Гуфтам: Ё Расулаллоҳ, агар аз духтар иҷоза пурсида шавад, вай аз ҷавоби мусбат додан шарм намуда, сукут мекунад. Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Сукуту хомӯшии ӯ ба маънои ризояти ӯ мебошад.*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Икроҳ», ҳадиси 6433,**

**«Саҳеҳи Муслим», китоби «Никоҳ», ҳадиси 2544**

Дар ин масъала бояд гуфт, ки агар духтар сукут кунад ва илова бар он, ҳадяҳои ҷониби домодро қабул фармояд ва барои тӯю издивоҷ сару либос дӯзонад, ин амалҳо нишон аз розигии ӯст. Аммо агар ҳадяҳоро волидайн қабул кунанд ва онҳо аз тарафи худ омодагӣ бинанд, ин ҳанӯз нишони ризояти духтар нест.

Шариати исломӣ ҳаққи интихоби озоди ҳамсар ва ҳатмӣ будани розигии занро на танҳо барои духтарони дӯшиза, балки барои зани бева низ шарт мешуморад, ки ин масъала дар ҳадиси зерин собит шудааст:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ أَنَّ النَّبِيَّ y قَالَ لا تُنْكَحُ الْأَيِّمُ حَتَّى تُسْتَأْمَرَ وَلا تُنْكَحُ الْبِكْرُ حَتَّى تُسْتَأْذَنَ قَالُوا يَا رَسُولَ اللَّهِ وَكَيْفَ إِذْنُهَا قَالَ أَنْ تَسْكُتَ »**

***Тарҷума:*** *Аз Абуҳурайра(р) ривоят шудааст, ки Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Зани бева, бидуни машварат ва иҷозати худи ӯ ва духтари дӯшиза бидуни ризояти худи ӯ ба ақди издивоҷи касе намедароянд. Аз Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, пурсиданд, ки иҷозаи ӯ чӣ гуна аст. Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Иҷозаи ӯ сукути ӯст.*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Никоҳ», ҳадиси 5136**
**ва «Сунани Тирмизӣ», китоби «Никоҳ», ҳадиси 3362**

Ҳукми ҳатмӣ будани гирифтани розигии духтарон ва занони бева дар масъалаи издивоҷ ҳанӯз дар худи замони Паёмбари акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, амалӣ гашта, Ишон чандин ақди никоҳеро, ки бе розигии духтар анҷом шуда бошад, ботил ва беқурб эълон намуданд:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ ابْنِ عَبَّاسٍ أَنَّ جَارِيَةً بِكْرًا أَتَتْ النَّبِيَّ y فَذَكَرَتْ لَهُ أَنَّ أَبَاهَا زَوَّجَهَا وَهِيَ كَارِهَةٌ فَخَيَّرَهَا النَّبِيُّ y ...»**

***Тарҷума:*** *Абдуллоҳ ибни Аббос ривоят мекунад, ки духтари дӯшизае назди Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, омада, арз кард, ки падарам маро ба ақди издивоҷи марде даровардааст, дар ҳоле ки ман аз ин кор норозӣ буда ва онро намеписандам. Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Ӯро(духтарро) мухайяр ва озод гузоред, то худаш тасмим бигирад.*

**«Сунани Абудовуд», китоби «Никоҳ», ҳадиси 2096 ва «Сунани Ибни Моҷа», китоби «Никоҳ», ҳадиси 1875**

Ин масъала дар ҳадиси дигаре бо ривояти ҳазрати Оиша(р) чунин омадааст:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ عَائِشَةَ قَالَتْ جَاءَتْ فَتَاةٌ إِلَى رَسُولِ اللَّهِ y فَقَالَتْ يَا رَسُولَ اللَّهِ إِنَّ أَبِي زَوَّجَنِي ابْنَ أَخِيهِ يَرْفَعُ بِي خَسِيسَتَهُ فَجَعَلَ الأَمْرَ إِلَيْهَا قَالَتْ فَإِنِّي قَدْ أَجَزْتُ مَا صَنَعَ أَبِي وَلَكِنْ أَرَدْتُ أَنْ تَعْلَمَ النِّسَاءُ أَنْ لَيْسَ لِلآبَاءِ مِنْ الأَمْرِ شَيْءٌ »**

***Тарҷума:*** *Ҳазрати Оиша(р)гӯяд: Духтаре назди Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, омада, гуфт: Падарам маро ба ақди издивоҷи бародарзодааш даровардааст, то ин ки ба воситаи ман ба эътибори худаш биафзояд. Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ӯро дар интихоб озод гузошт (яъне, агар розӣ набошӣ, ақди анҷомшуда ботил аст). Сипас он духтар гуфт: Акнун он чиро, ки падарам анҷом дода ва дар ҳаққи ман раво дошта, пазируфтам. Ҳадафи ман аз ин шикоят дар назди Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ба он хотир буд, то ба занон эълом кунам, ки падарон бидуни иҷозаи онон ҳаққ надоранд духтарони худро ба ақди издивоҷи касе дароваранд.*

**«Муснади Имом Аҳмад», ҳадиси 23892 ва «Сунани Нисоӣ», китоби «Никоҳ», ҳадиси 3266**

Паёмбари гиромӣ, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* ҳатто издивоҷи маҷбурии занони бевамондаро иҷозат надода, чунин ҳодисаҳоро радд намудаанд. Дар ин бора ҳадиси зерин шаҳодат медиҳад:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ خَنْسَاءَ بِنْتِ خِذَامٍ الأَنْصَارِيَّةِ أَنَّ أَبَاهَا زَوَّجَهَا وَهْيَ ثَيِّبٌ فَكَرِهَتْ ذَلِكَ فَأَتَتْ رَسُولَ اللَّهِ ﷺ فَرَدَّ نِكَاحَهُ ... »**

***Тарҷума:*** *Аз Хансоа духтари Хизоми Ансорӣ ривоят шудааст, ки падараш ӯро, ки бева буд, ба ақди издивоҷи касе даровард. Хансоа аз ин ақди издивоҷ норозӣ буд. Бинобар ин, ба назди Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, омада, ҳодисаро ба Ишон нақл кард. Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ақди издивоҷи ӯро бекор намуданд.*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Никоҳ», ҳадиси 5138,**
**«Сунани Нисоӣ», китоби «Никоҳ», ҳадиси 3265**

Аз миёни фақеҳони бузурги исломӣ Имом Абуҳанифа(р) ва Имом Абуюсуф(р) ба духтари болиғи оқил ҳаққи мустақилона бастани акд, аз ҷумла, ақди никоҳ қоил мебошанд. Гарчи онҳо дар масъалаи издивоҷ розигии волидайн ё валии духтарро мустаҳаб мешуморанд, вале ба назари онҳо волидайн наметавонад духтарро бе розигии худаш ба шавҳар бидиҳад. Ин қавли Имоми Аъзам(р) бо фармудаҳои Қуръони карим, аз ҷумла, ба ояҳои 230 ва 232 сураи «Бақара» асос ёфтааст. Илова бар ин Имоми Аъзам(р) дар масъалаи авлотар будани ҳаққи духтар дар интихоби шавҳар ба ин ҳадиси набавӣ такя намудаанд:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ ابْنِ عَبَّاسٍ أَنَّ رَسُولَ اللَّهِ ﷺ قَالَ الأَيِّمُ أَحَقُّ بِنَفْسِهَا مِنْ وَلِيِّهَا وَالْبِكْرُ تُسْتَأْذَنُ فِي نَفْسِهَا وَإِذْنُهَا صُمَاتُهَا»**

***Тарҷума:*** *Абдуллоҳ ибни Аббос аз Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ривоят мекунад, ки Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд:*

*Зани бешавҳар барои тасмимгирӣ дар масъалаи издивоҷ ҳаққи бештар аз валии худ дорад ва аз духтари бокира (дар масъалаи издивоҷ) иҷозат пурсида мешавад ва розигии ӯ сукути оромонааш аст.*

**«Сунани Тирмизӣ». Китоби «Никоҳ», ҳадиси 1110 ва «Саҳеҳи Муслим». Китоби «Никоҳ», ҳадиси 3367**

Имом Абуҳанифа(р) ва шогирдонашон дидгоҳи худ дар масъалаи ҳаққи интихоби мустақилонаи шавҳарро доро будани духтарон бо далелҳои ақлию мантиқӣ низ исбот намудаанд. Дар ин мавзӯъ онҳо аз ҷумла чунин меоранд:

1. Дар шариати исломӣ духтари болиғ ҳақҳ дорад, ки дар корҳои молии худ мустақил бошад ва аз ҷумла, бо дигарон қарордодҳои молӣ бандад ва дар ин масъала розигии падари (валии) духтар лозим нест. Байни ин ду амр дар ҳақиқат фарқе вуҷуд надорад. Зеро сабаби ба духтар иҷозат шудани тасарруфи молӣ рушд ёфтан ва комил шудани ақли ӯст ва дар масъалаи издивоҷ низ ба ҳамин сабаб иҷозат дода мешавад.

2. Писарон пас аз расидан ба булуғ ва камоли ақлӣ дар масъалаи издивоҷ фарди мустақил ба ҳисоб меоянд, аз ин рӯ духтарон низ баъди расидан ба булуғ ва камоли ақлӣ бояд ин салоҳиятро дошта бошанд.

3. Фард фақат дар ҳолати нотавонӣ ва норасоии ақлӣ таҳти вилоят ва сарпарастии каси дигар қарор мегирад, вале чун аз ақли комил бархурдор бошад, далеле барои таъйини валӣ ва сарпараст нест. Бинобар ин, дар масъалаи издивоҷи духтарони болиғ ва комилақл далеле барои таъйини ҳатмии валӣ нест.

Албатта, ҳазрати Имом Абуҳанифа(р) дар боби издивоҷи мустақилонаи духтарон як масъалаи ҷудогонаро истисно мекунанд: Агар духтаре бе

иҷозати падар ё сарпарасти худ издивоҷ намояд ва маҳрияи ӯ камтар аз маҳрияҳои ҳамонандаш бошад ва ё марди интихобшуда ҳамшаън ва муносиби духтар набошад, падар ё валии духтар ҳақ дорад, ки нисбат ба ин издивоҷ эътироз намуда, талаб намояд, ки ақди никоҳи онҳоро қозӣ фасх намояд.

**Дар ин маврид ниг: Ҳусайни Меҳрпур. «Ҳуқуқи зан аз манзари ҳуқуқи дохилӣ, мабонии фиқҳӣ ва мавозини байналмилалӣ». саҳ. 58-59 ва Муҳаммад Абузаҳра. «ал-Аҳволу-ш-шахсия». Нашри «Дору-л-фикри арабӣ». Қоҳира: 1957. саҳ. 128-130**

## Ҷойгоҳ ва муҳити оила аз назари Ислом

Дини мубини Ислом дар таълимоти худ ба ҷойгоҳи оила ё хонавода аҳаммияти бисёр ҷиддӣ қоил аст. Омӯзиши фармудаҳои сарчашмаҳои исломӣ нишон медиҳад, ки ин дини мубин тамоми ҷанбаҳои шаръӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, отифӣ, равонӣ, ҷинсӣ ва моддию иҷтимоии ниҳоди оила ва зиндагии оилавиро дар назар гирифта, нисбат ба он таълимоти бисёр табиӣ ва бисёр мукаммалеро пешниҳод менамояд.

Пояи зиндагии оилавӣ аз назари Ислом ақди никоҳ ё паймони издивоҷ аст. Ин паймон аз ақду қарордодҳои дигар бисёр фарқ дошта, Худованд онро дар Қуръони карим ҳамчун «**паймони пойдор ва устувор**» ёд мекунад:

***Матни оя:***

🕛🡸○♦☼❒⬈⓿➔✿▫🕯⬩✍ ⍓✂⬂⓿☒📪◆❒
⬀☠→⌛→♊⬃➔♦📪 🗐♐❁♐⬂▫❒🕮 ⇳⑨⬩🔔◆❒
♎♍⬁⓿⍓⌘❒🕮◆❒ 🖫⮝⬃➔♦📪 🗐❼■🖫♑🕽
👓☪→⓿♑🖬☒➘ 👓🕑🕽🕔⬩✞⓿♉♓👌 ☠→⌛☪♉👌
⮰✤⮷⮵

***Тарҷума:*** *Ва чӣ гуна он молро бозпас мегиред ва ҳол он ки ҳар як аз шумо аз дигаре баҳраманд шудааст ва занон аз шумо* ***паймоне устувор*** *гирифтаанд.*

**Сураи «Нисо», ояи 21**

Истилоҳи «мисоқ», ки Худованд нисбат ба паймони издивоҷ истифода намудааст, маънои аҳду савганди содиқона ва нашиканандаро дошта, аз сари масъулияту муҳаббат ва бо нияти давом ёфтани насли одамӣ баста мешавад. Ин паймон бо амри Худованд ва бо номи Худованд баста шуда, ҳеҷ мард ва зани мӯъмин бояд онро осон нагирад ва онро ҳамчун арзиши муқаддаси ҳаёти худ риоят намояд. Маҳз ҳамин нигоҳи масъулона ва мӯъминона ба паймони издивоҷ устувории оила ва саодату баракати ҳамсаронро таъмин менамояд.

Пайванде, ки дар натиҷаи баста шудани паймони издивоҷ ба вуҷуд меояд, зан ва мардро то андозае ба ҳамдигар наздик месозад, ки онҳо дар айни фард будан дар ҳам ҷамъ гашта, мафҳуми ягонаи оила ва ҳамсарро ба вуҷуд меоранд. Ин аст, ки дар Ислом нисбат ба ҳар яке аз тарафҳои ин паймон истилоҳи **«завҷ»** истифода мешавад. Завҷ ба маънои ҷуфт буда, пайванди амиқи зану мард ва ба як мафҳум табдил гаштани онҳоро мефаҳмонад. Яъне, гарчи зан ва мард ҳар яке фард ҳастанд, вале мафҳуми завҷ ё ҷуфт, ки пас аз паймони издивоҷ нисбат ба ҳар яки онҳо истифода мешавад, омезиши тамоми зиндагии онҳо, муштарак гаштани тамоми масъулият ва ғаму шодии онҳоро нишон медиҳад. Ин аст, ки Худованд дар Қуръони карим зану шавҳарро ҳамчун нигаҳдоранда, пӯшиш ва либоси ҳамдигар таъбир намудааст.

Аз он ҷо, ки ободӣ ва устувории оила сабаби саодати зану мард ва сабаби саодати тамоми башар аст, Ислом барои нигаҳдории оила дастуру таълимоти зиёдеро ба башар пешниҳод намудааст. Дар ин таълимоти васеъ пеш аз ҳама ба асли муҳаббату раҳмат таъкид гаштааст, ки он ба маънои меҳрубонию эҳтирому вафодории ҳамсарон нисбати ҳамдигар мебошад. Зеро маҳз муҳаббат боис мегардад, ки зану мард аз ҳамдигар хурсанд буда, аз ҳаёти оилавӣ розӣ гарданд ва хонаводаи устувор ва зиндагии ором дошта бошанд:

***Матни оя:***

[illegible]

***Тарҷума:** Ва аз нишонаҳои қудрати Ӯст, ки бароятон аз ҷинси худатон ҳамсароне офарид, то бо ишон оромиш ёбед ва миёни шумо дӯстиву меҳрубонӣ ниҳод. Дар ин ибратҳоест барои мардуме, ки тафаккур мекунанд.*

**Сураи «Рум», ояи 21.**

Тавре ки аз ин ояи карима дида мешавад, Худованди мутаъол зану мардро ба хотири оромиш ёфтан аз ҳамдигар офарида, дар замири онҳо муҳаббату раҳмату ҷозиба нисбат ба ҳамдигарро ниҳодааст. Аз ин рӯ, ҳар фарди мӯъмине, ки фитрати ӯ поку солим бошад, аз неъмати муҳаббат нисбат ба ҳамсари худ бархӯрдор мебошад.

Таълими дигари Ислом барои устувор нигоҳ доштани оила асли **«маъруф»** аст. Истилоҳи **«маъ-**

**руф»**, ки Қуръони карим дар масъалаи муносибати ҳамсарон бо ҳамдигар борҳо ба он таъкид намудааст, ба маънои муносибати нек, шоиста ва сазовор дар доираи одоби инсонӣ ва таълимоти шаръӣ мебошад. Яъне, маҳз ахлоқи некӯ ва муносибати шоиставу сазовори ҳамсарон ба ҳамдигар боиси устуворӣ ва нигаҳдории оила мегардад. Ба таври мисол, ин амри илоҳӣ дар Қуръони карим ба сурати зерин омадааст:

***Аз матни оя:***

☎✃❑⇖❷✍☺⬧✍▫🕮◆❑
☎ ⌨✍❑⇖❷⇙➔□▦✍▤ ✉⇗▤◆☪⇙❹⧫✉

***Тарҷума:*** *Ва миёни ҳамдигар ба некӯӣ мувофиқат намоед.*

**Сураи «Талоқ», ояи 6**

***Ё ояи дигар:***

⚫♊➔♎❑🡐❸⬁⌗✍⧫⇖◆❑
🗐 ⬁✍❑⇖❷⇙➔⍓☺⬂♒✍✍⬂✉

***Тарҷума:*** *Бо занони худ бо некӯӣ ва шоистагӣ зиндагӣ кунед.*

**Сураи «Нисо», ояи 19**

Бахши бештари ояҳои қуръонӣ дар бораи пеш гирифтани рафтори сазовор нисбат ба ҳамсарон ба мардон хитоб шудааст, зеро устувории оила ва саодати он аз мавқеъ ва рафтори мардон вобастагии зиёдтар дорад. Ахлоқу рафтори некӯи мард боиси дар оила ҷорӣ гаштани ин навъи ахлоқ ва ба тамоми аъзои оила, чи зан ва чи фарзандон таъсири амиқ гузоштани он мегардад. Таҷрибаи башарӣ нишон додааст, ки ҳатто агар мард ҳамаи масъулиятҳои оилавии худ, аз ҷумла, таъмини хӯрок, пӯшок ва манзилро ба ҷой оварад, боз ҳам дар сурати надоштани ахлоқи некӯ ва писандида наметавонад сабаби

рушду оромиши оилаи худ бошад. Ин аст, ки Ислом ба ахлоқи некӯ гаштаву баргашта таъкид менамояд.

Зиндагӣ ва ахлоқи Паёмбари гиромии Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, худ намунаи беҳтарини муносибати як мард бо ҳамсар ва оила будааст. Дар ин бора, аз ҷумла, ҳадиси зерин шаҳодат медиҳад:

***Матни ҳадис:***

**عَنْ عَائِشَةَ قَالَتْ قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ خَيْرُكُمْ خَيْرُكُمْ لأَهْلِهِ وَأَنَا خَيْرُكُمْ لأَهْلِي**

***Тарҷума:*** *Ҳазрати Оиша(р) гӯяд: Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Беҳтарини шумо онҳое ҳастанд, ки бо зан ва фарзандони худ беҳтарин рафторро дошта бошанд. Ва ман барои хонаводаам аз ҳамаи шумо беҳтарам.*

**«Сунани Тирмизӣ», китоби «Маноқиб», ҳадиси 3921,**
**«Саҳеҳи Ибни Ҳиббон», ҷилди 9, саҳ. 491, ҳадиси 4186**

Ё ҳадиси дигари Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* аз Абуҳурайра ривоят шудааст, ки дар он мефармоянд:

*«Ба шумо тавсия менамоям, ки бо ҳамсарони худ ба хубӣ рафтор намоед...»*

**«Саҳеҳи Бухорӣ». Китоби «Никоҳ», ҳадиси 5186**
**ва «Саҳеҳи Муслим». Китоби «Ризоъ», ҳадиси 3537**

Ва ин тавсияи Паёмбари гиромии Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* ки сабаби нигаҳдорӣ ва бараками ҳар хонадон мегардад, бояд ҳамеша дар гӯши ҳар фарди мӯъмин садо бидиҳад ва аз он пайравӣ намояд.

## Ҳуқуқи занон бар мардон

### Масъалаи маҳрия

Тавре ки зикр гашт, барои устувор боқӣ мондани ниҳоди оила ва ба саъодат расидани башар Ислом маҷмӯаи ҳуқуқу вазифаҳои муайянеро барои занон ва мардон таъйин намудааст. Дар ин миён, яке аз аввалин ва муҳимтарин вазифаҳои мардон ҳангоми издивоҷ бо занон пардохт намудани маҳрия мебошад. Гарчи масъалаи маҳрия ва маънову зарурати он дар таълимоти исломӣ бисёр мушаххас аст, вале ба сабаби дар ҷомеаи мо дуруст дарк нашудани ин таълим ва шарҳҳои нодуруст ёфтани моҳияти он, зарур мешуморем, ки ин асли муҳимми исломӣ дар масъалаи издивоҷро ба таври мухтасар шарҳ намоем.

Аввалин нуктае, ки донистани он дар масъалаи маҳрия зурур аст, ин аст, ки маҳрия фармудаи мустақими Худованди мутаъол дар Қуръони карим аст. Яъне, он на урфи тоҷику араб ё на хостаи Пайғамбар ва уламову фақеҳон, балки дастури худовандӣ дар масъалаи издивоҷ мебошад. Чунон ки дар Қуръон омадааст:

***Аз матни оя:***

☎✁❑➔✍✁◆➚◆❒
◆➚✏✉❁❍✎♓✡♐✉✁
...▤ ॐ🕯⬧✁⬂⧫✎✞ ⚫♊✗✐✌☺⌚⬧✍✂⑨❁⌚

***Тарҷума:*** *Ва ба занон маҳрашонро ба хушдилӣ бидиҳед …*

**Сураи «Нисо», ояи 4**

Илова бар ин, масъалаи маҳрия дар ояҳои дигари қуръонӣ, дар Суннати набавӣ ва ҳамчунин, аз тариқи иҷмои уламо собит гаштааст. Аз ин рӯ, хулосаи аввалин ин аст, ки ҳеҷ мусалмоне асли маҳрияро зери савол намебарад ва дар бораи зарурат доштан ё надоштани он масъала намегузорад. Балки

барои дарки моҳият ва ҳикмати ин дастури худовандӣ талош менамояд.

Аммо моҳият ва фалсафаи маҳрия дар чист? Барои дарки возеҳи ин масъала ба чанд нуктаи зерин муроҷиат менамоем:

Маҳрия микдоре пул ба ҳисоби накдӣ ё ба ҳисоби тило ё ҳар чизи арзишманди мондагор аст, ки мард онро дар вакти акди издивоҷ бо тавофуқи тарафайн ба зан пардохт менамояд. Ҳамин ихтиёрӣ будан ва бо камоли майл пардохт намудани маҳрия яке аз шартҳоест, ки Қуръони карим муайян намудааст. Калимаи **«неҳла»**, ки дар Қуръон нисбат ба маҳр истифода шудааст, маҳз ба маънои ҳадя ва ато мебошад. Яъне маҳрия дар воқеъ пуле барои **«харидан»-**и зан нест, балки ҳадяест, ки мард онро ҳамчун рамзи ризояти худ аз издивоҷ ва қадрдонии худ аз пайванди устувор бо ҳамсараш мепардозад. Ба ин восита, пардохтани маҳр пеш аз ҳама нишонаи майлу рағбат ва ризояти шавҳар нисбат ба ҳамсари интихобнамудааш мебошад.

Истилоҳи «صـدقات» (садуқот), ки дар ояи зикршудаи қуръонӣ ба маънои маҳрия истифода шудааст, низ ишора ба ин дорад, ки маҳрия аз сӯи шавҳар содиқона пардохта шуда, рамзи садоқату ҷиддияти ӯ дар масъалаи издивоҷ бо ҳамсари худ мебошад. Фақеҳи бузургвори ҳанафӣ Мулло Алии Қорӣ дар китоби **«Мирқот»** ин масъаларо чунин шарҳ намудааст:

***Мазмун:*** *Ба маҳрия аз он ҷиҳат садоқ мегӯянд, ки аз он тамоюли содиқонаи шавҳар ба сӯи зан зоҳир мегардад.*

**Мулло Алии Қорӣ. «Мирқоту-л-мафотеҳ шарҳи «Мишкоту-л-масобеҳ», боби «Судоқ», ҷилди 6, саҳ. 325**

Илова бар ин, маҳрия ба маънои ҷиддӣ будани аҳду паймони издивоҷ аз ҷониби шавҳар аст. Яъне, илова бар баёни лафзӣ, шавҳар бо пардохти мол собит мекунад, ки ин издивоҷи ӯ на ҳаваси муваққат, балки як тасмими ҷиддӣ ва пойдор буда, ӯ омодааст барои ҳифзи он моли худро харҷ намояд.

Дар шариати исломӣ паймони мард дар мавриди пардохти маҳрия то ҳадде ҷиддӣ гирифта мешавад, ки ҳатто дар сурати пеш аз ҳамхоба шудан бо зан шикаста шудани паймони издивоҷ низ мард вазифадор аст, нисфи он маблағи муайяншударо ба зан пардохт намояд:

***Аз матни оя:***

♊♋✌ ●♊➔♎❑←☺←☞⬂☽✵◘⬧⬬ ♌⬂☽◆❑
⇳⑨⬧♎◆❑ ●♊➔♎❑❹○⮹☺⬧✍ ♌❑🕮 ⬀✍⬀⌛⬧♎
☪❑⬧⬀③⬚❷⬧▫ ●♊←●○▭ ⬄⚐←☞⇳⬂◆❷⬧▫
☟⬧⬂☽ ⬃☹⬀⬇⇳⬂◆❷⬧▫ ⬀◆✌ ←✂⬄⏲♋✡⬧▫
⬃❑❑🕮 ⬀♍❑➔⬚⬃➔◆③ ♌❑🕮
❽♋♎⬆✎⬀✂ ☎✂◆❑➔⬚⬃➔◆③
⬀❑⮹⑨⬂☽⬉⬉ ⏲⬀■♋⑨◆⓿⬂⬀
... ⬚ ⬀⮹♎⬧⬚♋♓☪⬀⬀✂

***Тарҷума:*** *Агар барояшон маҳре муайян кардаед ва пеш аз ҳамхобагӣ талоқашон мегӯед, нисфи он чи муқаррар кардаед, бипардозед; магар он ки ишон худ ё касе, ки ақди никоҳ ба дасти ӯст, онро бибахшад…*

**Сураи «Бақара», ояи 237**

Ин ояи карима нишон медиҳад, ки дар шариати исломӣ пардохтани маҳр ба маънои додани ҳаққи истифода ва лаззат бурдан аз зан набуда, дар сурати баста шудани ақди никоҳ ҳатто дар сурати ҳамхобагӣ накардан бо зан низ мард вазифадор аст, ҳангоми шикастани ин ақд нисфи маҳрияи таъйиншударо бипардозад.

Дар канори ин, маҳр моҳияти муҳимми иҷтимоӣ дошта, яке аз механизмҳои исломии ҳимояи ҳуқуқи занон мебошад. Бар тибқи таълими қуръонӣ, маҳрия молест, ки маҳз ба худи зан тааллуқ дорад ва тавре ки дар ояи зикршуда омад, Худованд маҳз ба худи занон додани маҳрияро таъкид намудааст. Аз ин рӯ, бидуни ризояти ихтиёрии зан на волидайн, на вакилу сарпарасти духтар ва на шавҳар ҳақ надоранд, ки ба маҳрияи ӯ тасарруф намоянд. Дар айни замон, вақте ки мард занро талоқ медиҳад, ӯ маҷбур аст, маблағи боқимондаи таъйиншудаи маҳрро дар ихтиёри зан гузорад. Ба ин восита, зан дар сурати талоқ шудан ҳамроҳи худ як миқдор мол дошта, метавонад то замони сохтани оилаи нав эҳтиёҷоти худро таъмин намояд.

Дар шариати исломӣ маҳр ба ду бахш тақсим мешавад: маҳри муъаҷҷал (معجل)ва маҳри муаҷҷал (مؤجل). Маҳри муъаҷҷал, яъне таъҷилӣ, маҳрест, ки ҳангоми издивоҷ пеш аз хилват ва якҷо шудан ба зан пардохта мешавад. Маҳри муаҷҷал, яъне ба таъхир гузошташуда, маҳрест, ки дар сурати талоқ додани зан мард ба зан пардохт менамояд. Пардохти маҳри муаҷҷал то ҷое барои мард воҷиб аст, ки агар ӯ вафот намояд, боз ҳам аввал аз моли меросии ӯ маҳри муаҷҷали зан пардохта мешавад, сипас мерос тақсим мегардад ва аз он низ зан саҳми худро ҳамчун яке аз меросбарон дарёфт менамояд.

Маҳри муаҷҷал фақат дар ҳолате пардохта намешавад, ки талоқу ҷудоӣ бо талаби зан сурат гирад ва мард ҳеҷ гуна айбу нуқсони ҷисмонӣ ё рӯҳӣ надошта бошад. Вале агар мард бемории ҷинсӣ дошта бошад ва ё нуқсонҳои ҷиддии мутанаффиркунандае дошта бошад, дар ин сурат ҳам маҳри муаҷҷал ба зан пардохта мешавад.

Маъмулан миқдори маҳри муъаҷҷал нисбат ба маҳри муаҷҷал хеле камтар аст. Масалан, агар маҳри зане ҳангоми издивоҷ 20 000 доллари ИМА таъйин гардад, метавон 5 000 онро маҳри муъаҷҷал (таъҷилӣ) ва 15 000 онро маҳри муаҷҷал (таъхирафтода) қарор дод.

Аҳаммияти ин асл ва фалсафаи амиқи ин таълими исломӣ хусусан, дар рӯзгори мо ба рӯшанӣ маълум гаштааст. Аз сабабе, ки дар ҷомеаи мо ин асли исломӣ амалан тарк шуда, ба таври расмӣ ва дуруст истифода намешавад, ду мушкили бисёр ҷиддии иҷтимоӣ пеш омадааст:

1.Ниҳоди оила заиф гашта, баъзе аз мардон бе ҳеч ҳисси масъулият ба осонӣ занонро талоқ медиҳанд. Агар мардон медонистанд, ки дар сурати бе сабаби воқеӣ талоқ додани зан бояд боқимондаи маҳрияи ӯро пардохт намоянд, бо ҳар сабабу баҳонаи андак ва ё фақат ба хотири ҳавою ҳаваси худ занонашонро ба ин осонӣ талоқ намедоданд. Ин омил ҳатман боиси пойдории бештари оилаҳо мегашт.

2.Заноне, ки бо ҳар сабаб талоқ дода мешаванд, бидуни дар даст доштани ҳеҷ гуна молу имкон аз хона берун карда мешаванд ва аксари онҳо ба ҷуз либоси тан ва чанд кӯрпа дороии дигаре надоранд. Ин боис мешавад, ки занони бевамонда якбора ба рӯзгори мушкил рӯбарӯ гашта, дар ҳолати ногувор қарор мегиранд. Ин аст, ки баъзе аз онҳо зиндагии худро таъмин карда натавониста, гоҳе ба касбу корҳои бисёр сангин ва номуносиб барои занон ва гоҳе ҳатто даст ба аъмоли ношоиста ва фоҳишагӣ мезананд ва ё худкушӣ мекунанд.

Ин воқеияте, ки имрӯз мушоҳида мешавад, бори дигар нишон медиҳад, ки таъйини маҳр барои занон

як таълими пурҳикмати илоҳӣ буда, занро зери ҳимояи васеи ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ қарор медиҳад. Аз ин рӯ, бисёр муносиб аст, ки имрӯз дар ҷомеаи мо маҳрия барқарор гашта, он дар сатҳи қонунгузории Тоҷикистон ҳамчун ӯҳдадории мардон ҳангоми издивоҷ пазируфта шавад. Чунин иқдом ҳам боиси дуруст иҷро гаштани як таълими исломӣ ва ҳам боиси боз ҳам беҳтар таъмин гаштани ҳуқуқи занон дар кишвари мо мегашт. Зеро, агар маҳри муаҷҷал дар шартномаи никоҳ сабт ва нишон дода шавад, талоқ дар оилаҳо камтар мешавад.

Дар айни замон, дини мубини Ислом ҳамчун дини сабукиовар ба мусалмонон таълим додааст, ки дар масъалаи маҳрия осонгирӣ бикунанд ва барои издивоҷ маҳрияҳои гарону сангин таъйин нанамоянд. Ин таълим хусусан, ба духтарон ва волидайни онҳо хитоб шуда, онҳоро ба осонгирӣ дар маҳр ташвиқ менамояд. Расули Худо, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, дар ин маврид мефармоянд:

***Матни ҳадис:***

«عَنْ عَائِشَةَ أَنَّ رَسُولَ اللَّهِ y قَالَ إِنَّ أَعْظَمَ النِّكَاحِ بَرَكَةً أَيْسَرُهُ مُؤْنَةً »

***Тарҷума:*** *Оиша(р) гӯяд: Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Бобаракаттарин занон касоне ҳастанд, ки маҳрияи онон камтар бошад.*

**«Муснади Имом Аҳмад», ҳадиси 23388 ва 23338**

Ин таълими исломиро худи Паёмбари акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* дар амал анҷом доданд, то ҳамчун намунаи ҷовидоние барои мусалмонон боқӣ бимонад. Ишон ҳангоми ба шавҳар додани духтари дӯстдоштаашон ҳазрати Фотима(р) дар масъалаи маҳр бисёр осонгирӣ карда, миқдори онро ҳамагӣ 300 дирҳам таъйин намуданд, ки бо нархи 30 гӯсфанд дар он замон баробар буд. Аз ин рӯ, агар

дар ҷомеа ва қонунгузории мо маҳри муъаҷҷал (фаврӣ) кам ва осон гирифта шуда, маҳри муаҷҷал ҷиддӣ таъйин шавад, аз як сӯ оилаҳо ба осонӣ ташкил шуда, аз сӯи дигар талоқ бисёр коҳиш меёбад.

Сабаби дигари таъкиди Ислом ба осонгирӣ дар масъалаи маҳр дар он аст, ки издивоҷ як амри дучониба буда, занон низ аз баракату пайомадҳои он баҳраманд мегарданд. Издивоҷ боис мегардад, ки занон соҳиби оила шаванд, ба имконоти бештари моддиву маънавӣ бирасанд, аз ҳаёти заношӯӣ лаззат баранд ва барои идомаи насл, ки як ғаризаи фитриву табиӣ ва як рисолати шаръии инсон аст, имкон пайдо намоянд. Аз ин рӯ, занон низ бояд дар издивоҷ манфиат ва саодати худро дида, бо таъйин намудани маҳрияҳои сангину боло монеи издивоҷ ва ташкили оила нашаванд.

Ҳамин тавр, маҳрия аввалин вазифаи мард дар баробари зан буда, Худованди бузургвор онро барои ҳифзу пойдории ниҳоди оила ва ҳимояи иҷтимоии занон 1400 сол пеш барои башар таълим додааст.

## Таъмини нафақаи оила ва фарзандон

Масъулияти дигари мардон дар баробари занон аз назари шариати исломӣ таъмини нафақа мебошад. Истилоҳи **«нафақа»** дар таълимоти шаръӣ нисбат ба истилоҳи нафақа дар забони муосири тоҷикӣ тафовут дошта, он на ба маънои кумакпулии (пенсияи) давраи пирсолӣ ё маъюбӣ, балки ба маънои таъмини тамоми эҳтиёҷоти моддию иҷтимоии ҳамсар ва оила мебошад. Яъне **«таъмини нафақаи ҳамсар»** дар шариати исломӣ ба маънои

таъмини хӯрок, либос, макони зиндагӣ, шароити муносиби зист, ҳимояту амнияти зарурӣ, асбоби рӯзгор ва ғайра барои зан аз ҷониби шавҳар аст.

Масъалаи таъмини нафақаи ҳамсар аз тарафи мардон дар сарчашмаҳои асили исломӣ ва пеш аз ҳама, дар Қуръон ва Суннати набавӣ комилан собит гашта, ба таври бисёр рӯшану мушаххас баён гаштааст. Қуръони карим дар ин масъала, аз ҷумла, чунин амр намудааст:

***Матни оя:***



***Тарҷума:*** *Ҳар ҷо ки худ сукунат гузинед, занонатонро низ дар ҳамон ҷо макон диҳед. Ва аз роҳи озор додан ба онҳо фишор наоваред. Ва агар ҳомила буданд, то замони таваллуд нафақаашонро таъмин кунед. Ва агар фарзанди шуморо шир медиҳанд, муздашонро бидиҳед ва ба ваҷҳе некӯ бо якдигар тавофуқ кунед. Ва агар ба тавофуқ нарасидед, аз зани дигар бихоҳед, ки кӯдакро шир диҳад.*

**Сураи «Талоқ», ояи 6.**

Гарчи ин оя ҳатто дар давраи идда (яъне, марҳалаи пас аз талоқ) барои мардон воҷиб будани таъмини нафақаи занро таъкид мекунад, вале табиист, ки дар замони ҳамсарӣ ба дӯши мард масъулияти боз ҳам бештар аст. Дар ояи дигар Худованд сарпарастии оиларо ба дӯши мард гузошта, яке аз сабабҳои онро маҳз бар ӯҳдаи мард будани таъмини нафақаи оила мехонад:

***Аз матни оя:***

☙♍❑⇖👌🕓▪❑♦🔔 ⇖✌🔔⍓♊❖♒❷☏👓✂
⚢➚✎👓✿○⚢♓✡☏👓✂ ❼■✍♦⇖
✦✎👓✂ •✍·⚢♦▫ 👓⍓☺⚢📫
🖫⮝⬃➔♦📫 🗐❼■✍♦⇖ ⬄⚐←♑•⚢⬃➔♦📫
☎✂❑→✆☒⊞☼❐🕮 ✎👓⍓☺⚢📫◆❐
...🗐 ⬀☠⚢♑⚢☏🕓◆❑⬂👌❐🕮 ⇳♊⚢👌

***Тарҷума:*** *Мардон аз он ҷиҳат, ки Худо баъзеро бар баъзе бартарӣ додааст ва аз он ҷиҳат, ки аз моли худ нафақа медиҳанд, бар занон сарварӣ доранд...*

**Сураи «Нисо», ояи 34.**

Ин масъулияти мардон дар баробари занонро Паёмбари гиромии Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, дар ҳадиси муборакаи хеш чунин баён намудаанд:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ سَعِيدِ بْنِ حَكِيمِ بْنِ مُعَاوِيَةَ عَنْ أَبِيهِ عَنْ جَدِّهِ مُعَاوِيَةَ الْقُشَيْرِيِّ قَالَ أَتَيْتُ رَسُولَ اللَّهِ y قَالَ فَقُلْتُ مَا تَقُولُ فِي نِسَائِنَا قَالَ أَطْعِمُوهُنَّ مِمَّا تَأْكُلُونَ وَاكْسُوهُنَّ مِمَّا تَكْتَسُونَ وَلَا تَضْرِبُوهُنَّ وَلَا تُقَبِّحُوهُنَّ»**

***Тарҷума:*** *Муовияи Қушайрӣ гӯяд: Ба хидмати Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, расидам ва пурсидам: Назари Шумо дар мавриди ҳамсарони мо чист? Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Аз ҳамон ғизое, ки мехӯред, ба онҳо бидиҳед ва аз ҳамон порчае, ки либоси худро таҳия*

*мекунед, либоси онҳоро ҳам таҳия намоед. Ононро мавриди лату кӯб қарор надиҳед ва бо гуфтору кирдори зишт ва нописанд бо онҳо рафтор нанамоед.*

**Сунани Абудовуд, китоби «Никоҳ» ҳадиси 2144 ва Сунани Ибни Моҷа, китоби «Никоҳ», ҳадиси 1850**

Тавре ки аз матни ин ҳадиси набавӣ маълум мегардад, Ислом на танҳо таъмини нафақаи занро ба дӯши мард мегузорад, балки ба риояти адолат дар ин масъала низ таъкид мекунад. Яъне, мард наметавонад, ки худ аз имконоти васеъе истифода намуда, занро аз истифодаи он маҳрум гардонад, балки ӯ бояд ҳам дар масъалаи хӯрок, ҳам дар масъалаи либос ва ҳам дар масъалаи шароити зиндагӣ занро дар ҳолати бо худ баробар ва одилона қарор диҳад.

Нуктаи бисёр муҳимме, ки дар таълимоти Ислом дар ин масъала бояд ба он таваҷҷӯҳ шавад, ин аст, ки Ислом таъмини нафақаи оила аз тарафи мардро на танҳо вазифаю масъулият, балки ҳамчунин кори савоб ва ибодат медонад. Яъне, бо таъмини нафақаи хонавода мард на танҳо масъулияти худро иҷро мекунад, балки аҷру савоби ин амалро назди Худованд дарёфт менамояд. Аз ин сабаб, дар чандин ҳадиси набавӣ таъмини нафақаи хонавода дар ҳисоби хайру эҳсон ва садақа дохил карда шудааст:

***Матни ҳадис:***

«عَنْ أَبِي مَسْعُودٍ الأَنْصَارِيِّ فَقُلْتُ عَنْ النَّبِيِّ فَقَالَ عَنْ النَّبِيِّ y قَالَ إِذَا أَنْفَقَ الْمُسْلِمُ نَفَقَةً عَلَى أَهْلِهِ وَهُوَ يَحْتَسِبُهَا كَانَتْ لَهُ صَدَقَةً»

***Тарҷума:*** *Абумасъуди Ансорӣ(р) гӯяд: Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Ҳар вақт мусалмоне ба манзури ризои Худо ва анҷоми таклифи шаръӣ, ки бар ӯҳда дорад, чизеро барои зан ва фарзандону хонаводааш харҷ кунад, Худованд онро ба унвони хайр ва эҳсон аз ӯ қабул менамояд.*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Нафақот», ҳадиси 5351**
**ва «Саҳеҳи Муслим», китоби «Закот», ҳадиси 2211**

Ин нукта дар ҳақиқат як нуктаи ноби таълимоти исломист, ки барои ҳифзи хонавода ва барои таъмини ҳуқуқи зану фарзанд мусоидати бисёр ҷиддӣ мерасонад. Ислом харҷи мол барои таъмини нафақаи оиларо аз навъҳои дигари садақа ва хайру эҳсон боло дониста, савоби харҷи як динор барои нафақаи оиларо аз савоби харҷи ин пул барои озодии як фард ё барои кумак ба ниёзмандон бештар медонад. Ин мазмуни олӣ дар ҳадиси Паёмбари гиромӣ, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, чунин омадааст:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ قَالَ قَالَ رَسُولُ اللَّهِ y دِينَارٌ أَنْفَقْتَهُ فِي سَبِيلِ اللَّهِ وَدِينَارٌ أَنْفَقْتَهُ فِي رَقَبَةٍ وَدِينَارٌ تَصَدَّقْتَ بِهِ عَلَى مِسْكِينٍ وَدِينَارٌ أَنْفَقْتَهُ عَلَى أَهْلِكَ أَعْظَمُهَا أَجْرًا الَّذِي أَنْفَقْتَهُ عَلَى أَهْلِكَ»**

***Тарҷума:*** *Аз Абуҳурайра(р) ривоят шудааст, ки Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Диноре дар роҳи Худо додаӣ ва диноре барои озодии фарде пардохтаӣ ва диноре ба ниёзманде бахшидаӣ ва диноре барои нафақа ва харҷи хонаводаат додаӣ, бештарин аҷр ба диноре тааллуқ мегирад, ки барои нафақа ва харҷи хонаводаат додаӣ.*

**«Саҳеҳи Муслим», китоби «Закот», ҳадиси 2200**
**ва «Муснади Имом Аҳмад», ҳадиси 9736**

Аҳаммияти таъмини нафақаи хонаводаро Паёмбари гиромии Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* аз харҷи мол дар роҳи ҷиҳод ҳам болотар гузошта, дар ҳадиси дигари худ фармудаанд:

***Аз матни ҳадис:***

**«عَنْ ثَوْبَانَ قَالَ قَالَ رَسُولُ اللَّهِ y أَفْضَلُ دِينَارٍ يُنْفِقُهُ الرَّجُلُ دِينَارٌ يُنْفِقُهُ عَلَى عِيَالِهِ ...»**

***Тарҷума:*** *Аз Савбон(р) ривоят шудааст, ки Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Беҳтарин диноре, ки як мард ба масраф мерасонад, он аст, ки барои хонаводааш пардохтааст...*

**«Саҳеҳи Муслим», китоби «Закот», ҳадиси 2199 ва «Сунани Тирмизӣ», китоби «Бирр ва сила», ҳадиси 1973**

Бо чунин мазмун аз Расули Худо, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, ҳадисҳои дигаре ворид гаштаанд, ки ҳамагӣ бар хайру эҳсон ва садақаву ибодат ҳисоб шудани таъмини нафақаи аҳли оила гувоҳӣ медиҳанд.

Омӯзиши бофти оила ва анъанаҳои оиладории тоҷикон дар садсолаҳои охир нишон медиҳад, ки ин таълимоти исломӣ ба тадриҷ ба яке аз аслҳои муҳимми оиладории тоҷикон табдил гашта, мардони тоҷик таъмини нафақаи оилаи худро вазифаи муҳим ва аввалиндараҷаи худ медонистанд. Албатта, ин ҳисси масъулият имрӯз низ дар миёни мардони мусалмони ботақвои кишвари мо ҳамчунон барпой мебошад, вале мутаассифона, солҳои охир ба мушоҳида мерасад, ки бо ворид гаштани баъзе арзишҳои фарҳангҳои бегона имрӯз дар ҷомеаи мо мардони зиёде пайдо шудаанд, ки нисбат ба оила ва таъмини нафақаи он бемасъулиятӣ зоҳир менамоянд.

Ин раванд хусусан, дар миёни баъзе аз мардоне, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта, таъмини оилаи худро фаромӯш менамоянд, ба мушоҳида мерасад. Ба таври мисол, дар солҳои охир ба мо садҳо номаю мурoҷиати шифоҳие мерасад, ки дар онҳо ҷавонзанони тоҷик аз бемасъулиятии шавҳаронашон дар таъмини нафақаи оила шикоят карда, дар бораи чигунагии ҳалли ин масъала фатвои шаръӣ мепурсанд.

Аз ин рӯ, бисёр муносиб аст, ки ҷавонони тоҷик аз хурдсолӣ ин таълимоти муҳимми Исломро фаро гирифта, ба таври возеҳ бидонанд, ки аз назари дини мубини Ислом таъмини нафақаи зану фарзанд барои мард ҳам масъулияти ҳатмии шаръӣ ва ҳам ибодату савоби бузург аст. Дарки ин таълими Ислом аз сӯи мардон боиси боз ҳам устувортар гаштани оилаҳо ва боиси ҳарчӣ беҳтар ҳимоя шудани ҳуқуқи занон ва кӯдакон мегардад.

Ҳамчунин, агар хоҳарони мо низ қабл аз издивоҷ ҳуқуқҳои исломии худро хуб медонистанд, ба баъзе душвориҳое, ки имрӯз бо он рӯбарӯянд, гирифтор намешуданд. Падару модарон низ метавонанд ба хотири таъмин шудани ин ҳаққи исломии духтаронашон қабл аз издивоҷ таъмини нафақаи духтаронро аз домодҳо ба таври хаттӣ талаб намоянд.

Ҳангоми баҳс дар мавриди таъмини нафақаи зан аз тарафи шавҳар баъзан аз сӯи хонандагон масъалаи **ҳаҷму миқдори нафақа** ба миён гузошта мешавад. Дар ин маврид бояд гуфт, ки уламои исломӣ бо дар назар гирифтани шароити имрӯзаи зиндагии башар дар бораи навъу миқдору ҳудуди нафақаи зан хулосаи шаръии худро ироа намудаанд. Дар шароити имрӯза нафақаи зан мавридҳои зеринро дар бар мегирад: хонаи зист бо ошхонаву ҳаммом, маводди хӯрокӣ, либоси кофӣ, воситаҳои шустушӯй ва дар сурати тавоноӣ, хидматгор. Дар масъалаи барои зан гирифтани хидматгор бояд гуфт, ки тибқи таълимоти исломӣ, агар зан тавоноии иҷрои корҳои хонаро надошта бошад, шавҳар набояд ӯро ба анҷоми ҳамаи корҳо маҷбур намояд. Дар чунин сурат мард бояд барои зан хидматгореро кироя карда, пули хидмати онро аз ҳисоби худ

бипардозад. Дар ин масъала ва умуман, дар масъалаи ҳаҷм, миқдор ва анвои нафақа барои занон фақеҳи машҳури аҳли суннат ва ҷамоат Ваҳба Зуҳайлӣ таҳқиқи муфассалеро анҷом додааст, ки барои маълумоти бештар метавон ба он ва манбаъҳои дигари мӯътабар муроҷиат намуд. *(Ниг: Ваҳба Зуҳайлӣ. «Фиқҳи хонавода дар ҷаҳони муосир». саҳ. 150-151 ё Холид Абдурраҳмон Алъак. «Одоби зиндагии заношӯйӣ дар партави Қуръон ва Суннат», саҳ. 292-295)*.

## Муомилаи нек бо ҳамсар

Асли дигари оиладорӣ, ки таълимоти исломӣ риояти онро барои шавҳар зарур сохтааст, ҳусни муошират ё муомилаи нек бо ҳамсар мебошад. Дар канори ин, ки Ислом мусалмононро дар ҳамаи ҳолатҳо ба ахлоқи нек ва муомилаи некӯ ҳидоят мекунад, дар таълимоти ин дини мубин масъалаи муомилаи нек бо ҳамсар ба таври хосса зикр ва таъкид гаштааст. Муомилаи нек ба маънои риоят намудани эҳтироми ҳамсар, озор надодани ӯ, хушзабониву хушахлоқӣ дар гуфтору муомила ва ғайра буда, риояти он нисбат ба ҳамсар дар Қуръони карим амр шудааст:

***Аз матни оя:***

●♊➔♎❒🡐❸⬉⌖👓⧫⬉◆❒
♌⍓✉⬧▫ 🗐 ⬉👓❒⬉❷⬋➔⬔☺⬊♏👓👓⍓📪
✂♐❁⦿⬔➔⬧▫ ●♊➔♎❒🡐☺🡐☞⬋♎⌘❷⌧📫
👓ॐ★⬊⓿⌧⅄ ☎✂❑➔♎⧫❷⬉▤⬧✍ ♌❒🕮
⍣❍⑩⍣▫ ✦✎👓✂ •✍⬔➔⬊♑⬧⑥◆❒
⬗⬂⍣⬀ ✂☪❸❷⍣⌖•🗎 ✂☪❸⬀❷⬔⌘

***Тарҷума: …*** *Ва бо занон ба ваҷҳи писандида зиндагонӣ кунед, зеро агар онҳоро написанд кунед, пас, шояд шумо чизеро написандед, ки Худо дар он хайри бисёрро пайдо кунад.*

**Сураи «Нисо», ояи 19**

Муомилаи нек бо ҳамсар дар таълимоти исломӣ яке аз аломатҳои имон ва яке аз сабабҳои дар назди Худо беҳтар дониста шудани банда ба ҳисоб меояд. Паёмбари гиромӣ, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* дар ҳадиси мубораки худ ахлоқи некро нишонаи камоли имон хонда, мардонеро, ки бо занонашон муомилаи хуб доранд, беҳтарини мардон номидаанд:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ قَالَ قَالَ رَسُولُ اللَّهِ y أَكْمَلُ الْمُؤْمِنِينَ إِيمَانًا أَحْسَنُهُمْ خُلُقًا وَخِيَارُكُمْ خِيَارُكُمْ لِنِسَائِهِمْ خُلُقًا...»**

***Тарҷума:*** *Абуҳурайра(р) гӯяд: Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Мӯъминоне имонашон комилтар аст, ки ахлоқашон беҳтар бошад. Ва беҳтарини шумо онҳое ҳастанд, ки бо ҳамсарони худ беҳтарин рафторро дошта бошанд.*

**«Сунани Тирмизӣ», китоби «Ризоъ», ҳадиси 1165**
**ва «Муснади Имом Аҳмад», ҳадиси 9725**

Худи ҷаноби Пайғамбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* ба унвони намунаи ахлоқи исломӣ, бо зану фарзандони худ некӯтарин муомила дошта, ин таълимоти муҳимми исломиро дар зиндагии худ амалан нишон дода буданд. Ҳамсари гиромии Ишон ҳазрати Оиша(р) дар ин мавриди чунин ҳадиси муборакро ривоят намудаанд:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ عَائِشَةَ قَالَتْ قَالَ رَسُولُ اللَّهِ y خَيْرُكُمْ خَيْرُكُمْ لأَهْلِهِ وَأَنَا خَيْرُكُمْ لأَهْلِي ...»**

***Тарҷума:*** *Оиша(р) гӯяд: Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Беҳтарини шумо онҳое ҳастанд, ки бо зан ва фарзандони худ беҳтарин рафторро дошта бошанд. Ва ман бо хонаводаам аз ҳамаи шумо рафтори беҳтарро дорам.*

**«Сунани Тирмизӣ», китоби «Маноқиб», ҳадиси 3830,**
**«Сунани Доримӣ», китоби «Никоҳ», ҳадиси 2160**
**ва «Саҳеҳи Ибни Ҳиббон», ҷилди 9, саҳ. 491, ҳадиси 4186**

Фармудаҳои Ислом дар мавриди зарурати муомилаи нек ва рафтори ҳасана бо ҳамсарро хулоса намуда, фақеҳи машҳури аҳли суннат ва ҷамоат Ваҳба Зуҳайлӣ чунин мегӯяд: *«Мард дар рафтор бо ҳамсараш аз беҳтарин калимот ва писандидатарин кирдор истифода кунад. Ва ба ҳеҷ ваҷҳ бо гуфтор ва рафтори худ ӯро мавриди азият ва озор қарор надиҳад ва ба каромат, шахсият ва манзалати ӯ беэҳтиромӣ нанамояд ва бо хашм ва хушунат бо ӯ бархӯрд накунад. Ва дар мавриди махориҷи зиндагӣ ӯро дар ҳадди тавон розӣ нигоҳ дорад ва аз хасисию бахилӣ парҳез кунад ва дар ҳузури ӯ аз занони дигар таъриф ва тамҷид нанамояд».*

**Ниг: Ваҳба Зуҳайлӣ. «Фиқҳи хонавода дар ҷаҳони муосир». саҳ. 139-140**

Ба ин восита, аз фармудаҳои Қуръони карим, ҳадисҳои набавӣ ва хулосаҳои фуқаҳои бузурги исломӣ метавон ба рӯшанӣ мушоҳида намуд, ки дини мубини Ислом рафтору муомилаи нек бо ҳамсарро барои мардон воҷиб сохта, ба он ҳамчун ба яке аз шартҳои муҳимми оиладорӣ таъкид менамояд. Агар мо рафтору муомилаи имрӯзи аксари мардон бо занони худро дар партави таълимоти исломӣ дар бораи муомилаи нек бо ҳамсар арзёбӣ намоем, мебинем, ки мутаассифона, мардони ҷомеаи мо аз ин таълимоти исломӣ бисёр

дур рафтаанд. Имрӯзҳо дар ҷомеаи мо ҳазорон мавриди хушунат ва муомилаи дурушту бераҳмонаи мардон нисбат ба занон ба назар мерасад, ки ин рафторҳо ҳаргиз ба таълимоти исломӣ мутобиқ нестанд.

Вале дар айни замон боиси таассуф аст, ки баъзе аз созмонҳои ҳимояи ҳуқуқи занон ва баъзе аз воситаҳои ахбори умумӣ муғризона ҷой доштани рафтори хашину золимонаи мардон нисбат ба занонро ба таври мустақим ва ё ба таври пардапӯшона ба дини мубини Ислом рабт доданӣ мешаванд ва дар зеҳни ҷомеа чунин талқин мекунанд, ки гӯё чунин рафтори бади мардон нисбат ба занон ба таълимот ва суннатҳои исломӣ вобаста бошад. Вале муқоисаи ин рафтори мардон бо таълимоти исломӣ дар бораи муомила бо зан нишон медиҳад, ки баръакс, сабаби ин рафторҳо маҳз дур шудани мардон аз таълимоти исломӣ дар ин масъала мебошад.

Аз ин рӯ, роҳи муносиби кам кардани хушунат дар оила ва беҳтар кардани вазъияти занон дар оилаҳо ин аст, ки созмонҳои ҳимояи ҳуқуқи занон ва воситаҳои ахбори умумӣ оилаҳои тоҷикро ба омӯзиши амиқи таълимоти Ислом дар мавриди усул ва ахлоқи оиладорӣ ташвиқ намоянд ва бештар аз ин, ин таълимотро ба мардону занон омӯзонанд. Он гоҳ бунёди оилаҳои тоҷик бисёр устувортар ва вазъияти занон дар онҳо бисёр беҳтар хоҳад буд. Агар чунин намекунанд, пас, худи ҳадафи воқеии ин созмонҳои ҳимоятгари ҳуқуқи занон зери савол меояд. Зеро дар ҳоле, ки роҳи ҳимояти ҳуқуқи занон маълум аст, онҳо аз рӯ овардан ба ин таълимот худдорӣ менамоянд. Ин масъала низ ҷойи савол ва тааммул дорад.

Дар бораи баъзе аз созмонҳои ғарбгарои ба истилоҳ ҳимояи ҳуқуқи зан бояд гуфт, ки онҳо пеш аз ҳама дар заминаи беҳуқуқии воқеии зан дар дунёи масеҳият пайдо шудаанд, зеро бар тибқи урфу таълимоти масеҳӣ занон аз бисёре аз ҳуқуқҳои асосӣ ва инсонӣ, аз ҷумла, аз ҳаққи моликият ва ҳаққи мерос маҳрум буданд. Ин созмонҳо дар марҳалаи аввал барои касби баъзе ҳуқуқҳо барои занони масеҳӣ саҳми муайян гузоштанд, вале баъдан зери ҳимояти яҳудиён қарор гирифта, бар зидди Ислом ва арзишҳои исломӣ нигаронида шуданд. Онҳо бо пеш гирифтани ин шиор, ки Ислом ҳуқуқи занро поймол мекунад, ба таҳриби арзишҳои исломӣ оғоз карданд ва ба тадриҷ ба яке аз абзорҳои фишори ғарб бар зидди кишварҳои исломӣ табдил шуданд. Имрӯз низ баъзе аз чунин созмонҳо бо номи иҷрои барномаҳои гендерӣ бофти оилаҳои исломии тоҷик ва умуман, бофти ҷомеаи моро вайрон мекунанд, ки он барои фарҳанги миллӣ ва барои солимии ҷомеаи мо оқибатҳои бисёр ногувор хоҳад дошт.

Ва ниҳоят, асли қатъии қуръонӣ, ки эҳтироми занро барои мардон зарур гардонидааст, худи асли мӯҳтарам будани инсон аз назари Ислом аст. Худованди мутаъол дар Қуръони карим тамоми бани башарро мӯҳтарам ва соҳибэҳтиром эълон намуда, ба ин восита эҳтироми инсонро ҳамчун як асли таълимоти исломӣ барои ҳамагон воҷиб намудааст. Ин асли исломӣ таълим медиҳад, ки инсон бояд нисбат ба ҳамагон, чи ҳамсар, чи аъзои оила, чи хешу табор, чи атрофиён ва чи аҳли ҷомеа рафтори нек ва боэҳтиромона дошта бошад, зеро Худованд фармудааст:

***Аз матни оя:***

✍❑✡⬂✌▪❷☒✍ ⇳⑨⬧☽⬧⧫❑ ✉
⧫⚐⬜⑩✃⧫➚ ×⸎⸎♉⧫✍

***Тарҷума:*** *Ва дар воқеъ мо насли Одамро мӯҳтарам ва гиромӣ доштаем.*

**Сураи «Исро», ояи 70**

Бо илҳом аз ин фармудаи усулии қуръонӣ алломаи бузургвор Иқболи Лоҳурӣ чунин овардааст:

*Одамият эҳтироми одамӣ,*
*Бохабар шав аз мақоми одамӣ.*

Бале, дар ҳақиқат, эҳтироми инсонҳо яке аз нишонаҳои аслии Инсон будани ҳар инсон аст. Ва як мусалмоне, ки аз таълимоти Ислом бохабар аст, наметавонад нисбат ба ҳамсар ва атрофиёни худ беэҳтиром бошад.

## Таъмини эҳтиёҷоти ҷинсии зан

Вазифаи дигаре, ки шариати исломӣ бар гардани мардон воҷиб гардонидааст, таъмини эҳтиёҷоти ҷинсии ҳамсар мебошад. Мардон набояд тасаввур намоянд, ки робитаи ҷинсӣ бо занон фақат барои таъмини эҳтиёҷу ғаризаи ҷинсии мард аст, зеро ба таври табиӣ, занон низ ба робитаи ҷинсӣ эҳтиёҷ доранд ва таъмини он ҷузви вазифаҳои муҳимми шавҳар аст.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин, шариати исломӣ мардонеро, ки дар таъмини ниёзи ҷинсии ҳамсаронашон камаҳаммиятӣ менамоянд, сарзаниш намуда, бидуни узр тарк кардани ин амалро гуноҳ меҳисобад. Паёмбари гиромии Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* ҳатто ба мардоне, ки мехостанд шабу рӯз ба тоату ибодат машғул гашта, аз ҳамбистарӣ бо занонашон худдорӣ намоянд, ба ин кор иҷозат надода, таъкид кардаанд, ки ҳамсаронатон низ бар шумо ҳаққ доранд ва бояд он ҳаққро таъмин намоед:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ عَبْدُ اللَّهِ بْنُ عَمْرِو بْنِ الْعَاصِ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُمَا قَالَ لِي رَسُولُ اللَّهِ
у يَا عَبْدَ اللَّهِ أَلَمْ أُخْبَرْ أَنَّكَ تَصُومُ النَّهَارَ وَتَقُومُ اللَّيْلَ فَقُلْتُ بَلَى يَا رَسُولَ اللَّهِ
قَالَ فَلَا تَفْعَلْ صُمْ وَأَفْطِرْ وَقُمْ وَنَمْ فَإِنَّ لِجَسَدِكَ عَلَيْكَ حَقًّا وَإِنَّ لِعَيْنِكَ عَلَيْكَ حَقًّا
وَإِنَّ لِزَوْجِكَ عَلَيْكَ حَقًّا ...»**

***Тарҷума:*** *Аз Абдуллоҳ ибни Амр(р) ривоят шудааст, ки Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармудаанд: Эй Абдуллоҳ, шунидаам, ҳамаи рӯзҳоро рӯза мегирӣ ва бисёре аз вақти шабро ба намози шаб мепардозӣ, оё дуруст аст? Гуфтам: Бале, дуруст аст, ё Расулаллоҳ. Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Ин корро накун. Гоҳе бархе аз рӯзҳоро рӯза бигир ва бархе рӯзҳо не, бархе аз шабро намоз бихон ва дар қисмати дигараш бихоб. Зеро ҷисм, чашмон ва ҳамсарат ҳар кадом ҳақ ва ҳуқуқе бар гардани ту доранд ва ҳаққи ҳар кадомро ба хубӣ адо кун ...»*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Савм», ҳадиси 1975
ва «Саҳеҳи Муслим», китоби «Сиём», ҳадиси 2618**

Ҳамбистарии ҳалолу мураттаб бо зан на танҳо боиси бароварда шудани ниёзҳои ҷинсии зану шавҳар мешавад, балки муҳаббати дуҷонибаро афзуда, боиси таҳкими оила ва ҳамчунин, боиси ба роҳи ҳаром нарафтани ҳамсарон мегардад. Аз ин рӯ, дар шариати исломӣ ҳамбистарӣ бо ҳамсар ҳамчун ибодат ва кори нек дониста шуда, анҷоми он боиси аҷри илоҳӣ ва савоб мегардад. Чуноне ки дар ин бора дар ҳадиси шариф омадааст:

***Аз матни ҳадис:***

**«عَنْ أَبِي ذَرٍّ ... وَفِي بُضْعِ أَحَدِكُمْ صَدَقَةٌ قَالُوا يَا رَسُولَ اللَّهِ أَيَأْتِي أَحَدُنَا
شَهْوَتَهُ وَيَكُونُ لَهُ فِيهَا أَجْرٌ قَالَ أَرَأَيْتُمْ لَوْ وَضَعَهَا فِي حَرَامٍ أَكَانَ عَلَيْهِ فِيهَا
وِزْرٌ فَكَذَلِكَ إِذَا وَضَعَهَا فِي الْحَلَالِ كَانَ لَهُ أَجْرًا»**

***Тарҷума:*** *Абузари Ғифforӣ(р) гӯяд: Аз Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, шунидам, ки фармуданд: Ҳамбистарии шумо бо ҳамсарони худ*

*эҳсон ва садақа аст. Хидмати Ишон гуфта шуд: Ё Расулаллоҳ, мо ки ба хотири таъмини ғаризаи шаҳвонии худ бо ҳамсаронамон ҳамбистар мешавем, боз савобу подоши ухравӣ ҳам хоҳем гирифт? Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Агар аз роҳи ҳаром ин корро анҷом медодед, магар гунаҳкор ва мавриди азоби Худованд қарор намегирифтед? Ва адои ин масъулият аз тариқи ҳалол (никоҳ) ҳам дорои аҷр ва савоб аст».*

**«Саҳеҳи Муслим», китоби «Закот», ҳадиси 2218 ва «Муснади Имом Аҳмад», ҳадиси 20508**

Аз рӯзгори халифаи бузурги мусалмонон ҳазрати Умар(р) низ нақл шудааст, ки ишон бар риояти ҳуқуқи ҳамсар дар ин масъала таъкиди ҷиддӣ доштаанд. Дар ривояте, ки Каъб онро овардааст, чунин омадааст: *«Боре ҳазрати Умар(р) миёни зан ва шавҳаре доварӣ мекард, ба шавҳари он зан фармуд: Ин зан бар ту ҳақ ва ҳуқуқе дорад, агар мехоҳӣ, ҳаққи ӯро муроот кунӣ ва адолатро риоят намоӣ, ҳадди ақалл ҳар чаҳор рӯз як бор бо ӯ ҳамбистарӣ кун ва аз мушкилот ва нороҳатии ӯ пешгирӣ бинамо».*

**(Ниг: Ваҳба Зуҳайлӣ. «Фиқҳи хонавода дар ҷаҳони муосир». саҳ. 143-145)**

Албатта, ҳадди ақалл дар чаҳор рӯз як бор ҳамбистарӣ кардан барои мардони миёнсол ва пирсол кифоят мекунад, вале барои мардону занони ҷавон беҳтар аст, ки бештар ҳамбистарӣ намоянд. Ин амал ҳам барои рӯҳияи онҳо бисёр муфид аст ва ҳам ба ин восита савоби бештар низ мегиранд.

Фақеҳони исломӣ низ дар пайравӣ аз ин таълимоти исломӣ дар ин маврид фатвою хулосаҳои қатъӣ содир намудаанд. Аз ҷумла, фақеҳи бузурги аҳли суннат ва ҷамоат Ибни Қудома дар ин масъала

мегӯяд: *«Ҳар гоҳ мард узри воқеӣ надошта бошад, ҳамбистарӣ бо ҳамсараш бар ӯ воҷиб аст».* Ҳазрати Имом Молик(р) низ ҳамин назарро дорад.

Ба ин восита шариати исломӣ таъмини ниёзҳои ҷинсии занро низ ҷузви вазифаҳои ҳатмии мард дар оила эълон намуда, ба риояти ин ҳуқуқ аз тарафи мардон таъкид менамояд. Барои ошноии бештар ба назари Ислом дар мавриди ҳукми заношӯӣ ва ҳамбистарӣ бо ҳамсар метавон ба манбаъҳои зерин нигоҳ кард: *Имом Муҳаммади Ғаззолӣ, «Эҳёу улуми-д-дин», ҷилди 2, саҳ. 50; Ибни Қайим, «Зоду-л-маъод», ҷилди 4, саҳ. 249-250; Юсуф Қарзовӣ, «Дидгоҳҳои фиқҳии муосир», ҷилди 1, саҳ. 604-615 ва г.*

## Ҳифзи асрори заношӯӣ

Ва ниҳоят, вазифаи дигаре, ки дар таълимоти исломӣ мард дар баробари ҳамсари худ дорад, ҳифз намудани сирри оила ва хусусан, асрори заношӯӣ мебошад. Яъне, шариати исломӣ ба мардон манъ кардааст, ки баъди ҳамбистарӣ бо занонашон дар бораи масъалаҳои хусусию оилавии худ назди дигарон сухан гӯянд ва ба дигарон чизе нақл кунанд. Паёмбари Акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* ин гуна мардонро аз ҷумлаи мардони дӯзахӣ хонда, дар ин бора дар ҳадиси шарифи худ чунин хабар додаанд:

***Матни ҳадис:***

**«حَدَّثَنَا عَبْدُ الرَّحْمَنِ بْنُ سَعْدٍ قَالَ سَمِعْتُ أَبَا سَعِيدٍ الْخُدْرِيَّ يَقُولُ قَالَ رَسُولُ اللَّهِ y إِنَّ مِنْ أَشَرِّ النَّاسِ عِنْدَ اللَّهِ مَنْزِلَةً يَوْمَ الْقِيَامَةِ الرَّجُلَ يُفْضِي إِلَى امْرَأَتِهِ وَتُفْضِي إِلَيْهِ ثُمَّ يَنْشُرُ سِرَّهَا»**

***Тарҷума:*** *Аз Абусаъиди Хударӣ(р) ривоят шудааст, ки Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Бадтарин ҷойгоҳи рӯзи Қиёмат*

*мутаалиқ ба мардоне аст, ки бо ҳамсарони худ ҳамбистар мешаванд ва сипас асрори ҳамбистариро ба дигарон бозгӯ менамоянд.*

**«Саҳеҳи Муслим», китоби «Никоҳ», ҳадиси 3432, «Сунани Абудовуд», китоби «Адаб», ҳадиси 4870 ва «Муснади Имом Аҳмад», ҳадиси 11228**

Агар ба фарҳанги анъанавии мардуми тоҷик дар масъалаи оиладорӣ таваҷҷӯҳ намоем, метавон мушоҳида намуд, ки ин таълими исломӣ дар фарҳанги мардуми мо ба таври амиқ ҷой гирифта, аз тарафи аксари мардони мусалмони баномуси тоҷик риоят мешуд. Дар урфи тоҷикӣ мардон ҳаргиз дар ҳузури дигарон дар бораи хусусиятҳои ҳамсари худ ҳарф намезаданд ва ҳатто аз гирифтани номи ҳамсарашон худдорӣ менамуданд. Мардони баномус на танҳо дар бораи айбу нуқсони ҳамсаронашон, балки дар бораи ҳусну сифатҳои хуби онҳо низ дар ҳузури мардони дигар сухан намегуфтанд.

Ин суннат дар фарҳанги мардони тоҷик то ҷое амиқ аст, ки онҳо ҳатто ҳангоми ба зарурат сухан гуфтан дар бораи ҳамсарашон аз истилоҳҳое чун «оилаам», «очаи бачаҳо», «модари кӯдакон» ва ҳатто «кампир» истифода менамоянд. Масалан, гуфта мешавад: Имрӯз бо «бачаҳо» ба шаҳр рафтем. Ё имрӯз ҳамроҳи «кампир» ба бозор рафтам. Истифодаи ин истилоҳҳо ҳаргиз ба маънои ор кардан аз ёдоварии зани худ ё таҳқири ӯ нест, балки гӯянда ба таври зарифе талош мекунад, ки таваҷҷӯҳи шунавандаро ба ҳамсари худ ҷалб накунад. Фаразан, агар мард дар ҳузури дигарон гӯяд, ки имрӯз бо зани ҷавону зебою нозанинам ба шаҳр рафтам, ба таври равонӣ таваҷҷӯҳи шунавандагон ба ҳамсари ӯ ҷалб мешавад. Вале дар суннати тоҷикон марди баномус ҳаргиз чунин намекунад, зеро ҳамсар ҳамчун хазина

ва сирри бузурги мард аст ва марди ҳақиқӣ тамоми талошашро барои ҳифзи ӯ анҷом медиҳад.

Дар тӯли садсолаҳо ин таълимоти исломӣ ба фарҳанги рӯзмарра ва одии мардуми тоҷик табдил гашта, одатан ба таври нохудогоҳ иҷро мешавад. Вале, мутаассифона, имрӯз дар ҷомеаи мо мардоне пайдо шудаанд, ки ба ҳифзи ҳарими занону худ чандон таваҷҷӯҳе надоранд ва ҳатто, аз мавриди диди дигарон қарор гирифтани бадани нимаурёни занҳояшон парвое намекунанд. Аммо, Худоро шукр, аксарияти мардуми мусалмони тоҷик суннати исломӣ дар мавриди ҳифзи ҳариму эҳтироми занони худро риоят менамоянд, ки ин як суннати нек ва яке аз сабабҳои устувории оилаҳои мусалмонон мегардад.

## Ҳуқуқҳои шавҳар дар назди ҳамсар

Ба ин восита, дар бахши пешин маълум гашт, ки шариати исломӣ ба дӯши мардон як силсила вазифаю ӯҳдадориҳои мушаххасеро нисбат ба ҳамсарони худ гузоштааст. Табиист, ки риояти ин вазифаҳо аз сӯи мардон боиси хушбахтӣ ва устувории оила хоҳад буд. Дар айни замон, дини мубини Ислом барои занон низ як силсила вазифаю масъулиятҳоеро таъйин намудааст, ки бояд нисбат ба шавҳарони худ ба ҷой оваранд. Яъне, дар таълимоти исломӣ мардон низ як силсила ҳуқуқи мушаххасе доранд, ки риояти он аз тарафи занон ҳатмӣ мебошад. Дар ин қисмат ҳамин ҳуқуқҳои мардон нисбат ба занон ва ё вазифаю масъулияти занон дар баробари мардонро ба таври бисёр мухтасар баррасӣ менамоем.

## Масъалаи итоат аз шавҳар ва сарпарастии оила

Нахустин ва муҳимтарин ҳуқуқе, ки мутобиқи таълимоти исломӣ мард дар хонавода дорад, роҳбарӣ ва сарпарастии оила мебошад. Мард дар таълимоти исломӣ масъул аст, ки хонаводаро дар чорчӯби шариати исломӣ роҳбарӣ, таъмин, ҳимоят ва тарбият намояд, шароити рушду иззату амнияту оромиши онро фароҳам оварад. Ин ҳуқуқ ва масъулияти мард ҳам дар Қуръони карим, ҳам дар ҳадисҳои набавӣ ва ҳам дар таълимоти мактабҳои фиқҳии исломӣ ба таври возеҳ омадааст.

Вале аз сабаби он, ки ин масъалаи бисёр муҳимм маънову фалсафа ва чорчӯбу нозукиҳои хосси худро дорад, паҳлӯҳои гуногуни он чи дар адабиёти фиқҳӣ, чи дар адабиёти илмии исломшиносӣ ва чи дар адабиёти таблиғии шарқиву ғарбӣ мавриди бештарин баҳсу баррасиҳо қарор гирифтааст. Сабаби роҳбари оила донистани мард чист, ҳокимияти мард бар зан дар кадом ҳадд аст, оё фармонбардории зан аз мард ҳатмист, ҳукми роҳбарии мард фақат ба оила марбут аст ё ба тамоми зиндагиву фаъолияти зан? Инҳо саволҳоеанд, ки борҳо гузошта шуда, борҳо садо медиҳанд. Хусусан, дар замони муосир, ки фаъолияти созмонҳои ҳуқуқи занон дар ҷомеаҳои мо низ ҷоннок гаштааст, ин саволҳо гоҳе ба таври табиӣ ва бисёр вақтҳо ба таври ғаразнок матраҳ мегарданд.

Масъалаи сарварӣ ва тасаллути мардон нисбати занон дар Қуръони карим чунин омадааст:

***Аз матни оя:***

☙♍❑⬉✌🕒▪❑⬧🕭 ⬉✌🕭⮹♊⌘♒➋♈◉⬧⬸ ⸜↗✏⬧⬸❁○⸜♓✡♈◉⬧⬸ ❼■⬧⧫⬉ ✦✏⬧⬸ •⬧·⬧⧫▫ ⬧⬸⮹☺⸜⬧ 🖫⮝⬀➔⧫⬧ 🗐❼■⬧⧫⬉ ⬄⮳⬅♑•⬧⬀➔⧫⬧ ☎⬸❑➔☽☒▩✡❐🕮 ✏⬧⬸⮹☺⸜⬧⧫❐ ... 🗐 ⬀☠⸜♑⸜♈◉🕒⧫❑⬂✌❐🕮 ⇳♊⸜✌

***Тарҷума:** Мардон аз он ҷиҳат, ки Худо баъзеро бар баъзе бартарӣ додааст ва аз он ҷиҳат, ки аз моли худ (ба занон) харҷ мекунанд, бар занон сарпарастӣ доранд.*

**Сураи «Нисо», ояи 34**

Ин ояи карима муҳимтарин далелест, ки нақши мардонро нисбат ба занон таъйин ва эълом мекунад. Аз ин рӯ, фаҳми дурусти он маъно ва паҳлӯҳои гуногуни масъалаи сарварии мардон бар занонро рӯшан месозад. Ҷиҳати фаҳми дурусту рӯшани ин оя бояд ба нуктаҳои зерин мурочиат шавад:

1. Калимаи «قَوَّامُونَ» **(қаввомун),** ки дар ин оя истифода шудааст, ҷамъи калимаи «**қаввом»** буда, аз решаи қиём ба маънои қиёмкарда, яъне истода мебошад. Ин калима вобаста ба ҷои истифодааш метавонад маъноҳои гуногун гирад, вале маънои маъмултарини он масъулият, сарпарастӣ, идора намудан, ба дӯш доштани раёсати корҳо ва ӯҳдадорӣ мебошад. Масалан, вақте ки дар мавриди Худованд сифати **қайюм** истифода мешавад, он ба маънои устувор бар зоти худ ва нигоҳдорандаи низоми ҳастӣ аст.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин, маънои куллии иборои қуръонии **«мардон бар занон қаввомият доранд»** ин

аст, ки мардон бар занон сарпарастӣ доранд, масъули умури занон ва вазифадори нигаҳдорӣ ва таъмини занон ҳастанд. Ва чун як маънои калимаи «қаввом» устуворист, метавон гуфт, ки мардон беҳтарин ва устувортарин масъул, сарпараст ва пуштибон барои занон ҳастанд.

2. Дар айни замон, яке аз муҳимтарин қоидаҳои усулии таълимоти исломӣ иборат аз он аст, ки ҳеҷ бандае бар бандаи дигаре ҳукумат ва тасаллути мутлақ надорад. Яъне, ҳукумату тасаллути ҳеҷ инсоне бар инсони дигар мутлақ нест. Ислом дар ин ҳадиси саҳеҳи набавӣ ҳадди болотарини итоати як инсон аз инсони дигарро чунин муайян намудааст:

***Матн:***

«... لا طَاعَةَ فِي مَعْصِيَةٍ إِنَّمَا الطَّاعَةُ فِي الْمَعْرُوفِ»

***Тарҷума:***

*«Дар кори гуноҳу маъсият итоат мумкин нест, балки итоат фақат дар кори хубу маъруф аст».*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Ахбори оҳод», ҳадиси 7257 ва бо ҳамин мазмун ниг: «Саҳеҳи Муслим», китоби «Иморат», ҳадиси 4658, «Муснади Имом Аҳмад», ҳадисҳои 1041 ва 19732 ва «Сунани Байҳақии Кубро», ҷилди 3, саҳ.121, ҳадиси 5085**

Пас, итоати зан аз мард низ мафҳуми мутлақ набуда, фақат дар доираи фармудаи Худованд аст ва ба ибораи дигар, ҳукумату тасаллути мард бар зан низ моҳияти мутлақ надошта, дар доираи шариати исломӣ маҳдуд мешавад. Аз ин рӯ, ин ҳукми шаръӣ ҳаргиз маънои ҳукумати мутлақи мардон бар занон ва итоати мутлақи занон аз мардонро намедиҳад. Яъне, мард наметавонад дар коре ғайришаръӣ итоати занро талаб намояд ва ё зан наметавонад ва

набояд аз хоставу фармони ғайришаръии мард итоат бикунад. Масалан, мард наметавонад занро аз хондани намоз ё пӯшидани ҳиҷоб манъ кунад ва ё зан низ вазифадор нест, ки аз чунин фармонҳои зиддишаръии шавҳараш итоат намояд. Хулоса, масъалаи ҳукумату сарварии мардон бар занон фақат дар доираи шариати исломӣ муайян шудааст.

3. Аксари муфассирони гиромии Ислом маънои қаввомият ё ҳукумати мард бар занро ба маънои масъулият ва ҷавобгарии мард нисбат ба вазъияти зан донистаанд. Чи матни ин ояи карима ва чи матни ояву ҳадисҳои дигар бар дӯши мардон як силсила вазифаҳоеро ниҳодаанд, ки дар кулл, масъулияти бисёр калону ҷиддӣ доштани мардон дар баробари занонро ифода мекунанд. Худи ояи 34-уми сураи «Нисо», ки мавриди таҳлил аст, яке аз сабабҳои асосии бар занон қаввомият ё сарпарастӣ доштани мардонро дар масъули таъмини нафақаи зан будани мард медонад. Яъне, чун мард масъули аз ҳисоби моли худ таъмини намудани нафақаи зан аст, ӯ дар нисбати зан масъулият ва сарпарастӣ дорад.

Бисёре аз муфассирон ин нуктаро то андозае муҳим донистаанд, ки ба қавли онҳо, дар сурати аз ӯҳдаи таъмини нафақа набаромадан, мард ҳаққи сарпарастии худ бар занро аз даст медиҳад. Масалан, муфассири бузургвори аҳли суннат ва ҷамоат Имом Қуртубӣ дар ин маврид мефармояд: «*Ҳар гоҳ мард аз пардохти нафақа ва адои масъулиятҳои худ нотавон бошад, ҳаққи сарпарастӣ нисбат ба занро аз даст медиҳад.*»

**Муҳаммад ибни Аҳмади Қуртубӣ. «Тафсири Қуртубӣ» , ҷилди 5, саҳ. 169**

Дар ин ҳолат, зан ҳаққ дорад, ки ба додгоҳи шаръӣ мурочиат намуда, бекор кардани никоҳро талаб намояд.

Имом Табарӣ низ дар тафсири бузурги худ сабаби қаввомияти мардон бар занонро чунин шарҳ додааст: *«Имтиёзи мардон ба иллати пардохти маҳрия ва нафақа ва бар дӯш гирифтани масъулияти хонавода аст».*

**Муҳаммад ибни Ҷарир. «Тафсири Табарӣ», ҷилди 5, саҳ.57**

Ин нақши масъулонаи мард дар хонавода дар Суннати набавӣ низ мушаххасан таъкид гаштааст, ки аз ҷумла, ҳадиси зерин далели он аст: «*Ҳамаи шумо масъул ҳастед ва дар муқобили мардум масъулият доред. Ҳар роҳбаре нисбат ба мардуми мамлакати худ масъулият дорад ва ҳар марди хонавода дар баробари аъзои оилаи худ масъул аст ва ҳар зан низ масъулияти нигаҳдории манзили шавҳар ва фарзандонро бар зимма дорад ва ҳар зердаст масъули нигаҳдории молу сарвати соҳибмулкаш аст. Бидонед! Ҳамаи шумо масъул ҳастед ва дар баробари зердастони худ масъулият доред.*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Итқ» ҳадиси 2554**
**ва «Саҳеҳи Муслим», китоби «Имора», ҳадиси 4617**

4. Сабаби дуюми нисбат ба зан сарпарастӣ ё қаввомият доштани мардро ин ояи қуръонӣ нисбат ба зан баъзе бартариҳо ва нуктаҳои қувват доштани мард донистааст. Ин бартариҳо пеш аз ҳама дар қудрату қувваи ҷисмонии бештар, ҷуръату ҷасорат, ҳисси талошу муборизаи бештар доштани мард ифода мегардад, ки аз назари илми муосир низ дар ин маврид ҳеҷ баҳсу шакке нест. Табиист, ки мард бо

ин бартариҳои табиии худ барои ҳимояи оила аз таҳдиду хатарҳо, ҳалли мушкилоти гуногуни зиндагӣ, таъмини маоши хонавода, таъмини хонаву сарпаноҳ ва дар кулл, таъмини амнияту оромиши оила имконоти бештар дорад. Ин аст, ки Худованди мутаъол ин имконоту бартариҳои мардро ба вазифаву масъулияти ӯ табдил дода, мардро масъули сарпарастӣ ва таъмини маошу оромиши зан таъйин намудааст. Бо таваҷҷӯҳ ба ин воқеият, занон ин нақши табиии мардонро дар хонавода бояд ҷиддӣ бигиранд ва қабул намоянд, вагарна оила вайрон ва зиндагӣ зиндон хоҳад буд. Чунон ки Шайх Саъдии бузургвор фармудааст:

*Саодат барафтад аз он хонадон,*
*Ки бонги хурӯс ояд аз мокиён.*
*Дари хуррамӣ бар сарое бубанд,*
*Ки бонги зан аз вай барояд баланд.*

5. Дар айни замон, бояд таваҷҷӯҳ намуд, ки дар ин ояи карима Худованд дар бораи фазилати баъзе бар баъзе сухан мегӯяд, ки онро метавон ҳамчун фазилату бартариҳои дуҷонибаи зан ва мард фаҳмид. Дар ин оя Худованд ба таври мушаххас намегӯяд, ки мардон бар занон бартарӣ доранд, балки маҳз ибораи «баъзе бар баъзе»-ро истифода менамояд. Яъне, метавон гуфт, ки чунон ки мардон нисбат ба занон бо баъзе сифатҳои мардонаи худ бартарӣ доранд, занон низ нисбат ба мардон бо баъзе сифатҳои хосси занонаи худ афзалият доранд. Масалан, сифатҳои чун меҳр, ҳусн, отифа, эҳсос, зебоишиносӣ, назокат, сабр ва ғайра дар занон басе барҷастатар аз мардон мебошанд ва ҷое, ки ин сифатҳо коромад доранд, ҳатман занон нисбат ба

мардон бартарӣ хоҳанд дошт. Аз ин рӯ, занон низ ба таври табиӣ ва фитрӣ нисбат ба мардон як силсила бартариҳо доранд. Вале таҳлилу муқоисаи маҷмӯи ин тафовуту бартариҳои дуҷониба низ далолат ба он мекунад, ки мардон дар корҳои хонавода нақши масъул ва сарпарастро дошта бошанд, то маошу амнияти хонавода таъмин бошад ва зан дар оромишу осудагӣ ба сар барад.

6. Дар канори ҳамаи баҳсҳои овардашуда асли дигаре, ки бар тибқи таълимоти исломӣ муносибати марду занро дар оила танзим мекунад, асли шӯро ва машварат аст. Ин асли исломӣ чи дар умури хонавода ва чи дар умури давлатдорӣ барои мусалмонон таъкид гашта, яке аз равишҳои беҳтарини ҳалли масъалаву мушкилот ба ҳисоб меравад. Худованд машварат кардан бо ҳамдигарро яке аз сифатҳои аҳли имон муаррифӣ намуда, мефармояд:

***Аз матни оя:***

▤❽◆❻❑⬀⅄ ⬁☠➔♎⬉❷⬂✍❑🕮◆❑
⬁☠⬊♒◆☪⬃❹⧫✉

***Тарҷума:*** *Онҳо корҳояшонро бо машварат ҳаллу фасл менамоянд.*

**Сураи «Шӯро», ояи 38**

Ҳамин тавр, дар оилае, ки зану шавҳар бо ҳамдигар машварат намоянд, ихтилоф ҳарчӣ камтар гашта, масъалаҳо бо ризояти ҳамдигар ҳал мешаванд ва чунин оила устувор аст. Санадҳои бешумори таърихӣ гувоҳанд, ки бар тибқи ин дастури қуръонӣ Паёмбари гиромии Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* дар корҳо бо асҳоб ва ҳамсарони худ машварат менамуд. Маъмулан, занони оқилу бофарҳанг мушовирони хубу беғарази ҳамсарони худ мебошанд ва ин гуна занон ба хотири

ҳифзи назми хонавода ва ҷомеа талош намуда, бо машваратҳои некӯи худ ҳам ҷомеа ва ҳам фарзандонашонро ба хубӣ тарбият мекунанд.

Масалан, бар тибқи таълими исломӣ *(сураи «Бақара», ояи 228*), мардон бояд дар масъалаи шир додан ва ё аз шир ҷудо кардани фарзанд ва ҳатто, дар ҳолати талоқ будани зан, дар масъалаи сарнавишти кӯдак бо ҳамсарашон машварат намоянд ва дар ин масъала назари якҷонибаи зан ё шавҳар дар алоҳидагӣ эътибор надорад. Модоме ки Ислом ҳатто бо зани талоқшуда машварат намудани мардро таъкид мекунад, табиист, ки машварат бо зани дар никоҳ будааш боз ҳам ҳатмитар аст. Умуман, дар таълимоти исломӣ оила як шӯрои хурдест, ки зану фарзандон аъзои соҳибҳуқуқи ин шӯро буда, мард нақши раиси шӯроро ба ӯҳда дорад. Бале, дар фаъолияти ҳар шӯро лаҳзаҳои ҳассос ва сарнавиштсозе ҳастанд, ки раиси шӯро бояд тасмими қатъӣ бигирад, вале аксари умур аз тариқи машварат ҳаллу фасл мегарданд. Ин аст тарзи фаъолият ва танзими як оилаи исломӣ.

Ҳамин тавр, аз маҷмӯи нуктаҳои овардашуда метавон хулоса гирифт, ки мафҳуми қаввомият ё сарпарастии мардон бар занон як мафҳуми мутлақ набуда, он пеш аз ҳама дар ҳудуди таълимоти шариати исломӣ ва дар доираи хонавода ва робитаҳои оилавӣ амал мекунад. Илова бар ин, қаввомият навъе масъулият буда, як силсила вазифаю ӯҳдадориҳои ҷиддиро ба дӯши мард мегузорад. Зарурати қаввомият, сарпарастӣ ва масъулияти мард нисбат ба зан ба фитрату хусусиятҳои табиии марду зан низ мувофиқ буда, дар кулл, ба дӯши мардон қарор доштани сарпарастӣ

пеш аз ҳама ба нафъи занон аст. Ва агар занони мо тамоми фалсафа ва ҷанбаҳои муфиди ин масъаларо ба дурустӣ дарк намоянд, худ ҳатман барои татбиқи ин амри қуръонӣ талош хоҳанд кард.

## Таъмини ниёзҳои ҷинсии шавҳар

Вазифа ва масъулияти дигаре, ки зан дар баробари шавҳар дорад, таъмини ниёзҳои ҷинсии ӯ мебошад. Дини мубини Ислом талабот ва ниёзҳои ҷинсиро эътироф намуда, чунон ки мардро барои таъмини ниёзҳои ҷинсии зан вазифадор мекунад, занро низ барои баровардани ниёзҳои ҷинсии мард вазифадор намудааст.

Аз ин рӯ, таъмини ниёзҳои ҷинсӣ яке аз ҳуқуқҳои мард дар баробари зан ба ҳисоб меояд ва аз ин назар зан вазифадор аст, ки ин ҳуқуқи ҳамсарашро риоят ва таъмин намояд. Дар ҳадиси набавӣ дар ин бора аз ҷумла омадааст:

***Матни ҳадис:***

**«حدثنا هناد حدثنا ملازم بن عمرو قال حدثني عبد الله بن بدر عن قيس بن طلق عن أبيه طلق بن علي قال قال رسول الله** y **إذا الرجل دعا زوجته لحاجته فلتأته وإن كانت على التنور ...»**

***Тарҷума:*** *Ҳар гоҳ марде аз ҳамсараш дархости ҳамхобӣ кунад, зан бояд ҳарчанд дар сари танӯр ҳам бошад, ба ӯ посухи мусбат диҳад.*

**«Сунани Тирмизӣ», китоби «Ризоъ», ҳадиси 1163**

Бо таваҷҷӯҳ ба ин, шариати исломӣ занонро аз беэътиноӣ ба талаботи ҷинсии шавҳарашон манъ намуда, бидуни узр таъмин накардани онро гуноҳи азим мешуморад, зеро ин амал метавонад боиси сардии робитаи оилавӣ ва ба роҳҳои инҳирофӣ ва ғайришаръӣ рафтани шавҳар гардад. Паёмбари

акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* дар ҳадиси мубораки худ дар ин бора мефармоянд:

***Матни ҳадис:***

**« عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُ قَالَ قَالَ رَسُولُ اللَّهِ y إِذَا دَعَا الرَّجُلُ امْرَأَتَهُ إِلَى فِرَاشِهِ فَأَبَتْ فَبَاتَ غَضْبَانَ عَلَيْهَا لَعَنَتْهَا الْمَلائِكَةُ حَتَّى تُصْبِحَ ...»**

***Тарҷума:*** *Абуҳурайра(р) гӯяд: Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Ҳар гоҳ марде ба ҳамсараш пешниҳоди ҳамхобагӣ намояд ва зан онро радд кунад ва мард хашмнок шабро рӯз намояд, фариштагон то саҳар ба ин зан лаънат мефиристанд.*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Бадаа-л-халқ», ҳадиси 3237 ва «Саҳеҳи Муслим», китоби «Никоҳ», ҳадиси 3431**

Албата, ин талабот ба ҳолате дахл дорад, ки зан узри шаръӣ (ҳайз ё нифос) надошта бошад ва ё бемор набошад.

Тибқи таълимоти исломӣ риоят ва таъмини ин ҳуқуқи мард аз тарафи занон то дараҷае ҳассос ва муҳим аст, ки ҳангоми дар хона будани мард зан ҳатто ҳақ надорад, ки бе иҷозати ӯ рӯзаи нофила бигирад. Гарчи доштани рӯзаи нафл, яъне рӯзаи ғайрифарзии берун аз моҳи Рамазон низ ибодат ва кори савоб аст, вале барои занон савоби риоят ва таъмини ҳуқуқи ҷинсии шавҳарашон нисбат ба савоби рӯзаи нофила болотар аст. Ин ҳукми шариат дар ҳадиси зерин баён шудааст:

***Аз матни ҳадис:***

**«عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُ أَنَّ رَسُولَ اللَّهِ y قَالَ لا يَحِلُّ لِلْمَرْأَةِ أَنْ تَصُومَ وَزَوْجُهَا شَاهِدٌ إِلا بِإِذْنِهِ ...»**

***Тарҷума:*** *Абуҳурайра(р) гӯяд: Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Зан ҳангоме*

*ки шавҳараш дар хона ҳузур дорад, бидуни иҷозаи ӯ рӯза (рӯзаи нафлӣ) нагирад.*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Никоҳ», ҳадиси 5195 ва «Саҳеҳи Муслим», китоби «Закот», ҳадиси 2259**

Дар канори ҳамаи ин, дар таълимоти исломӣ ҳамбистарӣ бо ҳамсар ва аз ин роҳ бароварда намудани ниёзҳои ҷинсии якдигар навъе ибодат ҳисоб шуда, ҳамсарон барои ин амал аҷру савоби бузург мегиранд.

***Аз матни ҳадис:***

**« قَالَ النَّبِيِّ y ... وَفِي بُضْعِ أَحَدِكُمْ صَدَقَةٌ قَالُوا يَا رَسُولَ اللَّهِ أَيَأتِي أَحَدُنَا شَهْوَتَهُ وَيَكُونُ لَهُ فِيهَا أَجْرٌ قَالَ أَرَأَيْتُمْ لَوْ وَضَعَهَا فِي حَرَامٍ أَكَانَ عَلَيْهِ فِيهَا وِزْرٌ فَكَذَلِكَ إِذَا وَضَعَهَا فِي الْحَلَالِ كَانَ لَهُ أَجْرًا»**

***Тарҷума:*** *Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Ҳамбистарии шумо бо ҳамсарони худ эҳсон ва садақа аст. Аз Ишон пурсиданд: Ё Расулаллоҳ, мо ки ба хотири таъмини ниёзи табиии худ бо ҳамсаронамон ҳамбистар мешавем, подоши ухравӣ ҳам хоҳем дошт? Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Агар аз роҳи ҳаром ин корро анҷом медодед, магар мавриди ҷазо қарор намегирифтед? Ва адои ин масъулият аз тариқи ҳалол ва раво ҳам дорои аҷр ва подош аст.*

**«Саҳеҳи Муслим», китоби «Закот», ҳадиси 2218 ва «Муснади Имом Аҳмад», ҳадиси 20508**

# Иҷрои корҳои хона ва омода намудани хӯрок

Яке аз баҳсҳои бисёр васеъ ва ҷиддие, ки дар масъалаи ҳуқуқи зану шавҳар нисбати ҳамдигар матраҳ аст, анҷоми корҳои хона мебошад. Яъне, кӣ бояд корҳои хонаро анҷом диҳад, зан ё мард?

Мувофиқи суннати исломӣ ва назари аксари фуқаҳои исломӣ, тақсими масъулияту корҳо байни зану мард дар оила чунин аст, ки мардон аксаран корҳои беруни хонаро анҷом дода, занон бештар корҳои даруни хонаро ба дӯш мегиранд. Ба ин корҳо хусусан, нигоҳубини кӯдакон дар хона, тозаву озода нигоҳ доштани хона, шустани либосҳо ва омода намудани хӯрок дохил мешаванд.

Чун ин масъала хусусан, дар олами муосири исломӣ мавриди баҳсҳои васеъ қарор гирифтааст, зарур аст, ки дар атрофи он чанд нуктаи мушаххасро ироа намоем:

1. Аксари олимони исломӣ ба ин назаранд, ки дар Қуръони карим оя ва санади мустақими далолаткунанда бар тақсими корҳои даруну беруни хона байни зану мард наомадааст. Вале баъзе аз фақеҳони исломӣ асоси чунин тақсимро пеш аз ҳама дар матни ояи 228-уми сураи «Бақара» медонанд, ки дар он чунин омадааст:

***Аз матни оя:***

❽🙝🕭⅄✐🙞✂ ⇖🙜⇙⚲🙝👌 ⭘Ⅱ🡐●❍▭◆❒
⭘Ⅱ🙜🙝⇗❸■🖬♦⇖
🗐 ⇩🙞❑🡑❹⇙🡒❑☼▫✈🙞🙞🙝🖃

***Тарҷума:*** *Занон ҳуқуқҳои муайяне доранд, ҳамон гуна ки масъулиятҳои муайяне низ доранд.*

**Сураи «Бақара», ояи 228**

2. Вале гарчи ояи зикршудаи қуръонӣ ба таври мустақим тақсими корҳои хона ва беруни хонаро байни занон ва мардон баён накунад, дар суннати набавӣ ин масъала ба таври мушаххас баён шудааст. Масалан, бар тибқи санадҳои таърихӣ, вақте Ҳазрати Фотима(р)-ро ба шавҳар доданд, Расули акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* дар рӯзи дуюми зиндагии мустақили онҳо ба манзили онҳо рафта,

зану шавҳарро канори ҳам нишонда, ба онҳо чунин фармуданд, ки бояд корҳои даруни хонаро Фотима(р) ва корҳои берун аз хонаро Алӣ(р) анҷом бидиҳад. Ин тақсими корҳо байни зан ва шавҳар, ки Паёмбари гиромӣ фармуданд, асоси устувори шаръӣ дар ҳалли ин масъала мебошад. (Дар ин маврид метавон ба китоби *Юсуф Қарзовӣ. «Дидгоҳҳои фиқҳии муосир», ҷилди 1, саҳ. 595-597* муроҷиат намуд)

3. Чунин тақсими кор байни зану мард дар оила ба адолат наздиктар аст, зеро тибқи таълимоти шариати исломӣ мардон дар оила сарпарастӣ дошта, аз ҷумла, вазифадоранд, ки нафақа ва тамоми харҷи зиндагии зан ва оиларо таъмин намоянд. Иҷрои чунин масъулият аксаран тақозо мекунад, ки мард аз хона берун рафта, дунболи касбу кор шавад ва барои дарёфт ва таъмини нафақаи оила талош намояд. Дар чунин сурат, агар корҳои зикршудаи даруни хона низ бар ӯҳдаи мард мебуд, аксари онҳо иҷро нашуда мемонд, зеро чунон ки гуфта шуд, мард маҷбур аст, ки барои анҷом додани масъулияти шаръӣ ва оилавии худ берун аз хона кор кунад. Аз ин рӯ, аз тарафи зан иҷро шудани корҳои даруни хона ҳам ба адолат мутобиқ буда, ҳам боиси ободии хонадон ва имконпазир гаштани идомаи зиндагии оилавӣ мегардад.

4. Тақсими корҳои дарун ва беруни хона байни зан ва мард ба фитрат, истеъдод ва имконоти табиии зан ва мард низ мувофиқ мебошад. Зеро аксари корҳои берун аз хона корҳои сангину заҳматталаб буда, анҷом додани онҳо нирӯи ҷисмонии бештар мехоҳад, ки машғул шудани занон ба он чандон писандида нест. Бар хилофи ин, корҳои даруни хона, бо вуҷуди мушкил буданашон, истеъдодҳои хосси

занона мисли зебоишиносӣ, покизагӣ, латофат ва сабру ҳавсалаи зиёдро талаб мекунанд, ки дар ин масъалҳо занон бисёр тавонотар аз мардон мебошанд. Аз ин рӯ, вақте ки корҳои хона аз тарафи занон анҷом мешавад, он бо сифати бисёр беҳтар ба анҷом мерасад.

Албатта, имрӯз дар ҷомеаҳои ғарбӣ баъзе мардон корҳои хона, мисли шустани либос, зарфшӯӣ, рӯбучини манзил, нигоҳубини кӯдак ва ғайраро анҷом медиҳанд. Баъзе аз занони тоҷик низ ин корҳоро аз тариқи телевизон мушоҳида намуда, аз мардҳои худ талаб мекунанд, ки чунин рафтор намоянд ва ин амал боиси ихтилофҳои зиёд дар оилаҳои мо мегардад.

Вале хоҳарони мусалмони мо набояд ба таври кӯркӯрона ба шеваи зиндагии ғарбиён тақлид намоянд, зеро дар натиҷа тамоми суннатҳои беҳтарин ва арзишманди оиладории миллӣ ва исломиро аз даст хоҳем дод. Хоҳарони мусалмони мо дар масъалаҳои оиладорӣ бояд пеш аз ҳама ба Ҳазрати Хадиҷаи Кубро(р), Ҳазрати Оиша(р) ва Ҳазрати Фотимаи Заҳро(р) пайравӣ намоянд, ки онҳо беҳтарин намунаҳои фарҳанги оиладорӣ ва ахлоқи занонаро аз худ ёдгор гузоштаанд. Чунон ки Аллома Иқбол дар васфи Ҳазрати Батул, яъне Фотимаи Заҳро(р) мефармоянд:

*Мазраи таслимро ҳосил Батул,*
*Модаронро усваи комил Батул.*
*Нуреву ҳам оташе фармонбараш,*
*Гум ризояш дар ризои шавҳараш.*

Фақеҳи бузургвори аҳли суннат ва ҷамоат Ваҳба Зуҳайлӣ дар мавриди ин масъала ба таври иҷмолӣ

чунин мефармояд: *«Адолати исломӣ инро тақозо мекунад, ки корҳо ва масъулиятҳои рӯзмараи зиндагӣ бар асоси фитрат, табиат ва тавоноии хосси ҳар як, миёни онҳо тақсим шавад. Дар ҳамин робита аст, ки корҳои берун аз хонаро ба мардон ва корҳои даруни хонаро ба занон супурдааст ва инро аз рафтори Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, дар мавриди ҳазрати Алӣ ва ҳазрати Фотима метавон фаҳмид....».*

**Ниг: Ваҳба Зуҳайлӣ. «Фиқҳи хонавода дар ҷаҳони муосир», саҳ. 361**

5. Аммо бар тибқи таълими шариати исломӣ ин тақсими кор байни зан ва мард дар оила мутлақ набуда, он бояд дар асоси ҳамдигарфаҳмӣ ва муоширати нек анҷом бишавад. Зану шавҳар метавонанд ва бояд бино бар имконот ва заруратҳои оилавӣ дар иҷрои вазифаҳои ҳамдигар ёрӣ ва мусоидат намоянд. Яъне, набояд гирифтори чунин зеҳният шуд, ки тамоми корҳои дохили хона корҳои моҳиятан занона буда, мардон набояд ба он машғул бошанд. Мавҷудияти чунин тафаккур, ки аз ҷумла, миёни бахше аз мардони тоҷик низ мушоҳида мешавад, аз ҷумлаи таълимоти исломӣ набуда, навъе пиндори хурофӣ мебошад. Масалан, агар мард дар хона бошад, метавонад ҳангоми ба рӯфтани хона ва ё пухтани хӯрок машғул шудани зан, кӯдакро нигоҳубин намояд. Ё агар ҳунари онро дошта бошад, метавонад дар омода намудани хӯрок ба зан ёрӣ расонад. Чунин ҳамкорӣ ва кумак на танҳо шаъни мардро кам намекунад, балки пайванду муҳаббати оиларо боз ҳам устувортар менамояд.

6. Вале ба ӯҳдаи зан будани корҳои даруни хонавода ба он маъно нест, ки зан ҳамчун хидматгор тамоми вақти худро сарфи ин корҳо намуда, осеби

рӯҳӣ ва ҷисмӣ бинад. Мард низ бояд риоят намояд, ки корҳои хона аз тавони зан бештар набошанд. Масалан, агар мард шахси ҷӯрабоз буда, ҳар рӯз дӯстонашро ба меҳмонӣ ба хона оварад ва аз зан бихоҳад, ки барои меҳмонони ӯ хӯрок тайёр кунад, дар натиҷа корҳои зан бисёр зиёд ва тоқатфарсо хоҳад шуд. Дар чунин сурат мард аз салоҳияти худ берун рафтаст ва зан ҳаққ дорад, ки аз анҷом додани ин кор, аз ҷумла, аз омода намудани зиёфат барои меҳмонҳои ҳамарӯзаи шавҳараш даст кашад.

7. Илова бар нуктаҳои зикршуда, дар сурати доштани имконоти кофӣ мард метавонад барои анҷом додани корҳои хона барои зани худ ёвар ё хидматгор киро бикунад. Ё агар худи зан сарват ва имконоти кофӣ дошта бошад, худаш метавонад барои худаш хидматгор гирифта, харҷи онро пардохт намояд. Вале агар вазъияти оилавӣ инро таҳаммул накунад ва аз ҷумла, на мард ва на зан имкони пардохтани харҷи хидматгорро надошта бошанд, зан вазифадор аст корҳои маъмулии хонаро анҷом диҳад. Дар ҳар сурат, ин масъалаҳо бояд бо маслиҳат ва ризояти тарафҳо ва дар доираи шариати исломӣ ҳалли худро пайдо бикунанд. Дар шарҳи ин масъала метавон ба китоби *Холид Абдурраҳмон Алъак. «Одоби зиндагии заношӯӣ дар партави Қуръон ва Суннат», саҳ. 294-295* муроҷиат намуд.

## *Боби дуюм*

# ҶОЙГОҲИ ЗАН ДАР ҶОМЕА АЗ НАЗАРИ ИСЛОМ

# *Бахши 1*

# Таҳсил ва илмомӯзии занон аз назари ислом

***

## Ҷойгоҳи илм ва илмомӯзӣ дар Ислом

### 1. Нигоҳе ба ҷойгоҳи илм дар Қуръони карим

Назари Ислом дар масъалаи таҳсили илму дониш аз тарафи занон пеш аз ҳама аз таълимоти куллии ин дин дар мавриди илм ва омӯзиши он сарчашма мегирад. Аз ин рӯ, барои рӯшан гаштани назари Ислом ба масъалаи таълиму таҳсили занон зарур аст, ки дар оғоз назари куллии Ислом дар мавриди илм ва зарурати омӯзиши онро аз сарчашмаҳои асили исломӣ таҳқиқ ва ба таври мухтасар муаррифӣ намоем. Хушбахтона, мутолиаи манбаъҳои асили исломӣ, хусусан, Қуръони карим ва ҳадисҳои набавӣ нишон медиҳад, ки назари Ислом дар ин масъала бисёр муфассал, рӯшан, возеҳ ва қатъӣ буда, ҷои ҳеҷ шакку инкорро боқӣ намегузорад. Аз ин сабаб, муаррифии мустақими назару фармудаҳои ин манбаъҳои исломӣ дар масъалаи илм аз як сӯ, худи мусалмонони азизро бо назари Ислом дар ин масъала ошно месозад ва аз сӯи дигар, барои касоне, ки аз сари бехабарӣ назари илмдӯстонаву маориф-парваронаи Исломро инкор менамоянд, далели қатъӣ мегардад.

Омӯзиши Қуръони карим нишон медиҳад, ки калима ва мафҳумҳои илм, олим, таълим, хондан, навиштан, омӯхтан, донистан, фаҳмидан ва ғайра аз ҷумлаи муҳимтарин мафҳуму истилоҳоти қуръонӣ буда, худи ин китобро ҳамчуни дастуре барои омӯхтани илму маърифат муаррифӣ менамояд. Робитаи Ислом бо мафҳуми илм ва омӯхтан аз нахустин ояи нозилшудаи қуръонӣ, яъне аз ояи аввали сураи муборакаи **«Алақ»** оғоз меёбад. Ин оя бо калима **«иқраъ»,** яъне **«бихон»** оғоз мешавад ва чун ин калима дар ин оя ба сиғаи қатъии амрӣ омада, дар ояҳои дигари ин сура низ ба ҳамон сабк такрор шудааст, метавон гуфт, ки нахустин амру супориши Ислом ба башарият маҳз амри хондан ва омӯхтан аст. Ҳамин тавр, Ислом динест, ки дар ҷавҳари худ моҳияти рӯшангарӣ дорад ва маҳз бо амри хондану омӯхтан оғоз мешавад:

***Матни ояҳо:***

✐⚐⬄ᴕ🙵🙵🙴🖃 ▫🕮♦❷⬂🕭🙵✂
⬖⮊⬀ ♦🖃■🖬⮹❀ ❽🙴🕭⅄✎🙵✂ ⮹🖮🙴■🖃♦❻
⇳♊🙴👌 ⌘♊🕓❁❍💧💣🙵✂ ♦🖃■🖬⮹❀
⬖⯌⬀ ▫🕮♦❷⬂🕭🙵✂ 🖎🖃■🖬♦⬉
⬖⯎⬀ ⬉🏲♦❷⬂🖅☞❀🙵✂ ⮹🖮🙞🖃♦❻♦❐
⌘⚐❋🖬♦⬊ ❽🙴🕭⅄✎🙵✂
⬖🙨⬀ ⌘⚐❋🖬♦⬊ ✐⚐■🖬⬧◗⬂♒🙵🙵🙴🖃
⬃☹⬧☢⬃➔♦③ ⬄⚐⬧♒ 🙵♦👌 ⌘♊🕓❁❍💧💣🙵✂
⬖🙴⬀

***Тарҷума:*** *Бихон ба номи Парвардгорат, ки офаридгори (тамоми мавҷудот) аст. Парвардгоре, ки офарид инсонро аз алақ (хуни баста). Бихон ва Парвардгорат арҷмандтарин аст. Он ки таълим дод (ба инсон) ба воситаи қалам. Омӯхт бар инсон, он чизеро ки ӯ намедонист.*

**Сураи «Алақ», ояҳои 1-5**

Агар ба матни ояҳои боло таваҷҷӯҳ намоем, мебинем, ки илова бар амри хондан, Худованд дар онҳо воситаи дигари омӯхтани илм, яъне қаламро, ки асбоби асосии навиштор ва сабту китобати илм аст, низ зикр менамояд. Пас, аз ин ояҳо чунин бармеояд, ки Ислом аз ҳамон оғози пайдоиши худ ҳар ду равиши аслии омӯзиши илм, яъне ҳам мутолиаву хондан ва ҳам китобату навиштанро дар назар гирифтааст.

Муфассирони Қуръони карим ба ин масъала таваҷҷӯҳи ҷиддӣ намуда, таъкиди Худованд ба ҷойгоҳи қалам ва навиштанро ба тархи муфассал шарҳ намудаанд. Муаллифи тафсири «Анвору-л-Қуръон» дар тафсири ин се оя чунин меорад:

*«Худованд ба воситаи қалам ба инсон нависандагӣ ва дониш омӯхт. Пас, қалам неъмати бисёр бузурге аз ҷониби Худо барои инсон аст. Агар қалам намебуд, на дине пойдор мегардид ва на зиндагие сару сомон меёфт. Бинобар ин, Худованд мардумро ба василаи қалам аз торикии ҷаҳлу нодонӣ ба сӯи нури илм ҳидоят кардааст. Ва илмҳо тадвин нагардида, аҳком мураттаб нашуда, ахбор ва суханони пешиниён ва китобҳои нозилшудаи илоҳӣ ба забт ва сабт нарасида, магар ба василаи қалам ва навиштан. Агар битавонем ҷаҳонеро дар фикри худ тасаввур кунем, ки дар он на қаламе бошад, на навиштан ва на китобе, бе шакк, он ҷаҳон ҷаҳоне хоҳад буд, ки ҷаҳл дар он дар ҳама ҷо ва ҳама сӯ таноб афганда ва сояи сиёҳи шуми худро густарондааст… »*

Ишон аҳаммияти қалам ва навиштанро дар ҳифз ва абадӣ шудани илм, одоб ва тамоми дастовардҳои тамаддуни башарӣ муҳим дониста, менависад: *«Дар чунин бистар ва заминаест, ки тамаддунҳо сар бароварда ва рушд мекунанд, фикрҳо ва андешаҳо*

*рушд ва иртиқо ёфта ва динҳо ҳифз мешаванд ва ҳидоят интишор пайдо мекунад. Аз ин рӯ, тааҷҷуббарангез нест, ки Худованд даъвати Исломро бо даъват ба сӯи хондан ва навиштан ва баёни ин ҳақиқат, ки хондан ва навиштан ду нишонаи бузург аз нишонаҳо ва ояҳои Ӯ дар халқаш мебошанд ва аз хони раҳмати Ӯ фуруд оварда шудаанд, огоз намудааст».*

**Ниг.: «Тафсири Анвору-л-Қуръон».- Турбати Ҷом: Шайхулислом Аҳмади Ҷом, 1381 ҳ.ш. ҷилди 6, саҳ.676-677**

Муаллифи «Тафсири Қуртубӣ» низ дар мавриди маънию паёми ин ояҳо баҳси муфассале намуда, қаламро неъмате аз ҷониби Худованд ва омили муҳимме барои рушди дину дунёи инсонҳо медонад:

***Тарҷума:*** *«Он ки таълим дод ба воситаи қалам», яъне хат ва навиштанро, яъне ба инсон хатро ба воситаи қалам омӯхт. Ва Саъид аз Қатода ривоят кардааст, ки мегӯяд: Қалам неъмати бузурге аз ҷониби Худованди таъоло аст. Агар ин неъмати бузурги Худованд намебуд, ҳеч як дине устувору пойдор намебуд ва ҳеч як зиндагии дурусте намешуд. Пас, ин бар камолу пуррагии меҳрубонии Парвардигор далолат мекунад, зеро Ӯ ба бандагонаш Ончиро ки намедонистанд, биомӯхт. Ва онҳоро аз торикии ҷаҳлу нодонӣ ба сӯи нури илму дониш овард ва онҳоро аз фазилати илми китобат(навиштан)огоҳ кард, ки дар вай судҳои бисёр бузурге ҳаст, ки фақат илми Худованд онҳоро фаро мегирад. Ва агар навиштан намебуд, илмҳо тадвин намешуданд ва ҳикматҳо ба қайд гирифта намешуданд ва ахбору мақолаҳои гузаштагон боқӣ намемонданд. Ва Худованд оятҳои нозилшударо маҳз ба воситаи китобат (навиштан)навишт ва агар китобат намебуд, умури дину дунё устувору пойдор намемонд...»*

**«Тафсири Қуртубӣ», ҷилди 20, саҳ. 120**

Дар кулл, масъалаи қалам ва навиштан дар Қуръон як мавзӯъи бисёр муҳимму ҷудогона буда, мавқеи онҳо то ба ҳадди олӣ бузургу гиромӣ дошта мешавад. Муҳимтарин далели бузургии хатту қалам дар таълимоти Ислом он аст, ки Худованди Бузург дар Қуръони карим бо онҳо ҳамчун бо падидаҳои азим қасам ёд мекунад:

***Матни оя:***

🙵♦✌◆❒ ✍⚐■⚿⬧◗⬂♑🙵✃◆❒ 🗐 ▫♍
⬰⬲⬀ ♦♌❒⬉❷⬈➲⬄❍❑④

***Тарҷума:*** *Нун. Қасам ба қалам ва ба он чи менависанд.*

**Сураи «Қалам», ояи 1.**

Нуктаи дигаре, ки дар Қуръони карим ба аҳаммияти илму дониш дар таълимоти исломӣ ишорат мекунад, эътирофи мақоми баланди аҳли илм дар ин китоби илоҳист. Худованди мутаъол илмро яке аз аломатҳои фазилати инсонҳо дониста, ба таври сареҳ инсонҳои босаводу донишмандро нисбат ба касоне, ки аз ин неъмат маҳруманд, дар дараҷи бисёр болотар мегузорад. Ин мақоми аҳли илм дар сураи «Зумар» чунин омадааст:

***Аз матни оя:***

❽⬀❑♦☝⬄❍❑④ ⬁✍⍓♎ ⬁✍➔🕭
♦♌❑🡐☝⬧⚇⇳➔♦③ ♦✖⇦🕿🕭⅄✐🙵✃
🗏 ♦♌❑🡐☺■⚿⇳➔♦③ ⬩⬥ ♦✖⇦🕿🕭⅄✐🙵✃◆❒
⬉❷⅄✍⚐☒⓿♦☝♦③ 🙵⍓☺✵☼⚯◗
⬰🙰⬀ ✍⚿🕔♦🖮⬂♑☞🏵🙵✃ ☎✃❑⬈♑🕯❒🡑🕮

***Тарҷума:*** *Бигӯ, оё баробаранд касоне, ки медонанд бо касоне, ки намедонанд? (Албатта, не). Фақат хирадмандонанд, ки панд мегиранд.*

**Сураи «Зумар», ояи 9**

Агар дар ояи боло дараҷаи баланди аҳли илму маърифат дар назди Худованд аз тариқи савол матраҳ гашта бошад, дар ояи 11 сураи «Муҷодала» Худованд ин дараҷаро ба таври қатъӣ эълом дошта, чунин мефармояд:

***Матни оя:***

♦×⇦♋🔔⅄✏♐✂ ♐❑☙❾❒🕯❋🕒♦③
•✍⑩♋🔔 ✂⬩❶♑☽ ☎✂☑❑⇱☪♦👌✂◆⬈
⑥♑× ☎✂❑🡐⬩○○☒▦⬩✍ ⬀☠⬈▤⬩♍
☎✂❑🡐⬩❁○⬂▫♐♐⬩▫ ⬗▪♑🖬🕒⮹⬁⮹☺⬂♍♐✂
☎ ⬀☠⬈▤⬩♍ ✦✏♐✂ ⌘☒❁○⬂▦♦③
☎✂❒⬇❽➔⌖💧♐✂ •✍⑩♋🔔 ✂⬩❶♑☽◆❒
✦✏♐✂ ⮫⬈⬩▫⬀❷♦③ ☎✂❒⬇❽➔⌖💧♐♐⬩▫
☎✂❑⇱☪♦👌✂◆⬈ ♦×⇦♋🔔⅄✏♐✂
♦×⇦♋🔔⅄✏♐✂◆❒ ⬀☠⬈▤☪♋👌
⌘⚐▫🖬♋➔⬂♍♐✂ ☎✂❑➔✍❒⬆🕮
♐⮹☺♑📪 ✦✏♐✂◆❒ 🗐 ▭💣🕒⮹♉◆❻⮹⑩
⮈⮊⮊⮋ ⮜❸❷♑🖮⮹⌘ ♦♌❑➔🖬⮹☺⬃➔⬩✍

***Тарҷума:*** *Эй ононе, ки имон овардаед (ба Худованд), чун гуфта шавад ба шумо, ки: Кушод бинишинед дар маҷлисҳо, пас, васеъ кунед ҷойро(барои бародари худ), то кушода кунад Худованд барои шумо (ҳар мушкилеро). Ва чун гуфта шавад: Бархезед (аз ҷой), пас, бархезед. Баланд кунад Худованд мартабаҳо барои ононе, ки имон овардаанд аз байни шумо ва ба ононе, ки ато карда шудааст ишонро илм (яъне олимон). Ва Худованд ба он чи мекунед, огоҳ аст.*

*Худованд касоне аз шуморо, ки имон овардаанд ва касонеро, ки илм дода шудаанд, дар дараҷа ва мақом боло қарор медиҳад.*

**Сураи «Муҷодла», ояи 11**

Маънии ин бахш аз ояи мазкур дар тафсири «Анвору-л-қуръон» чунин шарҳ шудааст: *«Худованд касоне аз шуморо, ки имон ва илм дода шудаанд ба*

*дараҷоти олӣ ва баланде аз каромат дар дунё ва подоши охират, рафъату мақоми баланд медиҳад. Бо фароҳам кардани баҳраи онон дар ин ду саро ва аз ҷумлаи ин дараҷот ва маротиб, боло нишондани вай (олим) дар маҷолис аст».*

**Ниг.: «Тафсири Анвору-л-Қуръон», ҷилди 6, саҳ. 172**

Мақоми аҳли илм дар таълимоти исломӣ то ҷое баланд аст, ки дар сураи муборакаи «Оли Имрон» Худованд онҳоро дар канори малоик ё фариштагон зикр менамояд:

***Матни оя:***

✋♦ 🕛⇦❍❋☼❒🕮 ✦✏🙵✁ ⍓⑨🙰♑☒⅄
◆❑➔♎ ·♦🙰◗ ♦❍🕒♦🙭🙰◗
➔❑♦▤🙾◈❋🕛■🖫⍓☺⬂🙭🙵✁◆❑
✍🏳▫🖫🙱➔⬂🙭🙵✁ ☎✁❑⬀🙭🕯❑⬆🕮◆❑
🗐 ⬁⓿⬄❍✍◗⬂🙭🙵🙵🙰📭 🙵☺☺🙾✶✏🙵♦🕭
◆❑➔♎ ·♦🙰◗ ♦❍🕒♦🙭🙰◗ ✋♦
⓿🏳⑩⬁⌛⍓◖⬂🙭🙵✁ ⇩❽③🙾🙪⍓⬇⬂🙭🙵✁
⮋⮊🙱⮉

***Тарҷума:*** *Гувоҳӣ дод Худованд (яъне ошкор сохт), ки ҷуз Ӯ ҳеҷ маъбуде нест. Ва ҳамчунин, гувоҳӣ доданд фариштагон ва соҳибони илм (яъне олимон) дар ҳоле, ки Худованд тадбиркунандаи олам аст ба адлу инсоф, ки ҷуз Ӯ ҳеҷ маъбуде нест, Ғолибу Устуворкор аст.*

**Сураи «Оли Имрон», ояи 18**

Дар тафсири «Анвору-л-Қуръон» дар боби маънии ин оя чунин омадааст: *«Гувоҳии олимон ба маънии имонашон ба ягонагии Худованд ва баёни ин ҳақиқат ба мардум бо забон аст. Ва дар ин ки Худованд номи олимонро бо номи худ ва фариштагони хеш мақрун сохтааст, фазилат ва фахру шарафи бузург барои аҳли илм аст».*

**Ниг.: Тафсири «Анвору-л-Қуръон», ҷилди 1, саҳ.385-386**

Ҳамин тавр, аз нигоҳи мухтасаре ба матни Қуръони карим метавон дид, ки Ислом масъалаи илму дониш ва омӯхтани онро дар маркази таваҷҷӯҳи худ қарор дода, аз сӯи Худованд ҳамчун дини илму хирад барои башар ироа шудааст. Ин бахшро метавон бо суханони мутафаккири шинохташудаи аҳли суннат ва ҷамоат доктор Муҳаммадсаид Вакил ҷамъбаст намуд, ки мегӯяд:

*«Дар аввалин бомдоди ваҳй, паёми Худо аз се калима иборат буд: бихон, илм ва қалам, ки ба аҳаммияти илм ва абзори таҳсил барои кумак ба амри омӯзиш ишора мекунад. Дар ин бора андаке диққат кунем, чӣ мефаҳмем? Ҷуз исрору пофишории Ислом бар аз байн бурдани бесаводӣ дар миёни уммати худ ва пешрафти дараҷаи илмӣ барои наҷоти мардум аз торикӣ ва нодонӣ ба сӯи нури илм ва маърифат, чизи дигаре намефаҳмем. Ва бо ин тарзи тафаккур ва бо ин таҳлил метавонем ба рози воҷиб будани илм дар Ислом бар тамоми мусалмонон пай бибарем ва кашф кунем, ки чаро Ислом бо исрор ба ҷои фидя[1] ба асирони Бадр пешниҳод намуд, ки ҳар яке аз онҳо даҳ нафар аз фарзандони мусалмонро таълим диҳанд, то аз асорат озод гарданд. Бинобар ин, Ислом дар бомдоди тулӯъи худ кӯшиш кард, ки фазои омӯзишӣ ва пешрафти илмиро бигустаронад, зеро муҳити табиӣ, ки Ислом дар он ба рушду шукуфоӣ ноил мешавад, ҳамон муҳити бедор, ҳушманд ва огоҳ аст, ки фазои илмӣ бар он соя афканда бошад».*

**Ниг.: Муҳаммадсаид Вакил. «Ислом ойини рушд ва тараққӣ».-Теҳрон: Эҳсон, 1379 ҳ.ш. саҳ. 137**

Ва ниҳоят, чун илм неъмати бузурге аз неъматҳои Худовандист ва касби он боиси боло рафтани

---
[1] Чизе, ки дар ивази он асиронро озод мекунанд.

дараҷаи инсон ҳам дар дунё ва ҳам дар охират мебошад, барои ҳар фарди мӯъмин дар канори талоши пайваста барои касби илм ҳамчунин зарур аст, ки аз даргоҳи Худованд афзоишу боло рафтани илми худро талаб намояд. Аз ин рӯ, яке аз муҳимтарин дуоҳое, ки Худованд дар Қуръони карим барои инсон таълим додааст, дуои талаби афзудани илм мебошад:

***Аз матни оя:***

✍✞☺▫🖬⛐⇖ ❼⛐❄⬀⑩⛐✐ ✐ᔑ☢▪❻ ✍➔🕭◆❒
⮰⮲⮲⯒⯑

***Тарҷума:*** *Ва бигӯ: Парвардгоро, бар илму дониши ман биафзой.*

**Сураи «Тоҳо», ояи 114**

Ва мо низ тибқи фармудаи ин ояи қуръонӣ аз даргоҳи Илоҳӣ илтиҷо мекунем, ки Худованд неъмати илмро барои ҳамаи мо арзонӣ дошта, бар илми мо ва бар илми ҳамаи бародарону хоҳарони мусалмон биафзояд, омин ё Рабба-л-Оламин.

## 2. Масъалаи омӯхтани илм дар ҳадисҳои Паёмбари Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*

Тавре ки дар бахши пешин собит гашт, манбаи аввали шариати Ислом, яъне Қуръони карим ба масъалаи илм ва омӯхтани он таваҷҷӯҳи бисёр ҷиддӣ кардааст. Ин паём ва рӯҳи илммеҳвар ва маорифпарвари Қуръон дар манбаи дуюми шариати исломӣ, яъне ҳадисҳои Паёмбари бузургвор, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, низ идомаи мантиқӣ пайдо кардааст. Аз он ҷо, ки ҷаноби Расули Худо, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, дар ҳадисҳои зиёди худ ба мавзӯъи илму маърифат баргашта, назари

Исломро дар ин масъала ба таври бисёр рӯшану васеъ баён сохтааст, зарур аст, ки онро дар чанд зербахш муаррифӣ намоем:

**1. Воҷиб будани омӯхтани илм барои мусалмонон**

Маҷмӯаи ҳадисҳои Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, дар ин маврид бори дигар нишон медиҳанд, ки мавқеи илм дар таълимоти исломӣ ниҳоят баланд буда, Ислом динест, ки омӯхтани илмро ба дараҷаи ибодат бардошта ва онро барои мусалмонон воҷиб гардонидааст. Тавре ки маълум аст, воҷиб ба амале гуфта мешавад, ки аввалан, анҷоми он ҳатмист ва сониян, дар натиҷаи анҷоми он фард савоби бузург мегирад ва сеюм, дар натиҷаи тарки он фард гунаҳкор мешавад. Яъне, вақте Ислом омӯхтани илмро барои мусалмонон воҷиб мегардонад, илова бар фоидаи бузурге, ки инсон аз омӯхтани илм дармеёбад, ба сабаби анҷом додани як воҷиби динӣ савоби бузурги илоҳиро низ соҳиб мешавад ва дар сурати наомӯхтани илм (ба ҳамон миқдоре, ки анҷоми ибодат ба ӯ ҷоиз мегардад ва фарқ байни ҳалолу ҳаромро мешиносад) ҳамчун тарккунандаи як воҷиби исломӣ гунаҳгор мешавад. Ин ҷиддитарин таваҷҷӯҳест, ки дини Ислом ва Паёмбари он нисбати илм зоҳир менамояд. Ин ҳукми қатъӣ ва пурифтихори Ислом дар ҳадиси зерини ҷаноби Расули акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, чунин омадааст:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ أَنَسِ بْنِ مَالِكٍ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّـهِ y طَلَبُ الْعِلْمِ فَرِيضَـةٌ عَلَـى كُلِّ مُسْلِمٍ ...»**

***Тарҷума:*** *Анас ибни Молик(р) мегӯяд: Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Талаби илм барои ҳар як фарди мусалмон фарз аст.*

**«Сунани Ибни Моҷа», китоби «ас-Суннат», ҳадиси 224 ва «Муснади Шаҳоб», ҷилди 1, саҳ. 135, ҳадиси 174**

Дар ҳадисҳои дигаре, ки бар фарзияти омӯхтани илм далолат мекунанд, Расули акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* талаби миқдори андаки илмро ҳатто аз миқдори зиёди ибодат беҳтару болотар дониста, аз ҷумла чунин мефармоянд:

***Матни ҳадис:***

**«عن عبد الله بن عمرو رضي الله عنهما عن رسول الله y قال: قليل العلم خير من كثير العبادة وكفى بالمرء فقها إذا عبد الله وكفى بالمرء جهلا إذا أعجب برأيه»**

***Тарҷума:*** *Абдуллоҳ ибни Амр(р) ривоят мекунад, ки Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Илми кам беҳтар аст аз ибодати бисёр. Аломати соҳибилм будани инсон ин аст, ки Худои худро ибодат бикунад ва нишонаи ҷоҳилии инсон он аст, ки дар банди кибру ғурури худ бошад.*

**Абдулазим ибни Абдулқавии Мунзирӣ. «ат-Тарғиб ва-т-тарҳиб мина-л-ҳадиси-ш-шариф», ҷилди 1, саҳ.50**

Ҳамин мазмун дар ҳадиси дигар ба таври сареҳтар чунин омадааст:

***Матни ҳадис:***

**« قال رسول الله y إذا جاء الموت لطالب العلم وهو على هذه الحالة مات وهو شهيد...**

***Тарҷума:*** *Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Ҳар гоҳ толибилме агар дар ҳолати илмомӯзӣ аз дунё даргузарад, мақоми шаҳидро касб хоҳад кард.*

**Абдулазим ибни Абдулқавии Мунзирӣ. «ат-Тарғиб ва-т-тарҳиб мина-л-ҳадиси-ш-шариф», ҷилди 1, саҳ.54**

Нуктаи муҳимме, ки дар ҳадиси боло ба мақоми ибодатро доро будани илм дар Ислом ва савоби бузург доштани омӯхтани он далолат мекунад, ба сатҳи шаҳид бардошта шудани ҷойгоҳи толибилмест, ки дар ҳолати илмомӯзӣ вафот карда бошад. Тавре ки маълум аст, шаҳид дар таълимоти исломӣ мақоми ниҳоят баландест, ки асосан нисбати муҷоҳидони кушташуда дар роҳи Ҳаққ истифода мешавад. Аммо вақте ки Ислом мақоми вафотшудагон дар роҳи илмро ба мақоми шаҳидон баробар медорад, далели он аст, ки Ислом худи раванди омӯхтани илмро ҳамчун як набард ва ҷиҳоде дар роҳи Худованд эътироф ва муаррифӣ менамояд. Ин эътироф ва баробарӣ як баробарии рамзӣ ва маҷозӣ нест, зеро Паёмбари акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, дар ҳадиси дигари худ касонеро, ки дар роҳи илм талош меварзанд, ба таври сареҳ муҷоҳидони роҳи Худо медонад:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ قَالَ: سَمِعْتُ رَسُولَ اللَّهِ y يَقُولُ: مَنْ جَاءَ مَسْجِدِي هَذَا لَمْ يَأْتِهِ إِلا لِخَيْرٍ يَتَعَلَّمُهُ أَوْ يُعَلِّمُهُ فَهُوَ بِمَنْزِلَةِ الْمُجَاهِدِ فِي سَبِيلِ اللَّهِ وَمَنْ جَاءَ لِغَيْرِ ذَلِكَ فَهُوَ بِمَنْزِلَةِ الرَّجُلِ يَنْظُرُ إِلَى مَتَاعِ غَيْرِهِ»**

***Тарҷума:*** *Абуҳурайра мегӯяд, ки аз Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, шунидам, ки мегуфтанд: Касе, ки ба масҷиди ман омад ва омаданаш фақат ба хотири ин буд, ки илме биёмӯзад ва ё илме биомӯзонад, ӯ мақоми касеро дорад, ки дар роҳи Худо ҷиҳод мекунад. Ва ҳар касе, ки бо мақсаде ғайр аз ин омада бошад, ӯ мисли мардест, ки моли дигаронро тамошо мекунад.*

**«Сунани Ибни Моҷа», китоби «Муқаддима», ҳадиси 227 ва «Муснади Имом Аҳмад», ҳадиси 9051**

Аз ин ҳадиси набавӣ ба таври рӯшан бармеояд, ки аз назари Ислом роҳи илм роҳи Худованд аст ва омӯхтани он ҷиҳод аст ва омӯзандаи он муҷоҳид. Аз

ин рӯ, барои ҷавонони мусалмону боимоне, ки гоҳе аз сари ихлос дар бораи ҷиҳод бисёр мепурсанду бисёр мегӯянд, бояд гуфт, ки ин ҷост майдони ҷиҳоди акбар ва ин аст фурсату имкони муҷоҳидат. Агар ба дунболи касби савоб ва касби ризояти Худованд ва ризояти Расули Ӯ бошед, нирӯи ҷавонии худро сарфи омӯхтани илм намоед ва имрӯз ҷиҳоди акбари шумо ҳамин аст!

## 2. Зарурати талаби илм

Мувофиқи ҳадисҳои Паёмбари бузургвор, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* фарди мусалмон бояд дар ҳама ҷо илмро ҷустуҷӯ намояд ва фаро гирад. Илмҷӯйии фарди мусалмон бояд то ба ҳадде мудовим ва ҷиддӣ бошад, ки гӯё ӯ тамоми вақт чизи азизи гумшудаи худро ҷустуҷӯ менамояд. Ин аст, ки Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, ба ҳамин маънӣ фармудаанд:

***Матн:***

**«عن زيد بن أسلم قال: قال رسول الله y الحكمة ضالة المؤمن حيثما وجد المؤمن ضالته فليجمعها إليه»**

***Тарҷума:*** *Зайд ибни Аслам мегӯяд: Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Ҳикмату дониш гумшудаи мӯъмин аст, ҳар вақте ва ҳар ҷое, ки гумшудаашро пайдо кард, аз худ менамояд.*

**Муҳаммад ибни Салома. «Муснади Шаҳоб», Бейрут: 1407 ҳ.ш. Ҷилди 1, саҳ. 118, ҳадиси 146.**

Фарди мусалмон бояд дар тамоми тӯли умр ва дар тамоми ҷойҳои дастрас аз омӯхтани илм ва таҷриба худдорӣ накунад. Масъалаи ҳатмияти омӯзиши илм дар тамоми тӯли умри мусалмон дар ривояти машҳуре ба таври бисёр сареҳ таъкид гаштааст: **«Аз гавҳора то гӯр *(яъне, тамоми умр)* дониш биомӯзед.»**

Ин маънии баланд ва амри муҳимми исломӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ ба шаклҳои мухталиф ба назм кашида шуда, вирди забони мардуми форсзабон гаштааст:

*Чунин гуфт Пайғамбари ростгӯй:*
*Зи гаҳвора то гӯр дониш биҷӯй.*

Масъалаи аз назари маконӣ номаҳдуд будани талаби илм дар ҳадиси зерин омадааст, ки он низ бисёр машҳур мебошад:

***Матни ҳадис:***

**«عن أنس ابن مالك قال: قال رسول الله y اطلبوا العلم ولـو بالصين فإن طلب العلم فريضة على كل مسلم»**

***Тарҷума:*** *Анас Ибни Молик мегӯяд, ки Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Илмро талаб намоед, агарчи дар Чин бошад, зеро талаби илм барои тамоми мусалмонон фарз аст.*

**Аҳмад ибни Ҳусейни Байҳақӣ. «ал-Мадхал ила-с-Сунани-л-кубро», ҷилди 1, саҳ. 241, ҳадиси 324**

Таърихи зиндагӣ ва фаъолияти бузургони Ислом низ нишон медиҳад, ки онҳо ҳамеша дар ҷустуҷӯи илм буда, барои касби он сафарҳои зиёде анҷом додаанд. Ба таври мисол, саҳобии бузургвори Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, Абдуллоҳ ибни Масъуд гуфтааст: *«Агар медонистам касе аз ман донотар ба китоби Худо, Қуръон бошад, ба сӯяш сафар мекардам»;* ҳамчунин, яке аз тобиини гиромӣ нақл мекунад: *«Мо илмро аз асҳоби Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, дар шаҳри худ мешунидем, аммо ба он басанда накарда ва ба сӯи он асҳобе, ки дар шаҳри мо набуданд, сафар менамудем, то аз онон илм биёмӯзем»;* Саид ибни Мусайяб низ мефармояд: *«Рӯзҳо ва шабҳо дар талаби як ҳадис сафар мекардам».*

**Ниг.: Шайх Муҳаммадалии Холидӣ,**
**«ал-Маъолим фи-л-одоби-л-мутааллим ва-л-олим»,**
**саҳ. 34-36**

## 3. Паёмбари Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, ҳамчун омӯзгор

Дар канори зарурату фарзияти омӯхтани илм, масъалаи таълим ва ба дигарон омӯзонидани илму дониш низ дар маркази таваҷҷӯҳи таълимоти исломӣ қарор дорад. Ҳамон гуна ки омӯхтани илм дар Ислом ба дараҷаи ибодат бардошта шудааст, омӯзонидани он низ ибодат буда, ҳамчун садақа барои ин амал савоби бузурги илоҳӣ таъйин шудааст. Ин матлаб дар ҳадиси зерини Паёмбари гиромӣ, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* чунин таъкид мешавад:

***Матни ҳадис:***

«عَنْ أبي هُرَيْرَةَ أنَّ النَّبيَّ ﷺ قال: أفْضَلُ الصَّدَقةِ أنْ يَتَعلَّمَ الْمَرْءُ الْمُسْلِمُ عِلْمًا ثُمَّ يُعَلِّمَهُ أخَاهُ الْمُسْلِمَ »

***Тарҷума:*** *Абуҳурайра мегӯяд, ки Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Беҳтарин садақа барои мусалмон касби илм ва омӯзондани он ба бародари мусалмонаш аст.*

**«Сунани Ибни Моҷа», китоби «ас-Суннат», ҳадиси 243**

Дар баробари ташвиқи нашру омӯзонидани илм, Ислом пинҳон доштан ва бар дигарон наёмӯхтани илмро маҳкум ва сарзаниш менамояд. Ин аст, ки Ислом барои он соҳибони илм, ки дониши худро ба дигарон намеомӯзанд, дар рӯзи Қиёмат ҷазои сахте ваъда намудааст:

***Матни ҳадис:***

**عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ y مَنْ سُئِلَ عَنْ عِلْمٍ عَلِمَهُ ثُمَّ كَتَمَهُ أُلْجِمَ يَوْمَ الْقِيَامَةِ بِلِجَامٍ مِنْ نَارٍ**

***Тарҷума:*** *Абуҳурайра мегӯяд, ки Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Шахсе, ки дунболи илм биравад ва онро биёмӯзад, вале онро ба мардум омӯзиш надиҳад, дар Қиёмат лаҷоме аз оташи ҷаҳаннам бар даҳонаш зада мешавад.*

**«Сунани Тирмизӣ», китоби «Илм», ҳадиси 2658**
**ва «Сунани Абудовуд», китоби «Илм», ҳадиси 3658**

Зарурати омӯхтан ва омӯзонидани илм дар таълимоти исломӣ то ҳаддест, ки Паёмбари гиромии Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, шахсан худро ҳамчун омӯзонандаи илм ё муаллим муаррифӣ намудаанд. Ҳадиси зерин нишон медиҳад, ки Ишон нақши худро омӯзгорӣ барои башарият ва аз ҷаҳлу беилмӣ ба сӯи илму маърифат ҳидоят намудани инсонҳо дониста, барои ҳамнишинии худ ҳалқаи аҳли илмро интихоб намудаанд:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ عَبْدِ اللَّهِ بْنِ عَمْرٍو قَالَ: خَرَجَ رَسُولُ اللَّهِ y ذَاتَ يَوْمٍ مِنْ بَعْضِ حُجَرِهِ فَدَخَلَ الْمَسْجِدَ فَإِذَا هُوَ بِحَلْقَتَيْنِ إِحْدَاهُمَا يَقْرَءُونَ الْقُرْآنَ وَيَدْعُونَ اللَّهَ وَالأُخْرَى يَتَعَلَّمُونَ وَيُعَلِّمُونَ فَقَالَ النَّبِيُّ y كُلٌّ عَلَى خَيْرٍ هَؤُلاءِ يَقْرَءُونَ الْقُرْآنَ وَيَدْعُونَ اللَّهَ فَإِنْ شَاءَ أَعْطَاهُمْ وَإِنْ شَاءَ مَنَعَهُمْ وَهَؤُلاءِ يَتَعَلَّمُونَ وَإِنَّمَا بُعِثْتُ مُعَلِّمًا فَجَلَسَ مَعَهُمْ»**

***Тарҷума:*** *Абдуллоҳ ибни Амр(р) ривоят мекунад, ки Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, рӯзе аз хона берун омад ва ба масҷид дохил шуд, дид, мардум дар ду ҳалқа нишастаанд. Мардуми як ҳалқа Қуръон мехонанд ва дуо мекунанд ва мардуми ҳалқаи дигар дониш меомӯзанд ва таълим медиҳанд, яъне қисме аз онон ба зикр машғуланд ва гурӯҳи дигар ба таълим. Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам,*

*фармуданд: Ҳамаи мардуми ин ду ҳалқа дар роҳи хайранд. Гурӯҳе Қуръон мехонанд ва дуо мекунанд ва аз Худо хоҳиш мекунанд, агар Худо бихоҳад, медиҳад ва агар нахоҳад, намедиҳад. Ва гурӯҳи дигар, ки донишомӯз ва омӯзгоранд ва Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, бо онон нишаста фармуданд: Ман барои омӯзгориву муаллимӣ фиристода шудаам.*

**«Сунани Ибни Моҷа», китоби «ас-Суннат», ҳадиси 229**

Ин аст, ки аз назари Ислом омӯзгорӣ ва муаллимӣ як касби бисёр арҷманд ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, баъзе тӯҳматҳои таблиғотии солҳои 90-ум, ки гӯё муллоҳо касби муаллимиро радд намуда, ҳатто нони муаллимро ҳаром эълон карда бошанд, ҳеҷ рабте ба таълимоти исломӣ надорад. Ҳатто агар шахсе аз сари ноогоҳии худ чунин суханро гуфта бошад, ин назари шахсии ӯ буда, таълимоти Ислом нест. Зеро назари Ислом дар мавриди муаллим ва касби омӯзгорӣ бояд аз сарчашмаҳои асили исломӣ гирифта шавад, на аз забони шахсони ноогоҳ.

Аз сӯи дигар, сабаби ба баъзе аз муаллимони давраи Советӣ назари нек надоштани мардуми мусалмон ва уламои исломӣ дар он буд, ки дар ҳақиқат, Ҳукумати Советӣ ба дӯши муаллимон илова бар таълими илму дониш, ҳамчунин таблиғи ақидаҳои атеистии зиддидинӣ ва мубориза бо динро низ мегузошт. Дар натиҷа, баъзе аз муаллимон дар он давра дар синфхонаҳо Худою Паёмбарро ошкоро таҳқиру дашном намуда, муқаддасоти исломӣ ва ахбори қуръонӣ дар бораи ҷаннату дӯзахро ошкоро дурӯғ эълон мекарданд ва Қуръони азимушшаънро ҳамчун китоби илоҳӣ қабул надоштанд. Банда худ чунин суханонро аз забони муаллимони мактаби миёна дар он солҳо борҳо шунидаам. Аз ин рӯ, агар муллое дар он замон нисбат ба ин гуна «муаллимон»

сухане гуфта бошад, он навъе радди феъл ё аксуламали онҳо будааст.

Вале, тавре ки аз манбаъҳои исломӣ исбот гашт, дар таълимоти асили исломӣ касби муаллимӣ (ба шарте, ки зидди ислом таблиғ накунад) ҷойгоҳи баланд дошта, худи Паёмбари Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, худро муаллим ва омӯзгор номидаанд. Аз ин рӯ, аз назари Ислом муаллимӣ касби шариф ва пешаи анбиёст.

## 4. Мақоми баланди олимон дар Ислом

Масъалаи дигаре, ки аҳаммияти болои Ислом ба илму таълимро собит месозад, назари хоссаи Ислом ба уламо ва аҳли илм мебошад. Фармудаҳои Ислом дар мавриди мақому ҷойгоҳи аҳли илм бисёр васеъ буда, омӯзишу баррасии он як мавзӯи ҷудогона аст. Аз ин рӯ, дар ин бахш фақат баъзе аз фармудаҳои Расули гиромии Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* ҳамчун намуна ба таври мухтасар оварда мешаванд.

Паёмбари акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, олимонро ҳамчун ситорагони дурахшони рӯи замин дониста, дар бораи онҳо чунин мегӯяд:

***Матни ҳадис:***

**عَنْ أَبِي حَفْصٍ حَدَّثَهُ أَنَّهُ سَمِعَ أَنَسَ بْنَ مَالِكٍ يَقُولُ: قَالَ النَّبِيُّ y إِنَّ مَثَلَ الْعُلَمَاءِ فِي الْأَرْضِ كَمَثَلِ النُّجُومِ فِي السَّمَاءِ يُهْتَدَى بِهَا فِي ظُلُمَاتِ الْبَرِّ وَالْبَحْرِ فَإِذَا انْطَمَسَتْ النُّجُومُ أَوْشَكَ أَنْ تَضِلَّ الْهُدَاةُ**

***Тарҷума:*** *Аз Анас ибни Молик ривоят аст, ки Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Ба таҳқиқ, масали олимон дар рӯи замин монанди масали ситорагон дар осмон аст, ки ба воситаи онҳо роҳнамоӣ карда мешавад дар торикиҳои барру (хушкиву) баҳр, пас вақте, ки рӯшноии ситорагон*

*нопадид мешавад, қариб мешавад, ки роҳравон роҳгум зананд.*

**«Муснади Имом Аҳмад», ҳадиси 12139**

Мақоми олимон дар таълимоти исломӣ то ҳадде бузург аст, ки ҷаноби Расулуллоҳ, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* ҷойгоҳи ишонро болотар аз обидон мегузоранд ва хабар медиҳанд, ки тамоми мавҷудот барои муаллим дуруду саловот мефиристанд:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ أَبِي أُمَامَةَ الْبَاهِلِيِّ قَالَ: ذُكِرَ لِرَسُولِ اللَّهِ y رَجُلانِ أَحَدُهُمَا عَابِدٌ وَالْآخَرُ عَالِمٌ فَقَالَ رَسُولُ اللَّهِ y: فَضْلُ الْعَالِمِ عَلَى الْعَابِدِ كَفَضْلِي عَلَى أَدْنَاكُمْ ثُمَّ قَالَ رَسُولُ اللَّهِ y: إِنَّ اللَّهَ وَمَلائِكَتَهُ وَأَهْلَ السَّمَوَاتِ وَالْأَرَضِينَ حَتَّى النَّمْلَةَ فِي جُحْرِهَا وَحَتَّى الْحُوتَ لَيُصَلُّونَ عَلَى مُعَلِّمِ النَّاسِ الْخَيْرَ»**

***Тарҷума:*** *Абуумомаи Боҳилӣ мегӯяд, ки дар назди Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, аз ду мард ёдоварӣ карда шуд, ки якеи он обид буду дигараш олим. Пас Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Фазилати олим бар обид (дар мартаба ва мақом дар назди Худо) монанди фазилати ман бар камтарини шумо(саҳобагон) мебошад. Баъд аз он Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Худованд ва фариштагони вай ва аҳли осмонҳо ва заминҳо, ҳатто мӯрча дар хонааш ва ҳатто моҳӣ дар об бар муаллими мардумон, ки хайр (илми нофеъ) меомӯзонад дуруду салавот мефиристанд.*

**«Сунани Тирмизӣ», китоби «Илм», ҳадиси 2694**
**ва «Сунани Доримӣ», китоби «ас-Суннат», ҳадиси 294**

Мувофиқи фармудаи дигари Расули акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* олимон ворисон ва меросбарони паёмбарон ба ҳисоб меоянд, зеро ягона мероси онҳо, ки илму маърифат ва рӯшангарист, маҳз насиби олимон мегардад ва олимон шарафи идома додани ин фаъолиятро доранд:

***Аз матни ҳадис:***

**«عَنْ كَثِيرِ بْنِ قَيْسٍ قَالَ: كُنْتُ جَالِسًا عِنْدَ أَبِي الدَّرْدَاءِ ... قَالَ: فَإِنِّي سَمِعْتُ رَسُولَ اللَّهِ ﷺ يَقُولُ: مَنْ سَلَكَ طَرِيقًا يَلْتَمِسُ فِيهِ عِلْمًا سَهَّلَ اللَّهُ لَهُ طَرِيقًا إِلَى الْجَنَّةِ وَإِنَّ الْمَلَائِكَةَ لَتَضَعُ أَجْنِحَتَهَا رِضًا لِطَالِبِ الْعِلْمِ وَإِنَّ طَالِبَ الْعِلْمِ يَسْتَغْفِرُ لَهُ مَنْ فِي السَّمَاءِ وَالأَرْضِ حَتَّى الْحِيتَانِ فِي الْمَاءِ وَإِنَّ فَضْلَ الْعَالِمِ عَلَى الْعَابِدِ كَفَضْلِ الْقَمَرِ عَلَى سَائِرِ الْكَوَاكِبِ إِنَّ الْعُلَمَاءَ هُمْ وَرَثَةُ الأَنْبِيَاءِ إِنَّ الأَنْبِيَاءَ لَمْ يُوَرِّثُوا دِينَارًا وَلَا دِرْهَمًا إِنَّمَا وَرَّثُوا الْعِلْمَ فَمَنْ أَخَذَهُ أَخَذَ بِحَظٍّ وَافِرٍ»**

***Тарҷума**: Абудардо мегӯяд, ки аз Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, шунидам, ки фармуданд: Ҳар касе роҳи илмро пеш гирад, Худованд роҳи ҷаннатро ба ӯ ҳамвор менамояд ва фариштагон болҳояшонро пеши қадамҳои толиби илм бо камоли ризоят мегустаранд ва ҳама мавҷудоти осмону замин ва ҳатто моҳиҳо дар об барои толибилм аз Худованд омурзиш металабанд. Ва фазилати олим бар обид монанди фазилати моҳтоб бар ситорагон мебошад. Олимон меросбарони Паёмбаронанд: Паёмбарон динору дирҳаме мерос нагузоштаанд, балки илмро аз худ ба мерос мондаанд, пас, касе, ки илм ҳосил менамояд, ба насиби васеъу фарох ноил мегардад.*

**«Сунани Ибни Моҷа», китоби «ас-Суннат», ҳадиси 223, «Суннани Тирмизӣ», китоби «Илм», ҳадиси 2691 ва «Суннани Абудовуд», китоби «Илм», ҳадиси 3641**

## 5. Илм бояд манфиатовар бошад

Дар баробари ситоиши мақоми илм ва фарз гардонидани омӯзиши он, Ислом худи илмро ба ду даста тақсим мекунад: илми нофеъ, яъне фоидарасон ва илми музирр, яъне холиву зараровар. Ба гурӯҳи илмҳои нофеъ ҳамаи илмҳое дохил мешаванд, ки барои рушди моддию маънавии инсон ва ҷомеаи инсонӣ, барои ободии дунёву охирати шахс судманд

бошанд. Аз ин рӯ, аз назари Ислом, бандаи мусалмон бояд аз даргоҳи Худованд ҳамеша афзун шудани илм ва барояш муфиду судманд гаштани онро талаб намояд, чунон ки Паёмбари акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* чунин мефармуданд:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ قَالَ: كَانَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ يَقُولُ: اللَّهُمَّ انْفَعْنِي بِمَا عَلَّمْتَنِي وَعَلِّمْنِي مَا يَنْفَعُنِي وَزِدْنِي عِلْمًا ...»**

***Тарҷума:*** *Абуҳурайра мегӯяд, ки Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, мегуфтанд: Парвардгоро, он донише, ки ба ман арзонӣ доштӣ, онро бо манфиат гардон (дар дунё ва охират) ва маро илме, ки манфиатовар аст, биёмӯз ва илми манро зиёд гардон.*

**«Сунани Тирмизӣ», китоби «Даавот», ҳадиси 3610**
**ва «Сунани Ибни Моҷа», китоби «ас-Суннат», ҳадиси 251**

Ба гурӯҳи илмҳои зараровар донишҳое дохил мешаванд, ки боиси сарфи беҳудаи умр, расидани осеб ба мардум, эҷоди мушкилоту бадбахтӣ дар ҷомеа ва ё афзудани гуноҳу барбод рафтани охирати инсон мегарданд. Машҳуртарин намунаи илми зараровар аз назари Ислом амалҳое чун фолбинӣ, сеҳру ҷодугарӣ, маҳорати қиморбозӣ ва ҳамчунин, илмҳое мебошанд, ки инсонро аз Худои холиқи худ ғофил ва аз дини Ислом дур мегардонанд. Ин илмҳо на танҳо дар дунё барои инсон бадбахтӣ меоранд, балки дар охират низ боиси сарзаниш ва ҷазои ӯ мешаванд, зеро Худованд дар Қуръони карим онҳоро шадидан наҳй кардааст. Доштани илми беманфиат ва гирифторӣ ба шуғле, ки ҳам дар ин дунё ва ҳам дар охират боиси бадбахтии инсон мешавад, мисли гирифторӣ ба балоест, ки инсон бояд аз он ба даргоҳи Худованд паноҳ ҷӯяд. Аз ин сабаб, Паёмбари акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,*

мусалмононро аз ин гуна илму амалҳо парҳез дошта, худ низ аз он ба даргоҳи Худованд паноҳ меҷустанд, ки ҳадисҳои зерин инро собит месозанд:

***Матни ҳадис:***

**«عن جابر بن عبد الله قال: سمعت رسول الله ﷺ يقول: اللهم إني أسألك علما نافعا وأعوذ بك من علم لا ينفع»**

***Тарҷума:*** *Ҷобир ибни Абдуллоҳ гӯяд: Ман аз Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, шунидам, ки мегуфтанд: Бор Илоҳо, ман аз Ту илми нафърасонро хоҳонам ва манро аз илми беманфиат дар паноҳи худ нигоҳ дор.*

**«Саҳеҳи Ибни Ҳиббон», ҷилди 1, саҳ. 283, ҳадиси 82**

***Матни ҳадиси дигар:***

**«عَبَّادِ بْنِ أَبِي سَعِيدٍ أَنَّهُ سَمِعَ أَبَا هُرَيْرَةَ يَقُولُ: كَانَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ يَقُولُ: اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنْ الْأَرْبَعِ مِنْ عِلْمٍ لا يَنْفَعُ وَمِنْ قَلْبٍ لا يَخْشَعُ وَمِنْ نَفْسٍ لا تَشْبَعُ وَمِنْ دُعَاءٍ لا يُسْمَعُ»**

***Тарҷума:*** *Ибод ибни Абисаъид мегӯяд, ки аз Абуҳурайра шунидам, ки ишон мегуфт: Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, мегуфтанд: Парвардгоро, ба Ту аз чаҳор чиз паноҳ мебарам: Аз илми беманфиъат ва диле, ки дар он тарси Ту ва фурӯтанӣ нест ва нафсе, ки серӣ надорад ва дуое, ки иҷобат намешавад..*

**«Сунани Нисоӣ», китоби «Истиоза», ҳадиси 5477**
**ва «Сунани Абудовуд», китоби «Салот», ҳадиси 1548**

Бар тибқи ин дастури исломӣ мо низ бояд аз Парвардгори худ илми нофеъу судманд дархост намуда, аз илми зараровар ва аз шарри он ба даргоҳи Худованд паноҳ ҷӯем.

## 6. Оё илм фақат «илмҳои динӣ» аст?

Чун назари дини мубини Ислом нисбат ба илм ва омӯзиши он ба таври қатъӣ рӯшан шуд, бояд ба як саволи бисёр муҳимме таваҷҷӯҳ намоем, ки оё фармудаҳои Худованд ва Паёмбари Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, дар бораи илм ва фазилати он махсуси «илмҳои динӣ» аст ва ё ҳамаи илму донишҳоро дар бар мегирад? Албатта, барои касоне, ки аз мавқеи Ислом дар мавриди илм ба хубӣ ошно ҳастанд, чунин пурсиш маъно надорад, вале чун ин савол дар бисёр сӯҳбатҳо ба миён гузошта мешавад, зарур аст, ки ба он то ҷое рӯшанӣ андозем.

Маҷмӯаи фармудаҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар масъалаи илм ва ҳамчунин, назари аксари уламо ва бузургони исломӣ нишон медиҳад, ки Ислом дар мавриди илм чунин тақсимотро қабул надошта, илму донишро ба **«илмҳои динӣ»** ва **«илмҳои дунявӣ»** ҷудо намекунад. Албатта, илмҳое ҳастанд, ки аз назари мавзӯъ маҳз чигунагии масъалҳои шаръию имонӣ ва иҷрои амалии фароиз ва ибодотро шарҳу баён месозанд, вале ин ҳаргиз ба он маъно нест, ки фақат ҳамин илмҳо «илмҳои динӣ» бошанд ва мусалмонон бояд фақат онҳоро биомӯзанд. Ислом омӯхтани тамоми илмҳои нофеъро зарур дониста, ба истифодаи ҳамаи навъи донишҳо дар рушди инсон ва ҷомеа таъкид менамояд.

Донишманди муосири эронӣ Муҳаммадтақии Ҷаъфарӣ, ки дар ин масъала таҳқиқи ҷудогонаи амиқеро анҷом додааст, хулосаи ниҳоии худро чунин меорад: *«Баъзе аз мардуми бехабар аз мабонӣ ва муҳтавиёти Ислом гумон мекунанд, ки мақсуд аз илм дар ояҳои қуръонӣ фақат илм ба ақоид ва аҳкоми динӣ аст ва шомили илмҳои табиӣ ва риёзӣ ва дигар донишҳои муфиди башарӣ намебошад. Ин гумони беасос, тибқи ояҳои фаровоне, ки Қуръон дастури*

*акид ва зиёде ба тафаккур ва тадаббур дар олами табиат ва мавҷудияти инсон медиҳад, комилан мардуд аст».*

**Аллома Муҳаммадтақии Ҷаъфарӣ. «Илм ва дин дар ҳаёти маъқул».- Теҳрон, 1384 ҳ.ш. саҳ. 74**

Дар ҳақиқат, агар мо ба матну мазмуни худи Қуръони карим ва ҳадисҳои набавӣ ҳамчун ба сарчашмаҳои аслии исломӣ нигарем, мебинем, ки дар канори масъалаҳои сирф шаръӣ дар онҳо масъалаву донишҳои зиёде дар бораи иқлиму табиат, ҷирмҳои осмониву коинот, инсону ҷомеа, фарҳангу маънавиёт, сиёсату давлат ва ғайра матраҳ гаштаанд, ки имрӯз онҳо мавзӯъҳои илмҳои гуногуне чун табиатшиносӣ, ҷуғрофиё, астрономия, фарҳангшиносӣ, психология, ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ ва ғайра ҳастанд. Аз ин рӯ, бе донистани ин илмҳо на танҳо пешрафти моддии ҷомеа, балки дарки комилу дурусти худи таълимоти исломӣ низ номумкин мебошад. Вале тафовути муҳимми назари Ислом дар масъалаи илм дар он аст, ки Ислом омӯхтани ҳамаи илмҳоро бо нияти хайр, барои ҳаракат дар роҳи Худованд ва барои расонидани нафъ ба ҷомеа тавсия мекунад.

Ин баҳсро метавон бо андешаи мутафаккири шинохташудаи исломӣ доктор Муҳаммадсаид Вакил ҷамъбаст намуд, ки ӯ низ ба «динӣ» ва «дунявӣ» тақсим намудани илмҳоро хосси таълимоти исломӣ надониста, дар ин бора чунин мегӯяд: *«Ислом ҳамон гуна ки фақеҳро аз назари моддӣ ва маънавӣ таъмин мекунад, пизишкро низ таъмин мекунад. Ва ҳуқуқи муҳандисро камтар аз ҳуқуқи муҳаддис дар назар намегирад ва аз физикдонон ва шимидонон истиқболу қадрдонӣ мекунад, ҳамон тавр ки аз муфассирони Қуръон истиқболу қадрдонӣ менамояд. Ба шарте, ки*

*ҳадафи ҳамаи онон касби ризояти Худо ва хидмат ба башарият ва ниёзмандон бошад. Шикофтани илм ва тақсими он ба динӣ ва ғайридинӣ як кори исломӣ нест, балки он бо тавтиаи душманони дин ва дугонагии илмӣ ва омӯзишӣ эҷод шудааст…*

*Ин тақсим бо ваҳдате, ки Ислом ба он амр кардааст, мухолифат дорад. Чаро ки эҷоди ду ҷинси мухолиф дар таълим ба эҷоди ду даста аз олимони мухталиф меанҷомад, ки ҳар як аз он ду аз дигаре дурӣ меҷӯянд ва монанди ду хатти баробар ба якдигар намерасанд. Сардамдор ва пуштибони ин тафриқа истеъморгарони ғарбӣ ва пайравони онон ҳастанд. Чунончи байни ду гурӯҳ оташи тафриқа барангехтаанд ва ба аҳли дин чунон фаҳмондаанд, ки донишмандоне, ки дар ғайри илмҳои динӣ фаъолият мекунанд аз доираи дин берун рафтаанд ва ба донишмандони ғайри илмҳои динӣ чунон фаҳмондаанд, ки аҳли дин афроди иртиҷоӣ ва ақибмондаанд».*

**Ниг: Муҳаммадсаид Вакил. «Ислом ойини рушд ва тарақӣ», саҳ. 139-140**

## 3. Масъалаи илм ва таълим дар фармудаҳои бузургони исломӣ

Қуръони карим ва Суннати Паёмбари бузургвор, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, назари Исломро ба илм ва паҳлӯҳои мухталифи масъалаи илму таълим баён намуда, усулҳои асосии таълимоти Ислом дар ин мавзӯъро муайян сохтаанд. Аз ин рӯ, таваҷҷӯҳ ба илму дониш ҳамчун яке аз муҳимтарин бахшҳои таълимоти исломӣ аз ҷониби саҳобагони Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* имомони мазҳабҳои фиқҳӣ, фақеҳону донишмандони исломӣ ҳам дар

сатҳи назарӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ идома ёфтааст. Бузургони исломӣ мавқеи Исломро дар ин масъала шарҳу тафсили бештар дода, ҳамаи пайравони худро бо роҳҳои гуногун бар аҳаммияти илм ва зарурати фарогирии он ҳидоят намудаанд.

Яке аз манбаъҳое, ки дар канори назари Қуръону Суннат назари бисёре аз бузургони исломӣ дар мавриди илм ва илмомӯзиро гирдоварӣ намудааст, китоби машҳури Имом Ғаззолӣ «Эҳёу улуми-д-дин» мебошад. Имом Ғаззолӣ(р) дар оғози ҷилди якуми ин китоб масъалаи ҷойгоҳи илмро матраҳ намуда, фармудаҳои Хулафои Рошидин, саҳобагони Паёмбари Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* муҳаддисони шинохта ва имомони мазҳабҳои фиқҳиро ба таври дақиқ баршумурдааст, ки ҳамагӣ нишонгари эҳтироми болои онҳо ба илм ва таъкиди ҷиддии онҳо бар омӯхтани он мебошад. Аз ин рӯ, барои рӯшан гаштани масъала овардани чанд намуна аз онҳоро зарур мешуморем:

1. Ҳазрати Умар(р), халифаи дуюми мусалмонон, мақоми олимонро аз мақоми обидон боло гузошта, чунин мефармояд:

***Матн:***

« وقال عمر رضي الله عنه: موت ألف عابد قائم الليل صائم النهار أهون من موت عالم بصير بحلال الله وحرامه»

***Тарҷума:*** *Ҳазрати Умар(р)мегӯяд: Марги ҳазор обиди ибодатгузори шаб ва рӯзадори рӯз ба марги олими ботақво ва огоҳ аз ҳалолу ҳароми Худо баробар шуда наметавонад.*

**Имом Ғаззолӣ. «Эҳёу улуми-д-дин», ҷилди 1, саҳ. 9**

2. Халифаи чаҳоруми мусалмонон, ҳазрати Алӣ(р) дар боби мақому фазилати илм чунин мегӯяд:

***Матн:***

**فقد قال علي بن أبي طالب رضي الله عنه لكميل: يا كميل! العلم خير من المال العلم يحرسك وأنت تحرس المال والعلم حاكم والمال محكوم ...**

***Тарҷума:*** *Эй Кумайл, илм аз мол беҳтар аст, чун илм туро муҳофизат мекунад ва баръакс ту молро муҳофизат мекунӣ. Ва илм ҳоким аст ва мол маҳкум...*

**Имом Ғаззолӣ. «Эҳёу улуми-д-дин», ҷилди 1, саҳ. 7**

3. Саҳобаи бузургвори Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* Абдуллоҳ ибни Аббос(р) мақоми илмро болотар ба молу мулк гузошта, гуфтааст:

***Матн:***

**«وقال ابن عباس رضي الله عنهما: خير سليمان بن داود عليهما السلام بين العلم والمال والملك فاختار العلم فأعطي المال والملك معه وقال ابن عباس رضي الله عنهما: تذاكر العلم بعض ليلة أحب إلي من إحيائها»**

**وكذلك عن أبي هريرة رضي الله عنه وأحمد بن حنبل رحمه الله**

***Тарҷума:*** *Абдуллоҳ ибни Аббос(р) гӯяд: Худованд ҳазрати Сулаймон ибни Довуд, алайҳимуссаломро барои ихтиёр кардани байни илм, мол ва подшоҳӣ озод гузошт. Ҳазрати Сулаймон, алайҳиссалом, илмро интихоб кард ва Худованд бино бар ин интихобаш давлату мулку молро низ ба ишон дод. Ва дар ҷои дигар Абдуллоҳ ибни Аббос фармудааст: Посе аз шабро дар мубоҳисаи илмӣ сипарӣ кардан беҳтар аз шабзиндадорӣ аст. Ва ҳазрати Абуҳурайра ва Имом Аҳмад низ онро зикр кардаанд.*

**Имом Ғаззолӣ. «Эҳёу улуми-д-дин», ҷилди 1, саҳ. 7**

4. Саҳобии бузургвор Абудардо(р) дар мавриди фазилати донистан ва пурсидани илм мегӯяд:

***Матн:***

**« وقال أبو الدرداء رضي الله عنه: لأن أتعلم مسألة أحب إلي من قيام ليلة وقال أيضا: كن عالما أو متعلما أو مستمعا ولا تكن الرابع فتهلك وقال أبو الدرداء رضي الله عنه: من رأى أن الغدو إلى طلب العلم ليس بجهاد فقد نقص في رأيه وعقله فضيلة التعليم»**

***Тарҷума:*** *Абудардо(р) мегӯяд: Пурсидану донистани масъалае боарзиштару дӯстдоштатар аз*

*қиём ва ибодати шаб аст. Ва ҳамчунин мегӯяд: Олим бош ва ё толибу ҷӯяндаи илм ва ё шунавандаи илм ва аз гурӯҳи чаҳорум набош, ки ҳалок мешавӣ. Ва ҳамчунин ишон дар ҷои дигар дар мавриди фазилати талаби илм мегӯяд: Касе, ки эътиқод дошта бошад ба ин ки талаби илм ба андозаи ҷиҳод арзиш надорад, ба дурустӣ дар назар ва хирадаш нисбат ба фазилати илм нуқсон дорад.*

**Имом Ғаззолӣ. «Эҳёу улуми-д-дин», ҷилди 1, саҳ. 9**

Фақеҳону донишмандони дигари исломӣ низ фарҳанги аҷргузорӣ аз илмро идома дода, аз ҷумла, масъалаҳои шаръӣ ва амалии омӯхтани илмро ба таври дақиқ рӯшан сохтаанд. Масалан, фақеҳи бузургвори ҳанафӣ Аллома Ибни Обидин масъалаи ҳукми шаръии шахсеро, ки барои илм сафар карда ва дар ин роҳ аз дунё гузашта бошад, матраҳ намуда, фатво додааст, ки мақоми чунин шахс баробари мақоми шаҳид аст.

**«Ҳошияи Ибни Обидин», ҷилди 2, саҳ. 252**

Ишон дар ҷои дигари «Ҳошия»-и машҳури худ овардааст, ки агар нийяти шахси омӯзандаи илм нияти нек бошад, яъне ӯ илми нофеъ ё барои худ ва барои ҷомеа фоидаоварро биёмӯзад, савоби он аз савоби тамоми корҳои нек болотар аст:

***Матн:***

**« وفي البزازية طلب العلم والفقه إذا صحت النية أفضل من جميع أعمال البر وكذا الاشتغال بزيادة العلم إذا صحت النية لأنه أعم نفعا لكن بشرط أن لا يدخل النقصان في فرائضه وصحة النية أن يقصد بها وجه الله».**

***Тарҷума:*** *Ва дар «Баззозия» омадааст, ки талаби илму дониш, ба шарте, ки ният саҳеҳ бошад, беҳтар аст аз тамоми корҳои нек. Ва ҳамчунин машғул шудан барои афзоиши илм, ба шарте, ки ният саҳеҳ(холис) бошад, беҳтар аст аз тамоми корҳои нек, барои он ки нафъ ва фоидаи машғул шудан барои*

*афзоиши илм аъам(омтар) аст, лекин ба шарте, ки дар иҷрои фарзҳояш (яъне дар адои намозу рӯза) нуқсон ва дар нияташ камбуде дохил нашавад. Ва маънои сиҳҳати ният ин аст, ки мақсад ва ҳадаф фақат барои Худованд бошад.*

**«Ҳошияи Ибни Обидин», ҷилди 6, саҳ. 407**

Дар китоби «Фатовои Ҳиндия», ки фатвоҳои фақеҳони шинохтаи мазҳаби ҳанафиро дар бар мегирад, чунин омадааст, ки агар шахсе ҳатто бидуни гирифтани иҷозати падару модараш барои талаби илм биравад, амали ӯ аз назари шаръӣ дуруст мебошад:

***Матн:***

**« كذا في المحيط رجل خرج في طلب العلم بغير إذن والديه فلا بأس به ولم يكن هذا عقوقا قيل هذا إذا كان ملتحيا فإن كان أمرد صبيح الوجه فلأبيه أن يمنعه من ذلك الخروج ...»**

***Тарҷума**: Ҳамчунин дар «Муҳит» омадааст: Марде барои талаби илм бидуни иҷозати падару модараш барояд, боке надорад ва барои ин амалаш оқи волидайн намешавад. Ва гуфта шудааст, ки ба шарте, ки ин шахс ришдор (яъне болиғ) бошад. Ва агар ба синни булуғ нарасида бошад, падару модараш ҳаққ доранд, ки ӯро аз ин роҳ манъ кунанд.*

**«Фатовои Ҳиндия», ҷилди 5, саҳ. 366**

Фақеҳи дигари аҳли суннат ва ҷамоат Имом Шамсуддини Сарахсӣ низ дар мавриди касби илм фармудааст, ки агар он илм илми нофеъ бошад ва фоидаи он барои умуми мардум бирасад, савоби омӯхтани он аз савоби ибодат низ бештар аст ва ин амал дорои баландтарин мартаба мебошад:

***Матн:***

**« وما كان أعم نفعا فهو أفضل لقوله عليه السلام خير الناس من ينفع الناس ولهذا كان الاشتغال بطلب العلم أفضل من التفرغ للعبادة لأن منفعة ذلك أعم ...»**

***Тарҷума:*** *Ва он чизе, ки нафъу фоидааш омтар аст, пас, беҳтар аст, ба қавли Расули Худо, алайҳиссалом: «Беҳтарини инсон касест, ки ба мардум нафъу фоида мерасонад» ва аз ин сабаб, машғул будан ба талаби илм беҳтар аст аз машғулият дар ибодати нофила, зеро манфаъати он(талаби илм) омтар аст.*

**Имом Шамсуддини Сарахсӣ. «ал-Мабсут», ҷилди 30, саҳ. 252 ва 260**

Донишманди бузургвори исломӣ Муҳаммад ибни Абубакри Заръӣ асари хоссеро бо номи «Мифтоҳу дори-с-саода ва маншуру вилояти-л-илм ва-л-ирода» дар боби ҷойгоҳи илм таҳия намуда, аз таҳқиқи васеи худ дар ин мавзӯъ чунин хулоса гирифтааст:

*«Ба таҳқиқ, касе ки дар талаб кардани илм мекӯшад, ҳамонанди касоне, ки дар роҳи Худо талошу кӯшиш мекунанд, арзиш дорад, зеро пойдории Ислом ба илм ва ҷиҳод вобаста аст ва пойдории дин низ ба он ду вобаста аст. Ва ҷиҳод ду навъ аст, яке ҷиҳоди бо дасту шамшер ва қудрати баданӣ, ки дар он афроди зиёде иштирок менамоянд ва дигар ҷиҳод бо далелу баён. Ва ин ҷиҳоди хоссон аст аз пайравони Расули гиромӣ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки онро олимон бар ӯҳда доранд ва ин ҷиҳод аз аввалӣ беҳтар аст, зеро фоидааш афзунтар ва душманонаш бештар аст.»*

**Ниг.: Муҳаммад ибни Абубакри Заръӣ. «Мифтоҳу дори-с-саода ва маншуру вилояти-л-илм ва-л-ирода».- Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия. ҷилди 1, саҳ. 70**

Ишон дар ин асари худ, аз ҷумла, назари имомони аҳли суннат ва ҷамоатро дар бораи илм таҳқиқ намуда, мегӯяд:

*«Бисёре аз имомон ба ин амр тасреҳ кардаанд, ки беҳтарин амалҳо пас аз фароиз талаби илм аст. Имом Шофеӣ гуфтааст: «Чизе болотар аз талаби илм баъд*

*аз фаризаҳо вуҷуд надорад». Ва ҳамчунин, бо ин гуфта имомони дигар ҳамонанди Сафёни Саврӣ ва Имом Абуҳанифа қоиланд».*

**Ниг.: Муҳаммад ибни Абубакри Заръӣ, «Мифтоҳу дори-с-саода ва маншуру вилояти-л-илм ва-л-ирода», ҷилди 1, саҳ. 155**

Ишон дар ҷои дигар пас аз зикри ҳадиси **«Талаби илм барои ҳар фарди мусалмон фарз аст»,** фарзияти талаби илмро ба фарзи айн ва фарзи кифоя тақсим менамояд. Дар фарзи айн омӯхтани илмҳои усули дин, донистани ҳалолу ҳаром ва аҳкоми муошират ва муомила дохил мешаванд. Дар фарзи кифоя омӯхтани илмҳои тиб, ҳисоб, ҳандаса, ҷуғрофиё, сохтмонсозӣ, кишоварзӣ, дӯзандагӣ ва ғайра, ки ниёзҳои ҷомеаро бартараф кунад ва боиси рушду шукуфоии он шавад, дохил мегарданд.

**Ниг.: Муҳаммад ибни Абубакри Заръӣ. «Мифтоҳу дори-с-саода ва маншуру вилояти-л-илм ва-л-ирода», ҷилди 1, саҳ. 156-157**

## ХУЛОСА

Ҳамин тавр, то ин ҷо масъалаи ҷойгоҳи илм ва илмомӯзӣ дар Ислом ба таври куллӣ аз манбаъҳои аслии исломӣ, яъне Қуръону Суннат ва ҳамчунин, аз осору фармудаҳои бузургони дини мубини Ислом омӯхта шуд. Баррасии ин масъала нишон медиҳад, ки:

1. Ислом моҳиятан як дини маорифпарвар ва рӯшангар буда, манбаъҳои асили исломӣ масъалаи илм ва омӯхтани онро дар маркази таваҷҷӯҳи худ қарор додаанд.

2. Дини мубини Ислом омӯхтани илмро ба дараҷаи ибодат бардошта, онро бар мусалмонон

фарз гардонидааст, ки ин болотарин арҷгузорӣ ба илм аст.

3. Ислом ба олимон ва омӯзандагони илм мақоми баландтарин қоил гашта, онҳоро ҳамчун беҳтарин ва арҷмандтарин инсонҳо муаррифӣ менамояд.

4. Ислом илмҳоро ба «динӣ» ва «дунявӣ» ҷудо накарда, омӯхтани ҳамаи илмҳои нофеъро барои мусалмонон лозим медонад.

5. Аз куллияти таълимоти исломӣ дар бораи илм маълум мегардад, ки ҳар мусалмоне, ки аз илму дониш дур мондааст, дар ҳақиқат яке аз муҳимтарин фармудаҳои дини худро ба ҷой наовардааст.

6.Ба ин тариқ метавон гуфт, ки агар як ҷомеаи мусалмоннишин аз фармудаҳои Ислом дар бораи илму таълим ба таври амалӣ пайравӣ намояд, он ҳатман як ҷомеаи огоҳ, рӯшан, босавод ва пешрафта хоҳад буд.

## Назари шариати исломӣ дар бораи таълим ва таҳсили занон

Масъалаи таълиму таҳсили занон яке аз бахшҳои муҳимми мавзӯи ҷойгоҳ ва ҳуқуқи зан дар Ислом буда, мавриди таваҷҷӯҳи ҳамешагии мутафаккирони исломӣ қарор доштааст. Тавре ки маълум аст, таълимот ва фармудаҳои Ислом дар бораи фарзияту зурурати омӯхтани илм хусусияти омм дошта, ҳам мардон ва ҳам занонро ба таври баробар фаро мегирад. Аз ин назар, бояд гуфт, ки дар таълимоти исломӣ омӯхтани илм барои занон низ фарзу зарур аст ва он масъалаҳое, ки дар бахши аввал оварда шуданд, ба занон низ комилан марбут мебошанд.

Дар тақвияти ин фикр бояд гуфт, ки муҳаққиқи машҳури исломӣ доктор Ҷамол Муҳаммадфақии

Расул дар китоби «Зан дар андешаи исломӣ» ба мавзӯи таълиму таҳсили занон аз назари Ислом пардохта, бо баррасии ояҳо ва ҳадисҳо дар мавриди талаби илм ва фазилати соҳибони илм чунин хулоса мегирад: *«Тамоми далелҳо умумианд ва шомили зану мард мешаванд. Чун хитоб ба сиғаи музаккар шомили зан низ мешавад, магар ин ки дар ҷои хоссе бар асоси насс ва иҷмоъ ва ё зарурати табиӣ онро истисно кунад. Чун занон аз назари таклиф шақоиқ ва ҳамонанди мардонанд ва дар ин хилофе нест, ки ҳар гоҳ занон ва мардон дар ҳукме бо ҳам шарик бошанд, хитоб ё хабар ба сурати тағлиб ба сиғаи музаккар меоянд».*

**Ҷамол Муҳаммадфақии Расул. «Зан дар андешаи Исломӣ», тарҷумаи доктор Маҳмуди Иброҳимӣ.- Теҳрон, Эҳсон: 1382 ҳ.ш. саҳ. 192**

Аммо, бинобар аҳаммияти хоссаи занон дар ташаккули фард ва ҷомеаи инсонӣ, шариати исломӣ илова бар фармудаҳое, ки ҳукми онҳо мардону занонро ба таври баробар фаро мегирад, ба масъалаи илмомӯзии занон таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, дар мавридҳои гуногуне ба он таъкид кардааст. Ин таваҷҷӯҳ боис гаштааст, ки масъалаи илмомӯзии занон боз ҳам рӯшантар маълум гашта, тамоми одоб ва ҷузъиёти он ба таври дақиқ мушаххас гардад. Аз ин рӯ, омӯхтани ин масъала бори дигар аҳаммияти махсуси Ислом ба таълиму саводомӯзии занонро ба таври бисёр рӯшан нишон медиҳад.

## 1.Занон ва касби илму дониш дар садри Ислом

Тавре ки аз таърих маълум аст, яке аз падидаҳои маъмул ва нангини даврони ҷоҳилияти тоисломӣ маҳрумияту беҳуқуқии занон буд. Ин беҳуқуқӣ аз ҷумла, масъалаи таҳсили илму донишро дар бар гирифта, то омадани Ислом дар ҷомеаи ҷоҳилияи араб омӯхтани илму дониш низ аз ҳуқуқҳои истисноии мардон ба ҳисоб меомад. Аммо бо омадани Ислом занон ҳуқуқи баробари илмомӯзиро доро гашта, бо дарёфти мақоми хоссаи худ дар ҷомеа ба бахши таъсиргузори он табдил гаштанд. Кӯшишу фаъолиятҳои занон дар фарогирии илму дониш дар садри Ислом нишон медиҳад, ки Ислом аз оғози зуҳури худ илмомӯзии занонро ба таври ҳамаҷониба ташвиқу дастгирӣ намудааст.

Яке аз муҳимтарин намунаҳои илмомӯзии занон дар садри Ислом муносибати худи ҳамсарони Расули акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* бо илм ва таълим будааст. Паёмбари гиромӣ, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* ба саводомӯзии ҳамсарони худ таваҷҷӯҳи ҷиддӣ дода, ба онҳо на танҳо доштани дониши шифоҳӣ, балки фарогирии саводи хаттию навишторӣ ва ҳатто хушнависиро низ амр фармудаанд. Чунончи дар «Таърихи Балозурӣ» омадааст, вақте он Ҳазрат, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* бо Ҳафса(р) хонадор шуданд, аз мураббиязане, ки пештар ба ӯ хондану навиштанро меомӯзонид, хоҳиш намуданд, ки хаттотӣ ва хушнависиро низ ба ӯ биёмӯзонад.

**Аҳмад ибни Яҳёи Балозарӣ. «Футуҳу-л-булдон», - Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия. 1403 ҳ.қ. ҷилди 1, саҳ. 458**

Аммо, бидуни шакк, болотарин намунаи зани огоҳ ва соҳибилм дар садри Ислом ҳамсари Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* ҳазрати Оиша(р) мебошад. Санадҳои зиёди таърихӣ нишон медиҳанд, ки ҳазрати Оиша(р) бо дониши васеи худ

дар соҳаҳои мухталифи илм, аз ҷумла фиқҳ, адабиёт, илми тибб ва ғайра дар замони худ эътироф гашта, роҳнамо ва марҷаи пурсиши бисёре аз олимони он давр қарор гирифта будааст. Мутафаккири бузургвори муосири мисрӣ Муҳаммад Ғаззолӣ санадҳои таърихии марбут ба мақоми илмии ишонро ҷамъ оварда, онҳоро чунин баршумурдааст:

*«Урва ибни Зубайр мегӯяд, ки ҳеҷ занеро надидам, ки дар масъалаҳои пизишкӣ, фиқҳӣ ва адабӣ аз Оиша огоҳтар бошад. Дар «Табақоти Ибни Саъд» омадааст, ки Оиша бузургтарин олим буд ва бузургони саҳоба дар масъалаҳои гуногун аз ӯ суол мекарданд. Аз Абусалама ривоят шудааст: Ҳеҷ фарде огоҳтар аз Оиша ба суннати Расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, надидам. Ҳамчунон ки дар дониши фиқҳӣ ва асбоби нузул ҳеҷ касе бартар аз ӯ наёфтам ва чунонки касе дар ин заминаҳо суоле дошт ба ӯ муроҷиа мекард. Дар даврони хилофати Умар ва Усмон фатво медоданд, то ин ки умри гаронқадрашон поён ёфт. Дониши Оиша аз ҳадди фатво додан фаротар буд ва илова бар он ба тасҳеҳ ва радди хатоҳои паҳншуда мепардохт ва аз он ҷое, ки дар улуми қуръонӣ, Суннати набавӣ ва адабиёти араб маҳорат дошт, марҷаъи боэътимод ва мутмаине барои ҳамеша ба шумор меояд».*

**Ниг.: Муҳаммад Ғаззолӣ. «Масоили занон байни суннатҳои куҳан ва ҷадид», саҳ. 109-110**

Мақоми ҳазрати Оиша(р) дар фиқҳ ва иҷтиҳодро, аз ҷумла, Шайх Юсуф Қарзовӣ низ мавриди таҳқиқ қарор дода, эшонро ҳамчун олими бузурги фиқҳӣ ва муҷтаҳиди исломӣ зикр ва муаррифӣ намудааст: «*Дар воқеъ ҳазрати Оиша(р) яке аз муҷтаҳидон ва соҳибназарони асҳоб буд ва бо бисёре аз олимони асҳоб ба мубоҳиса ва гуфтугӯ пардохта, ки мазмуни он дар китобҳое монанди «ал-Иҷоба ли истидрокоти Оиша*

*ала-с-саҳоба»-и Имом Заркашӣ ҷамъоварӣ гардида ва Имом Суютӣ онро дар китоби «Айну-л-исоба» хулоса намудааст»*

**Ниг.: Доктор Юсуф Қарзовӣ. «Фиқҳи сиёсӣ», тарҷумаи Абдулазизи Салимӣ.- Теҳрон: Эҳсон. 1379 ҳ.ш. саҳ. 284**

Аммо масъалаи саводомӯзии занон дар садри Ислом танҳо ба хонавода ва ҳамсарони Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* маҳдуд нашуда, тамоми занони хоҳишмандро фаро гирифта буд. Худи ҷаноби Расулуллоҳ, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* ҳамчун муаллими бузург бо хоҳиши занон рӯзи дарсии махсусеро барои онҳо ҷудо намуда, ба онҳо илму маърифат меомӯхтанд, ки дар ин бора ҳадиси саҳеҳи зерин шаҳодат медиҳад:

***Аз матни ҳадис:***

**«عَنْ أَبِي سَعِيدٍ الْخُدْرِيِّ قَالَتْ النِّسَاءُ لِلنَّبِيِّ y غَلَبَنَا عَلَيْكَ الرِّجَالُ فَاجْعَلْ لَنَا يَوْمًا مِنْ نَفْسِكَ فَوَعَدَهُنَّ يَوْمًا لَقِيَهُنَّ فِيهِ فَوَعَظَهُنَّ وَأَمَرَهُنَّ ... »**

***Тарҷума:*** *Абусаиди Хударӣ(р) ривоят мекунад, ки занони мусалмон ба Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, муроҷиат намуданд: Ё Расулаллоҳ, мардон тамоми вақти Шуморо гирифтаанд. Пас, Шумо барои мо низ рӯзеро мушаххас кунед, ки он чиро, ки Парвардгори бузург ба Шумо омӯхтааст, ба мо омӯзиш диҳед. Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, рӯзеро барои онҳо таъйин намуданд ва дар он рӯз бо онҳо вохӯрӣ карда, илм омӯзонданд ва амр ба маъруф карданд.*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Илм», ҳадиси 101**

Ҳадиси боло бо зикри ҷузъиёти бештари ин ҳодиса дар «Саҳеҳи Муслим» низ ворид шудааст. Ниг.: **«Саҳеҳи Муслим», китоби «Бирр, сила ва одоб», ҳадиси 6594**

Ҳазрати Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* ба масъалаи огоҳии занон то ҷое таваҷҷӯҳи хосса доштанд, ки агар дар баъзе намозҳои ҷамоат бо

сабаби зиёд будани одамон ва дар сафҳои охир қарор доштани занон, онҳо аз шунидани хутба ва суханронии Ишон маҳрум мемонданд, он ҳазрат ба сафи занон наздик омада, махсусан, барои огоҳ шудани занон суханони худро дубора такрор менамуданд. Яке аз бузургтарин ровиёни ҳадисҳои набавӣ Ҷобир ибни Абдуллоҳ дар ин маврид ҳадиси зеринро овардааст: *«Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ба назди заноне, ки дар паси ҷамоати бузург ва сафҳои зиёди мардон қарор доштанд ва овози Ишонро намешуниданд, рафтанд, то ба хотири адои ҳаққи таълим ва тарбият, бо онон сӯҳбат кунанд ва ба ҳуқуқ ва вазифаҳои исломиашон ошно созанд...»*

**Ниг.: Холид Абдурраҳмон Алъак. «Одоби зиндагии заношӯӣ дар партави Қуръон ва Суннат», саҳ. 522**

Ҳамин таваҷҷӯҳи ҷиддии Расули акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* ба саводомӯзии занон ва гароиши васеи занон ба омӯзиши илму дониш боис гашт, ки дар садри Ислом теъдоди бузурги занони босавод ва соҳибназар тарбият ва ташаккул ёбанд. Ҳофиз ибни Асокир, ки аз ровиёни шинохташудаи ҳадисҳои набавист, зикр мекунад, ки бештар аз ҳаштод нафар аз шайхон ва устодон, ки ҳадисро ривоят кардаанд, зан ҳастанд.

**Ниг.: Абдуллоҳ Носеҳ Алвон. «Чӣ гуна фарзандони худро тарбият кунем». ҷилди 1, саҳ. 269**

Аллома Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ дар китоби «ал-Исоба фи тамйизи-с-саҳоба» беш аз 1551 зани муҳаддисро ёдовар шудааст, ки баъзе аз онҳо олимону соҳибназарони мӯътабари соҳаҳои ҳадис, тафсир, фиқҳ, адабиёт ва ғайра ба шумор мерафтаанд.

**Ниг.: Аҳмад ибни Алӣ ибни Ҳаҷари Асқалонӣ. «ал-Исоба фи тамйизи-с-саҳоба»,**

**- Бейрут, 1412 ҳ.қ. ҷилди 7, саҳ. 473 ва ҷилди 8, саҳ. 325**

Ин воқеият боис гаштааст, ки занони боилму босаводи садри Ислом дар интиқоли суннатҳои исломӣ ба наслҳои баъдӣ нақши бисёр ҷиддӣ иҷро намуда, бахши муҳимме аз ҳадисҳои Паёмбари Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, ҳодисаву воқеаҳои давраи ташаккули ҷомеаи исломӣ аз тарафи занҳои боилм сабт ва интиқол гаштааст. Имом Шавконӣ ин нақши таърихии занони босаводи садри Исломро махсусан зикр намуда, чунин меорад: *«Аз ҳеҷ яке аз олимон нақл нашудааст, ки ҳадис ё ривояте, ки ровӣ ва нақлкунандаи он зан будааст, ба ҳамин сабаб радд шуда ё ба он амал нашуда, ё мавриди кабул қарор нагирифта бошад. Зеро бисёре аз суннатҳо, кирдор ва рафтори Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки уммати мусалмон дарёфт намуда ва пазируфтаанд ва ба он амал кардаанд, ба воситаи занони саҳоба ривоят шудаанд ва ин воқеиятест, ки ҳар кас камтарин огоҳӣ аз илми ҳадис ва суннат дошта бошад, мункири он намешавад».*

**Ниг.: Муҳаммад ибни Алии Шавконӣ. «Нилу-л-автор», Дору-ҷ-ҷиял. 1973, ҷилди 7, саҳ. 106-107**

Ислом ҳаққи занонро дар омӯзиши илму дониш то ҳадде ҷиддӣ медонад, ки ҳатто дар яке аз муҳимтарин ва ҳассостарин масъалаҳои шаръӣ, яъне масъалаи иҷтиҳод ва додани фатво ба занон ҳаққи комил додааст. Яъне дар шариати исломӣ агар зан бо омӯзиши илму дониш салоҳияти кофии илмии шаръиро ба даст орад, мисли ҳар олими дигари босалоҳият ҳаққи иҷтиҳод ва содир намудани фатворо низ доро мегардад. Ин масъалаи муҳиммро шайх Юсуф Қарзовӣ чунин шарҳ медиҳад:

*«Боби иҷтиҳод дар шариати исломӣ ҳам бар рӯи мардон ва ҳам бар рӯи занон кушода аст. Ва ҳангоми баёни шароити иҷтиҳод, ҳеҷ як аз олимони илми усул нагуфтаанд, ки яке аз шартҳои он мард будан аст ва занон ҳаққи иҷтиҳодро надоранд. …Дуруст аст, ки кори иҷтиҳодӣ дар миёни занон ба андозаи мардон густардагӣ наёфтааст ва ин мавзӯъ ба камбуди омӯзиш ва таълими занон ба хотири шароити хосси мавҷуд дар он замонҳо будааст, бар хилофи замони ҳозир, ки занон ва духтарони омӯзишдида ҳеҷ камие аз мардону писарон надоранд. Ва дар миёни занон нобиғаҳое ёфт мешаванд, ки дар муқоиса бо бисёре аз мардон аз дараҷоти дониш ва ҳикмати бештаре бархурдоранд, зеро нубуғ ва касби маҳоратҳои илмӣ фақат хосси мардон нест. Чӣ басо, Худованд ба зане истеъдодҳо ва тавоноиҳоеро бахшида бошад, ки дастёбии мардон ба он мароҳил ва дараҷа кори осоне набошад».*

**Ниг.: Юсуф Қарзовӣ. «Фиқҳи сиёсӣ», саҳ. 284**

Бо таваҷҷӯҳ ба таълимоти мушаххаси Ислом дар бораи илмомӯзии занон, Муҳаммад Ғаззолии Мисрӣ касонеро, ки бо истинод ба баъзе ҳадисҳои заифу мавзӯъ (бофташуда) занонро аз омӯзишу таълим манъ менамоянд, интиқод намуда, мегӯяд: *«Ҳадисҳое, ки занонро аз саводомӯзӣ боз медоранд, дурӯғанд. Ва ҳар сухане, ки аз арзиши илм ва дониш дар Ислом бикоҳад, қобили бовар ва мавриди эътимод нест... Мардон ва занон бояд аз ҳар фурсати ба даст омада ҷиҳати афзоиши фарҳанг ва дониши худ дар ҳамаи илмҳо ва фанҳо истифодаи комил намоянд».*

**Ниг.: Муҳаммад Ғаззолӣ. «Масоили занон байни суннатҳои куҳан ва ҷадид», саҳ. 37**

Ва ҳамин мутафаккири шаҳир дар идома чунин хулоса мекунад, ки дар поёни матлаб овардани он

бисёр бамаврид аст: *«Мантиқи ҷаҳл теъдоди бешуморе аз мардумро фаро гирифтааст ва чунин мепиндоранд, ки рафтани зан ба масҷид бидъати нописандест ва омӯхтани фарҳангу донишҳои гуногун ба ӯ тақлид аз бегона аст ва даст ёфтанаш ба маълумоти умумӣ беҳуда ва мардуд аст. Зане, ки чунин чашму гӯш баста бошад, чӣ гуна метавонад хонаро идора кунад ва фарзандони нек парвариш диҳад?»*

**Ниг.: Муҳаммад Ғаззолӣ. «Масоили занон байни суннатҳои куҳан ва ҷадид», саҳ. 86**

## 2.Чаро занону духтарон бояд ҳатман илму дониш биёмӯзанд?

Тавре ки дида шуд, манбаъҳои аслии дини мубини Ислом ба масъалаи илмомӯзии занон диққати бисёр ҷиддӣ дода, дар сатҳи амалӣ низ аз талошҳои занон барои фарогирии илму дониш аз тарафи Ислом ҳамаҷониба дастгирӣ шудааст. Ҳатмияти саводомӯзии занон дар таълимоти исломӣ то ҳаддест, ки Расули акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* ин амалро на танҳо барои занони озод, балки ҳатто барои занони каниз, ки дар он давра ҳам мавҷуд буданд, зарур донистааст. Бар тибқи фармудаи Ишон, ҳар касе агар канизе дорад, ӯро таълиму тарбияти хуб дода, сипас озод намояд, аҷру савоб мегирад:

***Матни ҳадис:***

« حَدَّثَنِي أَبُو بُرْدَةَ عَنْ أَبِيهِ قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ y أَيُّمَا رَجُلٍ كَانَتْ عِنْدَهُ وَلِيدَةٌ فَعَلَّمَهَا فَأَحْسَنَ تَعْلِيمَهَا وَأَدَّبَهَا فَأَحْسَنَ تَأْدِيبَهَا ثُمَّ أَعْتَقَهَا وَتَزَوَّجَهَا فَلَهُ أَجْرَانِ ...»

***Тарҷума:*** *Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Ҳар марде, ки канизеро дар хонаи худ дошта бошад ва ӯро ба хубӣ таълими илм ва тарбият диҳад, сипас озодаш кунад ва ӯро ба издивоҷ даровroutes, соҳиби ду аҷр мегардад.*

**«Саҳеҳ Бухорӣ», китоби «Никоҳ», ҳадиси 5083**

Аммо бо вуҷуди ин мавқеи сареҳи Ислом, гоҳе баъзе аз падару модарони ноогоҳ ва ҳатто баъзе аз муллоҳои камсавод ва дорои назари маҳдуд саводомӯзии занону духтаронро лозим надониста, бо ибораҳои ғайриисломии «зан чию хонданаш чӣ?» бо таҳсили духтарон мухолифат менамоянд. Албатта, маводу далелҳои рӯшане, ки дар боло оварда шуд, бидуни ҳеҷ шакке хилофи назари Ислом будани чунин мавқеъҳоро нишон медиҳад ва он ҳеҷ ҷои баҳсеро боқӣ намегузорад.

Донишманди исломӣ Ҷамол Муҳаммадфақии Расул чунин мешуморад, ки дар ҷомеаҳои исломӣ ташаккул ёфтани дидгоҳҳои зидди таҳсил ва иштироки ҷамъиятии занон, ки боиси бесаводмонии занони мусалмон гаштааст, навъе инҳироф ва дур рафтани ошкор аз таълимоти асили исломӣ мебошад. «... *Ин ки имрӯз мебинем, ки ҷаҳлу нодонӣ ва дурӣ аз илму маърифат дар миёни занони мусалмон ривоҷ дорад, нашъатгирифта аз инҳирофи мусалмонон аз таълимҳо ва усулест, ки Ислом дар бораи амри таълиму тарбият барои занон ниҳодааст. Ва ҳамчунин, нашъат гирифта аз заъфи сатҳ ва дараҷаи илмии мардони мусалмон баъд аз фурӯпошидани давлати Аббосӣ аст».*

**Доктор Ҷамол Муҳаммадфақии Расул. «Зан дар андешаи исломӣ», саҳ. 192-193**

Муҳаққиқи маъруфи мисрии масъалаи ҳуқуқи занон дар Ислом хонум доктор Ҳабба Рауф андешаи

мухолифат бо илмомӯзии занонро навъе бозгашти дидгоҳҳои ҷоҳилонаи тоисломӣ медонад: *«Ҷои шакк нест, ки заифӣ ва ақибмондагие, ки пас аз давраи Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, мусалмонон бо он рӯбарӯ гаштанд, бар вазъияти занон низ таъсири манфии худро гузошт. Дар натиҷа, баъзе одату суннатҳои гузаштаи муносибат бо занон дубора эҳё шуданд ва бар ҷомеа ҳоким гаштанд. Матни шаръӣ ба сурати ҷузъӣ ва бидуни таваҷҷӯҳ ба дидгоҳи куллӣ ва мақосиди шариат мавриди истинбот ва тафсир қарор гирифт. Аввал занон аз рафтуомад ба масҷид манъ шуданд. Ин кор боиси коҳиши огоҳиҳо ва маҳдуд шудани фаъолияти ҷамъиятию сиёсии занон гашт. Сипас, баъд аз давраи хулафои рошидин шӯро фаромӯш шуд ва фазои сиёсии истибдодӣ бар ҷомеа ҳоким гашт, ки ин ба вазъияти гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ, аз ҷумла, занон таъсири манфӣ гузошт».*

**Ниг.: Ҳабба Рауф. «Мушорикати сиёсии зан», саҳ. 83-91**

Вале барои боз ҳам рӯшантар гаштани масъала дар зер ба ин савол посух меҷӯем, ки дар ҳақиқат, дар шароити имрӯз соҳиби илму маърифат гаштани занони мусалмон чӣ зарурат дорад?

***Якум:*** Занон бо омӯзиши илму дониш яке аз фармудаҳои муҳимтарини Худованд ва Расули Ӯро анҷом медиҳанд. Чунон ки аз бахшҳои қаблӣ маълум гашт, Ислом ба таври қатъӣ аз мусалмонон, аз ҷумла, аз занон талаб кардааст, ки барои омӯхтани илму дониш талош намоянд. Ислом омӯхтани илми нофеъро ибодат дониста, ба подоши он аҷру савоби бузургро муқаррар намудааст. Аз ин рӯ, аввалин фоидаи занон аз омӯхтани илму маърифат иҷрои амри Ислом ва дарёфти савоби илмомӯзӣ мебошад.

Илова бар ин, имрӯз маҳз ба воситаи омӯхтани илму дониш занон метавонанд маърифати

диниашонро боло бурда, имону маънавияти худро комил созанд. Чунончи аллома Юсуф Қарзовӣ дар ин мавридмегӯяд: *«Замоне баъзе аз олимон бо омӯзиши занон ва дохил шудани онон ба мадраса ва донишгоҳ бар асоси асли «садди зариъа» мухолифат мекарданд. Ҳатто баъзе аз онон мегуфтанд, ки зараре надорад, ки занон хонданро ёд гиранд, вале чун имкон дорад, ки қалами худро барои навиштани мактубҳои ошиқина истифода баранд, набояд навиштанро биёмӯзанд. Аммо ҷараёни мухолифи онҳо пирӯз шуд, бо ин истидлол, ки омӯзишу савод ва маълумот на танҳо дар зоти худ бад нест, балки мумкин аст ҳар касеро бар авҷи арзишҳои имонӣ ва инсонӣ бирасонад».*

**Ниг.: Юсуф Қарзовӣ. «Дидгоҳҳои фиқҳии муосир», ҷилди 3, саҳ. 79.**

***Дуюм:*** Яке аз муҳимтарин нақши занон иҷрои вазифаи модарӣ, яъне таваллуд ва парвариши фарзанд мебошад. Аз назари дини мубини Ислом тарбияти дурусти фарзанд яке аз вазифаҳои аслии модарон аст. Фарзанд дар батни модар бисёре аз хусусиятҳои маънавӣ ва ахлоқии ӯро фаро гирифта, дар даврони кӯдакӣ аксари хислатҳои инсонии худро аз модар меомӯзад. Нақши модар дар ташаккули ҷанбаҳои ахлоқӣ ва илмии шахсияти фарзанд низ таъйинкунанда буда, умуман, ояндаи ҳар инсон ба чигунагии ташаккули ӯ дар даврони бачагиаш бисёр вобаста мебошад. Аз ин рӯ, табиист, ки фақат модари дорои саводу маърифати баланд метавонад ин сифатҳоро ба фарзанди худ интиқол бидиҳад. Баръакси ин, зане, ки худ аз ахлоқу маърифат ва илму савод баҳраманд набошад, қодир нест, ки фарзанди худро ба ин роҳ ҳидоят намояд. Ҳамин тавр, дар канори модари бесаводу бемаърифат аксаран фарзанди бемаърифат ба воя мерасад. Таъсири саводу маърифати модарон хусусан, ба

ояндаи духтарон, ки дар тамосу наздикии бештар бо модари худ ба воя мерасанд, бисёр бузургтар мебошад:

*Сирати фарзандҳо аз уммаҳот,*
*Ҷавҳари сидқу сафо аз уммаҳот.*

Пас, худи ҳамин вобастагии ҷиддии тарбияту ояндаи фарзанд ба саводу маърифати модар кофист, ки мо илмомӯзии занонро ҳатмӣ ва зарурӣ бидонем, ҳамон гуна ки Ислом онро зарурӣ донистааст.

***Сеюм:*** Зане, ки илму маърифат меомӯзад, аз ҳуқуқ ва масъулиятҳои шахсӣ, хонаводагӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии худ ба дурустӣ огоҳ буда, ҳаргиз на ба ҳаққи дигарон таҷовуз мекунад ва на ба касе иҷозат медиҳад, ки ҳуқуқашро поймол бикунад. Зани таҳсилкардаи мусалмон ҳаргиз як зани оҷиз, вобаста, асир ё ғулом набуда, дар доираи ҳуқуқҳои шаръию қонунии худ худро идора ва муҳофизат мекунад. Ин гуна зан ҳам дар хонавода ва ҳам дар ҷомеа рафтори дуруст дошта, шахсияти инсонии худро ҳамчун зан ҳифз менамояд. Ин зарурат низ таъкид мекунад, ки занон бояд дорои илму маърифати баланд бошанд.

***Чорум:*** Вазъияти ҷамъиятии зани таҳсилкарда низ комилан фарқ мекунад. Зани дорои илму ихтисос ҷойгоҳи худро дар ҷомеа пайдо намуда, саҳми худро дар рушди ҷомеаи худ мегузорад. Бо ворид шудани занон ба саҳнаи фаъолияти илмию фарҳангӣ ва иҷтимоию ҷамъиятӣ нирӯи зеҳнию тахассусии ҷомеа ду баробар мешавад, зеро онҳо метавонанд хусусан, дар соҳаҳои илм, маориф, фарҳанг, тибб, коргузории давлатӣ ва ғайра нақши бисёр фаъъол гузоранд. Оё имрӯз ин соҳаҳоро бе ҳузури занон тасаввур кардан мумкин аст? Албатта, не! Ислом низ аз чунин саҳмгузории занон дар ҳаёти ҷомеаи худ бо риояти

одоби исломӣ ва ҳифзи ҳиҷоб ҷонибдорӣ мекунад ва табиист, ки чунин фаъолияти занон бе фарогирии илму дониш имконпазир нест.

***Панҷум:*** Омӯзиши илму маърифат боис мешавад, ки зан аз фарҳанги баланди беҳдоштӣ ва оиладорию хонадорӣ низ бархурдор шавад. Саломатии як зани бофарҳангу босавод бештар ҳифз мешавад, зеро ӯ дониши нигоҳдории саломатии худ, аз ҷумла, дониши танзими саломатии гигиении занонаи худро дорост. Аз ин рӯ, бисёр вақтҳо маҳз занони камсавод ба мушкилоти мухталифи гигиенӣ ва беҳдоштии занона рӯбарӯ мегарданд. Зани бофарҳангу бомаърифат дар оила низ сатҳи дигар дошта, ҳатто хонадорӣ ва дастархони ӯ фарқ мекунад.

## 3. Баъзе талаботи шариати исломӣ барои таҳсилу таълими занон

То ин ҷо ҳатмият ва аҳаммияти саводомӯзии занон аз назари Ислом маълум гашт. Аммо барои комилтар баён гаштани таълимоти исломӣ дар ин маврид бояд ба масъалаи шароити илмомӯзии занон аз назари Ислом низ рӯшанӣ андозем. Баррасии манбаъҳои аслии исломӣ ва осори илмии мухталифе, ки дар ин мавзӯъ дастрас шудаанд, нишон медиҳад, ки аз назари Ислом ҳангоми саводомӯзӣ ва маърифатгирии занону духтарон бояд шароити зерин риоят гарданд:

1. Риояти муқаррароти шаръӣ, аз ҷумла, иффату ҳаё ва сатру пӯшиши исломӣ аз тарафи занон. Ин нукта дар таълимоти исломӣ ҷойгоҳи ҷиддӣ дошта, ба ҳеҷ шарте ва ба ҳеҷ арзише иваз намешавад. Барои амалан иҷро шудани ин талабот роҳу равишҳои мухталифи илмомӯзии занон мавҷуд аст,

ки яке аз маъмултарини онҳо ба таври ҷудогона таҳсил намудани писарон ва духтарон мебошад. Гарчи имрӯз чунин равиш дар ҷомеаи мо маъмул нест, вале бояд гуфт, ки он дар тамоми кишварҳои исломӣ ва мусалмоннишин маъмул буда, балки дар баъзе аз ҷомеаҳои пешрафтаи ғарбӣ низ истифода мешавад. Бисёре аз мутахассисони соҳаи педагогикаи Ғарб бо омӯхтани таҷрибаи ин гуна мактабҳо муҳити онро бисёр муносибтар барои илмомӯзии ҳам духтарон ва ҳам писарон донистаанд. Вале дар ҷомеаҳое, ки амалӣ кардани ин асл имкон надорад, духтарон метавонанд бо риояти сатри исломӣ дар синфҳои омехта бо писарон таҳсил намоянд. Дар ин сурат уламои исломӣ фатво доданд, ки духтарон ҷудо аз писарон бинишинанд.

**Ниг.: Аллома муфтӣ Худоназар. «Маҳмуду-л-фатово», ҷилди 4, саҳ. 239-240**

2. Занон бояд асосан он илмҳо ва он касбу ҳунарҳоеро омӯзанд, ки аз як тараф ба ҳолати табиии занонаи онҳо мухолифат накунанд ва аз тарафи дигар, ба табиати онҳо муносиб бошанд. Аз ин рӯ, ҷалби занон ба соҳаҳои илм, ҳунар, фарҳанг, маориф, тибб, фаъолияти ҷамъиятӣ ва ғайра бисёр муносибтар аст, зеро дар ин соҳаҳо занон метавонанд бо ҳифзи хусусиятҳои табиӣ ва отифии худ фаъолияти кориашонро идома бидиҳанд.

3. Занон бояд ба омӯхтани илму касбҳои вазнин, ки хилофи табиати латифи занонаи онҳост, ҷалб нашаванд. Ба таври мисол, ба соҳаҳои низомӣ ва интизомӣ, ё ба касбҳои сангине чун ангиштткан, тракторчӣ, бинокорӣ, кишоварзӣ ва ғайра, ки боиси азияти ҷисмонии онҳо мегардад, ё ба касбҳое чун пешхидмати ошхонаю тарабхонаҳо, кӯчарӯб ва ғайра, ки боиси осеб дидани назокату иффати

занонаи онҳо мешавад, ҷалб намудани занон муносиб нест. Дар ҳар сурат, ҳам худи духтарон ва ҳам волидайни онҳо бояд пеш аз ҳама касбу соҳаҳоеро интихоб намоянд, ки барои ҳифзи латофат, иффат ва шахсияти занонаи онҳо мусоидат менамояд. Зеро зан пеш аз ҳама ҳамчун зан бо ҳамон латофату назокати худ маъно дорад.

## ХУЛОСА

Аз баррасии мухтасари масъалаи таҳсилу илмомӯзии занон аз назари Ислом метавон хулосаҳои зеринро ироа намуд:

1.Фармудаҳои Ислом дар бораи зарурати омӯхтани илм хусусияти омм дошта, ба занон низ ба таври баробар дахл доранд. Аз ин рӯ, аз назари Ислом омӯхтани илм барои занон фарзу зарур мебошад.

2.Дар садри Ислом занони мусалмон ба омӯзиши илму маърифат таваҷҷӯҳи зиёд дошта, дар бахшҳои гуногуни илмӣ ба дастовардҳои боло ноил гашта буданд.

3.Андешаҳое, ки бо илмомӯзии занон мухолифат доранд, бо таълимоти исломӣ дар ин масъала мувофиқ набуда, натиҷаи инҳироф аз усулҳои асили исломӣ ва ё бозгашту ғалабаи баъзе дидгоҳҳои ҷоҳилонаи хурофӣ ва ё тоисломӣ мебошанд.

4.Имрӯз низ омӯзиши илму дониш ва ихтисосҳои зарурӣ боис мегардад, ки занони мусалмон аз ҳуқуқу масъулиятҳои худ огоҳ гашта, ҳам дар оила ва ҳам

дар ҷомеа ҷойгоҳи табиӣ ва муносиби худро пайдо бикунад.

5.Аз назари Ислом таҳсили занон бояд бо риояти ҳиҷобу одобу муқаррароти шаръӣ сурат гирифта, занону духтарон бояд ба фарогирии илму ихтисосҳои муносиб бо табиат ва иффати занона ҷалб карда шаванд.

# *Бахши 2*

# Назари Ислом ба фаъолияти кории занон

***

## 1. Дидгоҳи куллии Ислом дар масъалаи кори занон

Мавқеъ ва таълимоти шариати исломӣ дар масъалаи соҳиби касбу ихтисос будан ва дар ҷомеа кор кардани занони мусалмон низ бахши муҳимми масъалаи ҳуқуқи занон дар Ислом мебошад. Гарчи

ҳангоми баррасии мавзӯи таҳсилу илмомӯзии занон ба масъалаи касбу кори онҳо низ ишораҳо шуд, вале ҳассосият ва аҳаммияти хосси ин масъала боис мегардад, ки он ба таври ҷудогона таҳқиқ ва муаррифӣ гардад.

Тавре ки маълум аст, занон низ аз назари Ислом ҳамонанди мардон дар тамоми заминаҳо аз ҳуқуқи баробар бархурдоранд. Ин ҳуқуқи занон ба ҳаққи доштани касбу кори муносиб дар ҷомеа низ дахл дорад. Вале шариати исломӣ дар масъалаи касб ва фаъолияти кории занон назари хосси худро дорад, ки пеш аз ҳама бо таваҷҷӯҳ ба хусусиятҳои табиӣ ва инкорнопазири ҷисмӣ, рӯҳӣ, ҷинсӣ ва ҳиссию отифии онҳо шакл гирифтааст. Аз ин рӯ, дидгоҳҳои вижае, ки Ислом дар баробари қоил будани ҳаққи кору фаъолият барои занон ба риояти онҳо таъкид намудааст, асосан, хусусияти сабукӣ ва ҳимоятӣ дошта, маҳз барои ҳифз шудани ҳолат ва мақому манзалати зан ҳамчун мавҷуди ҳассосу латиф муқаррар гаштааст.

Ҳадафи аслии ин муқарраррот дар он аст, ки мабодо кору фаъолияти номуносиби зан барои анҷоми муҳимтарин вазифаи ӯ, яъне тарбияти фарзанду ҳифзи оила ва дар кулл, ҳифзи насли башар монеа эҷод накунад. Бинобар ин, дар сурати набудани чунин хатар ва дар сурати риоят намудани одобе, ки Ислом муайян намудааст, занони мусалмон метавонанд берун аз хона ба кору фаъолият машғул шаванд ва дар ҳадди тавону истеъдоди худ ба ҷомеа кумак расонанд ва дар пешрафту шукуфоии он саҳмгузор бошанд.

Баррасии манбаъҳои аслии шариати исломӣ низ нишон медиҳад, ки бар хилофи баъзе тасаввуру тӯҳматҳо Ислом ҳаргиз тарафдори маҳдудият ва

бекорию хонанишинии занон набуда, онҳоро дар баробари мардон ҳамчун ҷузъи фаъоли ҷомеа дар назар мегирад. Ислом барои занон ба таври мустақим ҳаққи касб ва ҳаққи моликият қоил буда, дар Қуръони карим сареҳан мефармояд:

***Аз матни оя:***

♑🖫⑩⬁🕑♦☼ ✍✌🔔⌧♊⌘♒❷🖫♉♏♑♐

☎ ☎✂❑⇦⌛✿○☐☹⇩🗎♐✂ ♐❍☺♉♓✍

♑🖫⑩⬁🕑♦☼ ♉⇗✏♐✿○♉♓✡🖫♉♑♐♦❑

🗐 ♦✖⬀▫✿○♦✌♎✍🖅♐✂ ♐✹🖽➩♏☜

***Тарҷума:*** *Мардон бар он чизе, ки аз тариқи касб ба даст меоранд, соҳибҳаққ ҳастанд ва занон низ бар он чизе, ки касб мекунанд, ҳаққ доранд.*

**Сураи «Нисо», ояи 32**

Тавре ки зикр рафт, 1400 сол пештар қоил гаштани ҳаққи моликият барои занон яке аз иқдомоти инқилобии Ислом дар масъалаи ҳуқуқи зан будааст, зеро ба таври мисол, занони аврупоӣ ин ҳуқуқро фақат дар асри Х1Х ва аввалҳои асри ХХ соҳиб гаштанд. Ҳамчунин, тавре ки дар бахши аввали ин рисола оварда шуд, дар садри Ислом занони зиёде ба омӯзиши илму дониш машғул гашта, ба дараҷаҳои баланди фазилат расида буданд. Ҳамзамон бо ин, мисолҳои зиёди таърихӣ нишон медиҳанд, ки дар садри Ислом занон дар кору фаъолияти иҷтимоӣ низ саҳми муносиби худро доштаанд.

Ба таври мисол, нақши занон дар таъмини ғалабаҳои мусалмонон дар садри Ислом хеле муҳимм будааст. Онҳо аз роҳи дармони захмиён, пухтани таъом, дӯхтани либос, овардани об ба ҷабҳа ва ғайра барои лашкариёни Ислом кумак менамуданд, ки мавридҳои зиёди он дар ҳадисҳои набавӣ сабт

шудаанд. Барои намуна ба чанд ҳадиси зерин нигаред:

***Ҳадиси 1:***

**«عَنْ أَنَسِ بْنِ مَالِكٍ قَالَ: كَانَ رَسُولُ اللَّهِ y يَغْزُو بِأُمِّ سُلَيْمٍ وَنِسْوَةٍ مِنْ الْأَنْصَارِ مَعَهُ إِذَا غَزَا فَيَسْقِينَ الْمَاءَ وَيُدَاوِينَ الْجَرْحَى».**

***Тарҷума:*** *Анас ибни Молик гуфт, ки Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, Умми Сулайм ва заноне аз ансорро бо худ ба ҷанг бурда буд, ки ба ҷанговарон об медоданд ва захмиёнро табобат менамуданд.*

**«Саҳеҳи Муслим», китоби «Ҷиҳод ва сияр», ҳадиси 4575**

***Ҳадиси 2:***

**«عَنْ أَنَسِ بْنِ مَالِكٍ قَالَ: ... وَلَقَدْ رَأَيْتُ عَائِشَةَ بِنْتَ أَبِي بَكْرٍ وَأُمَّ سُلَيْمٍ وَإِنَّهُمَا لَمُشَمِّرَتَانِ أَرَى خَدَمَ سُوقِهِمَا تَنْقُلانِ الْقِرَبَ عَلَى مُتُونِهِمَا ثُمَّ تُفْرِغَانِهِ فِي أَفْوَاهِهِمْ ثُمَّ تَرْجِعَانِ فَتَمْلانِهَا ثُمَّ تَجِيئَانِ تُفْرِغَانِهِ فِي أَفْوَاهِ الْقَوْمِ ...»**

***Тарҷума:*** *Анас ибни Молик гӯяд, ...ки Оиша духтари Абубакр(р) ва Умми Сулаймро дидам, ки дар ҷабҳаи ҷанг машки обро бар пушти худ бардошта, он-ро ба даҳони ҷанговарон мерехтанд, сипас бармегаштанд ва дубора машкҳоро пур аз об мекарданд ва ҳамон кори аввалро такрор менамуданд...*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Маноқиб», ҳадиси 3811 ва «Саҳеҳи Муслим», китоби «Ҷиҳод ва сияр», ҳадиси 4576**

***Ҳадиси 3:***

**«عَنْ الرُّبَيِّعِ بِنْتِ مُعَوِّذٍ قَالَتْ: كُنَّا مَعَ النَّبِيِّ y نَسْقِي وَنُدَاوِي الْجَرْحَى وَنَرُدُّ الْقَتْلَى إِلَى الْمَدِينَةِ»**

***Тарҷума:*** *Рубайй духтари Муъаввиз мегӯяд, ки мо бо Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, дар ҷиҳод иштирок мекардем, муҷоҳидонро об медодем ва табобати маҷрӯҳон ва овардани шаҳидон ба Мадинаро бар ӯҳда доштем.*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Ҷиҳод ва сияр», ҳадиси 2882 ва «Муснади Имом Аҳмад», ҳадиси 25775**

Дар он замон занон ҳатто дар амалиёти ҷангӣ иштирок намуда, дар ғалабаи мусалмонон саҳми худро мегузоштанд:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ أَنَسٍ أَنَّ أُمَّ سُلَيْمٍ اتَّخَذَتْ يَوْمَ حُنَيْنٍ خِنْجَرًا فَكَانَ مَعَهَا فَرَآهَا أَبُو طَلْحَةَ فَقَالَ: يَا رَسُولَ اللَّهِ! هَذِهِ أُمُّ سُلَيْمٍ مَعَهَا خِنْجَرٌ فَقَالَ لَهَا رَسُولُ اللَّهِ y: مَا هَذَا الْخِنْجَرُ قَالَتْ: اتَّخَذْتُهُ إِنْ دَنَا مِنِّي أَحَدٌ مِنَ الْمُشْرِكِينَ بَقَرْتُ بِهِ بَطْنَهُ ... فَقَالَ رَسُولُ اللَّهِ y: يَا أُمَّ سُلَيْمٍ إِنَّ اللَّهَ قَدْ كَفَى وَأَحْسَنَ ».**

***Тарҷума:*** *Анас ибни Молик ривоят мекунад, ки Умми Сулайм дар ҷанги «Ҳунайн» бо худ ханҷаре дошт. Ва Абуталҳа ӯро дида ба Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, гуфт, ки Умми Сулайм бо худ ханҷаре дорад. Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ гуфт, ки ин ханҷар барои чист? Ӯ гуфт, ки онро бо худ дорам, ки агар яке аз мушрикон ба ман наздик шавад, шикамашро пора мекунам.* ***...****Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, хитоб ба ӯ гуфт: Эй Умми Сулайм, Худо худаш басанда аст, вале офарин бар ту.*

**«Саҳеҳи Муслим», китоби «Ҷиҳод ва сияр», ҳадиси 4573 ва «Муснади Имом Аҳмад», ҳадиси 13538**

Ҳамин тавр, аз мисолҳои боло маълум мегардад, ки занон дар садри Ислом хонанишин набуда, дар фаъолиятҳои ҷамъиятӣ дар канори мардон иштирок менамуданд. Албатта, бино бар сабаби рух додани силсилаи ҷангу набардҳо дар он давра аксари ривоятҳои расида ба иштироки занон дар маъракаҳои вобаста ба ҳодисаҳои ҷангӣ марбутанд. Вале дар давраи осуда низ занон бо фаъолиятҳои гуногуни берун аз хона, ки дар он давра маъмул бошад, машғул будаанд. Ба таври мисол, санадҳои зиёде дар бораи дар садри Ислом берун аз хонаи худ дар вазифаҳои омӯзгорӣ, табибӣ, ошпазӣ, мӯҳтасибӣ

ва ҳатто раиси бозор кор кардани занон омада расидаанд. Чанд мисоли зерин онро собит месозад:

1.Мисоли хӯрок пухтан ва ба мардум додани занон:

*Саҳл ибни Саъд мегӯяд, ки дар миёни мо зане буд, ки дар заминаш бар канори ҷӯи об силқ (гиёҳест баргаш дарозу мулоим ва решааш дар зери замин) кошта буд. Рӯзҳои ҷумъа решаҳои силқро меканд ва ҳамроҳ бо орди ҷав дар дег меандохт ва шӯрбое мепухт, ки ба ҷои гӯшт решаи силқ дар он меандохт. Мо ҳар вақт, ки аз намози ҷумъа бармегаштем, бар вай салом мекардем ва ӯ ин хӯрокро дар пеши мо мегузошт ва мо низ онро мехӯрдем…*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Ҷумъа», ҳадиси 938**

Намунаи дигари фаъолияти кории занон дар садри Ислом мансабҳои мӯҳтасибӣ, ҳисобдорӣ ва ҳатто раисии бозорро гирифтани Шифо бинти Абдуллоҳ дар замони хилофати ҳазрати Умар(р) мебошад. Дар ин давра, ҳамчунин зане бо номи Самарро бинти Наҳики Асадӣ дар бозор амр ба маъруф ва наҳй аз мункар карда, хилофкоронро худаш ҷазо медод. Ё тавре ки дар бахши пешин омад, баъзе аз занони босаводу соҳибмаърифат, хусусан, занони Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* дар садри Ислом ба нашри илму дониш машғул буда, аз ҷумла фатво медоданд.

Ҳамин тавр, аз баррасии сарчашмаҳои исломӣ маълум мегардад, ки Ислом дар кулл, мухолифи соҳиби касбу кор гаштани занон набуда, иштироки сазовори занон дар рушди ҷомеаи худро ҳамаҷониба ташвиқ ва дастгирӣ менамояд. Яке аз муҳаққиқони ин масъала доктор Муҳаммад Мустафо Мухтор низ бо омӯхтани назари манбаъҳои исломӣ дар мавриди фаъолияти кории занон чунин хулоса гирифтааст: *«Дидгоҳи Ислом нисбат ба кор кардани занон аз*

*назари доштани ҳаққи кор айнан ҳамон назарест, ки нисбат ба кори мардон дорад. Аҳкоми ҳалол ва ҳаром ва мубоҳи Ислом дар ҳамаи заминаҳо яксон аст. Ҳамчунин, дар корҳои муҷоз ба фаъолияти иқтисодӣ пардохтани занон низ ҳеҷ эроде надорад. Дар мавридҳои иҷоза дода шудани кор ва касб дар ҳеҷ ҷои шариат гуфта нашудааст, ки ин кор барои баъзе раво ва барои дигарон ҳаром аст. Ҷуз ҳамон мавридҳое, ки Худованд кореро бар марду зан ба таври баробар ҳаром карда бошад».*

**Ниг.: Муҳаммад Мустафо Мухтор. «Ҳиҷоб дар нигоҳе нав» // «Пажӯҳишҳои қуръонӣ», 1380 ҳ.ш., №25-26.- саҳ. 201-202**

## 2. Шароити кор ва фаъолияти меҳнатии занон аз назари Ислом

Тавре ки гуфта шуд, Ислом бо кору фаъолияти занон мухолиф нест, вале дар айни замон, дар масъалаи кори занон аз сӯи онҳо ва аз сӯи тамоми ҷомеа риоят шудани як сислсила меъёрҳои зарурӣро пешниҳод мекунад. Ин шартҳо, ки дар маҷмӯъ одоби исломии кору фаъолияти занонро ташкил медиҳанд, асосан моҳияти ҳимоятӣ ва сабукибахшӣ дошта, мақсади асосии онҳо ҳифзи иффату эҳтиром ва отифаю назокати занон ва имконпазир сохтани иҷрои нақши муҳимми модарӣ ва тарбиятгарӣ аз ҷониби онҳо мебошад. Чун ин мавзӯъ густардагии зиёд дорад, дар ин ҷо шартҳои кори занон дар беруни хонаро ба таври мухтасар бармешуморем:

### 1. Агар дар ҳақиқат зан ба кор ва даромад ниёз дошта бошад

Аз матолибе, ки дар боби якуми ин маҷмӯа омада буд, рӯшан гашт, ки Ислом занро дар тамоми марҳалаҳои ҳаёташ зери ҳимояти ҳамаҷониба, аз ҷумла, зери ҳимояти моддиву иҷтимоӣ гирифта, мардонро вазифадор намудааст, ки занонро дар ҳамаи марҳалаҳои зиндагии эшон таъмину хидматгузорӣ бикунанд. Дар таълимоти исломӣ мардон вазифадоранд, ки занонро дар даврони хурдӣ ҳамчун духтар ва хоҳар, дар даврони пас аз издивоҷ ҳамчун ҳамсар, дар даврони пирсолӣ ҳамчун модар таъмину парасторӣ намоянд. Яъне, Ислом занонро зери ҳимоят ва таъминоти доимӣ қарор дода, ба дӯши онҳо вазифаи таъмини зарурат ва хароҷоти моддии хонаводаро намегузорад. Ин вазифа дар Ислом пеш аз ҳама ба дӯши мардон аст.

Аз назари Ислом, дар ҳолати будани оилаи комил, хусусан, дар сурате, ки зан дар хонавода бо маҳрамони худ, яъне падар, бародар, шавҳар ё писарони болиғаш зиндагӣ бикунад, зан вазифадор нест, ки барои таъмини оила дар берун кору фаъолият намояд. Аз ин сабаб, шарти аввали ба кор ё фаъолияти кории берун аз хона машғул гаштани занон эҳтиёҷи воқеии худи зан ва ё аъзои ниёзманди оилааш мебошад.

Ин эҳтиёҷ ба кори зан метавонад бо сабабҳои мухталиф пеш ояд: масалан, имкон дорад, ки гоҳе оила камбизоат буда, даромади мард барои таъмини заруратҳои оила, аз ҷумла, хӯрондану пӯшонидан ва таҳсилу табобати фарзандон кифоят накунад; дар натиҷаи беморӣ, маъюбӣ ва корношоямии марди хона оила аз сарпарасти таъминкунанда маҳрум гардад; дар натиҷаи вайрон шудани оила масъулияти таъмини эҳтиёҷоти худ ва фарзандон ба дӯши худи зан афтад ва ғайра. Дар чунин суратҳо

зани мусалмон метавонад барои таъмини заруратҳои худ ва оилаи худ бо риояти сатри исломӣ ба фаъолияти кории берун аз хона машғул гардад.

### 2. Агар ба кори зан дар ҷомеа эҳтиёҷи воқеӣ мавҷуд бошад

Аз сабаби он ки занон дар ҳамаи ҷомеаҳо нисф ё аз он бештари теъдоди аҳолиро ташкил медиҳанд, мувофиқи ҳисобҳои сирф арифметикӣ, ба фаъолияти корӣ пардохтани онҳо боиси ду баробар гаштани нирӯи корӣ дар ҷомеа мегардад. Бо дар назар доштани ин, баъзе аз ҷомеашиносон ба фаъолияти корӣ пардохтани занонро яке аз омилҳои афзоиши қувваи корӣ ва пешрафти ҷомеа дониста, онро ҳамаҷониба ташвиқ намудаанд. Чунин мутахассисон яке аз омилҳои рушд наёфтани баъзе аз ҷомеаҳои мусалмоннишинро маҳз дар пурра истифода нашудани панҷоҳ дарсад аз нирӯи ҷисмонӣ ва зеҳнии ҷомеа, яъне нирӯи занон медонанд. Вале тавре ки болотар зикр шуд, **Ислом ба занон ҳамчун нирӯи корӣ нигоҳ намекунад** ва мардонро вазифадор месозад, ки барои ҳифзи асолат ва саломати ҷомеаи инсонӣ занонро гиромӣ дошта, то ҳадди имкон худ барои онҳо хидмат намоянд.

Вале модоме ки занони мусалмон дорои касбу ихтисосҳои зарурӣ барои ҷомеа бошанд ва ҷомеа низ ба ҳунару ихтисоси онҳо ниёз дошта бошад, Ислом ҳаргиз мухолифи истифода шудани ҳунару истеъдоди онҳо нест, агар худи онҳо инро хоҳанд. Масалан, агар зане дорои ихтисоси духтурӣ бошад ва дар ҷомеа эҳтиёҷи воқеӣ ба хидмати ӯ вуҷуд дошта бошад, ӯ метавонад барои саҳмгузорӣ дар рушди ҷомеа ба касби духтурӣ машғул гардад. Ё

агар зане дорои саводи баланд ё ихтисоси омӯзгорӣ бошад ва дар мактабҳо ба чунин муаллима эҳтиёҷ бошад, ӯ метавонад ба касби омӯзгорӣ машғул шавад. Ҳамин тавр, шарти дигари фаъолияти кории занон мавҷуд будани талабот ва зарурат ба кори онҳо дар ҷомеа мебошад.

### 3. Кори занон бояд ба табиат ва сиришти онҳо мувофиқ бошад

Яке аз хусусиятҳои муҳимми Ислом дар он аст, ки ин дини мубин табиат ва сиришти занро ба таври комил дар назар гирифта, аҳкоми шаръии мансуб ба занонро аз ин нигоҳ танзим намудааст. Ин вижагии Ислом, аз ҷумла, дар масъалаи кору фаъолияти иҷтимоии занон низ ба рӯшанӣ мушоҳида мешавад. Чунон ки илмҳои муосир низ собит сохтаанд, Худованд сиришти занро дар баробари истеъдодҳои васеъ саршор аз хусусиятҳое чун меҳр, муҳаббат, отифа, ҳаё, эҳсосҳои латиф, зебоишиносӣ ва ғайра офаридааст. Дар айни замон, ҷисми зан низ нисбат ба мард латифу нозуктар буда, пайкару бозувони он барои анҷом додани меҳнати сангини ҷисмонӣ созгор намебошад. Аз ин рӯ, яке аз шартҳои муҳимми дигари кори занон аз назари Ислом, ба табиат ва сиришти онҳо мувофиқ будани касбу кори онҳост.

Мафҳуми «кори мувофиқ бо табиату сиришти занон» пеш аз ҳама ба он маъност, ки аввалан, он кор бояд аз назари ҷисмонӣ сангин набуда, боиси ранҷи ҷисмонӣ ва хастагию афсурадгии доимии занон нагардад. Масалан, заноне, ки дар саноати вазнин, корҳои бинокорӣ ва ё соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд, дучори фишору афсурдагии

шадиди ҷисмонӣ мегарданд. Ҷомеае, ки нисбати зан чунин муносибатро раво мебинад, ҳануз ба умқи назари Ислом дар бораи ҷойгоҳи зан нарасидааст. Сониян, касбу кори зан бояд аз назари рӯҳӣ ва отифӣ низ ба табиати латифи зан мухолифат надошта бошад. Масалан, барои занон чандон муносиб нест, ки бо корҳое чун қассобӣ, шикорчигӣ, чӯпонӣ, посбонӣ, шуғлҳои ҷангии ҳарбӣ ва ғайра машғул гарданд, зеро вазифаҳои ҳатмии хидматие, ки дар ин корҳо бояд анҷом диҳанд, ба рӯҳи латиф ва отифаи поки онҳо латма мезананд.

Ё, масалан, модарону хоҳарони мусалмони мо ба ҳеҷ ваҷҳ бояд ба касбҳое чун кӯчарӯбӣ ва пешхидматии ошхонаю тарабхонаҳо машғул нашаванд. Ин навъи фаъолияти занон дар ҷомеаҳои мусалмоннишин мушоҳида намешавад ва илова бар ин, дар кишварҳои аврупоӣ низ, ба истисnои Русия, аксари занон ҳаргиз розӣ нестанд, ки касби пешхидматии ошхонаҳоро ихтиёр намоянд. Зеро ҷойгоҳи занон бисёр шарифтар аз ин аст.

Инчунин, дар торикии шаб пеш аз бомдод ба рӯфтани кӯчаҳои шаҳрҳо ҳозир шудани хоҳарону модарон ё бо белу каланд гулгаштҳо ва канори хиёбонҳои шаҳрҳоро побел кардани занон, ки яке аз падидаҳои маъмули ҷомеаҳои пасазшӯравист, аз ҳар ҷиҳат мухолифи сиришти нозуку ҷойгоҳи гиромии занон буда, дар айни замон, нишондиҳандаи камоли бераҳмии мардони ин ҷомеаҳо нисбат ба занон мебошад.

Дар кулл, таҳқиқоти муосири илмӣ низ нишон додаанд, ки агар касбу кори занон дар ҳақиқат ба табиат ва сиришти онҳо муносиб набошад, яъне аз назари ҷисмонӣ сангин ва ё аз назари рӯҳию отифӣ номуносиб бошад, машғул шудан ба чунин касб дар

дарозмуддат боиси аз байн рафтани бисёре аз хусусиятҳои табиии занон мегардад. Ин аст, ки дар ҷомеашиносии муосири ғарбӣ дар нисбати чунин занон истилоҳи «ҷинси сеюм»-ро истифода намудаанд, ки маънои он занони дар натиҷаи корҳои номуносиб аз хусусиятҳои латифи занонаи худ маҳрумшуда мебошад.

Албатта, банда шахсан мухолифи истифодаи ин истилоҳи дағал нисбат ба занон ҳастам, вале дар ҳар сурат, ин фоҷиаи бузурги як ҷомеа аст, ки ба сабаби нигоҳи сирф моддию корию истеҳсолӣ нисбат ба занон, онҳоро аз ҳолати латифу шарифи табиию отифиашон бегона созад. Пеш омадани чунин вазъи ногувор нисбат ба занон, ки Ислом бо он комилан мухолиф аст, имрӯз боиси ташвиши ҷомеаи ҷаҳонӣ низ гаштааст ва, аз ҷумла, Созмони ҷаҳонии тандурустӣ дар гузориши махсуси худ дар ин бора изҳори нигаронӣ намудааст.

Фақеҳ ва мутафаккири машҳури муосир Шайх Юсуф Қарзовӣ дар масъалаи касбу кори занони мусалмон аз назари шариати исломӣ таҳқиқи муфассале анҷом дода, аз ҷумла, ба оқибатҳои ногувори ба корҳои номуносиб машғул гаштани занон таваҷҷӯҳи махсус намудааст. Ӯ оқибатҳои зиёди ин вазъиятро баршуморидааст, ки хулосаи баъзе аз онҳо чунин аст:

1. Аввалин қурбонии ин навъи муносибат худи занон ҳастанд, зеро дар натиҷа хусусиятҳои табиӣ ва фитрии худро аз даст дода, аз оромиши манзил ва унсу муҳаббати фарзандон ва шавҳар маҳрум мешаванд. Ҳатто бисёре аз занони машғул ба корҳои номуносиб ба мушкили нозоӣ ё беналсӣ дучор мегарданд.

2. Қурбонии дуюми ин муносибат мардон мебошанд, зеро дар натиҷаи таҳрифи латофату асолати табиии зан, мард аз неъматҳои бузурге чун унс, зебоӣ, ишқ, шавқ, муҳаббат, меҳрубонӣ ва ғайра маҳрум мегардад. Хастагию афсурдагии кории занон аз корҳои номуносиб боис мешавад, ки муносибати зан ба мард ва дар кулл, бо оила тағйир меёбад.

3. Сеюмин қурбонии ин муомила фарзандон ҳастанд, зеро ҳеҷ мактабу мураббие наметавонад ҷои меҳру муҳаббату сарпарастии модарро барои фарзандон бигирад. Модаре, ки аксари вақти худро дар кори сангин ва бархӯрдҳои корӣ гузаронида, бо ҷисми хаста, рӯҳи афсурда ва асаби парешон ба хона бармегардад, чӣ гуна метавонад манбаи унсу муҳаббат барои ҳамсар ва фарзандонаш бошад ва конуни оиларо гарм нигоҳ дорад?

4. Чун занон ба сабабҳои табиӣ ҳолату вазъиятҳои хоссе чун касалии моҳонаи занона, ҳомилагӣ, таваллуди фарзанд, ширдеҳӣ ва ғайраро аз сар мегузаронанд ва дар ин давраҳои зарурӣ имкони идомаи фаъолияти короии онҳо хеле маҳдуд мешавад, кори онҳо низ сурати номуназзам гирифта, дар бисёр мавридҳо масъулиятҳои онҳо нотамом мемонад.

5. Дар сурати аз сириштy ҳолати шарифи табиии худ берун гаштани занон худи низоми табиии ҷомеа низ зиёни бузург дида, идомаи ҳаёти солими он ва хусусан, идомаи солими насли инсонӣ халали ҷиддӣ мебинад.

**Ниг.: Юсуф Қарзовӣ. «Марказу-л-маръати фи-л-ҳаёти-л-исломияти», саҳ. 157-159**

Дар муқобили ин навъи нигоҳ, Ислом занонеро, ки ба кору фаъолияти иҷтимоӣ машғуланд, ба иҷрои корҳои аз назари физикӣ сабуку безарар ва аз назари

рӯҳию отифӣ поку беолоиш ҳидоят менамояд. Дар ҷомеаи имрӯзи мо намунаи ин гуна касбҳои муносиб пеш аз ҳама машғул шудани занон дар соҳаи илму таҳқиқот, маорифу омӯзгорӣ, фарҳангу матбуот, бахши алоқаю технологияи компютерӣ, сиёсату хидмати давлатӣ, савдою хидматрасонии маишӣ ва ғайра мебошад. Илова бар ин, заноне, ки ба гирифтани маълумоти олии касбӣ ноил нагаштаанд, метавонанд ба корҳое чун ҳунарҳои дастӣ, ошпазию қаннодӣ, дӯзандагию бофандагӣ ва ғайра машғул гарданд. Имрӯз дар тамоми бахшҳои номбурда эҳтиёҷи бисёр зиёд ба кору фаъолияти занон мавҷуд буда, хоҳарони мусалмоне, ки мехоҳанд корманд бошанд, метавонанд озодона ба ин касбҳо машғул гарданд. Масалан, бисёр зарур ва муносиб аст, ки барои табобати занон, хусусан, муоинаву табобати бемориҳои махсуси занона дар ҷомеа теъдоди кофии духтурони зан мавҷуд бошанд.

Донишмандони муосири исломӣ масъалаи кори занон ва зарурати шуғли муносиб доштани онҳоро ба таври муфассал омӯхта, бо такя ба манбаъҳои асили исломӣ ба ҳамин хулоса расидаанд, ки занон метавонанд озодона ба корҳои муносиби табиату сиришти худ машғул шаванд: Ба таври мисол, донишманди муосири исломӣ Муҳаммад Ғаззолӣ назари Исломро дар ин бора чунин баён кардааст: *«Зан набояд дар корҳое, ки муносиб бо табиати ӯ нест, фаъолият кунад ва дар корҳои саноатии мухталиф ё корҳои тоқатфарсо ширкат кунад. Заминаҳои корӣ, ки барои занон муносиб бошад, зиёд ва гуногун аст. Зан метавонад дар корҳое чун муаллимӣ, духтурӣ, парасторӣ, нависандагӣ, нашрияҳо ва ғайра фаъолият кунад. Ва илова бар инҳо метавонад бо*

*риояти виқор ва арзишҳои исломӣ дар бозор ҳузур ёфта, ба касби тиҷорат машғул гардад».*

**Муҳаммад Ғаззолӣ. «Масоили занон байни суннатҳои куҳан ва ҷадид», саҳ. 46-56**

Ин матлабро метавон бо суханони мутафаккири муосири исломӣ Холид Абдурраҳмон Алъак хулоса намуд, ки дар китоби **«Одоби зиндагии заношӯӣ дар партави Қуръон ва Суннат»** чунин меорад: *«Ислом мухолифи он нест, ки зан касбҳое чун тоҷир, духтур, муаллим ва ё ҳар шуғл ва касби дигареро, ки барои таъмини ризқу рӯзии ҳалол ва идомаи зиндагӣ зарур бошад, интихоб намояд. Зан бояд шуғли муносиб ва мӯътадилтаринро интихоб кунад ва ҳангоми кор бояд одоб ва ахлоқи исломиро комилан риоят намояд».*

**Ниг.: Холид Абдурраҳмон Алъак. «Одоби зиндагии заношӯӣ дар партави Қуръон ва Суннат», саҳ. 269**

**4. Кори зан бояд монеи иҷрои вазифаи ҳамсарӣ ва модарии ӯ нагардад**

Тавре ки маълум аст, муҳимтарин ва бузургтарин коре, ки фақат зан қудрати иҷрои сазовори онро дорад, тарбияти фарзанд, иҷрои вазифаи ҳамсарӣ ва нигоҳ доштани оила мебошад. Ислом ба ин қудрати истисноии занон аҳаммияти бисёр ҷиддӣ қоил буда, ҳама гуна фаъолияти занро фақат дар ҳолате раво ва машрӯъ медонад, ки агар ба иҷрои ин нақш ва вазифаи авалиндараҷаи ӯ монеъ нагардад. Бинобар аҳаммияти фавқулодаи ин масъала, Ислом анҷоми вазифаи модарӣ ва ҳамсариро барои занон як амонат ва рисолат хонда, иҷрои сазовори онро ҷиҳод ва ибодат донистааст.

Аз ин хотир, агар зан тамоми шароитро дошта бошад ва ниёзи воқеӣ ба кори ӯ дар берун набошад, барои ӯ бисёр беҳтар аст, ки ба тарбияти фарзандонаш машғул гардад, зеро ин кор низ амале

бисёр муҳимм буда, каси дигаре чун модар наметавонад аз фарзандон бо муҳаббату самимият нигоҳубин намояд. Тавре ки адибон низ гуфтаанд, домони модар мактабест, ки агар дуруст омода шавад, як миллати асилро тарбия ва омода мекунад. Чунон ки Фирдавсии бузург фармуда буд:

*Занонро ҳамин бас бувад як ҳунар,*
*Нишинанду зоянд шерони нар!*

**5. Ҳангоми фаъолияти кории занон бояд одоби исломӣ риоят шавад**

Шарти дигар ва бисёр муҳимми кору фаъолияти занон аз назари Ислом риояти одобу ахлоқи исломӣ ва талаботи шариати исломӣ мебошад. Риояти ин одобу талабот ҳам аз тарафи худи занон ва ҳам аз ҷониби онҳое, ки дар муҳити муштарак бо занон ҳамкорӣ мекунанд ва ҳам аз тарафи касоне, ки занонро ба кор мегиранд, ҳатмӣ ва зарурист. Мафҳуми одоби исломӣ ва талаботи шаръӣ нисбат ба занон маҷмӯаи меъёру муқаррароти мушаххасеро дар бар мегирад, ки бо мақсади ҳифз гаштани муҳити покизаи кору ҳамкорӣ ва ҳимоят гаштани ҷойгоҳи баланду шариф ва иффату назокати занон дар муҳити корӣ ва ҷамъиятӣ дар назар гирифта шудаанд. Он пеш аз ҳама риояти шарму ҳаё, эҳтироми занон, риояти одоби сӯҳбату мошират бо занон, то ҳадди имкон фароҳам овардани муҳити кории озод ва занона барои занон, риоят шудани сатр ва пӯшиши исломӣ ва ғайра мебошад.

Тарзи рафтори занони мусалмон дар муҳитҳои умумӣ ва омехта аз тарафи шариати исломӣ бо тамоми ҷузъиёташ танзим шуда, аз сӯи ҳамагон риоят гаштани он ҳифзи иффату ҳайсият ва ҷойгоҳи

баланди занонро кафолат медиҳад. Худованди мутаъол дар Қуръони карим, аз ҷумла одоби роҳ рафтан ва одоби сухан гуфтани занон дар муҳитҳои омехтаро ба танзим дароварда, чунин мефармояд:

***Аз матни оя:***

♦×⬂⬄⚲❸⇳➢❑④ •⬥◆❑
⌘☠■🖬⬀➔⬉⓿⚲♑◎ ⭘♊⚲♑♍⚲🖬⬉♉⬀❻❑🕯⚲🗨
♊⚲👌 ♦×✓⚲▦⬂③⬈⑥ ✍♦👌
🗐 ⭘♊⚲♑♍⚲☞♦♈③⚲♒

***Тарҷума:*** *Ва (занон) чунон пой бар замин нагузоранд, ки он зинатҳо, ки пинҳон кардаанд, маълум гардад (андомҳои худро дар роҳ рафтан наларзонанд).*

**Сураи «Нур», ояи 31**

***Аз матни оя:***

⌘♊⬀➔•⚲⬂③❑👌 •☒⬧▫
⮹⬈⮹☺⇳➲◆⑩⬧▫ ✍✌⬀❑⬧◑⬂♑◎✍✍⚲🗨
🕗⚲❍⚲🖮▫🖬⬧🕭 ❼⚲× ❽⚲🕭⅄✎✍✂
☪⬧⬀❑⬧🕭 ⌘♊▫🖬➔🕭◆❑ ⮽⮟♦❷♦👌
⬑⬚⬚⬏ ✍☸▫❑⬉❷⬀➔❑👌

***Тарҷума:*** *Пас ба нозу карашма сухан нагӯед, то он марде, ки дар қалби ӯ маразе ҳаст, ба тамаъ наафтад. Ва сухани боиффатона бигӯед (сухани барангезандаи шаҳват нагӯед).*

**Сураи «Аҳзоб», ояи 32**

Фароҳам овардани муҳити занона дар ҷойҳои кори занон ба он маъност, ки дар сурати имкон мизҳои корӣ ва ё ҳуҷраҳои кори занон алоҳида бошад, то онҳо тавонанд озодона бо ҳам гуфтугӯ намоянд ва озодона ҳаракат кунанд. Омору назарсанҷиҳои муосир нишон додаанд, ки ҳатто дар кишварҳои аврупоӣ занон пас аз солҳои ҳамкорӣ дар муҳитҳои омехта бо мардон, ба хулосае расидаанд, ки кор дар муҳити занона барояшон беҳтар мебошад

ва онҳо дар ҳуҷрае, ки ҳамкоронашон занон бошанд, худро озодтару роҳаттар эҳсос менамоянд.

Масъалаи риояти ҳиҷоб ё тарзи пӯшиши занон низ як масъалаи бисёр васеъ ва муҳимми таълимоти исломӣ дар мавриди занон буда, моҳият, аҳаммият, меъёр ва ҷузъиёти он дар боби сеюми ин китоб ба таври ҷудогона оварда мешавад. Аммо дар ин ҷо ба таври мухтасар ёдовар мешавем, ки масъалаи ҳиҷоб ё риояти сатри исломӣ як асли қуръонӣ буда, он дар матни Қуръони карим ба таври сареҳ муқаррар гаштааст. Аз ин рӯ, дар таълимоти исломӣ риояти ҳиҷоб як масъалаи ихтиёрӣ набуда, иҷрои он аз занони мусалмон ба таври ҳатмӣ талаб карда мешавад. Ин аст, ки дар масъалаи таҳсил ва кори занон берун аз хона, ки ҳатман дар муҳити ҷамъиятӣ ва дар якҷоягӣ бо мардони номаҳрам сурат мегирад, Ислом риояти сатр ё ҳиҷобро аз занон талаб намудааст.

Дар шароити Тоҷикистон риояти ҳиҷоб илова бар либосҳое, ки аз кишварҳои исломӣ меоянд, дар чорчӯби либоси миллии тоҷикӣ низ имконпазир буда, риояти он бо пӯшидани куртаи васеи остиндароз (то банди даст) ва рӯймоле, ки мӯйи сар, гардан, гӯш ва пеши бари занонро пӯшонад, комилан таъмин мешавад. Дар ин сурат занони мусалмон метавонанд озодона дар ҷомеа ҳузур ёфта, дар муассисаву ташкилотҳои мухталиф кору фаъолият намоянд.

Баъзе ҷанбаҳои дигари масъалаи аз тарафи занони корманд риояти шудани одоби исломӣ дар муҳити корӣ дар маҷмӯаи мӯътабари фатвоҳои муосири мазҳаби ҳанафӣ, ки бо номи **«Маҳмуду-л-фатово»** аз тарафи Муфтӣ Худоназар танзим шудааст, ба таври муфассалтар омадаанд, ки

хоҳишмандон метавонанд ба он муроҷиат намоянд. Ниг.: **Аллома Муфтӣ Худоназар. «Маҳмуду-л-фатово», ҷилди 4, саҳ. 245-247**

# *Бахши 3*

# Зан ва фаъолиятҳои сиёсию ҷамъиятӣ

## 1. Назари усулии Ислом дар бораи ҳуқуқи фаъолияти ҷамъиятию сиёсии зан

Илова бар масъалаҳои ҳаққи таҳсил ва ҳаққи кор, яке аз муҳимтарин ва печидатарин масъалаҳои ҳуқуқи зан дар Ислом масъалаи фаъолияти ҷамъиятӣ ва иштироки сиёсии занон аст. Чун ин мавзӯъ пеш аз ҳама ба масъалаҳое чун ҳузури ҷамъиятии занон ва ба мақомоти масъули идорӣ ва роҳбарии сиёсӣ расидани онҳо дахл дорад, дар тамоми тӯли таърихи Ислом аз аҳаммият ва ҳассосияти хоссе бархурдор будааст. Оё аз назари Ислом зан метавонад раиси давлат бошад? Оё аз назари Ислом зан метавонад вазир, вакили маҷлиси шӯро, намояндаи порлумон, додситон ё қозии додгоҳ бошад? Ин саволҳо дар фиқҳи исломӣ ба таври бисёр васеъ матраҳ гашта, ҳар яке посухи муносиби худро доштааст, ки дар ин бахш ба таври мухтасар баррасӣ мешавад.

Тавре ки пештар зикр шуд, Худованд ба ҷуз мавридҳои ҷудогонае, ки ба таври алоҳида ба занон ё мардон марбут бошад, ҳангоми хитоб ба инсонҳо аҳкоми худро ба занону мардон ба таври баробар фармудааст. Калимаи «инсон», ки дар Қуръон ҳангоми муроҷиат ба башар истифода шудааст, тамоми фарзандони Одам, чи мард ва чи занро шомил мешавад. Аз ин сабаб, ҳукму фармудаҳои Худованд, ки дар онҳо бо ибораҳои фарогире чун «ё айюҳаннос» (эй инсонҳо), «ё айюҳаллазина оману» (эй онҳое, ки имон овардаед) ва ғайра ба башар муроҷиат мешавад, ба таври баробар ба мардону занон дахл доранд.

Илова бар ин, Худованд дар мавридҳои зиёде ба таври баробар ва бидуни истисно ба мардону занон марбут будани аҳкоми худро зикр намудааст, ки масалан, ояҳои зерини қуръонӣ ба он далолат доранд:

***1.Аз матни оя:***

⬀☠←♑⬩♐ ⌘✇♋♋⌂⌂⬈⧫☞⬄♋♋♋⬩▫
←⬈⓿⬗⬘⬆🕮 ✋⬩ ❼⬂❑❄❒🕮 ⬀☠←♑☙✍⧫❻
♊⬂♓✌ ☠⬈▤✡⬂♓✌ ♐✍⬂☺⌚⧫⬉ •✍⧫☟☒⬃
☎ ⬚⬂⬩ॐ☼⬆🕮 ⬃❒❒🕮 ✍❷☒✍⬩❶
☎ 🖫⮙⬃➔⧫✍ ✍♊⬂♓✌☠⬈▤➔⬂⬃➔⧫✍

**Тарҷума:** *Парвардгорашон дуояшонро иҷобат фармуд, ки ман кори ҳеҷ коргузореро аз шумо, чи зан ва чи мард - ҳама аз якдигаред, зоеъ намесозам ...*

**Сураи «Оли Имрон», ояи 195.**

***2.Матни оя:***

♊⬂♓✌ ♋♋☯⬩⬂▪⌚❁⌚ •✍⬂☺⧫⬉ ⇳♊⧫✌
⧫❑➔♎⧫❒ ⬚⬂⬩ॐ☼⬆🕮 ⬃❒❒🕮 ✍❷•▤⬩❶
⌚←❍❑☪⧫❹⬂⓿⬄⬩⬉☪■▪⬩▫ ☒♊⬂✌⬃⬩⬉✌
☎ ☪❑⧫⌛⬂♒❿⬩⊂ ☪❑⬚❑⧫⓿⌂❍
⬄⚐←♑❑✡⧫⸺⌧❽⇳⬈⧫☪⬩♐⧫❒
♋♋⧫✌ ⬖♊❁❍⇳❍❒♁⬂✍ ☠➔♎⧫❷⇳♉❒🕮
⬖⬂⬂⬀ ⧫♌❑➔▪⌂☺⬃➔⧫⸺ ☎✃❑←☼♋♋•▤

**Тарҷума:** *Ҳар зану марде, ки кори некӯ анҷом диҳад, агар имон оварда бошад, зиндагии хушу покизае бад-ӯ хоҳем дод ва подоше беҳтар аз кирдорашон ато хоҳем кард.*

**Сураи «Наҳл», ояи 97**

***3.Матни оя:***

⬇❑♋♋❑☪♐♋♋✃ ♋♋❑&☙❾❒♁✵⌚⧫⸺
♊⬂♓✌ ✍⬈▤⌚❑✡⬊☽■▪⌂⌘ ♋♋✵☼⬂☽
⬚⬂⬩ॐ☼⬆🕮⧫❒ ♐❷☒✍⬩❶
♋♋ॐ✍❑⬉➔⬈⅄ ⬀☠⬈▤⌚❑✡▫▪⌂➔⌂♉⧫❒
•✍⬂★✎♋♋⧫⌨⬩♎⧫❒
❑♌⬂☽ ⬚ ☎✃☑❑➔▫⧫❻♋♋⌂➔⧫☝⬂♐
★✎♋♋✃ ⌂❾✡⬂⬉ ⬀✍⬈▤⧫✌⧫❷⇩▤❒🕮

⅄✏☙✃ ☐♌☝◗ 🗐 ⬀☠⬈▤☎♦◗⬂✍❐📖
⮴⮳▩⮶ ⮜❸❷☝⌨⍓⌘ ⬊☹⬈☝⌧♦⬉

***Тарҷума:*** *Эй мардум, мо шуморо аз як марду як зан офаридем. Ва шуморо ҷамоатҳо ва қабилаҳо кардем, то якдигарро бишиносед. Албатта, гиромитарини шумо назди Худо парҳезгортарини шумост. Албатта, Худо Донову Кордон аст!*

**Сураи «Ҳуҷурот», ояи 13**

Намунаҳои расида аз садри Ислом низ нишон медиҳанд, ки саҳобаҳои Паёмбари гиромӣ, *алайҳис-салом*, аз ҷумла саҳобиязанон низ ҳукми чунин ояҳоро маҳз ҳамин тавр, яъне фарогири занону мардон мефаҳмидаанд. Масалан, вақте ки Умми Салама(р) шунид, ки Паёмбари Худо, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, бо нидои «Ё айюҳаннос» (эй мардум) даъвати худро оғоз кард, корҳои худро гузошта, бо шитоб ба сӯи ӯ рафт. Канизаш ба ӯ гуфт, ки Паёмбар мардонро садо мекунанд, на занонро. Умми Салама(р) ҷавоб дод: Ман ҳам аз ҷумлаи мардум ҳастам (*ва ин даъват ба ман низ марбут аст*)!

**Ниг.: «Саҳеҳи Муслим», китоби «Фазоил», ҳадиси 4247 ва «Муснади Имом Аҳмад», ҳадиси 22335**

Яке аз чунин аҳкоми қуръонӣ, ки ба мардону занон ба таври баробар тааллуқ мегирад, масъалаи халифаи Худованд дар рӯи замин будани инсон аст. Ин унвони баланд ба инсон ҳам шарафу кароматӣ бузург ва ҳам вазифаю масъулияти муҳиммеро дода-аст. Таҳқиқ дар мазмуни ояҳои қуръонӣ нишон медиҳанд, ки ин мақому масъулияти бузург низ фақат хосси мардон набуда, занонро ҳам фаро мегирад. Модом ки занон низ дар баробари мардон масъулияти баланди халифаи Худованд дар рӯи замин буданро доранд, пас аз силсилаи ҳуқуқҳои сиёсию иҷтимоӣ барои анҷоми ин масъулият низ

бархурдор мебошанд. Яъне, ин мақоми муштарак масъулияти муштаракро низ ҳамроҳ дорад, тавре ки Қуръони карим мефармояд:

***Матни оя:***

♦♌❑⬉☪🙵✍⬃⬩🡐☺⬂♑◍⬀✁◆❑

➔💣☼🕛❑✡🙵✍⬃⬩🡐☺⬂♑◍⬀✁◆❑

🡓🡕✏⬀◆⑩🙵♑◍⬃❑❑🕮 ⬀☠🡐♑➔♑⬃➔♦✉

♎♍❑🡓❺🡐🖓▭🕯♦③ 🗐 🖫⮝⬃➔♦✉

⬊⬀❑⬉❷⬃➔⮹☺⬂♑◍⬀⬀⮰✉

⮕♊♦⬉ ♦♌⬀❑⮹♑⬃☪♦③◆❑

♎♍❑🡐☺⑩🖆☽⬉③◆❑ ▩❷⬩▤☪🡐☺⬂♑◍⬀✁

♎♍❑➔✍⬃⬩⬉③◆❑ ■❑🗐❑■🖬⭘🕛♑◍⬀✁

♎♍❑⬉➔⑩🙵➲⬉③◆❑ ■❑🗐❑☒🖅❑❽♑◍⬀✁

🗐 ▦🕛⬉🕮⬩✏❑🡐♒◆❻◆❑ ⅄✏⬀✁

⬉☠🡐♑🡐🖑☒❑⬃❸⌘❷⮹♒ ⮹🖮⨸⯑✵🕛⬩♑◍🕯❑🡑🕮

🡖❽③⨸⑩♦⬉ ⅄✏⬀✁ ❑♌⮰☽ ▤ ✦✏⬀✁

⮕⨸⮱⮳ ⨸🏳⑩⬊▤⮹⭘

***Тарҷума:*** *Мардони мӯъмин ва занони мӯъмин дӯсту ёвари якдигаранд. Ба некӣ ҳамдигарро амру даъват мекунанд ва ҳамдигарро аз корҳои ношоиста бозмедоранд ва намоз мегузоранд ва закот медиҳанд ва аз Худову Паёмбараш фармонбардорӣ мекунанд. Худо ба онон раҳму шафақат хоҳад кард, Худо Пирӯзманду Дурусткор аст!*

**Сураи «Тавба», ояи 71**

Ҳадисҳои Паёмбари гиромии Ислом ва муносибати Ишон бо ҷойгоҳи сиёсию иҷтимоии занон низ нишон медиҳад, ки Ислом ба ин навъи фаъолияти занон нигоҳи мусбат дошта, онро дар доираи шариати исломӣ ҷоиз медонад. Ҳадиси машҳури Паёмбари Худо, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, дар бораи баробарии усулии зану мард гӯёи он аст, ки Ислом дар тамоми арсаҳо, аз ҷумла дар самти

сиёсию иҷтимоӣ барои занон ҷойгоҳе баробар бо мардон қоил аст.

Расули акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* дар ин маврид мефармоянд:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ عَائِشَةَ قَالَتْ: سُئِلَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ ... إِنَّمَا النِّسَاءُ شَقَائِقُ الرِّجَالِ»**

***Тарҷума:*** *Ҳазрати Оиша(р) гӯяд: Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: «Занон бо мардон ҳамрадиф ва баробаранд».*

**«Сунани Абудовуд», китоби «Таҳорат», ҳадиси 204 ва «Сунани Тирмизӣ», китоби «Таҳорат», ҳадиси 113**

Фақеҳи номдори ҳанафӣ Бадруддини Айнӣ дар китоби худ **«Умдату-л-қорӣ шарҳи «Саҳеҳи Бухорӣ»»** ҳадиси болоро чунин шарҳ додааст:

***Матн:***

**إنما النساء شقائق الرجال رواه أبو داود والمعنى أن النساء نظائر الرجل وأمثالهم في الأخلاق والطباع كأنهن شققن منهن وحواء خلقت من آدم عليهما السلام والشقائق جمع شقيقة ومنه شقيق الرجل وهو أخوه لأبيه وأمه ويجمع على أشقاء أيضاً ...**

***Тарҷума:*** *«Занон бо мардон ҳамрадиф ва баробаранд», ки онро Абудовуд дар «Сунан»-и худ ривоят кардааст, ба ин маъност, ки занон низ дар ахлоқ ва табъашон монанди мардон мебошанд, зеро онон аз мардон иншиқоқ шудаанд. Ва ҳазрати Ҳавво аз қисмати бадани Одам, алайҳимассалом, халқ шудааст. Ва «шақоиқ» ҷамъи «шақиқа» аст, аз ҷумла, бародари мард, ки аз як падар ва модар бошанд. Ва ҷамъ карда мешавад ба «ашиққо» низ, ки бо ташдиди қоф аст ва насабест, ки ба зан низ ихтисос дорад…*

**«Умдату-л-қорӣ шарҳи «Саҳеҳи Бухорӣ», ҷилди 3, саҳ. 235**

Муносибати амалии ҷаноби Расулуллоҳ, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, бо ин масъала низ

баёнгари ҳамин усули таълимоти Ислом дар мавриди ҷойгоҳи зан дар ҷомеа ва сиёсат мебошад. Ин мавзӯъро метавон дар мисоли ду масъалаи муҳим, яъне байъат ва амон ба хубӣ собит намуд.

**1. Иштироки занон дар байъат.** Байъат дар таълимоти исломӣ навъе изҳори назари сиёсӣ дар мавриди роҳбари давлат буда, дар садри Ислом ҳар фарди мусалмон бо эъломи байъат ё бо худдорӣ аз байъат мавқеи сиёсии худро нисбати ҳокимият ва шахси ҳоким муайян менамуд. Ба иборати дигар, байъат навъе интихобот буда, ширкат дар он ба маънои иштироки бевосита дар интихоботи сиёсӣ мебошад.

Суннати Расули Худо, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* дар ин мавриди нишон медиҳад, ки дар садри Ислом занон дар байъатҳо ба таври мустақим иштирок карда, ба ин тариқ дар баробари мардон ҳуқуқи интихоботии худро амалӣ менамудаанд. Ҳадиси зерине, ки ҳазрати Оиша(р) ривоят намудаанд, дар ин бора чунин маълумот медиҳад:

***Матни ҳадис:***

**«أَخْبَرَنِي عُرْوَةُ أَنَّ عَائِشَةَ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهَا زَوْجَ النَّبِيِّ y أَخْبَرَتْهُ أَنَّ رَسُولَ اللَّهِ y كَانَ يَمْتَحِنُ مَنْ هَاجَرَ إِلَيْهِ مِنْ الْمُؤْمِنَاتِ بِهَذِهِ الآيَةِ بِقَوْلِ اللَّهِ "يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ إِذَا جَاءَكَ الْمُؤْمِنَاتُ يُبَايِعْنَكَ" إِلَى قَوْلِهِ "غَفُورٌ رَحِيمٌ" قَالَ عُرْوَةُ: قَالَتْ عَائِشَةُ: فَمَنْ أَقَرَّ بِهَذَا الشَّرْطِ مِنْ الْمُؤْمِنَاتِ. قَالَ لَهَا رَسُولُ اللَّهِ y: قَدْ بَايَعْتُكِ كَلامًا وَلا وَاللَّهِ مَا مَسَّتْ يَدُهُ يَدَ امْرَأَةٍ قَطُّ فِي الْمُبَايَعَةِ مَا يُبَايِعُهُنَّ إِلا بِقَوْلِهِ قَدْ بَايَعْتُكِ عَلَى ذَلِكِ»**

***Тарҷума:*** *Урва аз Оиша(р) - ҳамсари Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, – нақл мекунад, ки Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, занҳои мусалмонеро, ки ба назди ӯ ҳиҷрат мекарданд, тибқи ҳамин оят имтиҳону озмоиш мекард – ба қавли Худованд –* ***«Эй Паёмбар, агар занҳои мӯъмин назди***

***ту оянд, то бо ту байъат кунанд… Худо Омурзандаву Меҳрубон аст».*** *Урва аз Оиша мегӯяд: Касе, ки аз ин занҳои мӯъмин ин шартро қабул мекард, Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ӯро мегуфт: Ман байъати туро қабул кардам, бо сухан. Оиша мегӯяд, ки қасам ба Худо, дар вақти байъат бо занон, ҳаргиз дасти Паёмбар дасти занеро ламс нанамудааст (яъне дасти Ишон ба дасти зани номаҳраме нарасидааст) ва дар ҳолати байъат бо онҳо фақат ин суханро мегуфт: Ман байъати туро қабул кардам, бо ҳамин (шартҳо)…*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Тафсиру-л-Қуръон», ҳадиси 5288 ва «Саҳеҳи Муслим», китоби «Имора», ҳадиси 4727**

Ҳамчунин, Имом Табарӣ дар таърихи машҳури худ дар бораи иштироки занон дар маросими байъат бо Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, дар рӯзи фатҳи Макка чунин маълумот медиҳад:

***Матн:***

**... ثم اجتمع الناس بمكة لبيعة رسول الله على الإسلام فجلس لهم فيما بلغني على الصفا وعمر بن الخطاب تحت رسول الله أسفل من مجلسه يأخذ على الناس فبايع رسول الله على السمع والطاعة لله ولرسوله فيما استطاعوا. وكذلك كانت بيعته لمن بايع رسول الله من الناس على الإسلام فلما فرغ رسول الله من بيعة الرجال بايع النساء ...**

***Тарҷума:*** *... Қатодаи Садусӣ нақл мекунад, ки ... рӯзи фатҳи Макка мардум барои байъат бо Расули Худо дар Макка ҷамъ шуданд ва Паёмбар барои байъати онҳо дар мавзеи Сафо нишаст ва аз онҳо ба қадри имконашон ба итоату фармонбардории Худо ва Расулаш байъатро қабул кард ва ҳамин тавр буд байъати Паёмбар бо касоне, ки бо ӯ байъат мекарданд бар Ислом. Ва ҳангоме ки Расули Худо аз байъати мардонфориғ шуданд, байати занҳоро қабул карданд…*

**Ниг.: «Таърихи Табарӣ», ҷ. 2, саҳ. 161-162**

**2. Эътироф шудани ҳаққи амонат барои занон.** Санадҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки Паёмбари акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, дар замони худ нисбат ба занон ҳамчунин яке аз муҳимтарин ва ҳассостарин ҳуқуқҳои сиёсӣ, яъне ҳуқуқи ба шахсе додани паноҳандагӣ, аз ҷумла паноҳандагии сиёсиро расмият бахшиданд. Ин масъала, ки дар садри Ислом бо номи «амон додан», яъне паноҳандагӣ додан маъруф буд, то он замон фақат хосси мардон ба ҳисоб мерафт, вале чандин санади таърихӣ расидааст, ки Расули акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, паноҳ ва амони занонро эътироф намудаанд ва ҳатто мухолифонеро, ки аз сӯи зани мусалмоне паноҳ ва амон ёфта бошанд, дар амон гузоштаанд, яъне аз ҷазо доданашон даст кашиданд.

Масалан, Расули Худо амони духтарашон Зайнаб ба шавҳараш Абулъос, амони Умми Ҳаким бинти Ҳорис ба шавҳараш Икрима ибни Абуҷаҳл ва амони Умми Ҳонӣ ба яке аз куффор ва мухолифони Исломро пазируфта буданд. Умми Ҳонӣ дар рӯзи фатҳи Макка яке аз мушрикони мухолифро паноҳ дод ва бародараш Ҳазрати Алӣ хост, ки он мардро бикушад. Аммо Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* фармуданд:

***Аз матни ҳадис:***

**... قلت: يا رسول الله زعم بن أمي أنه قاتل رجلا قد أجرته فلان بن هبيرة. فقال: رسول الله y قد أجرنا من أجرت يا أم هانئ ...**

***Тарҷума:*** Умму Ҳонӣ гуфт: Эй Расули Худо, писари модарам (яъне, бародараш Ҳазрати Алӣ (р) мехоҳад касеро, ки ман амонаш додаам, бикушад. Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва салам, гуфтанд: Эй Умми Ҳонӣ! Касеро, ки ту паноҳ додаӣ, мо низ паноҳаш додем.*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Салот», ҳадиси 357**

Ҳамин тавр, аз ибтидо бояд донист, ки Ислом ба таври усулӣ занонро низ дар баробари мардон соҳиби ҷомеа ва масъули ҷомеа дониста, ба онҳо дар баробари мардон ҳам ҳуқуқҳои бисёр васеи анҷоми фаъолиятҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва ҳам масъулиятҳои ҷиддӣ дар ҳифзу пешрафти ҷомеа пешбинӣ намудааст. Ҳуқуқи фаъолияти ҷамъиятӣ ва иштироки сиёсии занон низ пеш аз ҳама аз ҳамин масъулияти онҳо дар баробари ҷомеа бармеояд. Гарчи дар фиқҳи таърихии исломӣ дар масъалаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ ва иштироки сиёсии занон назару фатвоҳои мухталиф вуҷуд доранд, вале ба таври куллӣ, Ислом бо иштироку фаъолияти сиёсии занон мухолиф нест. Аз ин рӯ, бояд гуфт, ки он ақидаҳое, ки гӯё аз назари Ислом зан доимо хонанишин бошад ва дар ҷомеа фаъъол набошад, ҳеҷ асоси илмию шаръӣ надоранд. Ислом фаъолияти ҷамъиятии занонро иҷозат дода, ҷанбаҳои фиқҳию шаръии онро ба танзим даровардааст, ки дар бахшҳои зерин онро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

## 2. Масъалаи сардори давлат ва вазир шудани зан аз назари Ислом

### Муқаддимаи мантиқӣ

Масъалаи ба мақоми роҳбари давлат расидани занон дар шариати исломӣ яке аз масъалаҳои бисёр ҷиддӣ буда, чи дар садри Ислом ва чи дар таърихи густариши Ислом ҳамвора мавриди мулоҳиза ва баррасиҳои мухталиф қарор доштааст. Аз ҳамин

оғоз бояд гуфт, ки дар ҳақиқат гурӯҳе аз фақеҳони босалоҳият бо такя ба манбаъҳои мӯътабари исломӣ хулоса гирифтаанд, ки аз назари шариати исломӣ ба мақоми роҳбари давлат расидани занон дуруст намебошад. Ин назари фиқҳӣ маъмулан дар аксари мактабҳои фиқҳии исломӣ ва дар аксари давраҳои таърихи мусалмонон назари ғолиб будааст. Дидгоҳу фатвои ин уламои бузургвор қобили эҳтиром мебошанд. Аз ин рӯ, мо низ ба ин гуна хулосаҳои шаръӣ, ки бо нигоҳи нек ва бо нияти холис ба вуҷуд омадаанд, камоли эҳтиром қоил ҳастем ва мақсади баҳси зерин низ мухолифат бо онҳо ва ё радди онҳо нест.

Вале таҳқиқи масъалаи роҳбари давлат шудани занон дар сарчашмаҳо ва осори исломӣ нишон медиҳад, ки дар баробари назарҳои мавҷудаи мухолиф бо роҳбарии занон дар ҷомеа, назарҳои таъйидкунандаи ин масъала низ ҷой доранд. Бахше аз фақеҳони мӯътабари аҳли суннат ва ҷамоат бо овардани далелҳои ақлию истеҳсонӣ собит намудаанд, ки дар сурати риоят шудани баъзе шартҳои муайян, роҳбари давлат шудани занон дар ҷомеаи мусалмоннишин аз назари шариати исломӣ имконпазир мебошад. Ҳамин тавр, аввалин хулоса дар бораи назари шариати исломӣ дар масъалаи роҳбари давлат шудани зан ин аст, ки ин масъала чи дар байни мазҳабҳои фиқҳӣ ва чи дар байни фақеҳони бузурги як мазҳаб як мавзӯи ихтилофӣ мебошад. Ҳатто дар замони муосир низ дар ду кишвари ҳанафимазҳаби ҷаҳони ислом, ки дар он ҷо мактабу марказҳои бузурги ҳанафӣ фаъолият доранд, яъне кишварҳои Покистон ва Бангладеш, чанд муддат занон вазифаи Сардори ҳукуматро иҷро

намуданд ва уламои исломии ин ҷомеаҳо ба ин масъала мухолифати усулӣ накарданд.

Нуктаи муҳимме, ки аз таҳқиқи фатвоҳои манъкунандаи раёсати зан бар ҷомеа бармеояд, ин аст, ки аксари онҳо ҳолати суннатии ҷомеаҳо ва умуман, ба фаъолияти ҷамъиятию сиёсӣ машғул набудани занонро дар назар гирифтаанд. Вале имрӯз бо тағйир ёфтани нақши занон дар ҷомеаҳои мусалмоннишин ва дар ҳамаи бахшҳои ҷомеа фаъъол будани занон, он назари куллӣ дар бораи манъи фаъолияти ҷамъиятию сиёсии занон акнун мавзӯияти худро гум кардааст. Аз ин рӯ, имрӯз дар ҳоле ки занон дар ҳаёти ҷомеа ба таври фаъъол ҳузур доранд, масъалаи чигунагии назари шариати исломӣ дар бораи ба вазифаи роҳбари давлат расидани зан дубора таваҷҷӯҳи муҳаққиқонро ҷалб намудааст. Ин аст, ки ин ҷо кӯшиш мешавад дидгоҳи Ислом дар ин масъала бо таваҷҷӯҳ ба шароити нави пешомада дар ҷомеаҳои мусалмоннишин таҳқиқу муаррифӣ шавад.

Пеш аз баррасии назари манбаъҳои исломӣ дар ин масъала зарур аст, ки ба як мавзӯи бисёр сода, вале бисёр муҳимм, яъне тағйир ёфтани моҳият ва тарзи идоракунии ҷомеаҳо дар замони муосир таваҷҷӯҳ намоем. Шинохти дурусти ин масъала боис мешавад, ки ба мавзӯи имкони роҳбари давлат шудани зан аз назари шариат низ нигоҳи дақиқтаре андохта шавад.

Моҳияти масъала дар он аст, ки нақш ва мақоми роҳбари давлат дар ҷомеаҳои муосир аз нақшу мақоми он дар ҷомеаҳои гузаштаи суннатӣ бисёр тафовут кардааст. Имрӯз роҳбари як давлати муосири мардумсолорӣ (демократӣ) як фарди тасмимгирандаи мутлақ ва авторитарӣ набуда, дар асл идоракунандаи мутлақи ҷомеа нест. Яъне, дар

ҷомеаи муосир роҳбари давлат тобеъ ва иҷрокунандаи қонунҳои тасдиқшуда аз ҷониби қувваи қонунгузор ва ҳамчунин, пойбанди барномаҳои дар рафти интихобот эълоншудаи ҳизби худ мебошад. Фаъолияти ӯ аз ҷониби шохаҳои дигари ҳокимият, ки бояд дар мустақилият қарор дошта бошанд, назорат ва санҷида мешавад ва тасмимгириҳои ҷиддии ӯ низ ба тасвиби шохаҳои дигари ҳокимият, хусусан, парлумон бисёр вобаста аст. Фаъолияти ӯ ҳамчунин, моҳияти шаффоф дошта, аз сӯи ҳизб ё эътилофи ҳоким, ҳизбҳои мухолиф ва воситаҳои ахбори умум ва ҷомеаи шаҳрвандӣ пайгирӣ ва назорат мешавад.

Илова бар маҳдудиятҳои қудратӣ аз тариқҳои зикршуда, роҳбари давлат дар ҷомеаҳои муосири исломӣ мақоми пешвои диниро низ доро нест. Албатта, бар тибқи назари аҳли суннат ва ҷамоат ба истиснои Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* дигар ҳеҷ амире ҳамчун сардори давлат қадосати шаръӣ ва мақоми мазҳабӣ надоранд ва фақат Хулафои Рошидин дар давраи ҳукумати худ ҳамчун пешвоёни динии ҷомеа низ амал мекарданд. Дар чунин сурат, халифа илова бар нақши роҳбарии давлат нақши имоми ҷомеаро низ ба дӯш дошт, ки ин вазъият доираи салоҳият ва эътибори ҳукумати онро бисёр боло мебурд.

Вале, дар ҷомеаҳои муосири демократӣ (албатта давлатҳои диктатурӣ ва авторитариро дар назар надорем) роҳбари давлат ин ду аҳроми муҳимро дар даст надорад:

1.Ҳокимияти муталақи сиёсӣ ва ҳаққи тасмимгириҳои усулии фардӣ.

2. Мақоми имомат ё пешвои динии ҷомеа.

Ин воқеияти нав дар кулл моҳияти ҳукумат ва идораи ҷомеа дар замони муосирро тағйир дода, он фарзу тасаввури аввалия дар бораи мақоми халифа, амир ва ё роҳбари давлатро аз байн мебарад. Бо тағйири ин моҳияти давлат аксари далелу шартҳое, ки дар гузашта барои роҳбари давлат дар назар гирифта мешуд, моҳият ва мавзӯияти худро аз даст медиҳанд.

Дар мавриди ҳокимияти сиёсии зан ин масъала аз он назар қобили таваҷҷӯҳ аст, ки бахши зиёде аз фатвоҳои манъкунандаи роҳбарии сиёсии занон ба ҳамин моҳияти суннатии роҳбарӣ ва нақши суннатии роҳбар такя доштаанд. Тавре ки маълум аст, дар сурати дар ихтиёри як шахс гузоштани роҳбарӣ ва ҳукумати ҷомеа тамоми сарнавишти он ба ирода, хоҳиш ва тасмимгирии шахси роҳбар вобаста мегардад. Аз ин сабаб, соҳибони ин фатвоҳо бино бар баъзе хусусиятҳои табиию отифии занон, ба ихтиёри шахсии зан гузоштани ҳукумат ва тасмимгирии мутлақи ҷомеаро ҷоиз намедонистаанд. Аммо дар сурате, ки акнун дар ҷомеаҳои муосир роҳбари ҷомеа дорои чунин қудрат ва салоҳияти мутлақ нест, ин далели анъанавӣ моҳияти худро аз даст медиҳад.

Аз сӯи дигар, шариати исломӣ имом ё пешвои динии тамоми ҷомеаи мусалмонон будани занро ҷоиз намедонад. Ин масъала дар шариат ба таври рӯшан ҳал шуда, дар мавриди он баҳси хоссе вуҷуд надорад. Пас, агар чунин фарз шавад, ки яке аз нақшҳои халифа ё роҳбари давлат имомат ва пешвоӣ дар корҳои динии мусалмонон аст, занон намета-вонанд ин нақшро ифо намоянд, зеро занон наметавонанд имоми динӣ бошанд. Ин нукта яке аз қавитарин далелҳо барои имконнопазир будани

роҳбарии зан дар ҷомеаи мусалмонон ба ҳисоб меравад ва албатта, асоси саҳеҳи шаръӣ дорад. Аммо бино бар тағйири моҳияти роҳбарӣ ва ҳукумат дар ҷомеаҳои муосир, аз ҷумла, акнун бар дӯши роҳбари давлат набудани масъулияти имомӣ, ин далел низ дар шароити нав мавзӯияти худро аз даст додааст.

Ҳамин тавр, хулосаи ин баҳс чунин аст, ки агар дар ҷомеаи мусалмоннишин ҳокимияти мутлақи сиёсӣ ва имомати динии мардум дар дасти роҳбари давлат ҷамъ омада бошанд, муфовиқи шариати исломӣ дар чунин сурат роҳбари давлат шудани зан ҷоиз нест. Аммо, дар сурате, ки роҳбарияти сиёсӣ ин ду сифати зикршударо надошта бошад, ба симати роҳбари давлат дар ҷомеаи мусалмоннишин интихоб гаштани зан ҷоиз мебошад.

Пас, пурсише пеш меояд, ки оё хулосаи баъзе аз фақеҳони мӯътабари пешин дар бораи аз назари шариати исломӣ дуруст набудани роҳбарии зан бар ҷомеа ғалат будааст? Посухи банда ин аст, ки ин назарҳо ба ҳеҷ ваҷҳ ғалат набудаанд, зеро дар сурате, ки роҳбари давлат ҳамчун шахси яккатасмимгирандаи мутлақ ва низ, ҳамчун имоми динии ҷомеа дар назар гирифта шавад, аз дидгоҳи шариати исломӣ ба дӯши зан гузоштани ин масъулият дуруст нест. Дар дасти як фард ҷамъ шудани ин доираи ихтиёротро дар фиқҳи исломӣ **«вилояти кубро»** ё **«вилояти омм»** номидаанд, ки ба маънои масъулияти азим ва сарнавиштсоз аст. Маҳз дар ҳамин сурат фақеҳони исломӣ ба роҳбарии ҷомеаи мусалмонон мансуб гаштани занро ҷоиз надонистаанд. Вале дар ҳолате, ки имрӯз дигар роҳбари давлати демократӣ он ихтиёрот ва он нақшро қонунан доро нест, масъалаи имкони ба ин мақом расидани занон аз назари фиқҳи исломӣ ниёз ба як бознигарии ҷиддӣ дорад. Ин аст, ки фақеҳони мӯътабари муосир бо дар

назар гирифтани тағйири моҳияти роҳбарӣ ва давлатдории муосир, аз тариқи таҳқиқу иҷтиҳод дар ин масъала ба ҷоиз будани роҳбарии сиёсии зан фатво додаанд.

## Назари Қуръон ба масъалаи раёсати сиёсии зан

Дар муқаддимаи мантиқие, ки оварда шуд, зарурати бознигарии нигоҳи маъмулгашта ба мавзӯи роҳбарии сиёсии занон бино бар сабаби тағйири моҳияти роҳбарӣ ва ҳукумат дар замони муосир матраҳ гашт. Вале барои собит шудани чунин масъалаи ҷиддию печидаи шаръӣ фақат овардани чунин муқаддима кофӣ нест. Аз ин сабаб, барои рӯшан шудани ин мавзӯъ бояд ба манбаъҳои аслии шариати исломӣ рӯ оварем ва пеш аз ҳама назари Қуръони каримро дар ин масъала баррасӣ намоем. Маҳз дар он сурат метавон гуфт, ки асосу пояи шаръии ҷоиз будани роҳбарии сиёсии занон дар ҷомеаи мусалмоннишин кадом аст.

Аввалин ва муҳимтарин далеле, ки мухолифони ҳукумати сиёсии зан аз матни Қуръони карим ба он такя менамоянд, ояи 34-уми сураи муборакаи «Нисо» мебошад, ки Худованд дар он мефармояд:

***Аз матни оя:***

[illegible]
[illegible]
[illegible]
[illegible]
[illegible]
[illegible]
[illegible]

✐■↘⓿♦⬄▫■♋♏♑♎ ⊲💣✳🕓⬧→♋▦🕓⌧❍
🗐 ✦✏🙰✁ ⌧↑♋▦⌧❍ 🙰⌧☺♒🙰

***Тарҷума:*** *Мардон аз он ҷиҳат, ки Худо баъзеро бар баъзе бартарӣ додааст ва аз он ҷиҳат, ки аз моли худ нафақа медиҳанд, бар занон сарварӣ доранд. Пас, занони шоиста фармонбардору нигаҳдорандаанд молу мулк ва обрӯи шавҳарро (дар набудани он) ба нигоҳдошти Худо...*

**Сураи «Нисо», ояи 34**

Ибораи аввали ин оя «الرِّجَالُ قَوَّامُونَ عَلَى النِّسَآءِ », яъне **«мардон бар занон тасаллут доранд»,** дар тамоми давраҳо ҳамчун далели қуръонии ҳокимияти мардон бар занон ва хусусан, ҳамчун далели аслии имкон надоштани ҳокимияти сиёсии занон истифода мешавад. Албатта, ҷои ҳеҷ шакке нест, ки агар ин ибораро аз матни оя ва аз матни умумии Қуръони карим ҷудо тафсир намуда, ҳамчунин, фақат ба зоҳири он басанда намоем, он маҳз ҳамин маъноро медиҳад, ки «мардон бар занон ҳокимият доранд». Вале аз асрҳои нахустини Ислом то имрӯз дар фаҳму тафсири ин ояи муборака ду масъалаи аслӣ вуҷуд доштааст:

1. Маънои воқеии калимаи **«қаввом»**, ки дар ин оя истифода шудааст, чист?
2. Ин оя бо таваҷҷӯҳ ба мазмуни ояҳои дигари сураи «Нисо» ва бо таваҷҷӯҳ ба аҳкоми дигари қуръонӣ дар ин маврид чӣ маъно медиҳад?

Аз ин сабаб, баъзе аз муфассирон ва муҳаққиқони мӯътабари исломӣ ба зоҳири ин оя кифоя накарда, маънои воқеии онро бо таваҷҷӯҳ ба ин ду нуктаи зикршуда ҷустуҷӯ намудаанд.

Дар мавриди маънои **«қаввомият»** Қозӣ Абдулазиз ибни Барроҷ (400-481 ҳ.қ) дар китоби «ал-Муҳаззиб» чунин мегӯяд: *«Маънои ибораи* ***«Ар-риҷолу қаввомуна ала-н-нисои»*** *он аст, ки мардон*

*вазифадоранд, то ҳуқуқҳоеро, ки занон ҳамчун ҳамсар бар гардани онҳо доранд, иҷро намоянд».* Ибни Манзур дар «Лисону-л-араб» овардааст, ки *«калимаи **«қиём»** баъзан ба маънои нигаҳдорӣ ва ислоҳ истифода мешавад, аз ҷумла, дар ояи муборакаи* الرِّجَالُ قَوَّامُونَ عَلَى النِّسَاءِ *ва ояи шарифаи* إِلَّا مَا دُمْتَ عَلَيْهِ قَائِمًا *. Дар чунин мавридҳо калимаи «қоим» ба маънои мулозим ва муҳофиз аст».*

**Ниг.: Ибни Манзур. «Лисону-л-араб», ҷилди 12, саҳ. 497**

Ҳамчунин, Зубайдӣ дар «Тоҷу-л-арӯс» дар ин бора меорад: *«Ба навиштаи Ҷавҳарӣ калимаи «қаййим» ба маънои сарвар ва гардонандаи амр аст ва ба зан «қаййимата» гуфта мешавад. Дар бархе забонҳо «қайим-ул-маръати» ба маънои ҳамсари ӯ аст, зеро ба такаффули корҳо ва ниёзмандиҳои ӯ мепардозад... Фарроъ мегӯяд: «Қаввом», яъне масъули иҷрои корҳо».*

**Ниг.: Муҳаммад Зубайдӣ. «Тоҷу-л-арӯс», ҷилди 33, саҳ. 305-321**

Муҳаммад ибни Аҳмади Қуртубӣ дар тафсири машҳури худ маънои ин калима ва дар кулл, маънои ин ояро чунин шарҳ додааст: *«Ар-риҷолу қаввомуна ала-н-нисои» мубтадо ва хабар аст, яъне мардон сарф ва харҷи зиндагии занон ва нигаҳубини онҳоро мепардозанд».*

**Ниг.: Муҳаммад ибни Аҳмади Қуртубӣ. «Тафсири ал-Ҷомеу-л- аҳкоми-л-Қуръон», ҷилди 5, саҳ. 168**

Бо таваҷҷӯҳ ба маъное, ки луғатдонон ва муфассирони мӯътабар аз маънои «қаввомият» додаанд ва бо таваҷҷӯҳ ба мавридҳои дигаре, ки Қуръони карим ба ин масъала ишорат кардааст, маълум мегардад, ки қаввомият ё сарпарастии мустақими мардон бар занон пеш аз ҳама ба оила ва муносибатҳои оилавӣ тааллуқ дорад. Яъне, дар ин оя

қаввомият ба маънои масъул, муҳофиз ва сарпараст буда, пеш аз ҳама, ба он ишорат дорад, ки мардон вазифадоранд дар оила занонро ҳам аз назари амният ва ҳам аз назари эҳтиёҷоти моддию молӣ таъмин намоянд. Ин масъулият мардонро масъул ва сарпарасти оила мегардонад, ки ин амре табиӣ ва саҳеҳ аст.

Аз ин сабаб, дар ниҳоят чунин бармеояд, ки ин оя пеш аз ҳама ҳимоякунадаи ҳуқуқи занон аст. Вале ин ҳокимият ва сарпарастии мардон нисбат ба занон маҳз дар оила буда, ба таври мутлақ ба ҷомеа марбут намешавад, зеро нақши муҳофиз ва таъминкунанда ва сарпарастӣ нисбат ба занро мардон маҳз дар оила ба дӯш доранд ва анҷом медиҳанд. Яъне ин оя мустақиман далолат намекунад, ки дар умури ҷамъиятию сиёсӣ низ мардон бар занон тасаллут ва ҳокимият доранд.

Барои рӯшантар шудани ин фикр метавон ба ду нуктаи зерин таваҷҷӯҳ намуд:

1. Агар мо ин ояро чунин тафсир намоем, ки мардон дар тамоми заминаҳо ва дар тамоми масъалаҳо ба таври мутлақ бар занон тасаллут доранд, чунин фаҳмиш ба мазмуни ояи машҳури сураи «Ҳуҷурот», ки дар он Худованди мутаъол меъёри бартарии инсонҳо бар якдигарро фақат тақвою покӣ гузоштааст, созгор намеояд. Ин яке аз муҳимтарин аслҳои таълимоти исломист, ки Худованд меъёри бартарии инсонҳоро на дар ҷинсияту қавмияту миллияту сарват, балки маҳз дар покию тақво муқаррар намудааст:

***Матни оя:***

↓□✍□☪♑✍✂ ✍■&✍⑨❑🕯✵🕓♦③
♊♉♓✌ ✉↗▤🕓□✡⬂☽■▣⍓⌘ ✍✵✡♑☽
▤⊘⬧ॐ✡⬆🕮◆❑ ♑❷☒✍⬧❶
✍ॐ✉❑⬉➔↗⅄ ⬀☠↗▤🕓□✡▫▣⍓➔⍓♉◆❑

•✍✗✶✏✌♦⌨⬩🔔◆❒
❑♌⧫❍ 🗐 ☎✃☑❑➔▫◆❻✌⍓➔♦☝⧫☜
★✏✌✃ ⍓⑨✡⧫⇖ ⬀⍈⬈⧇♦☝♦❷⇩🗎❒🕮
⅄✏✌✃ ❑♌⧫❍ 🗐 ⬀☠⬈⧇☜⬩❍⬊✍❒🕮
⬲⬲⌧⬲ ⮜❸❷⧫⌨⍓⌘ ⬊☹⬈⧫🖬♦⇖

***Тарҷума:*** *Эй мардум, ба дурустӣ, ки шуморо аз як марду як зан офаридем ва шуморо қавмҳо ва қабилаҳо сохтем, то бо якдигар шиносо шавед. Ҳароина гиромитарини шумо назди Худо парҳезгортарини шумост; Худо Донои Хабардор аст!*

**Сураи «Ҳуҷурот», ояи 13**

Ҳамчунин, бояд таваҷҷӯҳ намуд, ки дар ин оя Худованд аввал аз мардону занон офарида шудани инсонҳоро зикр менамояд, вале маҳз меъёри бартарии онҳо аз якдигар набудани ҷинсиятро нишон дода, илова мефармояд, ки меъёри бартарии инсонҳо покию парҳезгорист. Пас, мард будан як тафовут аст, вале як бартарии зотӣ ва мартабаӣ нисбат ба зан нест. Ба ин эътибор, дар назди Худованд ва низ дар ҷомеа зани парҳезгор беҳтар аз марди бепарҳезу фосиқ аст.

2. Нуктаи дигаре, ки бояд ҳангоми фаҳм ва ба масъалаи ҳокимияти сиёсии занон марбут донистани ин оя ба он таваҷҷӯҳ намуд, тағйир ёфтани моҳияти роҳбарӣ ва ҳокимият дар ҷомеаҳои муосир мебошад. Тавре ки пештар шарҳ шуд, имрӯз ҳукумат доштан дар ҷомеаи демократӣ ба маънои роҳбари мутлақи ҷомеа будан нест. Аз ин рӯ, он навъи ҳукумати мустақилу шаръиеро, ки мард дар оила дорад ва ҳамчун соҳиби оила тасмимгирӣ ва амал менамояд, наметавон ба ҳукумати як фарди роҳбар бар кулли ҷомеа нисбат дод, зеро акнун ҳоким будан дар ҷомеа ба маънои тасаллути комил доштан бар он нест. Ҳамин тавр, ҳатто агар қаввомиятро ба маънои

тасаллут бигирем, боз ҳам бино бар сабаби тағйири моҳияти ҳукуматҳо, имрӯз раиси давлат шудани занон ба маънои қаввомият бар мардон ё тасаллут бар мардонро соҳиб гаштани онҳо намешавад. Зеро, роҳбари давлат дар ҷомеаҳои муосир ногузир дар доираи қонунҳои таъйиншуда, бо машварату ҳамоҳангӣ бо шохаҳои дигари ҳокимият ва зери назорати ҷомеа фаъолият менамояд.

Ояи дуввуме, ки мухолифони ба роҳбарии сиёсӣ расидани занон онро аз Қуръони карим далел меоваранд, ояи 228-уми сураи «Бақара» мебошад. Дар ин оя Худованд мефармояд:

***Матни оя:***

[illegible]

***Тарҷума:*** *Бояд, ки занони талоқшуда то се бор пок шудан аз шавҳар кардан бозистанд. Ва агар ба Худо ва рӯзи Қиёмат имон доранд, раво нест, ки он чиро, ки Худо дар раҳмҳои онон офаридааст, пинҳон доранд. Ва дар он айём агар шавҳаронашон қасдиислоҳи оиларо дошта бошанд, ба бозгардониданашон*

*сазовортаранд. Ва барои занон ҳуқуқе шоиста аст ҳамонанди вазифае, ки бар ӯҳдаи онҳост (яъне занонро болои мардон ҳақҳ аст, мисле, ки мардонро болои занон), вале мардонро бар занон дараҷаест. Ва Худо Пирӯзманду Ҳаким аст!*

**Сураи «Бақара», ояи 228**

Қисмате, ки маъмулан аз ин оя барои исбот намудани ин фикр истифода мешавад, ибораи « **وَلِلرِّجَالِ عَلَيْهِنَّ دَرَجَةٌ**», яъне **«мардонро бар занон дараҷаест»,** мебошад. Ба назар мерасад, ки ба таври мутлақ фаҳмидани ин оя, яъне ба маънои дар ҳамаи заминаҳо ва корҳо нисбат ба занон дар дараҷаи бартар қарор гирифтани мардҳо донистани он, баъзе мушкилоти дигарро ба вуҷуд меоварад. Аввалан, дар ин сурат маънои ин оя низ ба ояи 13-уми сураи **«Ҳуҷурот»** созгор намеомад, зеро дар он оя Худованд меъёри бартариро на ҷинсият, балки покию тақвои инсонҳо донистааст. Илова бар ин, калимаи «дараҷа» дар ин оя ба шакли якка омадааст, ки он маънои хосс ва ба як масъалаи мушаххас, яъне масъалаи талоқу бозгашт ва робитаи заношӯӣ таалluқ доштани ин дараҷаро мефаҳмонад. Мавзӯъ ва мазмуни куллии ин оя низ ба ҳамин далолат мекунад. Ҳамин тавр, аз баррасии мазмуни ояҳои қуръонӣ маълум мегардад, ки ҳеҷ яке аз онҳо ба таври мустақим маънои мамнӯъ будани ба мақоми ҳокими сиёсӣ ё роҳбари давлат расидани занонро ифода намекунад.

Дар айни замон, метавон аз Қуръони карим мисолҳоеро овард, ки роҳбарии занон бар ҷомеаро таъйид менамояд ва ё ҳадди ақалл, аз мазмуни он метавон барои ин масъала ҳамчун ишораи мусбат истифода намуд. Муҳимтарин мисоли қуръонӣ дар ин мавзӯъ нақл шудани таърихи подшоҳии маликаи

Сабо Билқис дар Қуръон аст. Билқис занест, ки бар тибқи иттилои Қуръон дар мулки Сабо ҳукумат дошта, бо хираду заковати худ боиси оромиш ва наҷоти он ҷомеа гаштааст. Қуръон аз равишҳои ҳукмронии ӯ бо назари мусбат хабар дода, хусусан, истифодаи ӯ аз асли шӯро ва машварат бо мардумро таъкид менамояд. *(Ниг.: Сураи «Намл», ояҳои 28-44)*

Шояд баъзе аз бародарон барои канор рафтан аз ин мисоли возеҳ чунин далел пеш оранд, ки Билқис роҳбари ҷомеаи мусалмонон набудааст. Дар посух бояд гуфт, ки аз сабабе, ки Қуръони карим нақли онро барои мусалмонон оварда ва онро радд накардааст ва дар ҳадисҳои Паёмбари Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* низ таърихи амали ӯ радд нашудаанд, мисоли ҳукумати ӯро метавон ҳамчун мисоли ҳукумати як зан аз Қуръон истидлол намуд.

Мисоли дигаре, ки дар умури ҷомеа масъулияти баробар доштани занону мардонро баён мекунад, ояи 71-уми сураи **«Тавба»** мебошад, ки Худованд дар он мефармояд:

***Матни оя:***

♦♌❑⇱☪⬀✍⬃⬧⬅☺⬊⬉⬤⬥⬦❑
➔⬧✳⬅❑✡⬀✍⬃⬧⬅☺⬊⬉⬤⬥⬦❑
⬇⬈✏⬥⬦◆⑩⬀⬉⬤⬃❑❑🕮 ⬁☠⬅♑➔⬀⬃➔♦✉
⬥♍❑⬇❺⬅✎▫⬥♦③ 🗐 🖫⮝⬃➔♦✉
⬁⬥⬦❑⇱❷⬃➔⬛☺⬊⬉⬤⬥⬦⬥⬦⬀✉
⬀♊♦⇱ ♦♌⬁❑⬛♑⬃☪♦③◆❑
⬥♍❑⬅☺⑩⬀◗⇱③◆❑ ⬛❷⬧▤☪⬅☺⬊⬉⬤⬥⬦✂
⬥♍❑➔✍⬃⬧⇱③◆❑ ■❑🗐❑■⬛●⬀⬉⬤⬥⬦✂
⬥♍❑⇱➔⑩⬀➲⇱③◆❑ ■❑🗐❑☒⬀❑❽⬉⬤⬥⬦✂
🗐 ⬛⬀⇱🕮⬧✏❑⬅⬀◆❻◆❑ ⅄✏⬥⬦✂
⇱☠⬅♑⬅✍☒❑⬃❸⌘❷⬛⬀ ⬛⌨⬀⬦✵⬀⬧⬉⬀❑⬆🕮

➘❽③⚘❿♦⇱ ⅄✎✂ ☐♌♍☽ ▤ ✦✎✂
⇦⚘➾⇗ ⚘⚐❿⇖▤⌂❍

***Тарҷума:*** *Ва мардону занони мӯъмин корсози якдигаранд: ба кори писандида мефармоянд ва аз кори номисандида манъ мекунанд ва намозро барпо медоранд ва закотро медиҳанд ва ба Худову Расули Ӯ фармонбардорӣ мекунанд. Худо бар онҳо раҳм хоҳад кард. Ба дурустӣ, ки Худо Ғолиби Дурусткор аст.*

**Сураи «Тавба», ояи 71**

Аз мазмуни ин оя низ чунин бармеояд, ки дар канори масъулиятҳои дигари муштарак, барои дар ҷомеа роиҷ гаштани некӯӣ ва аз байн рафтани фасоду мункар занону мардон ба таври баробар масъул мебошанд. Аз ин лиҳоз наметавон гуфт, ки Қуръони карим масъулияти роҳбарии сиёсии ҷомеаро ба дӯш гирифтани занро манъ намудааст. Ин аст, ки дар таърихи Ислом чандин нафар аз занон ба мақоми роҳбарии ҷомеа расидаанд. Масалан, Урво бинти Аҳмади Сулайҳӣ баъд аз марги шавҳараш дар Яман ба тахти салтанат нишаст ва ё Шаҷаратуддур, модари Халили Солиҳия низ ба мақоми ҳукумат расида буд.

**Ниг.: Муҳаммадфақии Расул. «Зан дар андешаи исломӣ», саҳ. 516**

****

Аммо бо тафовут аз масъалаи сарвари сиёсии ҷомеаи мусалмонон шудани зан, масъалаи ба масъулиятҳои вазирӣ ва дигар мақомоти ҳукуматӣ расидани зан дар шариати исломӣ мавзӯи чандон баҳснок нест. Далелҳое, ки дар боло оварда шуд, бидуни ҳеҷ шакку тардиде нишон медиҳанд, ки аз назари Ислом занон метавонанд дар вазифаи вазирӣ ва дигар масъулиятҳои муҳимми ҳукуматӣ фаъолият намоянд.

Илова бар далелҳои фаровони шаръию таърихӣ, дар замони муосир дигар шудани моҳияти кору фаъолияти давлатӣ низ барои ҷоиз будани кори занон дар ин масъулиятҳои муҳимм замина фароҳам намудааст. Ин аст, ки аксари уламои исломӣ, аз ҷумла, андешамандони шинохташудае чун Маҳмуд Шалтут, Рамазон Бутӣ ва ғайра интихоб шудани занро ба ин мақом дуруст медонанд. Масалан, Аллома Рамазон Бутӣ дар ин маврид мегӯяд: *«Барои зане, ки шоистагии ишғоли яке аз мансабҳои сиёсиро дорад ва метавонад рафтори худро дар доираи муқаррароти динии содиршуда аз сӯи Парвардгор ба роҳ гузорад, фақат ба сабаби зан буданаш ҳеҷ монеаи шаръии гирифтани ин вазифа вуҷуд надорад. Зеро дар ин маврид мамнӯъияте аз сӯи шариати исломӣ вуҷуд надорад ва баҳсҳои овардашуда фақат дар мавриди хилофат ё раёсати ҷумҳурӣ аст. Ва чунон ки медонем, то мамнӯъияте аз ҷониби шариат набошад, асл ва қоида дар тамомии чизҳо мубоҳ будани онҳо аст ва ин масъала низ дар ҳамин асл қарор дорад».*

**Ниг.: Рамазон Бутӣ. «Зан дар миёни шаффофияти шариати илоҳӣ ва тирагии фарҳанги Ғарб», саҳ. 71**

## 3. Назари Ислом дар бораи ҳуқуқи зан барои интихоб кардан ва интихоб шудан дар ҳукумати қонунгузор

Оё аз назари шариати исломӣ зан метавонад дар интихоботҳо ба унвони интихобкунанда ё интихобшаванда иштирок намояд? Оё аз назари Ислом зан метавонад вакил ё намояндаи мардумӣ дар парлумон бошад? Ин саволҳоест, ки бисёр вақт аз сӯи занони мусалмон ба миён гузошта мешавад ва дар баъзе аз ҷомеаҳои исломӣ яке аз масъалаҳои асосии ҳуқуқи занон ба ҳисоб меояд.

Барои дарки дурусти ҳуқуқи зан, барои интихоб намудан ва интихоб шудан бояд пеш аз ҳама ба яке аз муҳимтарин аслҳои таълимоти исломӣ, яъне асли шӯро ва машварат таваҷҷӯҳ намоем. Шариати исломӣ шӯроро яке аз аслҳои бунёдии низоми исломӣ муқаррар намуда, ба мусалмонон амр намудааст, ки дар масъалаҳои муҳимми ҷомеа байни худ машварат ва ҳамкорӣ намоянд. Ин амри Худованд дар Қуръони карим ба таври зерин омадааст:

***Матни оя:***

⌘♊♋♓👌 ⌨❑⍓☺⇳❍◆❻ ♐⍓☺♑⌛⬧⬨
⬀❑⬧♏◆❐ ☎ ⬀☠⬅♑⬧♏ ❀💣☪♋♏ ★✏♐⬧
⌧⬆⓿♑🖬⌧➘ ♐⑧➔⬧⬨ ❀💣✡⬈🖅
⇳♊♋👌 ☎⬧❑❻⚐⌧🪟✡☸⬥ ✍🖬⬨🖬⬧☽⬂♏♐⬧
⬀☠⬋🙰⬃☸⧫⬉ ⬅⬧⇳⬉♐♐⬧⬨ ☎ ⍓⌨♋♏⬀❑⍓❍
⬀☠⬅●❍⌨ ⬀❷♋🪟⬂⬄⧫☝⬄♎♐⬧◆❑
⚐❺⬀☟☞❁♐⬧ ❼♑× ⬀☠➔♎⬀❻⚐❑♐⌧⅄◆❑
⬀✍⅄🖅◆❑⧫☝⬧⬨ ❀💣⬂👌⌘❿⧫⬉ ⬧⬥❶♑✉⬧⬨ ☎
❹🖬♋⧫⬈⑥ ⅄✏♐⬧ ❑♌♑☽ 🗐 ★✏♐⬧ ❼■✍⧫⬉
⬗⬘♑⚐⬀ ⧫×⬢♑⬧♋⬅🖅◆❑⧫☝⬅☺⬂♏♐⬧

***Тарҷума:*** *Ба василаи раҳмате аз ҷониби Парвардгор бо онон нармиш доштӣ ва агар тундхӯ ва сангдил мебудӣ аз атрофи ту пароканда мешуданд. Пас, онолро бибахшой ва бароящон талаби омурзиши гуноҳон кун ва* ***дар корҳо бо онон машварат кун*** *ва ҳаргоҳ тасмим гирифтӣ (баъди машварат дар он кор) пас, ба Худо таваккул кун. Ҳаройина Худо таваккулкунандагонро дӯст медорад.*

**Сураи «Оли Имрон», ояи 159**

Ҷойгоҳи шӯро дар Ислом то андозае муҳим аст, ки Худованд дар Қуръони карим сураи ҷудогонаеро бо номи «Шӯро» оварда, доир намудани шӯро ва бо

ҳамдигар машварат оростанро яке аз сифатҳои аслии мусалмонон медонад.

***Матни оя:***

♦×⇦♉♎⅄✎♏✄◆❒
☎✄❑🡸✉♏⌧✗♦☝⬄♋♏✄
☎✄❑⬉✌♏⬧♎❒🕮◆❒ ⬀☠♐♐♐♒▤♦❷♉♑
⬀☠➔♎⬉❷⬂✌❑🕮◆❒ ■❑▤❑■▣○🕔♑♏✄
♏●☺♉✌◆❒ ⬀☠⬊♒◆☪⬃❹♦✉ ▤❽◆❻❑⬈⅄
♦♌❑➔☽♉▩☪⬉③ ⬀☠⬅♑🕔◆☪⬂♎⌧♍◆❻
⬰▩♉⬀

***Тарҷума:*** *(Мӯъминони ҳақиқӣ) касоне ҳастанд, ки даъвати Парвардгорашонро лаббайк гуфтанд ва намозро барпо медоранд ва* ***корашон (доимо) бар асоси машварат дар байни худ аст (яъне бе маслиҳати якдигар кореро анҷом намедиҳанд)*** *ва аз он чи ки ризқу рӯзӣ ба онон додаем, инфоқ ва хайру эҳсон мекунанд.*

**Сураи «Шӯро», ояи 38**

Аз маҷмӯи ояҳои қуръонӣ дар мавриди шӯро ва машварат дида мешавад, ки Худованд дар ин масъала мардонро аз занон ҷудо надошта, ба ҳамаи онҳо баробар муроҷиат мекунад ва ҳамаи онҳоро ба иштирок дар машварат амр менамояд.

Илова бар ин, суннати Паёмбари гиромии Ислом ва Хулафои Рошидин низ собит намудааст, ки онҳо дар бисёр корҳо бо занон машварат намуда ва ё фикру маслиҳати занонро ба назар мегирифтаанд. Ба таври мисол, Паёмбари акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, дар рӯзи сулҳи Ҳудайбия назди ҳамсараш Умми Салама(р) омада, машварат пурсид, ки ба ёронаш куштани ҳайвонҳои ҳадяшуда ва тарошидани сарҳояшонро дастур додааст, вале онон аз иҷрои ин амр худдорӣ намуда, ба ин восита яке аз маносикро анҷом надодаанд. Умми Салама(р) ба он Ҷаноб чунин машварат дод: Ё Расулаллоҳ! Оё

мехоҳӣ, ки пайравонат ин дастурро анҷом бидиҳанд? Пас, берун шав ва бо ҳеҷ яке аз онҳо сухане нагуфта, худат шутури худро забҳ бикун ва аз касе хоҳиш намо, ки мӯи саратро битарошад. Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, берун омаданд ва машварати Умми Саламаро амалӣ намуданд. Ёронашон ин амали Ишонро дида, ҳамагӣ ба он пайравӣ карданд.

**Ниг.: «Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Шурут», ҳадиси 2731 ва 2732**

Ё ҳамчунин, дар бораи баъзе машваратҳое, ки Паёмбари акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* бо ҳамсарашон Оиша(р) анҷом додаанд, санаду ривоятҳои зиёди таърихӣ бар ҷой мондааст. Ҷойгоҳ ва андешаи ҳазрати Оиша(р) дар садри Ислом то андозае боло буд, ки пас аз вафоти Расули Худо, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* баъзе аз саҳобаҳо дар корҳои муҳимми ҷамъиятию сиёсӣ бо ишон машварат менамуданд ва, аз ҷумла, дар масъалаҳои шаръӣ низ аз ишон фатво мепурсиданд. Фақеҳи бузургвори исломӣ Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ санадҳои таърихӣ дар бораи ҷойгоҳ ва соҳибназарии ҳазрати Оишаро чунин баршумурдааст:

*«Шаъбӣ мегӯяд: Ҳар гоҳе Масруқ аз Оиша(р) ривоят мекард, чунин огоз мекард, ки Содиқа (ростгӯй) духтари Сиддиқ (Абубакр(р)), дӯсти дӯсти Худо (Паёмбар), маро гуфт… Ва аз Абуззуҳо ривоят аст, ки Масруқ гуфтааст: Ман саҳобаҳои бузурги Расули Худоро дидам, ки фароизро аз Оиша(р) мепурсиданд. Ва Ато ибни Абирабоҳ мегӯяд: Дар кулл, Оиша(р) фақеҳтарин ва донишмандтарин ва некӯтарини мардум дар раъй буд.*

*Ва Ҳишом ибни Урва аз падараш нақл мекунад, ки мегуфт: Касеро донотар аз Оиша(р) дар фиқҳ ва дар*

*тиб ва дар шеър надидаам. Ва Абубурда ибни Абумӯсо аз падараш нақл мекунад, ки мегуфт: Вақте ки дар коре ё қазияе барои мо ишколе пайдо мешуд, мо аз Оиша(р) мепурсидем ва ӯ дар он масъала маълумоти хуб дошт. Ва Зуҳрӣ мегӯяд: Агар илму дониши Оиша(р) ва илму дониши тамоми модарони мӯъминҳо ва илму дониши тамоми мардум ҷамъ карда шавад, илми Оиша(р) бартар ва сазовортар мебошад...*

**Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ. «ал-Исоба фи тамйизи-с-саҳоба», ҷ. 8, саҳ. 18**

Ҳамин тавр, санадҳои таърихӣ аз садри Ислом нишон медиҳанд, ки Паёмбари гиромӣ, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* ба назар ва машварати занон, аз ҷумла, дар корҳои муҳимм таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, ҳангоми зарурат бо онҳо низ машварат мекардаанд. Имом Шофеӣ(р) дар бораи мавридҳои аз занон машварат пурсидани Паёмбари акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* аз қавли Ҳасани Басрӣ(р) чунин овардааст, ки он Ҳазрат дар фаъолияти худ аз машварат бо мардум ё занон бениёз буданд, вале бо ин корашон мехостанд, то пас аз Ишон чунин амал дар миёни ҳокимони мусалмон суннат гардад ва онҳо ин равишро идома бидиҳанд.

***Матн:***

**«قال الشافعي قال الحسن إن كان النبي y لغنيا عن مشاورتهم ولكنه أراد أن يستن بذلك الحكام بعده».**

**Имом Шофеӣ. «ал-Умм». ҷ. 7, саҳ. 95**

Аз ҳамаи овардаҳои боло чунин хулоса мешавад, ки аз назари Ислом асли **шӯро ва машварат** танҳо бо мардон маҳдуд нашуда, занонро низ дар бар мегирад. Аммо бо васеъ гаштани ҷомеаи исломӣ ва рушди низоми давлатдорӣ дар кишварҳои мусалмоннишин шӯро низ шакли ниҳодӣ ва сохторӣ

гирифта, дар шакли сохтори доимоамалкунанда ва таъсиргузор дар идораи ҷомеа фаъолият менамояд.

Имрӯз муҳимтарин шакли фаъолияти шӯро маҷлиси вакилони сатҳҳои гуногун, аз ҷумла, парлумон мебошад. Маҷлисҳои вакилони шаҳрию ноҳиявӣ ва вилоятию ҷумҳуриявӣ ниҳодҳое мебошанд, ки дар онҳо вакилони мардум дар бораи муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти ҷомеа бо ҳам машварат намуда, хулосаву тасмимҳои ниҳоӣ қабул менамоянд. Асли машварат ва шӯро низ маҳз дар ҳамин аст, ки мусалмонон дар тасмимгириҳои худ бо ҳамдигар машварат намоянд ва тасмимҳои муштарак бигиранд. Аз сабабе, ки имрӯз барои машварат дар корҳои муҳимми ҷомеа ва давлатдорӣ дар як ҷой ҷамъ омадани ҳамаи мардум имконпазир нест, онҳо ин амалро аз тариқи намояндагони худ дар шӯроҳо анҷом медиҳанд. Ҳамин тавр, дар замони муосир, асли исломии шӯро дар шакли институти (ниҳоди) маҷлиси вакилони халқ ё парлумон амалӣ мегардад.

Чун амри Худованд дар мавриди шӯро бар занону мардон ба таври яксон дахл дорад, аз назари Ислом занон низ бе ҳеҷ шакке дорои ҳуқуқи интихоби вакил ба шӯро ва ҳамчунин, ҳуқуқи интихоб шудан ба вакилии шӯро ё парлумон мебошанд. Ин далели аслии қуръонӣ ва ақлонӣ барои ҳуқуқи ба органҳои ҳукумати қонунгузор интихоб кардан ва интихоб шудани занон аз назари Ислом мебошад. Чунон ки Аллома Рамазон Бутӣ низ мефармояд, ки «*дар амри шӯро ва машварат дар шариати исломӣ занон низ ҳамонанди мардон аз ҳуқуқи баробар бархурдоранд ва онон метавонанд дар фаъолияти шӯро ё маҷлиси намояндагон ширкат кунанд*».

**Ниг.: Рамазон Бутӣ. «Зан дар миёни шаффофияти шариати илоҳӣ ва тирагии фарҳанги Ғарб», саҳ. 66-71**

Илова бар ин, Қуръони карим дар мавридҳои зиёди дигаре низ ба ҳуқуқи зан барои иштирок дар фаъолияти ҷамъиятию сиёсӣ, аз ҷумла, дар амри шӯро ва машварат ишора менамояд. Тавре ки дар бахшҳои пешин зикр шуд, Ислом ин ҳуқуқи занонро, аз ҷумла, ба воситаи иштироки занон дар байъат ё ба ибораи дигар, иштироки занон дар интихоботҳо барои интихоби роҳбари ҷомеа пешбинӣ менамояд. Ба ин ҳуқуқи зан дар Қуръони карим, аз ҷумла, чунин ишора шудааст:

***Матни оя:***

[illegible]

***Тарҷума:*** *Эй Паёмбар, агар занони мӯъмин назди ту биёянд, то бо ту байъат кунанд, бад-ин шартҳо, ки ҳеҷ касро ба Худо шарик накунанд ва дуздӣ накунанд ва зино накунанд ва фарзандони худро накушанд (аз сабаби фақр) ва фарзандеро, ки аз онӣ шавҳарашон нест, ба дурӯғ ба ӯ нисбат надиҳанд ва дар корҳои нек нофармонии ту накунанд, пас, бо онҳо*

*байъат кун ва бароишон аз Худо омурзиш бихоҳ, ки Худо омурзандаву меҳрубон аст!*

**Сураи «Мумтаҳана», ояи 12**

Ва ё дар ин масъала метавон боз ҳам ба ояи 71 сураи **«Тавба»** ишора намуд, ки дар он занони мусалмон дар баробари мардони мусалмон масъули ҷомеаи худ дониста шудаанд. Табиист, ки бидуни доштани ҳаққи интихоб намудан ва ҳаққи интихоб шудан, занон наметавонанд ин масъулиятеро, ки Худованд ба дӯши онҳо низ гузоштааст, ба дурустӣ анҷом бидиҳанд:

***Матни оя:***

[illegible]

***Тарҷума:*** *Мардони мӯъмин ва занони мӯъмин дӯстони якдигаранд. Ба некӣ фармон медиҳанд ва аз ношоиста бозмедоранд ва намоз мегузоранд ва закот медиҳанд ва аз Худову Паёмбараш фармонбардорӣ мекунанд. Худо ба онон раҳму шафқат хоҳад кард, Худо пирӯзманду дурусткор аст!*

**Сураи «Тавба», ояи 71**

Яке аз машҳуртарин мисолҳои ҳуқуқи амалии занони садри Ислом барои иштирок дар машваратҳо ва изҳори назар дар ҳузури роҳбари давлат, ҳодисаи дар масъалаи миқдори маҳрияи занон бо халифаи дуюми мусалмонон ҳазрати Умар(р) ба мубоҳисаи мустақим пардохтани яке аз занони мусалмон мебошад. Мувофиқи ҳадисе, ки Имом Аҳмад ибни Ҳанбал ва Абуяъло ва Абусаъид ибни Мансур ривоят мекунанд, рӯзе Умар(р) дар Масҷиди набавӣ дар масъалаи маҳрияи занон, аз ҷумла, чунин гуфт: «*Эй мардум, дар маҳри занонатон зиёдаравӣ накунед… Ҳар кӣ дар маҳри занон як уққия аз дувоздаҳ уққия ва ё даҳ дирҳам аз чаҳорсад дирҳам зиёда мекунад, ҳамоно ман он маблагҳои зиёдатиро меситонам ва дар байтулмоли муслимин мениҳам*».

Ҳангоме ки ишон аз рӯи минбар мефаромаданд, яке аз занони дар сафи масҷид нишаста, ки аз қабилаи Қурайш буд, аз ҷои худ баланд шуд ва ба оҳанги эътироз ба ҳазрати Умар(р) гуфт: Эй амири мӯъминон, Шумо ҳаққ надоред, ки маҳрияи занонро маҳдуд созед. Ҳазрати Умар(р) пурсиданд, ки чаро? Он зани мӯъмина гуфт: Зеро Худованди *азза ва ҷалл* дар Қуръони азимушшаън дар ин робита фармудааст: «Агар Шумо, эй мардҳо, моли бисёр (ва номаҳдуде) ба унвони маҳр ба ҳамсарони худ дода бошед (баъд аз хилвати саҳеҳа ва талоқ), дигар ҳаққ надоред, ки он маҳри худро аз ишон бозпас бигиред!»

Чун Умар(р) ин ояро аз забони он зан шунид, ошкоро аз раъйи худ баргашту гуфт: Эй Худо, аз хатоям даргузар! Мардум дар илми шариат аз ман олимтару донотаранд. Ин зан рост мегӯяд, ман хато кардам. Дар ривояти Имом Аҳмад омада, ки ишон аз

роҳи худ баргаштанд, дубора рӯи минбар омаданд ва гуфтанд: Ҳар мард ҳар қадар, ки мехоҳад, ба арӯсаш маҳр бидиҳад.

Мутафаккири мусалмон Ҷамол Муҳаммадфақии Расул дар шарҳи ин ҳодисаи таърихӣ чунин мегӯяд: *«Пас, метавон гуфт, ки аз назари Ислом зан метавонад намояндаи маҷлис бошад ва дар қабулу тасвиби қонунҳо ширкат намояд. Зеро ӯ ҳақ дорад, ки ба масҷид биравад ва масҷидҳо дар он рӯз ҳукми парлумони уммати исломиро доштанд, ҳамон гуна ки он зан дар масҷид ба халифаи мусалмонон эътироз кард».*

**Ниг.: «Зан дар андешаи исломӣ», саҳ. 481**

Илова бар далелҳои мушаххасе, ки аз Қуръони карим ва Суннати набавӣ зикр шудаанд, барои исботи ҳуқуқи занон ба интихоб кардан ва интихоб шудан ва ҳамчунин, барои исботи ҳуқуқи комили занон барои анҷоми вазифаи вакилии мардум дар парлумон метавон ба чанд далели ақлию мантиқӣ аз матни шариати исломӣ низ мурочиат намуд.

**Далели аввал:** Дар шариати исломӣ ва хусусан, дар мазҳаби Имом Абуҳанифа(р) фарди мусалмон метавонад дар корҳои гуногун занеро аз тарафи худ вакил ва васӣ таъйин намояд. Мувофиқи сарчашмаҳои фиқҳии ҳанафӣ зан метавонад дар масъалаи моликият, тиҷорат, шаҳодат, кафолати ятим ва ғайра аз ҷониби дигарон, аз ҷумла, аз ҷониби мардон вакил таъйин шавад ва ё васию намояндаи онҳо бошад. Дар замони муосир ваколат дар парлумон низ навъе вакилӣ аз мардум аст. Пас, модоме ки дар шариати исломӣ зан ҳуқуқи вакилӣ дар корҳои дигарро дорад, табиист, ки ҳуқуқи вакилии мардум дар парлумонро низ дорад. Мардум аз тариқи додани овоз ва изҳори боварии худ ӯро

метавонанд вакили худ дар шӯро ё парлумон таъйин намоянд, то ба намояндагӣ аз онҳо ҳуқуқу манофеи онҳоро ҳимоя бикунад.

**Далели дуюм:** Дар шариати исломӣ зан ҳуқуқ дорад муҷтаҳид ва соҳиби фатво бошад. Дар масъалаи ҳуқуқи муҷтаҳиди соҳибфатво будани зан иҷмоъи уламои исломӣ ҳосил шудааст ва бузургтарин намунаи аз назари Ислом ҷоиз будани ин амр дар мақоми соҳиби иҷтиҳод ва фатво қарор доштан ва эътироф гаштани ҳазрати Оиша(р) мебошад. Модоме ки дар таълимоти исломӣ зан дар чунин масъалаи муҳимму ҳассос, яъне содир намудани фатвои шаръӣ салоҳият дорад, ҳаққу салоҳияти иштирок ва раъй додани ӯ дар қабули қонунҳо дар парлумон ба таври табиӣ собит мешавад. Зеро, дар канори дигарон раъй додан дар парлумон нисбат ба содир намудани фатвои шаръӣ кору масъулияти басе осонтару содатар аст. Пас, агар зан сатҳи зарурии маърифати ҳуқуқӣ ва салоҳияти илмию сиёсии вакилӣ дар парлумонро дошта бошад, аз назари Ислом вакили парлумон шудан ва дар қабули қонунҳо ширкат доштани ӯ ҳеҷ мушкиле надорад.

**Далели сеюм:** Тавре ки дар бахшҳои боло зикр шуд, дар шариати исломӣ масъалаи ба **«вилояти кубро»** расидани зан, яъне масъулияти роҳбарии мутлақи сиёсӣ ва имомати динии ҷомеаро ба дӯш гирифтани зан мавриди баҳс қарор дорад. Бо таваҷҷӯҳ ба ин, баъзе аз фақеҳони исломӣ иштирок дар қоунгузориро ҳамчун дар даст доштани вилоят бар мусалмонон шумурда, аз иштироки занон дар кори парлумон истиқбол накардаанд. Вале ин далел низ дар мавриди парлумон саҳеҳ нест, зеро дар парлумон ҳеҷ як вакил ҳукумат ва вилояти фардӣ бар

тамоми ҷомеа надошта, қонунҳо дар он фақат дар сурати ба даст овардани раъйи аксарият ба тасвиб мерасанд. Ҳатто дар кишварҳое, ки парлумон мақоме баландтар аз ҳокимияти иҷроия дорад, ин эрод дуруст намебошад, зеро дар ҳар сурат, мавқеъ ва назари парлумон як назари фардӣ набуда, назари ҷамъӣ мебошад, ки аз тариқи шӯро ва раъйдиҳӣ ба даст омадааст. Аз ин назар низ иштироки занон дар фаъолияти парлумон хеҷ мушкиле надорад.

Ҳамин тавр, дар канори мисолҳо аз Қуръону Суннат, далелҳои ақлию мантиқии зикршуда низ нишон медиҳанд, ки масъалаи вакилии занон дар парлумон аз назари Ислом мушкиле надорад. Яъне, агар зан салоҳияти илмию сиёсии ин корро дошта, одоб ва ҳиҷоби исломиро риоят намояд, шариати исломӣ бо вакилӣ ва намояндагии ӯ дар шӯро ва парлумон ҳеҷ мухолифате надорад. Ин аст, ки бисёре аз мутафаккирони муосир ва шинохтаи исломӣ дар мавриди он хулоса ва фатвоҳои мусбат содир намудаанд.

Хулоса, дар фиқҳи исломӣ ва аз назари фақеҳон ва мутафаккирони муосири исломӣ масъалаи ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудани зан ва хусусан, масъалаи вакилии занон дар парлумон ҳалли мусбати худро пайдо кардааст.

## 4. Назари шариати исломӣ дар мавриди ба мақоми қозии додгоҳ ё прокурор интихоб шудани зан

Масъалаи ба вазифаҳои қозӣ (судя) ё додситон (прокурор) интихоб ва таъйин гаштани зан низ яке аз масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи зан дар Ислом

мебошад. Аз сабаби он ки ин масъала дорои баъзе зарофатҳост, дар атрофи он байни фақеҳони исломӣ баъзе баҳсҳо ва ихтилофи назарҳо мавҷуданд. Вале, бо вуҷуди ин, омӯзиши манбаъҳои асили исломӣ нишон медиҳад, ки дар шариати исломӣ ҳеҷ ҳукми қатъие, ки занонро ба таври усулӣ аз ишғоли вазифаҳои қозигӣ дар додгоҳ ё додситонӣ манъ намояд, ворид нашудааст.

Аз миёни мазҳабҳои фиқҳӣ хусусан, мазҳаби ҳанафӣ, ки мусалмонони Тоҷикистон пайрави он ҳастанд, ба ин масъала нигоҳи мусбат дошта, ба вазифаҳое чун қозӣ ва додситон расидани занонро ҷоиз медонад. Далелҳо ва ҷузъиёти ин масъала дар мазҳаби ҳанафӣ дар шакли зер аст:

1. Мазҳаби Имом Абуҳанифа шаҳодат додани занро дар тамоми масъалаҳои маданӣ ва шаҳрвандӣ ҷоиз медонад. Модоме ки шаҳодат додани зан ҷоиз бошад, қазоват кардани ӯ низ ҷоиз аст.

2. Қазоват кардан дар додгоҳ моҳиятан ба масъалаи содир намудани фатвои шаръӣ яксон аст. Яъне, қозии додгоҳ ҳангоми содир намудани ҳукми худ маводди қонунро амиқ омӯхта, хулосаи худро дар доираи қонун ҳамчун ҳукми додгоҳ ироа мекунад. Муҷтаҳид низ ҳангоми судури фатво маводи сарчашмаҳои шаръиро омӯхта, хулосаи шаръии худро дар шакли фатво содир менамояд. Аз он ҷо, ки дар шариати исломӣ занони босалоҳият ҳаққи комили содир намудани фатворо доранд, бо ин қиёс ҳаққи қозигӣ ва қазоватро низ доранд. Бо таваҷҷӯҳ ба ин, баъзе аз фақеҳони ҳанафӣ ҳаққи қозӣ будани занро дар тамоми аҳком ба таври мутлақ эътироф намудаанд. Аз ҷумла, фақеҳ ва муфассири бузургвор Ибни Ҷарири Табарӣ мӯътақид аст, ки *«додани мансаби қозигӣ ба зан ба таври мутлақ ҷоиз*

*аст, зеро қазоват аз ҳар ҷиҳат монанди фатво аст. Ва аз он ҷо, ки вогузор шудани вазифаи фатво ба зан ба иҷмоъи уламои исломӣ ҷоиз мебошад, қазовати зан низ ҷоиз ва ҳукми вай дар корҳои қазоӣ қобили иҷро аст».*

**Ниг.: Рамазон Бутӣ. «Зан дар миёни шаффофияти шариати илоҳӣ ва тирагии фарҳанги Ғарб», саҳ. 72-73**

Илова бар ин, гурӯҳи дигари уламо ва андешамандони исломӣ чун Ибни Ҳазми Зоҳирӣ, Ибни Тарози Шофеӣ, Ибни Қосим ва ғайра низ қазовати занро дар тамоми корҳо ҷоиз медонанд.

4. Тавре ки болотар зикр рафт, дар садри Ислом зане бо номи Шифо бинти Абдуллоҳи Адавӣ аз тарафи ҳазрати Умар(р) ҳамчун роҳбари бозор ва мӯҳтасиб таъйин шуда буд. Кори мӯҳтасиб фаъолиятест, ки, аз ҷумла, назорат ва содир намудани ҳукмро низ дар бар мегирад. Аз ин рӯ, модоме ки зан ҳаққи муҳтасиб шудан дорад, ҳаққи қозӣ шуданро низ дорад, зеро ҳар далеле, ки барои мӯҳтасиб шудани зан кифоят кунад, барои қозӣ шудани зан низ кифоят мекунад.

**Ниг.: Муҳаммадфақии Расул. «Зан дар андешаи исломӣ», саҳ. 526**

Фақеҳони мӯътабари мазҳаби ҳанафӣ низ қозигии занро ба ҷуз дар масъалаи қисоси хун ва ҷорӣ намудани ҳудуд раво дониста, ба ин маънӣ фатвоҳои мушаххаси худро додаанд, ки ба чанд мисоли он рӯ меорем:

***1. Дар китоби «Ҳидоя» омадааст:***

**ويجوز قضاء المرأة في كل شيء إلا في الحدود والقصاص اعتبارا بشهادتهما فيهما...**

***Тарҷума:*** *Ва ҷоиз мебошад қазовати зан дар ҳар чиз ба ҷуз дар масъалаи ҳудуд ва қисос, ба сабаби қабул набудани шаҳодати зан дар ин ду масъала.*

**«ал-Ҳидоя шарҳи «Бидояту-л-мубтадӣ», ҷ. 3, саҳ. 107**

***2. Дар «Шарҳи «Фатҳу-л-қадир» низ омадааст:***

**وأما الذكورة فليست بشرط إلا للقضاء في الحدود والدماء فتقضى المرأة في كل شيء إلا فيهما ... قال المصنف وقد مر الوجه يعني وجه جواز قضائها وهو أن القضاء من باب الولاية كالشهادة والمرأة من أهل الشهادة فتكون من أهل الولاية**

***Тарҷума:*** *Мард будани қозӣ шарт нест ба ҷуз ҳангоми қазоват дар масъалаи ҳудуд ва қисоси хун, пас, зан метавонад дар ҳар чиз ба ҷуз дар ин ду масъала қазоват кунад… Ва мусанниф мегӯяд, ки сабаби ҷоиз будани қазовати зан гузашт ва сабабаш ин аст, ки қазоват аз боби вилоят монанди шаҳодат аст ва зан аз аҳли шаҳодат аст. Пас, зан аз аҳли вилоят низ ҳаст.*

**«Шарҳи «Фатҳу-л-қадир», ҷ. 7, саҳ. 253 ва 297-298**

Ҳамин тавр, дар маҷмӯъ, мавқеи мазҳаби ҳанафӣ дар масъалаи қозӣ шудани зан чунин аст, ки занон дар сурати доштани салоҳияти илмӣ, ба ғайр аз масъалаи қисос ва ҳудуд, дар ҳамаи масъалаҳои дигар метавонанд ба унвони қозӣ (судя) фаъолият намоянд.

Аммо, қобили зикр аст, ки баъзе аз фақеҳони бузургвори ҳанафӣ дар сурати риоят шудани ду шарт қазовати занро дар масъалаи ҳудуд ва қисос низ ҷоиз донистаанд. Шарти аввал ин аст, ки ин ҳукм ба шакли ҷамъӣ содир шавад, яъне бо иштироки қозии дигаре муштаракан содир гардад ва шарти дуюм ин аст, ки худи зан масъули иҷрои ин ҳукм набошад, яъне ҳукми содиршуда аз тарафи мард иҷро шавад.

Ин мазмун дар **«Ҳошия»-и Ибни Обидин** чунин омадааст:

**...قال العيني ولو قضيت بالحدود والقصاص وأمضاه قاض آخر يرى جوازه جاز بالإجماع ... فإن شريحا كان يجوز شهادة النساء مع رجل في الحدود والقصاص ...**

***Тарҷума:*** *... Айнӣ мегӯяд, ки агар зан дар масъалаи ҳудуд ва қисос қазоват намояд ва қозии дигари дорои салоҳият онро амалӣ кунад, ҷоиз аст ба иҷмоъ... Ва Шурайҳ гувоҳии занҳоро бо як мард дар масъалаи ҳудуд ва қисос низ ҷоиз медонист.*

**«Ҳошияи Ибни Обидин», ҷ. 5, саҳ. 441**

*Боби сеюм*

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ХОССАИ ҲУҚУҚИ ЗАН ДАР ИСЛОМ

## 1. Масъалаи чандҳамсарӣ аз дидгоҳи Ислом

Масъалаи дигаре, ки ҳангоми баҳс дар боби ҳуқуқи занон дар Ислом ҳамчун масъалаи ҳассосе

матраҳ аст, назари Ислом ба чандҳамсарӣ ё бисёрзанӣ мебошад. Ба таври куллӣ, дини мубини Ислом бо таъйин намудани шарту муқаррароти муайян ба мардони мусалмон иҷозат медиҳад, ки аз як то чаҳор зан дошта бошанд. Ин нукта, ки моҳият ва ҳикмати онро поинтар баён хоҳем кард, аз тарафи мухолифони Ислом ҳамчун як мисоли беҳуқуқии зан ва поймол шудани эътибори ӯ аз тарафи Ислом қаламдод мешавад. Мутаассифона, баъзе аз мусалмонҳо ҳам зери таъсири ин гуна таблиғоти бегона монда, бидуни доштани огоҳӣ аз талабот ва ҳикмати ин дастури илоҳӣ, ба ин масъала мухолифат варзида, барои иҷро нашудани он талош мекунанд. Дар натиҷа, дар ин замина як силсила мушкилоти ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва ҳатто сиёсие ба бор омадаанд, ки дар сурати табиӣ барои як ҷомеаи мусалмоннишин хос нестанд.

Дар канори ин, бино бар набуди маърифати васеи исломӣ дар ҷомеаи мо, назари мушаххаси Ислом ба падидаи бисёрзанӣ ва талаботу ҳикмати он ҳамарӯза байни худи мардуми мусалмонон низ мавриди баҳсу гуфтугӯ буда, бисёре аз мардону занони мусалмон дар фурсатҳои гуногун аз уламои исломӣ моҳият ва баъзе ҷузъиёти ин масъаларо пурсон мешаванд. Бо таваҷҷӯҳ ба зарурати пайдо шудани як ҷавоби мушаххас барои мардум ва ҷомеаи имрӯз дар фаҳми ин масъала, дар ин бахш талош менамоем, ки паҳлӯҳои гуногуни онро ба таври бисёр сода ва мухтасар баён намоем.

## 1. Оё бисёрзаниро Ислом ба бор овард ва он хосси Ислом аст?

Ин нахустин саволест, ки ҳангоми баррасии мавзӯи бисёрзанӣ дар Ислом дар зеҳнҳо матраҳ мешавад. Нигоҳи мухтасаре ба таърихи фарҳангу тамаддунҳои тоисломӣ ва дину оинҳои дигари ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки шояд Ислом динест, ки бо иҷозат додани ҳадди аксар чор нафар зан барои мард дар ин масъала маҳдудияти аз ҳама бештарро қоил шудааст. Зеро ривоятҳо ва санадҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки назари фарҳангу таълимотҳои дигар ба ин масъала бисёр васеътар аз Ислом будааст ва ҳаст.

Ба таври мисол, дар даврони ҷоҳилият дар фарҳанги арабҳо теъдоди заноне, ки як мард метавонист бигирад, ҳеҷ маҳдудияте надошт. Фақат пас аз омадани Ислом ва нозил шудани ояи марбут ба ин масъала Паёмбари акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* ба мардони араб амр намуданд, ки ҳар касе беш аз чор зан дорад, онҳоро озод намояд.

Падидаи бисёрзании бемаҳдудият хусусан, дар фарҳанги Эрони Бостон ба таври васеъ доман густарда, ҳар касе мувофиқи имконаш бо ҳар теъдоде аз занон, ки бихоҳад, издивоҷ мекард. Муҳаққиқи машҳури аврупоӣ Кристенсен дар бораи ин масъала дар Эрони Сосонии зардуштӣ, аз ҷумла чунин мегӯяд: *«Бисёрзанӣ асоси ташкили оила (дар Эрони замони Сосониён) ба шумор мерафт. Дар амал, теъдоди заноне, ки мард метавонист дошта бошад, ба тавоноии ӯ вобаста буданд. Зоҳиран, мардони камбағал ба таври куллӣ беш аз як зан надоштанд. Раиси оила аз ҳаққи раёсати дудмон баҳраманд буд. Яке аз занони баргузида соҳиби ҳуқуқи комила маҳсуб шуда ва ӯро «подшоҳзан» ё зани мумтоз мехонданд. Аз ӯ пасттар зане буд, ки унвони хидматкорӣ дошт ва ӯро зани хидматкор мегуфтанд. Ҳуқуқи қонунии ин*

*ду навъ ҳамсар, мухталиф буд. Зоҳиран, канизони зархарид ва занони асир ҷузви табақаи чокар-занон(хизматгорон) буданд...»*

Файласуфи шинохташудаи асри Эҳё Монтескю дар китоби «Рӯҳи қонунҳо» овардааст, ки «*дар замони Жустенин чанд нафар аз файласуфони румӣ, ки намехостанд дини масеҳиро қабул кунанд, аз тарафи масеҳиён таҳти фишор қарор гирифта, ба Эрон, ба дарбори Хусрави Парвиз паноҳ оварданд. Дар он ҷо чизе, ки бештар боиси ҳайрати онҳо шуд, ин буд, ки на танҳо бисёрзанӣ роиҷ буд, балки мардҳо бо занҳои дигарон низ ҳамхобӣ мекарданд».*

**Дар ин бора ниг.: Муртазо Мутаҳҳарӣ. «Низоми ҳуқуқии зан дар Ислом», саҳ. 295**

Муҳаққиқи бузурги исломӣ доктор Ҷамол Муҳаммадфақии Расул низ дар китоби «Зан дар андешаи исломӣ» дар масъалаи вазъияти чандзанӣ дар дину ҷомеаҳои тоисломӣ меорад: *«Дар матнҳои Талмуд (китоби муқаддаси яҳудиён) омада-аст, ки барои тӯдаи мардум то чаҳор адад ва барои султонҳои яҳуд ба қиёс бо малик Довуд то 18 зан мубоҳ аст... Ошуриён низ ба далели моддаи 46 аз Лавҳи аввал, ки аз издивоҷ бо ҳамсари падар баъд аз вафоти ӯ сухан мегӯяд, бисёрзаниро қабул доштаанд. Ҳар гоҳ зани падар зани дуюм ва бидуни фарзанд бошад, бояд бо яке аз фарзандони шавҳараш сукунат гузинад... Дар Ҳинди қадим низ бисёрзанӣ ба ададе маҳдуд намешуд, вале яке аз онҳо раиси дигарон буд... Оини лекии Чин бисёрзаниро то 130 тан иҷоза додааст ва яке аз подшоҳони қадими Чин дар ҳудуди 3000 зан доштааст... Дар Миср сарватмандон ва бавижа амирон ва хонаводаҳои салтанатӣ дар бисёрзанӣ исроф мекарданд ва ҳадде барои он қоил набуданд ва бад-он меболиданд, то ҷое, ки Рамсиси*

*дуюм ифтихор мекунад, ки аз занони гуногунаш 160 фарзанд доштааст. Валекин як зан зани аслӣ ба ҳисоб мерафт ва бақияи занон дараҷаи дуюм ба ҳисоб мерафтанд...»*

**Дар ин мавриди ба таври муфассал Ниг: Ҷамол Муҳаммадфақии Расул. «Зан дар андешаи исломӣ», саҳ. 173-177**

Ривоятҳои мавҷуда дар мавриди умматҳои гузашта низ нишон медиҳанд, ки падидаи чандзанӣ дар байни онҳо бисёр роиҷ буда, ҳатто дар ин маврид ҳеҷ маҳдудияте вуҷуд надоштааст. Ба таври мисол, дар китобҳои бостонӣ омадааст, ки ҳазрати Довуд, *алайҳиссалом*, сад ҳамсар дошта ва Сулаймон, *алайҳиссалом*, ҳафтсад ҳамсар ва сесад каниз доштааст.

**Ниг: Доктор Юсуф Қарзовӣ. «Дидгоҳҳои фиқҳии муосир», ҷилди 1, саҳ. 670**

Ҳамин тавр, фақат баршумурдани ин далелҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки бисёрзанӣ як падидаи хосси Ислом ва ё ихтирои Ислом набуда, ин падидаро Ислом барои башарият наовардааст. Балки ин падида то ислом дар шаклҳои бисёр номаҳдуд вуҷуд дошт ва Ислом аз бисёрзании бемаҳдуд ва беқайдубаст пешгирӣ намуда, ин масъалаи муҳимми инсонӣ ва иҷтимоиро ба низом даровардааст. Аз ин рӯ, Исломро бояд на дини таъйидкунандаи бисёрзанӣ, балки бояд дини маҳдудкунанда ва ба тарзи ақлонӣ танзимкунандаи ин масъала донем.

## 2.Пас, назари куллии Ислом дар мавриди бисёрзанӣ чист?

Ҳукми ин масъала дар Ислом пеш аз ҳама дар ояи 3-юми сураи «Нисо» омадааст, ки Худованд дар он чунин мефармояд:

***Матни оя:***

☠↗▤⬧♑◉ ⌘⊕♐⬧◖ ♐♦♎ ☎✃❑←⬧⬁▤☼♐♐⬧▫
▤✍❑♉⬃⌖♦♎ ♋↗✎♐❁○♋♓✡♑◉♐✃ ⌘♊♋♓♎
⬃♌♍✉⬧▫ ☎ ⍓↗◷♦✂↓❻◆❑ ⍓☸◷■▣➔⚐◆❑
☎✃❑↗♑◉♋⑨⬃➔⬧✍ ⬩⬧❑🕮 ⬄⚐⬅☞⬂▦⬁⌘
◷❑⍓⑨♋■◷◆❑⬧▫

***Тарҷума:*** *Аз ҷумлаи заноне, ки шуморо писанд афтад, ду, се ва чаҳорро ба никоҳ даровареД. Ва агар бими он доред, ки ба адолат рафтор накунед, танҳо як зан бигиред…*

**Сураи «Нисо», ояи 3.**

Тавре ки аз матни ин ояи карима бармеояд, дини мубини Ислом ба мардон доштани то чор занро иҷозат медиҳад. Бо нозил шудани ин оя Паёмбари гиромӣ, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, ба мардони мусалмон амр намуд, ки ҳар кадоме аз онон бештар аз чаҳор ҳамсар дошта бошад, аз байни онон чаҳор ҳамсарро интихоб кунад ва бақияро ба хушӣ раҳо кунад. (*Барои ошноии бештар бо тафсири ин оя ниг: «Тафсири Кабир», ҷилди 9, саҳ. 139-146, «Тафсири Ибни Касир», ҷилди 1, саҳ. 450-453, «Тафсири Баҳру-л-муҳит», ҷилди 3, саҳ. 170-174 ва «Тафсири Қуртубӣ», ҷилди 5, саҳ. 11-23)*

Аммо тафаккур дар матни ин оя ва ояту ҳадисҳои дигаре, ки ба масъалаи издивоҷ ва теъдоди ҳамсар бахшида шудаанд, нишон медиҳад, ки масъалаи чандҳамсарӣ дар Ислом дорои ҷанбаҳои хоссе мебошад, ки маҳз дарки он моҳияти ин мавзӯъро рӯшан месозад:

*Аввалан,* маҷмӯи таълимоти исломӣ нишон медиҳад, ки Ислом чандҳамсариро ташвиқ накарда,

онро ҳамчун ҳукми шариат таҳмил намекунад. Яъне, дар ҳоле, ки издивоҷ ва доштани як ҳамсар дар Ислом зарур аст, вале доштани беш аз як зан барои мардон вазифаи шаръӣ набуда, Ислом ин амалро **фақат иҷозат медиҳад**.

*Дуюм,* маҷмӯаи таълимоти Қуръон ва Суннат дар ин масъала нишон медиҳад, ки Ислом асли издивоҷро ба доштани як зан гузошта, доштани занони дуюм ё сеюму чорумро фақат дар сурати пеш омадани заруратҳое ва бо риоят шудани шартҳои бисёр сахт иҷозат медиҳад.

Пас, маълум мегардад, ки мавқеъ ва таблиғоти касоне, ки ин дини мубинро дини ташвиқкунандаи бисёрзанӣ мехонанд ва чунин талқин мекунанд, ки гӯё Ислом ҳуқуқи занро поймол намудааст, асосе надошта, фақат ба хотири сиёҳ кардани чеҳраи Ислом гуфта мешавад.

## 3. Ислом дар кадом ҳолатҳо гирифтани беш аз як занро иҷозат медиҳад?

Тавре ки гуфта шуд, Ислом аслро бар доштани як ҳамсар гузошта, доштани зани дуюмро фақат бо иҷрои шартҳое иҷозат медиҳад. Аз назари шариати исломӣ ҳолатҳое, ки дар сурати пеш омадани он мардон метавонанд беш аз як зан бигиранд, аз ҷумла чунинанд:

***1. Бефарзанд ё нозо будани зан ва хоҳиши фарзанд доштани мард.*** Яъне, агар пас аз муддате зиндагии оилавӣ маълум гардад, ки зан нозо буда, имкони ҳамл ва таваллуди фарзандро надорад, мард метавонад барои доштани фарзанд ва идомаи насли худ зани дуюм бигирад. Дар ин маврид мард набояд ба таври шитобзада тасмим гирифта, бо хулосаҳои беасосе занро нозо эълон кунад. Балки, зарур аст, то

аввалан, чанд сол сабр намуда, барои табобати ин нуқсони зан талоши кофӣ намояд ва сониян, аз назари ҷинсӣ солим будани худи мард ва нозо ва безурриёт будани зан аз тарафи духтурони босалоҳият тасдиқ карда шавад.

Ҳангоми пеш омадани чунин ҳолатҳо баъзе мардон аз ҷазои дузанӣ тарсида, зани аввалро, ки бефарзанд буд, талоқ дода, бо умеди ёфтани фарзанд зани дигар мегиранд. Дар чунин сурат, зани аввалӣ бидуни гуноҳи воқеӣ бевазан шуда, дар шароити мушкили рӯҳию иҷтимоию иқтисодӣ қарор мегирад, ки он аз рӯи инсоф нест. Аз ин сабаб, аз назари Ислом беҳтар аст, ки дар чунин ҳолат мард зани аввалро, агар он зан розӣ бошад, дар никоҳи худ ҳифз намуда, зери таъмини худ нигоҳ дорад ва дар айни замон, бо нияти ёфтани фарзанд зани дуюм бигирад.

2. ***Дар бадани зан пайдо шудани бемории доимие, ки ҳамхобагӣ бо шавҳар ва идомаи ҳаёти заношӯиро номумкин гардонад.*** Масалан, агар зан ба баъзе касалиҳои доимии занона, бемориҳои гузарандаи пӯст ва ё бемории сил, саратон, СПИД ва ғайра дучор шавад ва дигар барои мард ҳамхобагӣ бо ӯ имкон надошта бошад, шариати исломӣ ба мард иҷозат медиҳад, ки зани дуюм гирад. Зеро, агар мард солим бошад, идомаи ҳаёти ҷинсӣ барои ӯ зарур аст. Ин ҷо низ беҳтар аст, ки мард аз сари мардонагию инсондӯстӣ зани якумро, ки бемор шудааст, раҳо накунад ва таъмини нафақаи ӯро идома бидиҳад, вале дар канори он, барои таъмини ниёзи ҷинсии худ ба роҳҳои ғайришаръӣ (зино) нарафта, бо риояти шартҳои исломӣ зани дуюм бигирад.

3. ***Таъмин нашудани талаботи ҷинсии мард бо доштани як зан.*** Дар ҷомеаи инсонӣ мавридҳое пеш

меоянд, ки баъзе мардон аз назари ҷисмӣ ва ҷинсӣ бисёр қавӣ буда, талаботи ҷинсии онҳоро як зан таъмин намекунад. Талаби шадид ва доимии ҷинсии чунин мардон метавонад сабаби озору азияти ҳамсарашон гардад. Аз ин рӯ, дар чунин ҳолат шариати исломӣ ба мард иҷозат медиҳад, ки бо риояти шароити исломӣ зани дуюм бигирад.

4. ***Пеш омадани нобаробарии демографӣ дар ҷомеа,*** яъне нобаробарии теъдоди мардон ва занон дар ҷомеа. Чунин ҳолатҳо метавонад ҳам дар натиҷаи нобаробарии табиии таваллуди писарону духтарон ва ҳам дар натиҷаи пеш омадани ҷанг ба вуҷуд ояд. Хусусан, дар ҷомеаҳои баъдиҷангӣ, ки теъдоди зиёди ҷавонмардонро талаф додаанд, ин нобаробарӣ албатта, ба вуҷуд меояд. Дар чунин ҳолат теъдоди занон нисбат ба мардон зиёд шуда, ба дарсади муайяни онҳо шавҳар намерасад ва онҳо аз доштани оила ва фарзанд маҳрум мемонанд. Бахше аз чунин занон ё ба хотири таъмини рӯзгор ва ё таъмини ниёзи ҷинсии худ ба роҳҳои ғайришаръӣ (зино) рӯй меоваранд. Аз ин сабаб, дар чунин ҳолатҳо низ мардон метавонанд зани дигар бигиранд, то ин масъалаи демогарфӣ ҳалли худро пайдо кунад.

***5. Пеш омадани зарурати инсондӯстона.*** Яъне, дар баъзе ҳолатҳо занони бева бо фарзандони ятими худ дар таъмини зиндагияшон бо мушкилоти зиёд рӯбарӯ мешаванд. Дар чунин ҳолат мардон метавонанд чунин занонро бо риояти шартҳои исломӣ ба издивоҷи худ даровара, таъмини нафақаи ӯ ва фарзандони ятимашонро ба ӯҳда гиранд. Ин амал ҳам аз назари шаръӣ ва ҳам аз назари иҷтимоӣ кори нек буда, боиси аз мушкилоти зиндагӣ раҳо шудани занони бевамонда ва хусусан, фарзандони ятими онҳо мегардад.

Тавре ки дида мешавад, мавридҳои зикршуда ҳеҷ кадоме поймолкунии ҳуқуқи зан ва ё фақат таъмини ҳавою ҳаваси мард набуда, ҳар яке мавридҳои зарурӣ ва воқеъбинона мебошанд. Барои иттилои бештар дар ин маврид метавон ба китоби устод Ҷамол Муҳаммадфақии Расул «Зан дар андешаи исломӣ» *(саҳ. 180-181 ва 319*) мурочиат намуд.

## 4. Шартҳои асосии шариат барои гирифтани беш аз як зан чист?

Ҳамон гуна ки гуфта шуд, илова бар мавридҳои зикршуда, шариати исломӣ дар масъалаи гирифтани зани дуюм ва аҳёнан, сеюму чорум, дар назди мардон шарту талаботи ҷиддиро низ гузоштааст. Аввалин шарти исломӣ дар ин масъала риояти **адолат** аст. Тавре ки оварда шуд, Худованд дар ин бора дар Қуръони карим фармудааст, ки фақат **дар сурате, ки тавоноии риояти адолатро дошта бошед**, метавонед ду ё се, ё чаҳор зан бигиред.

Мафҳуми **адолат**, ки шарти аввалин ва асосӣ барои доштани беш аз як зан аст, мафҳуми бисёр ҷиддӣ ва васеъ мебошад. Тибқи ин дастури илоҳӣ, марде, ки мехоҳад беш аз як зан дошта бошад, бояд тавоноии онро дошта бошад, ки байни онҳо дар ҳамаи масъалаҳо адолату баробариро риоят намояд. Ин баробарӣ бояд дар масъалаи таъмини хӯрок, пӯшок, макони зиндагии алоҳида, харҷҳои рӯзгор ва ҳамчунин, ҳамхобагӣ таъмин гардад.

Уламои исломӣ бо пайравӣ ба фармони Худо ва Расули он, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, масъалаи адолатро шарҳу тафсир намуда, бидуни риояти он доштани беш аз як занро барои мард ҳаром донистаанд. Ба таври мисол, Шайх Юсуф Қарзовӣ дар мавриди риояти адолат чунин мегӯяд: «*Марде, ки*

*ду зан дорад, бояд ҳатто вақтҳои худро байни онҳо тақсим кунад ва шабе, ки махсуси хонаи яке аз онҳост, ҷуз барои зарурат монанди беморӣ, ҳаром аст ба хонаи зани дигараш биравад ва ҳатто дар рӯз ҳам ҳаром аст пеши зани дигараш биравад, магар барои хабаргирӣ ё бартараф кардани як ниёзи оила, то вақти ҳеч кадом аз онҳоро фидои дигаре накунад. Чунончӣ дар вақти яке аз онҳо ба хонаи яке аз онҳо рафт ва зиёд намонд, қазо лозим нест. Аммо чунончи, зиёд бимонад ва ё ҳамхобӣ кунад, бояд ҳатман онро барои зане, ки ҳаққаш зоеъу поймол шуда, дар ғайри вақти худ ҷуброн намояд, то ба ҳеҷ кадом аз занҳо, зулм нашавад. Фақеҳон адолати байни ду занро чунин баён намудаанд».*

**Ниг: Юсуф Қарзовӣ. «Марказу-л-мараъти фи-л-ҳаёти-л-исломияти», поварақии саҳ. 119**

Албатта, мард ҳаққи онро дорад, ки дар қалбаш яке аз занҳояшро нисбат ба дигараш бештар дӯст дорад, зеро дӯст доштан як ҳисси табиӣ буда, бештар ба иродаи худи инсон вобаста нест. Ин аст, ки Худованди Ҳаким дар мавриди майли қалбии инсон дар Қуръон чунин мефармояд:

***Матни оя:***

♌❐🕮 ☎✁☑❑⬉➔⓿♑➲♦☞⬄❍■✍ ♊⬧♈◆❐
♦✖⬀✓♦✉ ☎✁❑⬈♈♑⑨⬀➔⬧✍
⬃❑⬧♈◆❐ ♑⬈✏♐❁❍♑♓✡♈♐✁
☎✁❑➔◼⑩♑☺⬧✍ ⬥☒⬧▫ ☎ ⬃☠⬅☞⇧🕒♦❷⍓❍
♐⍓♎❐⬇❻☒⓿♦☝⬧▫ ⇗✍⬂⑩⍓☺⬂♈♐✁ ❑✍➔🗎
♌♒☽◆❐ 🗐 ♑◘⬧☽✵◼⍓➔⬅☺⬂♈♐♐☒✉
☎✁❑➔☽✸☝⬧✍◆❐ ☎✁❑⬅⬧♒◼⬄🕐➔✍
✁✡❻❑➔▩⊞☒➘ ♦♌🔔☒✉ ⅄✏♐✁ ⬝♍♒✉⬧▫
⬰⬲⌘⌀⇗ ♐✞☺⑩♑❍▪❻

***Тарҷума:*** *Ҳарчанд бикӯшед ҳам, ҳаргиз натавонед, ки (дар муҳаббату дӯстдорӣ) миёни занон адолат*

*намоед. Ва якбора ба сӯи яке аз онҳо майли зиёд карда, дигареро бетаваҷҷӯҳ ва бесарнавишт раҳо насозед. Агар аз дари оштӣ дароед ва парҳезгорӣ кунед, Худо Омурзанда ва Меҳрубон аст!*

**Сураи «Нисо», ояи 129**

Бале, таъмини муҳаббати баробар як амри қалбӣ буда, ҳолати дили инсон аксаран дар ихтиёри инсон нест. Ҳатто Расули Акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва салам* дар ин масъала ба Худованд чунин муроҷиат намуда буданд:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ عَائِشَةَ قَالَتْ كَانَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ يَقْسِمُ فَيَعْدِلُ وَيَقُولُ اللَّهُمَّ هَذَا قَسْمِي فِيمَا أَمْلِكُ فَلا تَلُمْنِي فِيمَا تَمْلِكُ وَلا أَمْلِكُ قَالَ أَبُو دَاوُد يَعْنِي الْقَلْبَ»**

***Тарҷума:*** *Ҳазрати Оиша(р) гӯяд: Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, нисбат ба занонашон тақсими баробар ва адолатро риоят намуда, боз ҳам мефармуданд: Худоё, ин тақсимест, ки анҷоми он дар ихтиёри ман буд ва аз он чизе, ки дар ихтиёри ман нест,(яъне, барои майли қалбӣ) маро муохиза накун (ҷавобгар макун).*

**«Сунани Абудовуд», китоби «Никоҳ», ҳадиси 2134**

Тавре ки муҳаддисон ва фақеҳон дар шарҳҳои ин ҳадис овардаанд, Расули Акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, дар тақсими молу имконоту ҳамхобагӣ байни ҳамсаронашон адолати комилро риоят намуда, аммо зери ибораи **«он чизе, ки дар ихтиёри ман нест»**, маҳз қалб ва муҳаббату тамоюли қалбиро дар назар доштаанд. Яъне, инсон ҳарчанд талош намояд, адолати мутлақро риоят карда наметавонад, зеро майли қалби инсон дар ихтиёри ӯ нест. Масалан, Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* дар қалби худ нисбат ба ҳазрати Оиша(р) муҳаббати бештаре

доштанд, аммо дар байни занонашон дар тамоми масъалаҳо адолати комилро риоят менамуданд.

**Ниг.: Ваҳба Зуҳайлӣ. «Фиқҳи хонавода дар ҷаҳони муосир», саҳ. 94**

Вале тавре ки аз ҳадиси зикршуда низ бармеояд, мард, ҳатто дар сурати дар қалбаш бештар дӯст доштани яке аз занҳояш низ вазифадор аст, ки байни онҳо дар таъмини нафақа ва ҳамхобагӣ адолатро риоят намояд. Паёмбари гиромӣ, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, ки худ намунаи олии риояти адолат дар ин масъалаҳо буданд, ҳатто ҳангоми сафарҳояшон байни занонашон қуръапартоӣ менамуданд ва номи кадоме, ки барояд, онро бо худ ба сафар мебурданд:

Ҳамин тавр, риояти адолат шарти асосии Ислом дар масъалаи чандҳамсарӣ буда, бидуни риояти он марди мусалмон ҳаққ надорад, ки беш аз як ҳамсар дошта бошад. Зеро таъмин накардани адолат дар байни ҳамсарон гуноҳи бузург ба ҳисоб рафта, шариати исломӣ барои он ҷазои сахти илоҳиро ваъда додааст. Чунон ки Паёмбари акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, фармудаанд, *«Марде, ки шавҳари ду зан бошад ва нисбат баке аз онҳо беадолатӣ карда бошад, рӯзи Киёмат дар ҳоле, ки як тарафаш фалаҷ аст, ба майдони қиёмат меояд»*. Пас, касе, ки ба тавоноии худ дар таъмини адолат байни ҳамсаронаш боварӣ надорад ва ё аз ӯҳдаи ин кор намебарояд, барои ӯ гирифтани зани дуюм иҷозат нест, балки ба фатвои уламои исломӣ, ҳаром аст. Зеро Худованд дар Қуръони карим ба лафзи рӯшан амр намудааст:

***Аз матни оя:***

·◆❒🕮 ⬄🏱🡐☞⬂▦⬁⌘ ⬀♌⯐✉♦▫
🕒❏⬕⑨🙰■🕓◆❑♦▫ ☎✃❑⬈♈◉🙰⑨⬀➔♦✍

***Тарҷума:*** *Ва агар біми он доред, ки ба адолат рафтор накунед, танҳо як зан бигиред!*

**Сураи «Нисо», ояи 3.**

Шарти дуюми иҷозат шудани гирифтани беш аз як зан тавоноии таъмини нафақа аст. Тавре ки дар бахшҳои дигар омада буд, шариати исломӣ зери мафҳуми **нафақа** таъмини тамоми шароити зиндагӣ, аз ҷумла, таъмини хӯрок, либос, ҷои зиндагӣ ва харҷҳои дигари рӯзгорро дар назар дорад. Фарқи ин масъала аз шарти якум, яъне риояти адолат, дар он аст, ки мард пеш аз издивоҷ на танҳо бояд хоҳиши адолат, балки имкони молию моддии таъмини нафақаи зани дуюмро дошта бошад.

Аз ин рӯ, шариати исломӣ дар ин масъала ҳатто пешбинӣ менамояд, ки қозӣ метавонад ҳангоми бастани ақди никоҳи мард бо зани дуюм дар бораи тавоноии молию моддии вай барои таъмини нафақаи зани дуюм пурсон шавад. Агар маълум гардад, ки мард имкони таъмини нафақа ва шароити зани дуюм ва фарзандони онро умуман надошта бошад, қозӣ метавонад аз бастани ақди никоҳ байни онҳо худдорӣ намояд. Зеро, агар қозӣ ба марде, ки шароит ва имкони молии таъмини ду занро надошта бошад, ба гирифтани зани дуюм иҷозат диҳад, ин кор боиси хории ҳарду зан ва фарзандони онҳо мешавад.

Ба ҳамин қиёс, дар шароити имрӯза давлат низ метавонад ин масъаларо ба танзим дароварад, то ҳар касе, ки шароити зикршударо дошта бошад, тавонад беш аз як зан бигирад. Зеро, дар як ҷомеаи мусалмоннишин давлат набояд ин иҷозати илоҳиро қатъан манъ кунад, балки дар ин масъала ба риояти ҳатмии адолат ва доштани имкони воқеии таъмини адолат таъкид намояд. Он гоҳ ҳам ҳукми илоҳӣ, ҳам адолати иҷтимоӣ ва ҳам ҳуқуқи занон риоят мешаванд.

Албатта, дар ҷомеаҳое, ки фасод ва робитаҳои ҷинсии номашрӯъ (зино) озод аст, сухан гуфтан аз манъ кардани доштани зани дуюми шаръӣ ва қонунӣ

бисёр ғайримантиқӣ менамояд. Доктор Юсуф Қарзовӣ дар ин маврид мисолеро нақл мекунад, ки чунин аст: *«Марди мусалмоне дар яке аз кишварҳои арабии Африқо (Тунис) ниёз ба гирифтани зани дуюм дошт, аммо дар қонуни он кишвар бисёрзанӣ манъ карда шуда буд. Ӯ пинҳонӣ зани дуввум гирифта, бо ӯ ақди урфӣ ва шаръиро ба тамоми шартҳояш анҷом дод, аммо наметавонист дар дафтари издивоҷ онро сабт кунад. Зеро дар қонуни онҳо доштани беш аз як зан мамнӯъ буд ва ҷазои қонунӣ дошт. Мард вақтҳоеро муайян намуда буд, ки ба назди зани дуюмаш равад, аммо пулис нисбат ба ин рафтори ӯ шакк карда, ӯро ба ҷурми доштани ду зан ва мухолифат бо қонун боздошт карда ва ба додгоҳ бурд. Ин марди мусалмон дар додгоҳ ва бозҷӯӣ зиракӣ карда гуфт: Ман бо ӯ издивоҷ накардаам, балки ӯ дӯст ва маъшуқаи ман аст ва гоҳ-гоҳе ба назди ӯ меравам. Бинобар ин, бозпурсони додгоҳ эҳтироман аз ӯ узрхоҳӣ намуда, гуфтанд: Бибахшед, ин ҷо нофаҳмие пеш омадааст, зеро мо намедонистем, ки ин зан маъшуқа ва дӯсти шумост, балки гумон кардем, ки Шумо ба ӯ издивоҷ намудед. Пас ин мардро озод карданд. Зеро ӯ эътироф накард, ки ба сурати шаръӣ он занро ақд карда, балки иброз дошт, ки маъшуқаи ӯ аст ва дар қонуни онҳо дӯстии ҳаром ва робитаҳои байни ошиқ ва маъшуқа ва зино ҷузъи озодиҳои шахсӣ аст ва қонун аз он ҳимоят мекунад».*

**Ниг: Юсуф Қарзовӣ. «Марказу-л-маръати фи-л-ҳаёти-л-исломияти», саҳ. 140-141**

Ин мисоле, ки аллома Қарзовӣ овардааст, ба шароити кишвари мо сад дар сад мувофиқат мекунад.

Аз ин рӯ, агар мардон ба ҷои маъшуқабозӣ ва робитаҳои ҷинсии ғайришаръӣ ва ғайримасъулона, ки имрӯз бисёр озод ва маъмул аст, бо риояти ҳамаи

шартҳои исломӣ ҳамсари дуюм бигиранд, дар он сурат таъмини нафақа ва рӯзгори ин зан низ ба дӯши мард буда, ба ин тариқ бисёре аз занони ниёзманд аз мушкилоти таъмини нафақаи худ раҳо мешаванд. Аз ҳама муҳимм, фарзандоне, ки аз онҳо ба дунё меоянд, соҳиби падари шаръӣ ва қонунӣ мешаванд, ки доштани падари шаръӣ барои ин фарзандон дар оянда аз назари равонӣ ва шаъни иҷтимоӣ хеле муҳимм аст.

***

Аз маҷмӯаи нуктаҳои дар ин боб зикршуда чунин бармеояд, ки чандҳамсарӣ дар Ислом як масъалаи сода набуда, шариати исломӣ онро фақат бо риояти шартҳои шадид иҷозат додааст. Аз ин рӯ, бар тибқи таълимоти исломӣ фақат касоне, ки ин заруратҳо ва ин шартҳоро доранд, метавонанд зани дуюм бигиранд.

Аз тарафи дигар, маълум гашт, ки муҷоз будани гирифтани зани дуюм ҳикмату фалсафаи худро дошта, он ҳамчун яке аз механизмҳои машрӯъи ҳалли як силсила масъалаҳои инсонӣ ва иҷтимоӣ дар назар гирифта шудааст. Аз ин рӯ, мухолифати ноогоҳона нисбат ба он дуруст нест, балки бояд рӯи он таъкид карда шавад, ки мардон фақат дар сурати риояти шартҳои мушаххаси исломӣ ва пеш аз ҳама риояти адолат ва таъмини нафақа, метавонанд ба ин кор даст зананд.

Ва ниҳоят, мухолифати усулӣ ва мутлақ бо ин кор мухолифати ошкоро бо ҳукми Худованд аст, ки фарди мусалмон ҳақ надорад, ки ҳам худро мусалмон номаду ҳам ҳукми возеҳу ошкори Худоро инкор намояд.

Барои мутолиа ва ошноии бештар дар мавриди чандҳамсарӣ дар Ислом ва шароити он метавон ба

манбаъҳои зерин муроҷиат намуд: *Ҷамол Муҳаммадфақии Расул, «Зан дар андешаи исломӣ», саҳ. 173-189 ва 285-323, Юсуф Қарзовӣ, «Марказу-л-маръати фи-л-ҳаёти-л-исломияти», саҳ. 118-141, Муҳаммад Фатҳуллоҳи Зиёдӣ, «Таамуллот фи қазойи-л-марата-л-муслимата», саҳ. 93-113 ва ғайра*.

## 2.Масъалаи талоқ дар Ислом

Тавре ки дар бобҳои пешин шарҳ шуд, мақсад аз бастани ақди никоҳ ташкили хонавода ва ҳифзи он ва ба ин восита расидан ба оромиш ва даст ёфтан ба як силсила ҳадафҳои пешгузоштаи шариати исломӣ мебошад. Аз ин рӯ, устувор ва гиромӣ доштани ақди никоҳ ва пойдор доштани оила яке аз вазифаҳои асосии занон ва мардон буда, бояд дар ин роҳ ниҳояти талоши худро анҷом бидиҳанд. Аммо, дар ҳар сурат, зиндагии инсонӣ раванди бисёр мураккаб буда, дар марҳалаҳои гуногуни худ метавонад зери таъсири омилу воқеиятҳои зиёде қарор гирад, ки инсонро ногузир ба қабули қарорҳои нохоста ва ғайриихтиёрӣ водор мекунад. Яке аз чунин қарорҳое, ки инсон дар баъзе аз лаҳзаҳои вазнини зиндагии оилавии худ ночор ба он рӯ меоварад, **талоқ** аст.

Худи калимаи **талоқ** дар луғатномаҳо ба маънои раҳо шудан, озод кардан ва аз қайд раҳо кардан омадааст. Аммо маънои истилоҳии талоқ, ки аз ҷумла, дар матнҳои фиқҳии исломӣ истифода мешавад, **кушодан ё бекор кардани ақди никоҳ** мебошад. Масалан, ибораи **«ҳамсарашро талоқ дод»** ба маънои **«ақди никоҳ бо ҳамсарашро бекор кард»** меояд. Яъне, дар матнҳо ва илмҳои динӣ ва умуман, дар ҷомеҳои мусалмонӣ, истилоҳи талоқ махсус дар

масъалаи раҳо кардани ҳамсар ва бекор кардани ақди никоҳ ба кор меравад.

Барои ошноии бештар бо шарҳи маъноҳои луғавӣ ва истилоҳии калимаи *талоқ* метавон ба сарчашмаҳои мӯътабаре чун Ибни Обидин, «Радду-л-муҳтор ало дурри-л-мухтор» *(ҷилди 3, саҳ. 226-227)*, Абдуррашиди Таррез, «Талоқ аз дидгоҳи Ислом» (*саҳ. 42-43*), «ал-Баҳру-р-роиқ» *(ҷилди 3, саҳ.252)* ва ғайра муроҷиат намуд.

Қобили зикр аст, ки падидаи талоқ то Ислом низ роиҷ буд, вале он ҳеҷ гуна назму тартиб ва ҳадду ҳудуд надошт. Масалан, дар байни арабҳо мард метавонист зани худро ҳар вақт ва чанд маротибае, ки бихоҳад, талоқ диҳад ва боз онро пас гирад. Дар чунин мавридҳо зан ҳақк ва имкони ҳеҷ гуна эътироз ва интихоб надошт. Аммо бо омадани дини мубини Ислом ин масъала назму ҳудуди худро пайдо намуд. Дар ин бора ҳадиси зерин чунин хабар медиҳад:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ عَائِشَةَ قَالَتْ كَانَ النَّاسُ وَالرَّجُلُ يُطَلِّقُ امْرَأَتَهُ مَا شَاءَ أَنْ يُطَلِّقَهَا وَهِيَ امْرَأَتُهُ إِذَا ارْتَجَعَهَا وَهِيَ فِي الْعِدَّةِ وَإِنْ طَلَّقَهَا مِائَةَ مَرَّةٍ أَوْ أَكْثَرَ حَتَّى قَالَ رَجُلٌ لِامْرَأَتِهِ وَاللَّهِ لا أُطَلِّقُكِ فَتَبِينِي مِنِّي وَلا آوِيكِ أَبَدًا قَالَتْ وَكَيْفَ ذَاكَ قَالَ أُطَلِّقُكِ فَكُلَّمَا هَمَّتْ عِدَّتُكِ أَنْ تَنْقَضِيَ رَاجَعْتُكِ فَذَهَبَتْ الْمَرْأَةُ حَتَّى دَخَلَتْ عَلَى عَائِشَةَ فَأَخْبَرَتْهَا فَسَكَتَتْ عَائِشَةُ حَتَّى جَاءَ النَّبِيُّ y فَأَخْبَرَتْهُ فَسَكَتَ النَّبِيُّ y حَتَّى نَزَلَ الْقُرْآنُ الطَّلاقُ مَرَّتَانِ فَإِمْسَاكٌ بِمَعْرُوفٍ أَوْ تَسْرِيحٌ بِإِحْسَانٍ قَالَتْ عَائِشَةُ فَاسْتَأْنَفَ النَّاسُ الطَّلاقَ مُسْتَقْبَلًا مَنْ كَانَ طَلَّقَ وَمَنْ لَمْ يَكُنْ طَلَّقَ .»**

***Тарҷума:*** *Ҳазрати Оиша(р) мегӯяд: Дар даврони ҷоҳилият мард занашро талоқ медод ва агар мехост, дар даврони идда боз ба зани худ бармегашт. Ва барои талоқ адади муайяне набуд ва агар мехост, ӯро садҳо бор талоқ медод. То ин ки марде ба занаш гуфт: Қасам ба Худо, туро талоқ намедиҳам, ки аз ман ҷудо шавӣ ва ҳаргиз назди ту нахоҳам омад. Зан пурсид: чӣ гуна? Мард гуфт: Туро талоқ медиҳам ва ҳар гоҳ*

*иддаи ту наздик ба тамом шудан бошад, бармегардам (туро дубора ба ақди худ медарорам). Зан назди Оиша(р) омад ва саргузашти худро ба ишон баён кард. Ҳазрати Оиша(р) ин амрро ба Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, расонд. Ва Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, сокит монд, то ин ки дар ин бора ояи қуръонӣ нозил шуд (ояи 229 сураи Бақара, ки матни он чунин аст): «Талоқ ду бор аст, (пас аз он) ё ба хушӣ зиндагӣ кардан ё ба хубӣ ҷудо шудан аст». Оиша(р) мефармояд: «Ва пас аз нозил шудани ин оя мардум дар масъалаи талоқ мутобиқи он амал намуданд».*

**«Сунани Тирмизӣ», китоби «Талоқ», ҳадиси 1196**

Пас, зарурат ва ҳикмати талоқ аз назари Ислом дар чист? Дини мубини Ислом талоқро ҳамчун чораи ниҳоӣ дар назар гирифта, онро фақат дар ҳолатҳое, ки идомаи зиндагии якҷояи зану шавҳар имконпазир набошад, иҷозат медиҳад.

Масалан, дар ҳолатҳое чун ба ҳам мутобиқ наомадани табъ ва ахлоқи зану шавҳар, ҳамшаъни ҳамдигар набудани онҳо, рафтори ношоистаи яке аз онҳо нисбат ба дигаре, хиёнати яке аз онҳо, ба ягон бемории беилоҷ ва ё гузарандае гирифтор шудани яке аз онҳо, исбот шудани бенаслии яке аз онҳо миёни зану шавҳар сардӣ ба вуҷуд омада, он метавонад ба низоъҳои давомдори оилавӣ табдил шавад. Ин сардию низоъ зиндагии зану шавҳарро бисёр мушкил карда, ҳаёти оилавии онҳоро талху ногувор мегардонад.

Дар чунин ҳолатҳо маъмулан се роҳи ҳалл вуҷуд дорад:

***Роҳи якум,*** зану шавҳар ба хотири ҳифзи оила ва нигоҳ доштани обрӯ ҳамдигарро ночор таҳаммул карда, зиндагии муштаракашонро идома медиҳанд.

Чунин оила бе муҳаббату меҳрубонӣ ва дар як дилсардию низои ҳамешагӣ умр ба сар бурда, дар ҳақиқат аз лаззати воқеии ҳаёти оилавӣ ва зиндагии заношӯӣ маҳрум аст. Фарзандони чунин оила низ дар муҳити носолим бузург шуда, аз назари равонӣ ва ахлоқӣ ноқис ба бор меоянд. Гарчи зану шавҳар дар ҳар сурат барои таҳаммули ҳамдигар ва ҳифзи оила савоби бузург мегиранд, вале чунин оилаи нохушбахт барои фард як навъ зиндон ва азиятхона мебошад. Чунончи Саъдӣ дар ин бора мегӯяд:

*Ба зиндони қозӣ гирифтор беҳ,*
*Ки дар хона дидан ба абрӯ гиреҳ.*

***Роҳи дуюм,*** зану шавҳар акди никоҳро ҳифз намуда, вале дар амал зиндагии муштараки заношӯиро қатъ карда, аз ҳамдигар ҷудо зиндагӣ мекунанд. Албатта, ин роҳ низ дар ҳақиқат роҳи ҳалл набуда, як силсила масъалаву мушкилоти навро ба вуҷуд меорад. Масалан, дар кишварҳои ғарбӣ дар сурати аз ҳамдигар розӣ набудани зану шавҳар онҳо бе додани талоқ аз ҳамдигар ҷудо зиндагӣ карда, ба хотири ҳифзи моликият ва ё пеш наомадани баъзе масъалаҳои ҳуқуқӣ ҳар яке барои худ маъшуқу маъшуқа гирифта, бо роҳи ҳарому ғайришаръӣ ҳаёт ба сар мебаранд. Чун инсон ба таври табиӣ ғаризаи ҷинсӣ дошта, онро бояд аз тариқе таъмин намояд, табиист, ки зиндагии ҷудо аз ҳам зану шавҳарро ба чунин роҳҳои ғайриҳалол далолат мекунад. Пас, ин роҳи ҳалл низ дар ҳақиқат роҳи ҳалл набуда, навъе бадтар шудани вазъияти зану шавҳар ва фарзандони онҳо мебошад ва Ислом ин «роҳи ҳалл»-ро комилан қабул надорад ва чунин зиндагӣ дар Ислом ҳаром аст.

***Роҳи сеюм*** талоқ аст. Яъне, агар ихтилоф ё масъалаи ҷиддии пешомада байни зану шавҳар ҳеҷ роҳи ҳалли худро пайдо накунад ва идомаи зиндагии солиму табиии оилавӣ байни онҳо имконпазир набошад, шариати исломӣ бо риояти як силсила шарту талабот талоқро иҷозат медиҳад. Яъне, талоқ аз назари Ислом фақат дар ҳолатҳои истисноӣ ва боқӣ намондани ҳеҷ роҳи дигари ҳифзи оила ҷоиз дониста мешавад. Аз ин рӯ, бар тибқи таълимоти Ислом талоқ на дар ҳар вақти хостан ва ҳавас кардани ҳамсарон, балки фақат дар ҳолатҳои ночорӣ ҷоиз мешавад. Ба ибораи дигар, талоқ ба мисли амали ҷарроҳиест, ки он бисёр дарднок ва ногувор аст, вале агар роҳи дигаре барои эҳёи саломатӣ ва идомаи ҳаёт боқӣ намонда бошад, инсон ногузир ба он розӣ мешавад.

Бо вуҷуди ин, шариати исломӣ талоқро ташвиқ накарда, онро ҳамчун ***«танҳо кори мубоҳе, ки ғазаби Худоро ба вуҷуд меорад»,*** муаррифӣ менамояд. Дар чунин сурат, талоқ ягона роҳест, ки зану шавҳар бо роҳи ҳалол ва шарафмандона аз ҳамдигар ҷудо шуда, ҳар яке метавонад зиндагии нави худро бисозад.

Дар бораи ҷузъиёти ин масъала метавон ба адабиёте чун Ваҳба Зуҳайлӣ «ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу» *(ҷилди 7, саҳ. 358)*, Абдуррашиди Таррез «Талоқ аз дидгоҳи ислом» *(саҳ. 30-31),* китоби маъруфи Саййид Собиқ «Фиқҳу-с-сунна» *(ҷилди 2, саҳ. 218)* ва ғайра муроҷиат намуд.

***

Аммо барои фаҳми дурусттари ҷанбаҳои гуногуни масъалаи талоқ дар таълимоти исломӣ

зарур аст, ки ба чанд нуктаи муҳимм дар мавриди он таваҷҷӯҳ шавад:

### *1. Марҳалаҳои талоқ*

Омӯзиши таълимоти шариати исломӣ дар масъалаи талоқ нишон медиҳад, ки дини мубини Ислом бо вуҷуди дар ҳолатҳои истисноӣ ҳалол ва раво донистани талоқ, тамоми таълимоти худро бар ҳифзи оила ва то ҳадди имкон роҳ надодан ба фурӯпошии он гузоштааст. Аз ин рӯ, дар масъалаи талоқ низ шариати исломӣ чанд марҳалаи муайянро пешбинӣ намудааст, ки фақат пас аз тай намудани он мард метавонад ҳамчун чораи ниҳоӣ ба талоқ рӯ оварад.

**Аввалин марҳалаи** ҳалли ихтилофи пешомада миёни зану завҳар аз назари Ислом насиҳат аст. Вақте ки мард аз сӯи ҳамсари худ беэҳтиромӣ, саркашӣ ва ё ҳар амали номақбули дигареро мушоҳида мекунад, ӯ набояд дар аввалин маротиба бо ӯ бархӯрди шадид намуда, ӯро озор диҳад ва ё талоқ диҳад. Балки мард бояд ба таври ором ва бо камоли хунсардӣ ба зан фаҳмонад, ки ин амали ӯ дуруст нест ва барояш хушоянд намебошад. Дар чунин мавридҳо мард ба занаш аз Қуръону ҳадис, фармудаҳои бузургони дину ахлоқ ва ғайра мисолҳо оварда, ӯро ба сӯи ахлоқи нек ҳидоят намояд. Албатта, мард набояд ба таври мудовим ва беш аз ҳадд ба гӯши зан насиҳат хонад, зеро он натиҷаи баръакс хоҳад дод. Вале бо риояти ҳудуд ва дар лаҳзаҳои таъсирбахш ба зан фаҳмонидани ҳуқуқу вазифаҳои ӯ ва ҳидояти ӯ ба ахлоқи нек аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мард аст.

Ин марҳалаи ҳалли низоъ дар оила аҳаммияти бисёр ҷиддӣ дорад, зеро басе заноне ҳастанд, ки дар

сурати шунидани насиҳати дуруст ва муассир ахлоқи худро ислоҳ мекунанд ва ба ин восита ихтилофи байни зану шавҳар рафъ мешавад. Худованд дар Қуръони карим мардону занонро ба рафъи ихтилофот ва оштиву таҳаммули ҳамдигар даъват намуда, аз ҷумла, чунин мефармояд:

***Аз матни оя:***

⇳💣*♦▫🔔♦❀ ➘□❒🕮⌘❺⬀🖓🙵✁ ⬀♌🙰☽◆❒
✁🕐♉❑➔⌖🡸☼ 🙵⍓♑🙰🖬⬃➔♦📪 📪♊🙰👌
⍓⍓🙵□✡⬉♉ •☒♦▫ 🙵☪⬂✁❀❹⇳⬉🙰☽ ⬃□❒🕮
🙵⍓♦🙰🖬⬄🕐⬉③ ♌❒🕮 ✏🙵⍓☺♐🙰⬀❸■🖬♦➘
🗐 🙵☯♦▫🖬🡸🕒 🙵⍓☺➘♒◆☪⬃❹♦📪
▤ ⮜❸⬀❷⍓⌘ 🡸☒▫🖬❺🕐♑🙵✁◆❒

**Тарҷума:** *Агар зане аз шавҳараш хавфи саркашӣ ё рӯгардонӣ дошта бошад, пас, бар онҳо боке нест, ки дар миёни худ ба навъе сулҳ оранд ва сулҳ кори беҳтар аст.*

**Сураи «Нисо», ояи 128**

Вале агар марҳалаи аввал, яъне панду насиҳат ва талоши ислоҳу оштӣ натиҷае надиҳад, мард метавонад ҳамчун чораи ҷиддитар ба хотири ба худ омадан ва ислоҳ шудани зан бистари худро аз ӯ ҷудо кунад. Яъне, муддате бо ӯ ҳамхобагӣ накарда, ба ин тариқа изҳор намояд, ки нисбат ба рафтору ахлоқу муносибати зан эътироз дорад. Ин иқдом **марҳалаи дуюм** аст.

Дар сурати натиҷа надодани марҳалаҳои якум ва дуюм, шариати исломӣ иҷозат медиҳад, ки мард фақат ба хотири ислоҳ ва адаб занашро ба таври сабук танбеҳ бидиҳад. Ин се марҳалаи муносибат бо зани бадахлоқ ва озордиҳанда дар Қуръони карим чунин омадааст:

***Аз матни оя:***

[illegible]

***Тарҷума: …*** *ва он занонеро, ки аз нофармонияшон бим доред, нахуст панд бидиҳед ва (агар ислоҳ нашуданд) аз бистарашон дурӣ кунед ва (агар ин низ таъсир надошт), онҳоро бизанед. Агар итоат кунанд, дигар бар онҳо роҳи ситамро наҷӯед. Ва Худо Баландмартабаю Бузургқадр аст!*

**Сураи «Нисо», ояи 34**

Дар масъалаи танбеҳи баданӣ ё задани зан Ислом мавқеи бисёр қатъӣ дошта, ҳаргиз иҷозат намедиҳад, ки мард бо истифода аз нирӯи бартари ҷисмонии худ занро бераҳмона бикӯбад. Манзур аз задани зан бо зарби андаке тарс додани ӯ ва ба ин восита ҳифз кардани муҳити солими оила ва зиндагии муштарак бо ӯ мебошад. Аз ин рӯ, дини мубини Ислом задан бар рӯи зан, ё зарба задан ба ҷойҳои ҳассоси бадани ӯ ва ё зарба задан бо ягон ашё ва асбобро комилан манъ намуда, уламои исломӣ фақат задан бо рӯёмол ва ё чӯби мисвокро, ки ба андозаи қалам аст, иҷозат додааст. Пас, ин ҷо ҳадаф аз задан расонидани дард ё зарари физикӣ нест, балки мақсад танбеҳи психологӣ ё таъзир аст.

Паёмбари гиромии Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, мардони мусалмонро аз задани ҳамсаронашон манъ намуда, дар ин маврид чунин мегӯянд:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ عَبْدِ اللَّهِ بْنِ زَمْعَةَ عَنْ النَّبِيِّ y قَالَ لا يَجْلِدُ أَحَدُكُمْ امْرَأَتَهُ جَلْدَ الْعَبْدِ ثُمَّ يُجَامِعُهَا فِي آخِرِ الْيَوْمِ»**

***Тарҷума:*** *Абдуллоҳ ибни Замъа ривоят мекунад, ки Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Ҳеҷ як аз шумо иҷозат надорад занашро ҳамчун ғуломон бизанад, пас аз он дар поёни рӯз бо ӯ ҳамхобагӣ кунад.*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Никоҳ», ҳадиси 5204**
**ва «Муснади Имом Аҳмад», ҳадиси 15629**

Худи Паёмбари гиромӣ, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, дар ин маврид намунаи олии муносибати мард бо зан буда, тибқи ҳадисҳои расида дар тамоми муддати умр ҳеҷ яке аз занон ё хидматгорони худро назада буданд. Дар ҳадиси зерин омадааст:

***Аз матни ҳадис:***

**«عَنْ عَائِشَةَ قَالَتْ مَا ضَرَبَ رَسُولُ اللَّهِ y شَيْئًا قَطُّ بِيَدِهِ وَلا امْرَأَةً وَلا خَادِمًا ... »**

***Тарҷума:*** *Ҳазрати Оиша(р) гӯяд: Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ҳаргиз бо дасти худ касеро назадааст, аз ҷумла, зан ва хидматгореро.*

**«Саҳеҳи Муслим», китоби «Фазоил», ҳадиси 5944**
**ва «Сунани Абудовуд», китоби «Адаб», ҳадиси 4786**

Барои огоҳии бештар дар ин мавзӯъ метавон ба манбаъҳои мӯътабаре чун «Тафсири Қуртубӣ» *(ҷилди 5, саҳ. 170-174)*, «Тафсири Кабир» (*ҷилди 10, саҳ. 73-74*) ва ғайра мурочиат намуд.

Ин се марҳалаи ҳалли низоъ миёни зану мард бояд ба таври махфӣ сурат гирад ва марду зан ба дигарон ошкор накунанд, ки миёни онҳо ихтилоф ва нофаҳмиҳо вуҷуд доранд. Вале агар бо тай шудани се марҳалаи зикршуда, муносибати марду зан беҳбуд

наёбад ва низоъ идома ёфта, хавфи фурӯпошии оила ҳамчунон боқӣ монад, маълум мегардад, ки ҳалли ин масъала аз тавони ин зану мард берунтар аст. Дар ин сурат **марҳалаи чорум**, яъне марҳалаи миёнравию доварӣ оғоз меёбад.

Худованд дар ин маврид дар Қуръони карим мефармояд:

***Матни оя:***

♦📭🙰♦☽🙵⅄ ⬄🏱🡸☞⬂▦⬁⌘ ⬃♌⯑☽◆❒
🙰◆☹🙼🙶⬀❅⬃❹⧫📨
⇳♊🙵♓👌 🙰✞☺⬧▤⍓❍ ☎✁❑➔⌖⍓➔⬀📨🙰🙰⬧▫
⇳♊🙵♓👌 🙰✞☺⬧▤⍓❍◆❒ 🕒🙵🕮⯑✁⬃♎❑🕮
✐✁⍓⑨③🕸❷⬉③ ♌⯑☽ ✐🙰⍓♑⯑🖬⬃♎❑🕮
✦✐🙰✁ ⬀📩🙵🙴▫◆❑⬉③ 🙰☯⬧🕓■🖬⇳🕔⯑☽
⅄✐🙰✁ ❑♌⯑☽ ▤ ✐🙰⍓☺⬋🙶⬧❅⬂⑩⧫📨
✁☪❸❷⯑🖮⍓⌘ 🙰🕑☺⑩⯑🖬⧫⬉ ⧫♌🕭☒📭
⬲🕸⯑⬀

***Тарҷума:*** *Агар аз ҷудоии зану шавҳар битарсед, доваре аз хешони мард ва доваре аз хешони зан равон кунед. Агар (доварон) сулҳро бихоҳанд, албатта Худо байни зан ва шавҳар мувофиқат падид меоварад, ки Худо Донову Огоҳ аст!*

**Сураи «Нисо», ояи 35**

Моҳияти марҳалаи миёнравӣ дар он аст, ки зану мард аз ҳисоби хешу табори наздик ва афроди бонуфузу ботаҷрибаи мавриди боварии худ чанд нафарро хоҳиш менамоянд, ки дар масъалаи робитаҳои онҳо доварӣ намоянд. Масъулияти асосии ин доварон бо камоли адолат ва бо нияти ҳифзи оила омӯхтани назари зан ва шавҳар дар мавриди мушкилот ва вазъияти пешомада ва ҳамчунин ёфтани роҳи ҳалли муносибе барои тафоҳум ва идомаи зиндагии оилавии онҳо мебошад. Доварон бояд ҳам зан ва ҳам мардро дар алоҳидагӣ ба таври

муфассал пурсида, ба хулосаи холисона расида, дар мавриди вазъияти пешомада доварӣ намоянд. Онҳо бояд ба зану мард дар бораи ҳуқуқу вазифаҳояшон сӯҳбат намуда, ба онҳо зарурати ҳифзи оила ва гузашту ҳамдигарфаҳмиро талқин намоянд. Дар ин кор онҳо низ бояд аз матни Қуръону ҳадис ва аз фарҳангу ахлоқи исломӣ намунаҳо оварда, зану мардро ба сӯи ислоҳу салоҳ роҳнамоӣ кунанд.

Ва агар ин ҳама марҳалаҳо ва ин ҳама талошҳо боиси ҳалли муносибатҳои зану шавҳар шуда натавонанд, он гоҳ онҳо метавонанд ба ҷудоӣ ё талоқ рӯй оваранд. Яъне, дини мубини Ислом талоқро пас аз тай шудани ин ҳама марҳалаҳо ва пас аз анҷом додани талошҳои фаровон ҷиҳати ҳифзи оила иҷозат медиҳад. Ин аст, ки бар тибқи таълимоти исломӣ, талоқ фақат ҳамчун чораи ночорӣ ва иқдоми охирин ҳалол мебошад. Ва чун гиреҳи ихтилоф кушода нашуд, Худованд талоқро ҷоиз медонад, чунон ки дар Қуръони карим фармудааст:

***Матни оя:***

⬁♊⬂⬄⬉③ ♐⬧🕭▪❷⌧▩⧫☝⧫③ ♌⬀◗◆❑
▤ 🕓♎❍♎☝⬜➔⬜♓ ♊♎♓👌 ⬜⌧→🗎 ✦✎♐✂
♐🕓➔⬀♓🕓◆❑ ✦✎♐✂ ⧫♌🕭⌧✍◆❑
⬁⬂▩⬃⬀ ♐✞☺⓾⬀▤⬜❍

***Тарҷума:*** *Ва агар он ду аз якдигар ҷудо шаванд, Худо ҳар дуро ба камоли фазли хеш бениёз созад, ки Худо Кушоишдиҳанда ва Ҳаким аст!*

**Сураи «Нисо», ояи 130.**

Ҳамин тавр, агар мард ҳамаи ин марҳалаҳо ва талаботро риоят намуда, ночор рӯ ба талоқ оварад, талоқи ӯро **талоқи суннат** меноманд, яъне талоқе, ки бо риояти ҳамаи фармудаҳои шариат анҷом шудааст. Дар ин сурат, мард барои ин талоқ гунаҳкор

намешавад. Вале агар мард бе доштани ҳеҷ далели қатъӣ барои талоқи фаврӣ ва ё фақат барои хуш надоштани занаш ва ё бо ҳаваси гирифтани зани дигар бе риояти ин марҳалаҳои таъйиннамудаи шариат ӯро талоқ бидиҳад, дар ин сурат низ талоқи ӯ воқеъ мешавад, вале ин талоқ **талоқи бидъат** ном дошта, мард барои ин амал гунаҳгор мешавад.

### *2. Масъалаи идда*

Дини мубини Ислом барои заноне, ки аз шавҳари худ ҷудо шудаанд, пас аз талоқ муддати муайянеро бо номи **идда** таъйин намудааст. Маънои луғавии калимаи «идда» шумориш ё ҳисоб кардан аст, вале дар истилоҳи фиқҳӣ идда ба замоне гуфта мешавад, ки зан аз рӯзи талоқ ва ё аз рӯзи вафоти шавҳараш ҳамон миқдорро сабр намуда, бояд шавҳар накунад. Муддати идда дар Ислом чор моҳу даҳ рӯз барои занони шавҳарашон вафоткарда ё ба миқдори гузаштани се ҳайзи одатии моҳона мебошад.

Аз назари ҳукми шаръӣ риояти идда барои занон **воҷиб** буда, он аз тарафи Худованд, аз ҷумла дар ояҳои 228 ва 234 сураи «Бақара» ва ояи 49 сураи «Аҳзоб» амр шудааст. Масалан, дар ояи 228 сураи «Бақара» чунин омадааст:

***Аз матни оя:***

[illegible]

⬀♌⧄☽ ⌧⌨♋⚐⏲⬧❶ ❼⧄✖ ⬤♊♋♎♋♏⑩⧫❷⧄✍
🗐 ✍☯⬧⏲■🗳⇳⏲⧄☽ ☎✂▦❑←⑩✂◆❻❑🕮

***Тарҷума:*** *Бояд, ки занони талоқшуда то се бор пок шудан аз шавҳар кардан бозистанд. Ва агар ба Худо ва рӯзи Қиёмат имон доранд, раво нест, ки он чиро, ки Худо дар раҳми онон офаридааст, пинҳон доранд. Ва дар он айём агар шавҳаронашон қасди ислоҳ дошта бошанд, ба бозгардониданашон сазовортаранд…*

**Сураи «Бақара», ояи 228**

Ё дар бораи иддаи заноне, ки шавҳарашон вафот карда бошад, Худованд чунин мефармояд:

***Матни оя:***

⧫♌⬀❑⅄▫◆❑⧫☞⇖③ ⧫✖⇦♋🔔⅄✎✍✂◆❑
⧫♌❑⬇❻☒⓿⧫③◆❑ ⬀☠⬈▤☪♋👌
⌘♊⬄⏲✸✍◆❸⧫✋⧫③ 🔔☯♊⏲◆❑⬂♐❑🕮
⬧◘⌧➔⧫✍⬀❻❑🕮 ⬤♊⧄♑⬁○➔▦☼❑🕯⧄✍
✂⬧❶⧄✉⬧▫ ☎ ✂☪❸⇳⌑⧫⇖◆❑ ✆❷⬋♤⇳✸❑🕮
•☒⬧▫ ⬤♊←♑■🗳⌧♉❑🕮 ⌘♊⬂⬄■🗳⧫✍
✍⌧☺⑩♋▫ ⬀✍⬈▤⬂⑩■🗳⧫⬊ ⌧⌧✍❑✡⇖♉
⬤♊⧄♑⬁○➔▦☼❑🕮 ☑❼⧄✖ ⌘♊▫🗳⌧➔⬧▫
✦✎✍✂◆❑ ▤ ⬁✍❑⬇❺⬀⬇⌧☺⬂✆✍✍⧄✍
⮘❸❷⧄⌛⌧⌘ ⧫♌❑➔🗳⌧☺⬀➔⬧✍ ✍⌧☺⧄✍
⬘✿❀✿⬙

***Тарҷума:*** *Касоне, ки аз шумо бимиранд ва заноне бар ҷой гузоранд, он занон бояд, ки чаҳор моҳу даҳ рӯз интизор кашанд ва чун муддаташон ба сар омад, агар баъд аз он дар нисбати хеш (мустақилона) дар доираи шариат тасмиме гирад, шумо (валиён) дигар масъулияте надоред ва Худо ба корҳое, ки мекунед, огоҳ аст!*

**Сураи «Бақара», ояи 234**

Қобили зикр аст, ки идда дар Ислом пеш аз ҳама ба сабабҳои зерин риоят мешавад:

1. Ин муддат барои зану шавҳар фурсати муносиберо барои фикр кардан пеш меорад, ки агар онҳо аз ҷудо шудани худ пушаймон гарданд ва агар роҳи шаръии бозгашти онҳо мавҷуд бошад, оилаи худро дубора барқарор намоянд.

2. Дар ин муддат ҳомила будан ё набудани зан ба таври возеҳ маълум мегардад ва агар зан ҳомила бошад, насаби фарзанди ӯ мушаххас мешавад. Зеро дар сурати пас аз талоқ зуд ба издивоҷи каси дигар даромадани зан, имкони он мавҷуд аст, ки ӯ аз шавҳари пешинааш ҳомила бошад ва насаби фарзанди ӯ нодуруст муайян гардад.

3. Агар шавҳари зан вафот карда бошад, нигоҳ доштани идда илова бар муайян шудани ҳомила будан ё набудани зан, рамзи эҳтирому вафодории зан ба шавҳари вафотёфтаи худ низ мебошад. Зеро, зане ки шавҳари худро дӯст дорад, дар сурати вафоти ӯ ниёз ба як давраи барқарории рӯҳӣ дорад ва наметавонад ба зудӣ ба издивоҷи марди дигаре дарояд. Аз ин рӯ, Ислом фақат ба занон иҷозат додааст, ки барои шавҳаронашон ҳамин миқдор азодорӣ намоянд.

4. Ҳатмӣ будани риояти идда боис мешавад, ки издивоҷу талоқҳои бетартиб ва зуд-зуд рух надиҳанд ва хусусан, аз имкони рӯ овардани занон ба фасоди ҷинсӣ то ҳадди имкон пешгирӣ шавад.

Ин аст, ки идда ҳамзамон аз маънои тиббию инсонӣ ва мазмуни иҷтимоиву ахлоқӣ бархурдор аст.

### *3. Ҳуқуқи зан баъд аз талоқ*

Гарчи бо содир шудани талоқ маҳрамият ва робитаи заношӯии марду зан қатъ мегардад, вале шариати исломӣ дар давраи пас аз талоқ низ барои ҳимояти ҳуқуқи зан як силсила муқаррарот ва

талаботро муайян намудааст, ки риояти он барои мард ва барои валии зан ҳатмист. Яъне, мувофиқи шариати исломӣ, мард наметавонад ба маҳзи талоқ додан занро аз хона берун ронад ва ӯро аз тамоми ҳуқуқҳояш маҳрум созад, зеро бо гирифтани талоқ зан фақат аз ҳуқуқи заношӯӣ ё ҳамхобагӣ ва маҳрамият маҳрум мешавад, вале ҳуқуқҳои дигари ӯ, аз ҷумла, ҳуқуқ ба нафақа ва манзил, то поёни давраи иддаи зан боқӣ мемонад.

Шарҳу баёни ин масъала аз он ҷиҳат муҳимм аст, ки мутаассифона, дар ҷомеаи мо аксари занон ва мардони мусалмон аз ин ҷанбаи таълимоти исломӣ дар боби талоқ огоҳӣ надошта, ба маҳзи доир шудани талоқ тамоми ҳуқуқҳои занро қатъ намуда, онро аз нафақа ва аз ҳаққи зиндагӣ дар манзили шавҳараш фавран маҳрум менамоянд. Ин дар ҳолест, ки ба таври мисол, шариати исломӣ дар масъалаи ҳуқуқи зан пас аз талоқ муқаррароти зеринро муайян намудааст:

1. Агар талоқ раҷъӣ бошад, зан дар тамоми давраи идда ҳанӯз ҳукми ҳамсарро дорад ва дар ин давра тамоми ҳуқуқҳои он ҳамчун ҳамсар маҳфуз мемонанд. Дар ин давра таъмини нафақаи зан ва таъмини зан бо манзили зист барои шавҳар воҷиб аст.

**Талоқи раҷъӣ**, яъне талоқи мурочиатшаванда ва баргарданда, ба талоқе гуфта мешавад, ки зану шавҳар, агар майли зиндагии муштарак дошта бошанд, метавонанд пеш аз тамом шудани идда бе никоҳи нав ба зиндагии заношӯӣ баргарданд. Ин фақат дар ҳолест, ки агар мард ба лафзи сареҳ, яъне калимаи талоқ ё як талоқ занро талоқ дода бошад.

2. Агар дар вақти талоқ додан зан ҳомила бошад, ӯ то давраи таваллуди фарзанд дар идда ҳисоб

мешавад ва дар тамоми ин давра, яъне дар давраи идда, таъмини нафақа ва таъмини манзили зан бар мард воҷиб аст. Ин ҳукми илоҳӣ дар ояи 6-уми сураи «Талоқ» дарҷ гаштааст.

3. Тибқи мазҳаби ҳанафӣ мард вазифадор аст, ки ҳатто нафақаи занеро, ки талоқи бойин дода шудааст ва дар давраи идда қарор дорад, таъмин намояд. Аммо дар мазҳаби моликӣ ва шофеъӣ илова бар нафақа, таъмини макони зисти зан низ дар ин давра бар шавҳар воҷиб аст. Ин аҳком низ бар асоси ояи 6-уми сураи «Талоқ» таъйин шудаанд.

**Талоқи бойин,** яъне ҷудоӣ ё талоқи комил, ба талоқе гуфта мешавад, ки дар он шавҳар занро бо лафзи сареҳи «се талоқ» раҳо кунад. Ҳамчунин, дар сурате, ки мард бо нияти талоқ бо лафзҳои киноие мисли «аз баҳрат гузаштам», «сарат додам», «ҷавобатро додам» ва ғайра занро раҳо кунад, як талоқи бойин воқеъ мешавад ва ба маҳзи гуфтани ин сухан зан комилан аз никоҳи мард мебарояд. Ва агар рағбати бозгашт дошта бошанд, фақат бо никоҳи нав бо якдигар бозмегарданд.

4. Пас аз талоқ додан мард ҳуқуқ надорад, ки аз зан маҳрия ва бахшишу харҷҳои худро талаб намояд. Дар ин бора Худованд дар ояи 229 сураи «Бақара» ба мардон чунин амр фармудааст: ***«Барои шумо раво нест, ки азончи ба занон додаед, (пас аз талоқ) чизе бозситонед».***

5. Илова бар ин, бар тибқи шариати исломӣ занон ҳаққ доранд, ки дар сурати бо ибтикори мард талоқ шудан аз мард илова бар маҳрияи муъаҷҷала маҳрияи муаҷҷаларо низ талаб намояд (агар дар ақди никоҳаш зикр шуда бошад), ки ояти 241 сураи «Бақара» ба ин далолат менамояд.

6. Мард ҳақ надорад, ки баъд аз талоқ додани зан нисбат ба ӯ рафтори ношоиста намояд ва, аз ҷумла, ҳақ надорад, ки нисбат ба зан ҳарфҳои қабеҳ гуфта, алайҳи ӯ таблиғоти манфӣ кунад ва айбҳои ӯро фош намояд.

7. Тибқи таълими Ислом, пас аз талоқ додани зан низ таъмини нафақаи фарзандони якҷояи онҳо аз гардани мард соқит намешавад. Мард бояд фарзандони зани талоқшудаашро то замони ба балоғат расидани онҳо таъмин намояд.

8. Ҳамчунин, Ислом аз мард талаб менамояд, ки агар занро бо ташаббусу хоҳиши худ талоқ дод, ба зан кумак ё пардохти иловагие бо номи «мутъаи талоқ» бидиҳад, то зан ба маҳзи талоқ дар тангдастии молӣ ва иҷтимоӣ қарор нагирад. Ин меъёр бар асоси ояи 241 ва 236-уми сураи «Бақара» таъйин гардидааст.

*(Барои шарҳи бештари ин нукот ҳамчунин метавон ба китобҳои Юсуф Қарзовӣ «Дидгоҳҳои фиқҳии муосир», ҷилди 3, саҳ. 56-57 ва «Марказу-л-маръати фи-л-ҳаёти-л-исломияти», саҳ. 110-111 муроҷиат намуд.)*

9. Ислом дар сурати талоқ ва ҷудо шудани марду зан ҳаққи ҳамроҳӣ ва сарпарастии тифлони хурдсолро ба модар додааст, зеро тифл аз назари отифӣ ва нигоҳубин дар хурдсолӣ пеш аз ҳама ба модар ниёз дорад ва ҷудоӣ аз фарзанди хурдсол барои модар бисёр мушкилтар аз падар аст. Аз ин рӯ, фақат дар сурате, ки модар худ аз сарпарастии фарзанди хурдсол даст кашад, ҳамроҳи падар гузоштани онҳо ҷоиз аст.

Ҳамин тавр, аз нуктаҳои зикршуда метавон гуфт, ки Ислом ҳуқуқи занро дар марҳалаи баъд аз талоқ низ ба суратҳои гуногун ҳимоят намуда, иҷозат

намедиҳад, ки ба маҳзи гирифтани талоқ зан аз ҳуқуқҳои худ маҳрум гашта, ба вазъияти мушкили рӯҳию моддию иҷтимоӣ гирифтор шавад. Бахше аз фармудаҳо ва тавсияҳои дини мубини Ислом дар бораи рафтори мардон нисбат ба занон пас аз талоқ, хусусан, дар ояҳои 1-ум то 7-уми сураи муборакаи «Талоқ» бисёр рӯшан баён шудаанд, ки мазмуни мухтасари онҳо чунин аст:

***«(Эй Паёмбар), агар занонро талоқ медиҳед, ба вақти идда талоқашон диҳед ва муддати иддаро риоят намоед ва аз Худои якто - Парвардгоратон битарсед. Ва (пас аз талоқ)онҳоро аз хонаҳояшон берун накунед. Ва аз хона берун нараванд, магар он ки ба ошкоро муртакиби коре зишт шаванд. Инҳо аҳкоми Худованд аст ва ҳар кӣ аз он таҷовуз кунад, ба худ ситам кардааст. Ту чӣ донӣ, шояд Худо аз ин пас амре тоза падид оварад.***

*Ва чун ба поёни идда расиданд, ё ба ваҷҳе некӯ нигоҳашон доред ё ба ваҷҳе некӯ аз онҳо ҷудо шавед ва ду тани одил аз худатонро ба шаҳодат гиред. Ва барои Худо шаҳодатро ба ростӣ адо кунед...*

*Ҳар ҷо, ки худ сукунат доред, онҳоро низ ба қадри тавоноии худ макон диҳед. Ва бар онҳо фишор наёваред ва онҳоро наозоред. Ва агар (дар вақти талоқ) ҳомила буданд, нафақаашонро бидиҳед, то замоне, ки таваллуд кунанд. Ва агар фарзанди шуморо шир медиҳанд, муздашонро бидиҳед ва ба ваҷҳе некӯ бо якдигар тавофуқ кунед. Ва агар ба тавофуқ нарасидед, аз зани дигар бихоҳед, ки кӯдакро шир диҳад…»*

### *4.Оё зан низ метавонад талоқ диҳад?*

Тибқи таълимоти Ислом талоқ додан пеш аз ҳама ҳаққи мард аст ва шариати исломӣ онро маҳз дар ихтиёри мард қарор додааст. Бо вуҷуди ин, дар

аксари мавридҳо чунин суол гузошта мешавад, ки чаро шариат ҳаққи талоқро маҳз ба мард вогузор намудааст ва оё зан низ метавонад талоқ бидиҳад ва ғайра. Аз ин рӯ, дар ин бахши рисола рӯшанӣ андохтан ба ин саволи ҳамешагии муроҷиаткунандагони азиз низ бисёр зарурӣ мебошад.

Дар мавриди бахши аввали савол, яъне дар мавриди он, ки **чаро шариати исломӣ ҳаққи талоқро маҳз дар ихтиёри мард қарор додааст**, бояд гуфт, ки ин дастури илоҳӣ сабабҳои зиёд дорад. Пеш аз ҳама, мард бунёдгузори оила ва мудиру нигоҳдорандаи хонавода ва сарпарасти фарзандон буда, дар ин роҳ тамоми нирӯ, имконот ва умри худро сарф менамояд. Аз ин рӯ, мард ҳамеша ба талоқ майли камтар дорад ва дар аксари мавридҳо барои ҳифзи хонавода меандешад. Ҳамчунин, мард дар баробари мушкилот ва фишорҳои берунии зиндагӣ сабри бештар дошта, дар аксари мавридҳо асаб ва эҳсосоти худро метавонад контрол намуда, аз ақлу тафаккур истифода кунад.

Вале, Худованд занонро бо табиати бисёр латиф, ҳассос ва отифӣ офаридааст, ки албатта, ин имтиёзи занон дар баробари мардон аст. Аммо, онҳо дар баъзе лаҳзаҳои тасмимгирии ҷиддӣ бино бар ҳамин табиати отифӣ ва эҳсосии худ метавонанд тасмимҳои эҳсосӣ қабул кунанд ва, аз ҷумла, ба талоқ рӯй оваранд. Аз ин рӯ, агар ҳаққи талоқ бевосита дар ихтиёри зан мебуд, бунёди оила заиф ва шикананда мегашт ва бисёр оилаҳо ба осонӣ вайрон мешуданд. Вале Ислом ба ҳар роҳе масъалаҳоро ба нафъи устуворӣ ва ҳифз шудани хонаводаҳо ҳал намудааст.

Илова бар ин, ба дасти мард дода шудани ҳаққи талоқ ба раванд ва табиати ташаккули як оила низ мутобиқат дорад, зеро дар кори ташкили оила маҳз

мард ташаббускор буда, маҳз ӯ ба суроғи зан меравад ва занро хостгорӣ мекунад ва ба никоҳи худ медарорад. Илова бар ин, мард барои издивоҷ бо зан харҷи зиёд мекунад ва маҳрия мепардозад ва ӯро аз ҳисоби худ бо нафақа таъмин менамояд. Ва зан низ ин хароҷот ва маҳрия ва нафақаро мепазирад ва истифода менамояд. Аз ин рӯ, дар масъалаи ҳифз ва сарнавишти ин издивоҷ низ мард масъулияти бештар дорад.

Далели дигари дар ихтиёри мард қарор гирифтани талоқро фақеҳони исломӣ чунин зикр кардаанд, ки ҳангоми доир шудани талоқ зан ҳеҷ гуна зарари молӣ намебинад ва баръакс, агар талоқ ба ташаббуси мард шавад, зан дар низоми ҳуқуқии исломӣ бо дарёфти боқимондаи маҳрия аз ҷониби мард даромади калони молию иқтисодӣ низ мегирад. Вале мард аз додани талоқ на танҳо хонавайронию зарари маънавӣ, балки зарари ҷиддии моддию молӣ низ мебинад. Ин хароҷотҳо мардро водор мекунанд, ки ба осонӣ ба талоқ рӯй наоварад ва ба ҳифзи оила талош намояд.

Хулоса, ин ва дигар сабабу ҳикматҳо боис гаштааст, ки шариати исломӣ бо мақсади устувортар намудани ниҳоди хонавода ҳаққи талоқро дар ихтиёри мард гузоштааст.

Вале, ин ба он маъно нест, ки дар Ислом талоқ ҳаққи истисноии мард аст ва зан дар ҳеҷ сурат наметавонад ташаббускори талоқ бошад. Шариати исломӣ як силсила мавридҳои истисноиеро пешбинӣ менамояд, ки зан низ метавонад соҳиби ҳаққи талоқ гашта, ташаббускори талоқ бошад. Ба хотири ворид нашудан ба як боби дигари мураккаби фиқҳӣ ин мавридҳоро ба таври бисёр мушаххас ва рӯшан баён менамоем:

*1. Хулъ ё ба ивази пардохт ҳуқуқи талоқ пайдо кардани зан.* Шариати исломӣ дар ҳолатҳое, ки зан дигар ба ҳеҷ ваҷҳ ба рафтори ношоиста ва носазои шавҳараш сабру тоқат карда натавонад, **хулъро** пешбинӣ менамояд. Хулъ ҳолатест, ки зан метавонад ба шавҳари худ маблағеро ба унвони ҳаққи талоқ пардохт намуда, аз шавҳар талоқ гирад ва аз ӯ ҷудо шавад. Дар чунин сурат мард метавонад боқимондаи маҳрияи занро, яъне маҳри муаҷҷалро, ки ҳангоми никоҳ муқаррар шуда буд, назди худ ҳифз намояд ва илова бар ин, бахшиш ё ҳазинаи иловагие аз зан дарёфт бикунад. Ҳамчунин, дар сурати хулъ, агар мард талаб намояд, зан вазифадор аст, ки он бахш аз маҳрияро, ки дар тӯли зиндагии муштарак ба ӯ дода шудааст, ба мард баргардонад.

Хулъ ҳамчун ҳолати ба ихтиёри зан гузаштани ҳаққи талоқ ва ҷудошавӣ аз шавҳар ҳам дар Қуръони карим, ҳам дар аҳодиси набавӣ ва ҳам дар фатовои уламои гиромии исломӣ ба таври возеҳ баён шудааст. Худованд дар ояти 229-уми сураи «Бақара», аз ҷумла, чунин мефармояд:

***Аз матни оя:***

★✏👓✂ ⍓⑩❐←⑨⇖■ 👓◆😐⓿⇙☽⇖③ ·⬩❐🕮
👓⍓☺✍&⇗❸■💾♦⇖ ⍓⍓👓❐✡⇖♉ •⊠⬩▫
🗏 🕗✍❍✍📫 ⇳☠⍓⑨♦☝⇘▫👓✂ 👓◆😐⓿✍▫
★✏👓✂ ←⑩❐←⑨⇖■ ⍓⌨▫💾✍✍

***Тарҷума:*** *Ва агар битарсед аз он, ки ин ҳар ду аҳкоми Худоро барпо надоранд, пас бар онҳо гуноҳе нест, ки зан (ба ивази худ) фидя бидиҳад. Ин ҳадҳои (муқарраркардаи) Худо аст…*

**Сураи «Бақара», ояи 229**

Ин ҳукми қуръонӣ дар ҳадиси саҳеҳи набавӣ бо мисоли рӯшан шарҳ ёфтааст:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ ابْنِ عَبَّاسٍ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُمَا قَالَ جَاءَتْ امْرَأَةُ ثَابِتِ بْنِ قَيْسِ بْنِ شَمَّاسٍ إِلَى النَّبِيِّ ﷺ فَقَالَتْ يَا رَسُولَ اللَّهِ مَا أَنْقِمُ عَلَى ثَابِتٍ فِي دِينٍ وَلَا خُلُقٍ إِلَّا أَنِّي أَخَافُ الْكُفْرَ فَقَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ فَتَرُدِّينَ عَلَيْهِ حَدِيقَتَهُ فَقَالَتْ نَعَمْ فَرَدَّتْ عَلَيْهِ وَأَمَرَهُ فَفَارَقَهَا»**

***Тарҷума:*** *Абдуллоҳ ибни Аббос мегӯяд: Ҳамсари Собит ибни Қайс ба назди Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, омад ва ба Ишон гуфт: Эй Паёмбари Худо! Собит ибни Қайс мардест, ки наметавонам аз назари динӣ ва ахлоқӣ аз ӯ эроде бигирам, вале ба андозае аз ӯ нафрат дорам, ки аз имонам метарсам. Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ фармуданд: Оё боғчаи ӯро ба ӯ бармегардонӣ? Ишон гуфт: Бале бармегардонам. Ва онро баргардонд. Ва Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, дастур дод, ки ишон аз ҳам ҷудо шаванд.*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Талоқ» ҳадиси 5276 ва «Сунани Нисоӣ», китоби «Талоқ», ҳадиси 3460**

Масъалаи хулъ дар осори фиқҳии уламои исломии пешин ва муосир низ ба сурати муфассал баён гашта, моҳият, шароит ва қоидаҳои он шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Масалан, Имом Ҳофиз ибни Касир ҳангоми тафсири ояи 229-уми сураи «Бақара» дар ин бора чунин овардааст: *«Ҳар гоҳ зану шавҳар бо ҳам носозгорӣ дошта бошанд ва зан ҳуқуқи шавҳарро ба ҷо наёвард ва аз ӯ мутанаффир бошад ва ба ҳеҷ ваҷҳ натавонад, ки бо ӯ зиндагӣ кунад, зан метавонад барои раҳоии худ ончиро, ки аз мард гирифтааст, ба ӯ бозгардонад ва амали хулъ анҷом гирад. Ва додани мол аз ҷониби зан ба шавҳар ҳеҷ ишколе надорад, ҳамон гуна ки қабули зан. Дар ҳолати чунин иваз хулъ мушкиле надорад…»* **(Ниг: «Тафсири Ибни Касир», ҷилди 1, саҳ. 273-274)**

Аз фақеҳони муосири аҳли суннат ва ҷамоат Аллома Ваҳбаи Зуҳайлӣ дар китоби **«Фиқҳи хонавода дар ҷаҳони муосир»** дар мавриди хулъ ва шароити он таҳқиқи муфассалеро анҷом дода, дар ин маврид чунин хулоса менамояд: *«Хулъ, сулҳ ва ё фидя ба маънои поён додан ба робитаи заношӯӣ дар баробари молест, ки зан онро ба шавҳараш мепардозад ва ё маҳрия, ҷиҳоз ва ғайраро, ки дарёфт кардааст, ба ӯ пас медиҳад».*

Ишон дар идомаи баҳси худ дар мавриди ҳукми фиқҳии хулъ чунин мегӯяд: *«Аксарияти олимон назарашон бар ҷоиз будани хулъ аст. Зеро мардум ба он ниёз пайдо мекунанд ва гоҳе зан аз шавҳараш нафрат пайдо мекунад ва ба сабаби таҳаммул накардани ахлоқ, рафтор ва диёнат ва ё ба далели пирӣ, нотавонӣ ва беморӣ намехоҳад зиндагии заношӯиро бо ӯ идома бидиҳад. Ба ҳамин хотир, дар муқобили ҳаққи шавҳар дар мавриди талоқ, шариати Ислом ин ҳаққро ба занон додааст, ки дар ивази пардохти миқдоре мол ё сарфи назар кардан аз маҳрия ва ҷаҳизия ба зиндагӣ бо шавҳари худ поён бидиҳад, то дучори зиён ва нороҳатии идомаи зиндагӣ бо ӯ нашавад ва муртакиби нофармонии Худованд нагардад…*

*Ҳанафиҳо бар ин боваранд, ки чунончи зан хоҳони ҷудоӣ аз шавҳари худ бошад, мустаҳаб аст, ки мард ин хостаи ӯро бипазирад, аммо чунончи зан бидуни далел аз шавҳараш бихоҳад ӯро дар баробари бахшидани маҳрия ё пардохти моле талоқ бидиҳад, кароҳият дорад..»* (**Ниг: Ваҳба Зуҳайлӣ. «Фиқҳи хонавода дар ҷаҳони муосир», саҳ. 395-398)**

Барои шарҳу фаҳми бештари масъалаи хулъ метавон ба манбаъҳои исломие чун «Ҳидоя, шарҳи «Бидояту-л-мубтадӣ»-и Имом Марғелонӣ *(ҷилди 2, саҳ.13-15)*, «Радду-л-муҳтор ало «Дурри-л-мухтор»-и

Ибни Обидин *(ҷилди 3, саҳ. 439- 465)*, «Зан дар миёни шаффофияти шариати илоҳӣ ва тирагии фарҳанги Ғарб»-и Муҳаммад Рамазон Бутӣ *(саҳ. 130)*, «Дидгоҳҳои фиқҳии муосир»-и Юсуф Қарзовӣ *(ҷилди 3, саҳ. 67-69)* ва ғайра муроҷиат намуд.

*2. Дар вақти ақди никоҳ ба ихтиёри зан гузоштани ҳаққи талоқ.* Роҳи дигари ба ихтиёри зан гузошта шудани талоқ, ки шариати исломӣ онро пешбинӣ менамояд, ҳангоми бастани ақди никоҳ муқаррар намудани чунин ҳақҳ барои зан мебошад. Яъне, агар ҳангоми никоҳ зан барои никоҳ чунин шарт гузорад ва шавҳаршаванда қабул намояд, ки зани ӯ ҳаққи талоқ доданро дошта бошад, шариат иҷозат медиҳад, ки зан соҳиби чунин ихтиёр шавад. Фақеҳи муосири аҳли суннат ва ҷамоат Доктор Муҳаммад Рамазон Бутӣ дар шарҳи ин масъала чунин мегӯяд:

*«Агар зан бихоҳад ҳаққи худро дар талоқ ба таври мустақим, яъне бидуни талоқи додгоҳ аз шавҳараш дарёфт кунад, дар ин сурат метавонад дар ҳамон рӯзи аввали ақди издивоҷи худ роҳи машрӯъ ва ошкори онро пеш гирад. Ба ин шакл, ки дар вақти ақди никоҳ бо шавҳараш шарт кунад, ки бояд исмати никоҳаш дар дасти худаш бошад. Бинобар ин, ҳар гоҳ шавҳар дар баробари он мувофиқат кард, дигар занаш ҳар вақт хост метавонад, бидуни миёнҷигарии додгоҳ аз ҳаққи талоқ истифода намояд».* **(Ниг.: Рамазон Бутӣ. «Зан дар миёни шаффофияти шариати илоҳӣ ва тирагии фарҳанги Ғарб», саҳ. 130)**

Дар шарҳи ин масъала бояд гуфт, ки агар мард бино бар талаби зан дар вақти никоҳ розӣ шавад, ки зани ӯ ҳаққи талоқ доданро дошта бошад, боз ҳам ин амал ба он маъно нест, ки мард аз ҳаққи талоқ маҳрум гардад. Дар чунин сурат ҳам мард ва ҳам зан

ҳаққи талоқ доданро доро мебошанд ва метавонанд ҳангоми зарурат аз ин ҳаққи худ истифода намоянд.

Шарҳи муфассалтари ин масъала дар манбаъҳои исломие чун «Фатовои Ҳиндия» *(ҷилди 1, саҳ. 273)*, «Аниси занони покдоман»-и Абдурраҳим Фирӯзи Ҳиравӣ *(саҳ. 149-151)* ва ғайра қобили дастрасӣ мебошад.

*3.Мавридҳои мушаххасе, ки ба зан иҷозат медиҳад, то барои талоқ аз тариқи қозӣ (додгоҳ) ташаббус намояд.* Ду мавриди аввал ба зан иҷозат медоданд, ки бевосита, яъне бидуни ҳукми қозӣ ва додгоҳ худ даст ба талоқ занад ва ба зиндагӣ бо шавҳараш хотима диҳад. Вале, илова бар ин, шариати исломӣ як силсила шароит ва мавридҳоеро муайян намудааст, ки дар сурати пеш омадани онҳо зан метавонад барои гирифтани талоқ ба қозӣ ё додгоҳ муроҷиат намояд. Дар сурати исбот шудани даъвои зан қозӣ ё додгоҳ вазифадор аст, ки онро қаноатманд созад.

Муҳимтарин намунаҳои ҳолатҳое, ки фақеҳони исломӣ дар ин маврид мушаххас намудаанд, чунинанд:

- *Ба муддати беш аз шаш моҳ ба таври огоҳона таъмин нашудани нафақаи зан аз тарафи шавҳар;*
- *Пеш омадани айб ё нуқсони ҷиддӣ дар мард, мисли нотавонии комили ҷинсӣ, бемории рӯҳӣ, песӣ, бемориҳои табобатнашавандаю гузаранда, мисли СПИД ва ғайра;*
- *Бадрафторӣ ва бадахлоқии доимии шавҳар, мисли майзадагии доимӣ ва ё озору азияти доимӣ ва зарбу латти доимии зан;*

- *Ба муддати тӯлонӣ бенишон шудани ва ё зиндонии тӯлонӣ шудани шавҳар;*
- *Аз Ислом хориҷ шудани зан ё шавҳар;*
- *Исбот шудани хиёнати оилавии яке аз онҳо.*

Дар сурати пеш омадани чунин вазъиятҳо ва дигар шароитҳое, ки барои зан тоқатфарсо мебошад, шариат ба занон иҷозат додааст, ки барои гирифтани талоқ ба қозӣ ва додгоҳ муроҷиат намоянд. Ва додгоҳ вазифадор аст, ки дар ҳолати исбот шудани даъво ин ҳаққи шаръии занро амалӣ гардонад. Дар чунин суратҳо, агар қозӣ ё додгоҳи шаръӣ ақди никоҳи зан ва шавҳарро бекор кунад, дигар эҳтиёҷ ба талоқи шавҳар нест ва зан бо ҳамин ҳукми додгоҳ озод мешавад ва баъд аз тамом шудани иддаи шаръӣ метавонад шавҳар кунад.

Барои шарҳи бештари ин масъалаҳо метавон ба осоре чун Муфтӣ Худоназар «Маҳмуду-л-фатово» *(ҷилди 3, саҳ. 17-273)*, Ваҳба Зуҳайлӣ «Фиқҳи хонавода дар ҷаҳони муосир» *(саҳ. 399-410)*, Абдуррашиди Таррез «Талоқ аз дидгоҳи Ислом» *(саҳ. 126-131)* ва ғайра руҷӯъ намуд.

## *5. Раҳнамудҳои Ислом барои пешгирии талоқ*

Гарчи шариати исломӣ аҳком ва шароити талоқро муайян намудааст, вале асли таълимоти Ислом бар ҳифзи оила ва пешгирӣ аз талоқ аст. Аз ин рӯ, дар сарчашмаҳои исломӣ барои пешгирии талоқ ва ба вуҷуд наомадани ҳолатҳои водоркунанда ба талоқ як силсила тавсия ва раҳнамудҳое омадаанд, ки риояти онҳо барои ҳифзи саломатии

ҳар оила бисёр муҳимм мебошад. Асоситарин тавсияҳои исломӣ дар ин самт чунинанд:

***1.Интихоби зан аз рӯи дину ахлоқ***

Дар масъалаи интихоби ҳамсар Паёмбари гиромии Ислом ба мусалмонон чунин тавсия додаанд:

***Матни ҳадис:***

«عَنْ أبي هُرَيْرَةَ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُ عَنْ النَّبِيِّ ﷺ قالَ تُنْكَحُ الْمَرْأَةُ لِأَرْبَعٍ لِمَالِهَا وَلِحَسَبِهَا وَجَمَالِهَا وَلِدِينِهَا فَاظْفَرْ بِذَاتِ الدِّينِ تَرِبَتْ يَدَاكَ»

**Тарҷума:** *Аз Абуҳурайра(р) ривоят шудааст, ки Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Занон ба хотири чаҳор чиз барои издивоҷ интихоб мешаванд: мол, мавқеият, зебоӣ ва дин. Ту соҳиби динро интихоб кун, чаро ки мояи хайр ва баракат аст.*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Никоҳ», ҳадиси 5090 ва «Саҳеҳи Муслим», китоби «Ризоъ», ҳадиси 3525**

Тибқи ин ҳадиси набавӣ ҳангоми интихоби зан бояд пеш аз ҳама ба дин ва ахлоқи ӯ таваҷҷӯҳ намуд ва зани бодину боахлоқро интихоб кард. Табиист, ки зани диндор боиси покиву осудагии муҳити оилавӣ ва тақвияти пайванди хонавода мегардад.

***2. Ҳамдигарро дидани зану мард пеш аз никоҳ***

Ислом тавсия медиҳад, ки зану мард бояд пеш аз издивоҷ якдигарро бинанд ва дар бораи чигунагии ҳамдигар тасаввурот пайдо намоянд. Дар ин дидор онҳо бояд ба ҳамдигар бо диққат нигоҳ кунанд ва боварии комил пайдо намоянд, ки аз издивоҷиояндаи худ розиянд.

Дар ин маврид аз Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, чунин ҳадисе ба ҷой мондааст:

***Матни ҳадис:***

**«عن المغيرة بن شعبة قال خطبت امرأة فقال لي رسول الله y أنظرت إليها قلت لا قال فانظر إليها فإنه أحرى أن يؤدم بينكما»**

***Тарҷума:*** *Муғайра ибни Шаъба мегӯяд, ки ман хостам занеро ба никоҳи худ дароварам, Паёмабари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, аз ман пурсиданд, ки оё ман ӯро дидаам. Ман гуфтам, ки на. Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Бирав, ӯро нигоҳ кун, зеро нигоҳи пеш аз никоҳ паёмрасони унс ва муҳаббат аст.*

**«Муснади Имом Аҳмад», ҷилди 4, саҳ. 246, ҳадиси 18179**

Тавре ки дида мешавад, дидори пеш аз издивоҷ аз ҷумлаи тавсияҳои исломист, вале мутаассифона, имрӯз дар баъзе минтақаҳои кишвар дидори писару духтар пеш аз никоҳро айбу нанг медонанд. Аз ин рӯ, духтарону писаронашон ҳамдигарро фақат шаби ҷуфтшавӣ бори аввал мебинанд ва агар ба ҳамдигар писанд наоянд ҳам, дигар чорае надоранд. Вале ин нукта низ ҷолиб аст, ки бисёре аз ин духтароне, ки волидайни онҳо дидори пеш аз никоҳ бо домодшавандаро дуруст намешуморанд, худашон донишҷӯ ё корманд буда, озодона ба донишгоҳу коргоҳҳо мераванд ва ҳамагон онҳоро мебинанд. Вале ҳамин духтарҳо ва волидайни онҳо дидор бо домодшавандаро айб медонанд, ки ин навъе рафтори ғайриисломӣ ва ғайримантиқист. Албатта, дидори писару духтар пеш аз издивоҷ набояд мулоқоти муфассал ва хилватнишинӣ бошад, аммо онҳо бояд имкон пайдо намоянд, ки ҳамдигарро бинанд ва ба ҳамдигар бо диққат нигоҳ кунанд ва баъзе саволу ҷавобҳои муқаддимотӣ намоянд.

### *3. Таваҷҷӯҳи ҷониби зан ба ахлоқ, дин ва маънавияти мард*

Имрӯз дар ҷомеаи мо вақте ки дар бораи издивоҷ сӯҳбат мекунанд, маъмулан ҷониби мардро ҳамчун интихобгар тасаввур намуда, ба ӯ дар бораи чӣ гуна интихоб намудани зан тавсияҳо медиҳанд. Вале Ислом ҳар ду ҷониби издивоҷро тарафҳои соҳиби ҳуқуқи интихоб дониста, ба ҷониби зан низ тавсия медиҳад, ки ҳангоми интихоби мард ба дин, ахлоқ, оила ва муҳити ӯ диққат дода, марди барои худ муносибро интихоб намояд. Ислом ба волидайн тавсия медиҳад, ки агар марде соҳиби дину ахлоқ барои хостгории духтаратон ояд, хостгории ӯро қабул намоед. Дар ин маврид Паёмбари акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, фармудааст:

***Аз матни ҳадис:***

**«عَنْ أَبِي هُرَيْرَةَ قَالَ قَالَ رَسُولُ اللَّهِ ﷺ إِذَا أَتَاكُمْ مَنْ تَرْضَوْنَ خُلُقَهُ وَدِينَهُ فَزَوِّجُوهُ ...»**

***Тарҷума:*** *Абуҳурайра гӯяд: Паёмбари Худо, алайҳиссалом, фармуданд: Агар марде соҳиби дин ва ахлоқ ба хостгории духтаратон омад, ба издивоҷашон розӣ шавед.*

**«Сунани Ибни Моҷа», китоби «Никоҳ», ҳадиси 1967**
**ва «Сунани Тирмизӣ», китоби «Никоҳ», ҳадиси 1086**

Тавре ки пештар зикр шуда, Ислом дар издивоҷ розигии занро ҳатмӣ медонад ва никоҳе, ки бе ризояти зан баста шуда бошад, аз назари Ислом ботил дониста мешавад.

### *4. Ризояти сарпарастон ва аҳли хонаводаи духтар ва писар*

Гарчӣ барои издивоҷи писар ва духтари болиғ ризояти ҳар дуи онҳо кифоят мекунад, вале Ислом тавсия медиҳад, ки пеш аз издивоҷ ризояти волидайн ё сарпарасти писар ва духтар гирифта шавад. Ин як амри мустаҳаб буда, риояти он пайомадҳои хуби

амалӣ барои ҳифз ва таҳкими хонаводаи навташкил дорад. Зеро хусусан, дар таҷрибаи ҷомеаи мо дида мешавад, ки бахше аз оилаҳои ҷавон фақат ба сабаби аз ин издивоҷ розӣ набудани волидайн ва ё ба сабаби пеш омадани ихтилоф байни волидайн ва келин ё домоди нави онҳо пароканда мешаванд. Ин аст, ки агар волидайни ҳар ду тараф аз издивоҷи фарзандонашон розӣ бошанд, ин боиси тақвияти оилаи ҷавон ва устувории он мегардад.

***5. Риояти ахлоқи исломӣ пас аз издивоҷ***

Ислом тавсия мекунад, ки зану шавҳар ҳифзи оила ва эҳтироми номусу шарафи ҳамдигарро дар дараҷаи аввал қарор дода, дар ҳаёти оилавии худ ҳамеша усулҳое чун риояти одоби шаръӣ, бархӯрди мӯъминона, покиву тақво ва таъмини ҳуқуқи якдигарро риоят намоянд. Тибқи мазмуни ояи 228-уми сураи муборакаи «Бақара» ҳам занон ва ҳам мардон дорои ҳуқуқҳои муайян буда, дар айни замон, дорои вазифа ва масъулиятҳои муайян низ мебошанд, ки риояти онҳо барояшон ҳатмист. Таҷрибаи оилаҳои асили исломӣ нишон додааст, ки риояти дурусти ҳуқуқ ва вазифаҳое, ки Ислом ҳам барои мард ва ҳам барои зан таъйин намудааст, боиси пойдории оила мегардад.

Аммо агар зану шавҳар ҳамдигарро эҳтиром накунанд ва ҳамеша бо ҳам дар баҳсу ҷидол бошанд, ин рафтор заминаро барои талоқ ва парокандагии оила муҳайё месозад. Чунон ки Мавлоно Румӣ фармудааст:

*Паркандагӣ аз нифоқ хезад,*
*Пирӯзӣ аз иттифоқ хезад.*
*Ту ноз кунию ёри ту ноз,*
*Чун ноз ду шуд,* ***талоқ хезад.***

### *6.Масъулияти атрофиён ва ҷомеа барои ҳифзи оилаҳои ҷавон*

Дар канори тавсияву масъулиятҳое, ки ба дӯши худи зану шавҳар ва волидайни онҳо гузошта шудааст, Ислом ба ҷомеа низ тавсия менамояд, ки барои ҳифзи оилаҳо ва тақвияти онҳо эҳсоси масъулият намояд. Дар ин масъала ҳам хешу табор, ҳам шӯрои маҳалла, ҳам ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳам ниҳодҳои давлатӣ метавонанд барои бештар сабуру таҳаммулпазир шудани зану шавҳар ва боло рафтани фарҳанги оиладории онҳо мусоидат намоянд. Зеро ҳар оилаи вайрон, ҳар зани танҳову бесарпараст ва ва ҳар фарзанди ятим худ як масъалаи иҷтимоист, ки ба вазъи умумии ҷомеа таъсири амиқи манфӣ мерасонад. Ин аст, ки ҳифзи оила на як масъалаи шахсии зану шавҳар, балки як масъалаи муҳимми ҷамъиятӣ ва давлатист.

## *Хулоса ё ҳукми шаръии талоқ*

Агар тамоми баҳсу масъалаҳоеро, ки дар боби талоқ оварда шуданд, хулоса намоем ва аз он натиҷагирӣ кунем, мебинем, ки дини мубини Ислом талоқро фақат дар ҳолатҳои истисноӣ ва дар сурате, ки дигар ҳеҷ роҳи ҳалле барои идомаи ҳаёти оилавӣ боқӣ намонда бошад, пешбинӣ менамояд. Дар ҳолатҳои дигар, Ислом бар мусалмонон таъкид мекунад, ки ҳаргиз ба талоқ рӯй наоваранд ва аз он дурӣ ҷӯянд.

Фақеҳони исломӣ дар бораи ҳукми шаръии талоқ баҳсу тадқиқотҳои зиёде намуда, аксаран ба ин хулоса расидаанд, ки аз назари Ислом талоқ бидуни далел ва зарурати воқеӣ мамнӯъ ва ҳаром мебошад. Фақеҳи бузургвори ҳанафӣ Ибни Обидини Шомӣ дар «Ҳошия»-и машҳури худ дар ин масъала овардааст: *«Ҳукми аслии талоқ ҳазар (манъ будан)*

*аст. Яъне, талоқ дар асл мамнӯъ буда, ба хотири зарурат ва ниёз ба он иҷоза дода шудааст». (*Ниг: Ибни Обидин, «Радду-л-мухтор ало «Дурри-л-мухтор», ҷилди 3, саҳ. 226-227)

Муаллифони «Фатовои ҳиндия» дар ин маврид чунин хулоса гирифтаанд: *«Назар ба асли талоқ, талоқ маҳзур(мамнӯъ) аст, вале бо таваҷҷуҳ ба ҳоҷат ва ниёз мубоҳ мебошад». (*Ниг: «Фатовои ҳиндия», ҷилди 1, саҳ. 348)

Ибни Таймия низ ин масъаларо ҳамаҷониба баррасӣ намуда, дар фатвои худ мегӯяд: *«Ҳукми аслии талоқ ҳазар (манъ, худдорӣ кардан) аст, вале ба хотири ниёз ва ба миқдори ниёз иҷоза дода шудааст... Аммо Худованди бузург ба хотири раҳмати бекаронаш онро бар бандагон, ки гоҳе ба он ниёз пайдо мекунанд, мубоҳ намудааст».* (Ниг: «Фатовои Ибни Таймия», ҷилди 3, саҳ. 16)

Фақеҳи муосири исломӣ Шайх Юсуф Қарзовӣ дидгоҳҳои фиқҳии мавҷуда дар бораи ҳукми шаръии талоқро хулоса намуда, чунин меорад: *«Соҳиби «Ҳидоя» аз фақеҳони мазҳаби ҳанафӣ гуфтааст: Талоқ қатъкунандаи никоҳест, ки тазминкунандаи дин ва дунёи инсон аст. Соҳиби китоби «ал-Мугнӣ», аз фақеҳони ҳанбалӣ (Ибни Қудома) низ гуфтааст: Талоқ ба маслиҳати зан ва шавҳар нест ва дар сурате, ки барои талоқ далели қонеъкунанда ва шаръӣ вуҷуд надошта бошад, зан ва шавҳар дучори зиёнҳои моддӣ ва маънавӣ хоҳанд шуд. Бинобар ин,* ***чунин талоқ ҳамчун талаф кардани мол ва доройӣ ҳаром аст****... Ва Ибни Обидин низ дар ин маврид мегӯяд: Вақте ки талоқ ва муторика бидуни сабаб ва зарурат бошад, тавҷеҳе барои он вуҷуд надорад ва даст задан ба он нобихрадӣ ва сафоҳат (камақлӣ) ва куфрони неъмат ва азияту озор нисбат ба зан ва фарзандон талаққӣ мегардад. Бинобар ин, вақте ки талоқ аз*

*муҷиботи ибоҳаи шаръии он холӣ бошад, ҳукми он ба асли ҳурмат боз хоҳад гашт».* **(Ниг: Юсуф Қарзовӣ. «Дидгоҳҳои фиқҳии муосир», ҷилди 1, саҳ. 164-165)**

Ҳамин тавр, ҳукми шаръии талоқ дар Ислом бисёр нозук ва зариф буда, ин амал фақат дар сурати пеш омадани вазъият ва далелҳои бисёр қатъии шаръӣ иҷозат дода мешавад. Вале дар ин сурат низ, шариати исломӣ талокро «бадтарин ҳалол» номидааст, ки ҳатто Худованд аз он нафрат дорад. Ин ҳукми талоқ дар ҳадиси Паёмбари акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* чунин дарҷ гаштааст:

***Матни ҳадис:***

«عَنْ ابْنِ عُمَرَ عَنْ النَّبِيِّ y قَالَ أَبْغَضُ الْحَلالِ إِلَى اللَّهِ تَعَالَى الطَّلاقُ »

***Тарҷума:*** *Абдуллоҳ ибни Умар(р) аз Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ривоят мекунад, ки Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуданд: Манфуртарин ҳалол назди Худованд талоқ аст.*

**«Сунани Абудовуд», китоби «Талоқ», ҳадиси 2177 ва 2178 ва «Сунани Ибни Моҷа», китоби «Талоқ», ҳадиси 2018**

Ин аст ҳукми шаръии талоқ аз назари дини мубини Ислом. Ва дар охир дуо мекунем, ки Худованди мутаъол оилаҳои мусалмони кишвари моро дар паноҳи лутфи худ нигоҳ дорад ва ҳеҷ яки онҳо ба офати ҷонсӯзи талоқу ҷудоӣ рӯбарӯ нашаванд. *Омин, ё Рабба-л-оламин!*

## 3.Масъалаи ҳиҷоб дар Ислом

### *Сухани муқаддимавӣ*

Масъалаи дигаре, ки дар шинохти ҷойгоҳ ва ҳуқуқи зан дар таълимоти исломӣ аҳаммияти бисёр ҷиддӣ ва меҳварӣ дорад, масъалаи иффат ва либосу

ҳиҷоби зан мебошад. Ин масъала, ки ҳамеша яке аз мувзӯъҳои васеъ ва зарифи фиқҳи исломӣ будааст, имрӯз ба як мавзӯи бузурги на танҳо динию ақидатӣ, балки сиёсию идеологию байналмилалӣ табдил шудааст. Дар ин баҳси бузурге, ки дар даҳсолаи охир дар атрофи масъалаи ҳиҷоб дар ҷомеаҳои мусалмонию ғайримусалмонӣ пеш омадааст, ҳар ду тарафи баҳс як ҳақиқатро ба хубӣ дарк намудаанд, ки маҳз ҳиҷоб рамзи қудрат ва сирри ҳифз шудани на танҳо зани мусалмон, балки дар кулл, ҷомеаи мусалмонӣ ва арзишҳои исломӣ мебошад. Ин аст, ки ҷонибдорон ва ихлосмандони арзишҳои исломӣ барои ҳифзи ин арзишҳо ба масъалаи ҳиҷоб таъкиди аввалиндараҷа менамоянд ва дар айни замон, мухолифини арзишҳои исломӣ низ пеш аз ҳама ба масъалаи ҳиҷоб мухолифати шадид мекунанд. Ҳамин тавр, имрӯз ҳиҷоб ба як масъалаи арзишӣ, ба як рамз, ба як ҷабҳа ва рамзи номуси динӣ табдил гаштааст.

Аз ин рӯ, дар ин бахши китоб ба масъалаи ҳиҷоб ба унвони яке аз масъалаҳои муҳимми ақидатӣ ва фиқҳии исломӣ ва низ ба унвони яке аз масъалаҳои меҳварии ҳуқуқи зани мусалмон пардохта мешавад. Зарурати рӯ овардан ба ин масъала аз он низ бармеояд, ки мо дар фаъолияти илмию динии худ ҳамарӯза бо саволҳои бепоён дар бораи ҳиҷоб, моҳият, ҳукм ва аҳаммияти он рӯбарӯ ҳастем.

Вале, бо вуҷуди ба таври сунъӣ ба масъалаи бисёр печидаи сиёсию идеологӣ табдил гаштани «масъалаи ҳиҷоб», банда мехостам, ки дар ин китоб на ба ин ҷанбаи масъала, балки ба назари дини мубини Ислом ба ин мавзӯъ ва дидгоҳи сарчашмаҳои асили исломӣ, яъне Қуръони карим ва Суннати набавӣ нисбати ҳиҷоб рӯшании комил андозам.

Аҳаммияти чунин равиши кор дар он аст, ки ҷомеаи мусалмон бояд ба маводде дастрасӣ дошта бошад, ки дар он назари Худованд ва Расули барҳаққаш дар нисбати масъалаи ҳиҷоб ба таври рӯшан, асоснок, қатъӣ, вале бо забони содаю фаҳмо ва сареҳ баён шуда бошад.

Яъне, мардуми мусалмон, хусусан, хоҳарони мусалмон бояд маводдеро дар ихтиёр дошта бошанд, ки дар он ҳукми илоҳӣ дар ин масъала ба таври возеҳ баён шуда бошад. Ва банда фикр мекунам, ки таҳияи чунин мавод ва дар ихтиёри хоҳишмандони гиромӣ гузоштани он дар шароити имрӯз беҳтарин кумак барои касонест, ки аз баҳсҳои сиёсию матбуотӣ хаста шуда, мехоҳанд аз асли масъала огоҳӣ пайдо кунанд.

Дар мавриди ин масъаларо қабул кардан ё накардан, аз он пайравӣ кардан ё накардан, ба он мухолифат кардан ё накардани ин ё он шахс ва ин ё он гурӯҳ, бояд гуфт, ки вақте ки назари Худову Расули Худо дар ин масъала ба таври возеҳ ва фаҳмо гуфта мешавад, интихобу пайравӣ, қабулу ноқубул ва мухолифату мувофиқат ба он кори фардии ҳар шахс ва гурӯҳ аст. Ба ин восита, ҳар шахс ва ҳар гурӯҳ бо муайян намудани мавқеи худ дар ин масъала, дар асл мавқеи худро нисбат ба манбаъ, сарчашма ва соҳиби ин ҳукм муайян менамояд, ки мо дар ин масъала доварӣ намекунем. Балки, ҳар кас ё ҳар гурӯҳ бо муайян намудани мавқеи худ дар асл худ дар мавриди худ доварӣ намудааст.

Аз ин рӯ, банда ҳамчун хидмате барои касоне, ки мехоҳанд назари дини мубини Ислом дар масъалаи ҳиҷобро аз манбаъҳои асили исломӣ бидонанд, дар ин бахши китоб ба баъзе ҷанбаҳои аслии он рӯшанӣ андохтаам. Умедворам, мавриди истифодаи холисонаи ниёзмандон ва алоқамандон қарор гирад.

# Нигоҳе ба масъалаи ҳиҷоб дар дину тамаддунҳои ҷаҳонӣ

Оё ҳиҷоб ва сатри занон ихтирои Ислом аст ва оё фақат Ислом барои занон ҳиҷобро фарз медонад? Ин аввалин пурсишест, ки шинохти масъалаи ҳиҷобро аз он оғоз менамоем.

Омӯзиши таълимоти динҳои дигари ҷаҳонӣ ва осори тамаддунҳои бузурги башарӣ нишон медиҳад, ки иффати ахлоқӣ ва пӯшидагии бадани зан дар дину таммаддунҳои тоисломӣ низ як масъалаи бисёр ҷиддӣ ба ҳисоб мерафтааст. Ин масъала хусусан, дар динҳои осмонии тавҳидӣ, яъне яҳудият ва масеҳият, ки аз як манбаъ нозил шудаанд, як бахше аз эътиқод ва амалияи диниро ташкил медодааст.

Дар дини яҳудӣ, ки шариати онро ҳазрати Мӯсо, *алайҳиссалом,* барои Бани Исроил, яъне яҳудҳо, расонидааст, риояти ҳиҷоб ва пӯшиши зан ба таври бисёр ҷиддӣ таъкид гашта, дар сурати аз тарафи зан риоят нашудани он, мард ҳаққ дошт, ки занро фавран талоқ диҳад. Муаллифи асари машҳури «Таърихи тамаддун» Вилл Дюрант дар ин бора чунин маълумот медиҳад:

*«Агар зане қонунҳои яҳудиро нақз карда, бе ҳиҷоб дар байни мардум пайдо мешуд ва ё дар кӯчаи умумӣ нах мебофт, ё ба мардон дарди дил мекард ё овозаш он қадр баланд мешуд, ки ҳамсояаш онро бишнавад, дар он сурат мард ҳақ дошт бе пардохти маҳрия ӯро талоқ диҳад».*

**Вилл Дюрант. «Таърихи тамаддун», ҷилди 12, саҳ.30**

Дар ин маврид мутафаккири исломӣ Аббос Маҳмуд Аққод намунаҳои зиёдеро аз **«Таврот»** гирдоварӣ намудааст, ки ҳамаи он ба зарурат ва

ҳатмияти пӯшиш ва ҳиҷоби занон дар дину оини яҳудӣ ишорат доранд. Ӯ, аз ҷумла, матни исҳоҳи сеюми сифри «Ашъиё» аз «Таврот»-ро нақл кардааст, ки дар он чунин омадааст: *«Худованд ба зудӣ духтарони Саҳюнро ба хотири беҳиҷобӣ ва фахрфурӯшӣ ва ба хотири баланд шудани овози зангулаҳои пой ва намоён гаштани зинатҳои дигарашон ҷазо ва азоб медиҳад.»*

**Ниг.: Аббос Маҳмуд Аққод. «ал-Марата фи-л-Қуръон», нашри «Дору-л-ҳилол»-и Миср.-саҳ. 62-67**

Ин муаллиф бо овардани намунаҳои фаровон аз китобҳои осмонии тоисломӣ дар масъалаи ҳиҷоб чунин хулоса менамояд: *«Ҳиҷоб ҳамчун қонун ва меъёри пӯшиши занон пеш аз зуҳури Ислом маъруф ва расм будааст ва барои исботи ин ҳеҷ ниёзе ба овардани намунаҳои бештари таърихӣ ва васеътар намудани баҳс нест, зеро китобҳои динии мардумони ғайримусалмон он қадар ба зарурати рӯбанд, рӯсарӣ, дастор ва салла таъкид кардаанд, ки дар Қуръони карим ба он андоза шадид ва сахтгирона нест. Масалан, Қуръон пӯшидани рӯбанд ва пӯшондани чеҳраро барои занон амр нафармудааст»*.

Муҳаққиқони аврупоӣ Ҷин Ҳолм ва Ҷон Букер дар китоби «Зан дар адёни бузурги ҷаҳон» дар бораи масъалаи ҳиҷоб дар дини яҳудӣ чунин овардаанд: *«Дар Талмуди Фаластинӣ (Суто, боби 16) зикр шудааст, ки дар мазҳаби шаммоӣ, ки фақат зино боиси талоқи зан мешавад, агар зане бе пӯшиши сар дар берун зоҳир шавад, шавҳараш метавонад дархости талоқ диҳад. Ба ибораи дигар, бе ҳиҷоб берун рафтани зан баробари бевафоии ӯ ба шавҳараш (ҳамонанди зино) талаққӣ мешавад. Дар дини яҳудӣ… арӯс ҳангоми издивоҷ ва баъд аз он то замоне ки*

*шавҳардор буд, дар муқобили номаҳрамон мӯйҳои худро мепӯшонд…»*

**Ниг: Ҷин Ҳолм ва Ҷон Букер. «Зан дар адёни бузурги ҷаҳон», тарҷумаи Алии Ғаффорӣ. Интишороти «Амир Кабир». Теҳрон: 1384 ҳ.ш. саҳ. 211-212**

Дар дини зардуштӣ ва ойини Эрони Бостон низ пӯшиши зан як амри ҳатмӣ ва зарурӣ ба ҳисоб меомад. Дар ин давра хусусан, занони табақаҳои миёна ва болоӣ маҷбур буданд, ки ҳиҷоби комилро риоят намоянд ва иҷозати онро надоштанд, ки ҷуз дар тахти равони рӯпӯшдор аз хона берун бароянд. Ба онҳо ҳаргиз иҷозат дода намешуд, ки ошкоро бо мардон омезиш пайдо кунанд. Занони шавҳардор ҳақ надоштанд ҳеҷ мардеро, агарчи падар ё бародарашон бошад, бинанд. Муаллифи «Таърихи тамаддун» Вил Дюрант дар ин бора маълумотҳои фаровонро ироа намуда, чунин хулоса мекунад: *«Дар нақшу нигорҳое, ки аз Ирони Бостон бар ҷой мондаанд, ҳеҷ сурати зан дида намешавад ва номе аз онон ба назар намерасад...»*

**Вилл Дюрант. «Таърихи тамаддун», ҷилди 1, саҳ.552**

Ҳамин тавр, мисолҳои мухтасре, ки оварда шуд, ба хубӣ нишон медиҳанд, ки ҳиҷоб ва пӯшиши зан дар дину тамаддунҳои дигар низ ҳамчун як амри ҳатмӣ вуҷуд доштааст ва хусусан, динҳои осмонӣ ба масъалаи иффат ва ҳиҷоби зан таваҷҷӯҳи зиёде намудааст. Аз муқоисаи ҳукми ҳиҷоб дар ин динҳо бо ҳукми ҳиҷоб дар Ислом метавон хулоса гирифт, ки:

1. Ҳиҷоб падидае нест, ки фақат Ислом онро ихтироъ намуда, барои занон муқаррар карда бошад, балки ин масъала дар динҳои дигари осмонӣ ва дар тамаддунҳои машҳури ҷаҳонӣ низ роиҷ будааст.

2. Ҳиҷоб дар Ислом нисбат ба ҳамаи динҳои тоисломӣ сабуктар ва осонтар буда, аз назари мазмун низ Ислом ҳиҷобро на ҳамчун нишонаи маҳдудият ва таҳқири зан, балки ҳамчун рамзи иффат ва иззати зан муқаррар намудааст.

## Ҳиҷоб ва пӯшиши занон дар Ислом

***Нигоҳе ба маънои калимаи «ҳиҷоб»***

Барои шинохти беҳтари масъалаи ҳиҷоб таҳқиқе дар калима ва истилоҳи «ҳиҷоб» низ холӣ аз аҳаммият нест, зеро хусусан, дар таълимоти исломӣ ҳар вожаю истилоҳ маъно ва фалсафаи амиқи худро дорад. Ка*лимаи «***ҳиҷоб»** пеш аз ҳама ба маънои пӯшиш ё пардае, ки пушти он чизе пинҳон бошад, истифода мешавад. Яъне, ҳиҷоб парда ё монеае барои дидани он чизест, ки пушти парда ё пушти ҳиҷоб ниҳон аст. Он чизе ки пушти ҳиҷоб қарор мегирад, маҳҷуб номида мешавад. Чунон ки Ҳофиз мефармояд:

***Ҳиҷоби*** *дидаи ҷон мешавад ғубори танам,*

*Хушо даме, ки аз ин роз парда барфиканам.*

Яъне, бадани хокии ман ҳиҷоб ё монеаи дидани ҷон мебошад ва хуш он рӯзе, ки аз ин парда озод шавам ва он сӯи онро бубинам...

Дар луғатномаи машҳури Деҳхудо калимаи «ҳиҷоб» аз назари луғавӣ ва истилоҳӣ чунин шарҳ шудааст: *«Калимаи ҳиҷоб ҳам ба маънои пӯшидан аст ва ҳам ба маънои парда ва ҳоҷиб, бештар истеъмолаш ба маънои парда аст. Истеъмоли калимаи «ҳиҷоб» дар мавриди пӯшиши зан, истилоҳе нисбатан нав аст. Дар қадим ва махсусан, дар истилоҳи фақеҳон аз калимаи «сатр», ки ба маънои пӯшиш аст, истифода шудааст. Фақеҳон чи дар китоби «Салот» ва чи дар китоби*

*«Никоҳ», ки баёнгари ин матлаб аст, аз калимаи «сатр» истифода кардаанд, на аз калимаи «ҳиҷоб».*

**Ниг: Доирату-л-маорифи «Деҳхудо», зайли калимаи «ҳиҷоб».**

Албатта, дар таълимоти динӣ ва ирфонӣ ҳиҷоб метавонад маънои пардаи воқеии зоҳирӣ (физикӣ) ва ё пардаи маънавию ботиниро дошта бошад. Худи ҳиҷоби зоҳирӣ низ ду навъ аст: ҳиҷоби комил, ки тамоми ҳастии маҳҷубро мепӯшонад ва ҳиҷоби ҷузъӣ, ки қисматҳои муайяни онро пинҳон мекунад. **Дар истилоҳи фиқҳии шаръии исломӣ дар масъалаи ҳуқуқи зан ҳиҷоб маҳз ба ҳамин маъно истифода мешавад, яъне пӯшиш ё сатре, ки қисматҳои аз тарафи Худованд мушаххасшудаи бадани занро мепӯшонад.** Фарқ гузоштан байни маънои луғавӣ ва маънои истилоҳию фиқҳии ҳиҷоб аз он назар зарур аст, ки дар таълимоти исломӣ ҳиҷоб ба маънои комилан пушти парда ва аз назарҳо дур қарор додани зан набуда, ба маънои истилоҳӣ истифода мешавад.

**Дар ин маврид ниг: Муҳаммад Фатҳуллоҳи Зиёдӣ. «Таммулот фи қазойи-л-марату-л-муслима», саҳ. 51-56**

Мавлавӣ Абдуссамади Ғиёсӣ низ дар таърифи ҳиҷоб ва фарқи маънои луғавӣ ва маънои истилоҳии он овардааст, ки *«ҳиҷоб дар луғат маънои ҳоил шудан, пӯшондан ва монеъ шуданро медиҳад, вале аз назари истилоҳӣ ба маънои пӯшиши махсуси занон аст».*

**Мавлавӣ Абдуссамади Ғиёсӣ. «Ҳиҷоби зани мусалмон». Нашри «Шайхулислом Аҳмади Ҷом». Турбати Ҷом, 1385 ҳ.ш. саҳ. 21**

Вале бо вуҷуди паҳн гаштани маънои истилоҳии ҳиҷоб, яъне, асосан маънои пӯшиши исломии занонро гирифтани он, дар Қуръони карим, ки

манбаи аслии исломист, ҳиҷоб ба ин маъно истифода нашуда, балки асосан маънои аввалияи худ, яъне парда, ҳоил ва монеаро медиҳад. Муҳаққиқон баршуморидаанд, ки дар ҳашт ҷои Қуръони карим калимаи «ҳиҷоб» маҳз ба ҳамин маъно ба кор рафтааст, ки намунаҳои он сураҳои «Аъроф» *(ояи 46),* «Аҳзоб» *(ояи 53)*, «Сод» (*ояи 32)*, «Фуссилат» *(ояи 5)*, «Шӯро» *(ояи 51)*, «Исро» *(ояи 45)*, «Марям» *(ояи 17)* ва «Мутаффифин» *(ояи 15)* мебошанд.

Бо ин нигоҳ ба истилоҳи «ҳиҷоб» метавон гуфт, ки ба маънои пӯшиши занон истифода шудани ин калима падидаи нисбатан ҷадид аст, зеро дар матнҳои пешини исломӣ дар ин маврид калимаи «сатр» ва «пӯшиш» истифода шудаанд. Имрӯз ҳам дар сурати имкон ба ҷои истилоҳи ҳиҷоб истифода намудани истилоҳи «сатр» ё «пӯшиши занон» беҳтар мебуд. Вале чун дар забони тоҷикӣ ва форсии имрӯз калимаи «ҳиҷоб» ба маънои пӯшиши зан бисёр роиҷ шудааст, ба хотири ба хонандагон фаҳмотар гаштани матн ва матлаб, мо низ аз истифодаи он ба ин маъно ҷои гурез надорем.

**Ҳукми Қуръон ва Суннат дар масъалаи ҳиҷоб**

Тавре ки дар сухани муқаддимавӣ зикр шуд, ҳадафи аслии ин навишта пеш аз ҳама баёни дақиқ ва фаҳмои ҳукми ҳиҷоб дар сарчашмаҳои асили исломӣ, яъне дар Қуръону ҳадис мебошад, то ҳар хоҳишманде тавонад бо он ба таври дақиқ шинос гардад. Аз ин рӯ, дар ин қисмат ба ин савол посух меҷӯем, ки ҳукми Худованд дар масъалаи ҳиҷоб дар Қуръон чӣ гуна омадааст? Ё ба ибораи содатар, назари Қуръон дар масъалаи ҳиҷоб чист, яъне Қуръон дар масъалаи ҳиҷоб чӣ мегӯяд?

Барои он ки ҳукми Қуръон дар бораи ҳиҷоби зани мусалмон рӯшан бошад, онро ба ду бахш ҷудо менамоем:

1. Аҳкоме, ки махсус барои занони Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, омадаанд.

2. Аҳкоме, ки барои тамоми занони мусалмон таъйин шудаанд.

Тавре ки баён шуд, бахше аз аҳкоми қуръонӣ дар масъалаи ҳиҷоб пеш аз ҳама ба занони Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* дахл дошта, аз тарафи Худованд маҳз барои онҳо таъйин гаштааст. Аввалин ҳукми ҳиҷоб барои занони Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, дар сураи «Аҳзоб» баён шудааст, ки матни ояҳои он чунин аст:

***Матни ояҳо:***

[illegible]

***Тарҷума:*** *Эй занони Паёмбар, шумо ҳамонанди дигар занон нестед, агар аз Худо битарсед. Пас ба таври ҷалбкунанда ва шаҳватангез сухан нагӯед, то он марде, ки дар дилаш бемориест, ба тамаъ наафтад. Ва сухани писандида бигӯед. Ва дар хонаҳои худ бимонед ва чунон ки дар замони ҷоҳилият мекарданд, зинатҳои худро ошкор накунед. Ва намоз бигузоред ва закот бидиҳед ва ба Худову Паёмбараш итоат кунед. Эй аҳли байт, Худо мехоҳад палидиро аз шумо дур кунад ва шуморо пок дорад.*

**Сураи «Аҳзоб», ояҳои 32-33**

Ҳамчунин, дар ояҳои 53-юми ин сураи муборака Худованд ба мӯъминон дастур медиҳад, ки бидуни иҷоза ба хонаҳои Паёмбари гиромӣ, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, дохил нашаванд ва ҳамчунин, бо занони он Ҳазрат фақат аз пушти парда сухан гӯянд:

***Матни оя:***

[illegible]

***Тарҷума:*** *Эй касоне, ки имон овардаед, ба хонаҳои Паёмбар дохил нашавед, магар шуморо ба хӯрдани таъоме даъват кунанд, дохил шавед ва чун таъом хӯрдед, пароканда гардед. На он ки барои саргармӣ сухан огоз кунед. Ҳароина ин корҳо Паёмбарро озор медиҳанд ва ӯ низ аз шумо шарм медорад. Вале Худо аз гуфтани ҳақҳ шарм намедорад. Ва агар аз занони Паёмбар чизе хостед, аз пушти парда бихоҳед. Ин кор ҳам барои дилҳои шумо ва ҳам барои дилҳои онҳо покдорандатар аст. Барои шумо раво нест, ки Паёмбари Худоро биёзоред ва раво нест, ки занҳояшро баъд аз вай ба занӣ гиред. Ин корҳо дар назди Худо гуноҳе бузург аст.*

**Сураи «Аҳзоб», ояи 53**

Вале ин аҳком хоссаи занони Паёмбари гиромӣ, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* буда, занони дигари мусалмонро фаро намегирад. Масалан, ҳукмҳои қуръоние чун фақат аз паси парда сухан гуфтан ва ё ҷоиз набудани ба занӣ гирифтани он занон фақат хоссаи занони Расули акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, мебошад.

Аммо бахши дигари аҳкоми қуръонӣ дар бораи ҳиҷоб ва пӯшиш ба ҳамаи занони мусалмон дахл доранд, ки риояти он барои тамоми онҳо ҳатмист. Ҳукми умумии ҳиҷоб пеш аз ҳама дар ояти 59-уми сураи «Аҳзоб» ба таври зер баён гаштааст:

***Матни оя:***

[illegible]

***Тарҷума:*** *Эй Паёмбар, ба занони худ ва духтарони худ ва занони мӯъминон бигӯ, ки чодарҳои худро бар худ фурӯ гузоранд! Ин ба он наздиктар аст, ки шинохта шаванд; пас, ба онҳо озор дода нашавад. Ва Худо Омурзандаи Меҳрубон аст.*

**Сураи «Аҳзоб», ояи 59**

Муаллифи тафсири «Анвору-л-Қуръон» зимни тафсири ин оя аҳодиси расида, қавлҳои гуногуни муфассирин ва назарҳои фақеҳонро баён намуда, аз ҷумла чунин меорад: « *…фурӯ пӯшидани чодарҳо ба хотири он аст, ки бинанда ин занонро бишиносад ва бидонад, ки онҳо аз ҷумлаи занони озод ва пок ва вораста ҳастанд, бинобар ин, онҳоро аз канизон фарқ кунонанд ва мавриди озор қарор надиҳанд. Ибни Касир аз Судӣ нақл мекунад, ки дар Мадина гурӯҳе аз фосиқон ва авбошон буданд, ки чун дар шаб ҳаво торик мешуд, ба кӯчаҳо берун омада ва ба занон ҳуҷум мекарданд, вале агар медиданд, ки зане ҳиҷоб дорад, мегуфтанд, ки ин зан озод аст ва каниз нест, бинобар ин, аз ӯ даст бармедоштанд…*

*Умми Салама(р) мегӯяд: Чун ин оя нозил шуд, занони ансор, ки аз хонаҳои худ берун меомаданд, чунон бовиқор ва оромӣ роҳ мерафтанд, ки гӯӣ бар сари онон парандае нишастааст, дар ҳоле ки ҷомаҳои сиёҳе пӯшида буданд».*

**Ниг: Абдуррауф Мухлис. «Тафсири Анвору-л-Қуръон», ҷилди 4, саҳ. 685**

Дар ояи 31-уми сураи «Нур» низ Худованд пӯшидани ҳиҷобро барои занони мусалмон ба таври рӯшану возеҳ амр фармудааст, ки матни он чунин аст:

***Матни оя:***

ᘓ💣*🕒◆☾ᘓ👌⬃⬩←☺▫🖬ᘓ℮ℑ🖲 ✍➔🔔◆❒
⇳♊ᘓ👌 ⌘♊⇳ᘓ➔ᘓ⬂⬄⬧③
⌘♊⇳➔☒🏽⬂⧫⬩⑥◆❒ ⭘♊ᘓ♎🏽❷🕒❁🕒⬀📭❒🕮
🙰▫⬄ᘓ⑨⬀🖮⬉③ ⬩⬧◆❒ ⭘♊←♑⮹♉❒⬉❷➔▫
⧫❷⮹♑⬩← 🕶⧫👌 ⬝⬧ᘓ☽ ⭘♊←♑⧫☞⧫♈③ᘓ♌
⧫⌧⬂⬄ᘓ❸⇳➢◆⓿⬂🖲◆❒ ☎ 🕶⮹♑⬃✡ᘓ👌
🗐❼■✍⧫⬉ ⭘♊ᘓ♎🏽❷←☺➔③🕓🗎
🙰▫⬄ᘓ⑨⬀🖮⬉③ ⬩⬧◆❒ ☎ ⭘♊ᘓ&ᘓ🗄❑⬉⑩⬉♉
⬝⬧ᘓ☽ ⭘♊←♑⧫☞⧫♈③ᘓ♌
⬃❒❒🕮 ⬝⮫ᘓ♑ᘓ☞⬩🖲❑⬉➔←🖮ᘓ🖲
⬃❒❒🕮 ⬝⮫ᘓ♑ᘓ✶✎🕶⧫📭✃◆⬈
⬝⮫ᘓ♑ᘓ✌⬩🖲❑⬉➔←📭 ᘓ⬈✎🕶⧫📭✃◆⬈
⬃❒❒🕮 ⬝⮫ᘓ♑ᘓ✶✎🕶❑✡⬀📭❒🕮 ⬃❒❒🕮
⬝⮫ᘓ♑ᘓ✌⬩🖲❑⬉➔←📭 ᘓ⬈✎🕶❑✡⬀📭❒🕮
⬃❒❒🕮 ⭘♊ᘓ♑ᘓ☼🕓◆❑⬃⌘ᘓ☽ ⬃❒❒🕮
⬃❒❒🕮 ⬝⮫ᘓ♑ᘓ☼🕓◆❑⬃⌘ᘓ☽ ⌧ᘓᘓ♉⧫📭
⬃❒❒🕮 ⭘♊ᘓ♑ᘓ✍🕓◆❑⮹⌘❒🕮 ⌧ᘓᘓ♉⧫📭
🕶⧫👌 ⬃❒❒🕮 ⭘♊ᘓ♑ᘓ✶✎🕶❁❍ᘓ💧
ᘓ❒❒🕮 ⭘♊←♑⬉☾🕒⮹☺⬃③❒🕮 ⇳💣*⬩🗏■🖬⧫👌
ᘓ❸⬀❷☒⬊ 🙰▫✓ᘓ➔ᘓ🖮🕒✸☞🖲🕶✃
⌘♊ᘓ👌 ᘓ❑⧫📭⬀❻💣*“🕶✃ ❼ᘓ🖫🕯❑🠱🕮
ᘓ❒❒🕮 ⮰✌🔔⮹♊🏽♒❷🖲🕶✃
⬄🏳⬩🖲 🙰▫⬄ᘓ🔔⅄✎🕶✃ ⮳✍⬂🏽ᘓ♏➲🖲🕶✃
ᘓ☠🕓◆❻⬀❑⧫⬉ 🗐❼■✍⧫⬉ ☎✃❒⬉❷⮹♑⇳➔⧫③
⬩⬧◆❒ ☎ ᘓ⬈✎🕶❁❍ᘓ♓✡🖲🕶✃
⭘♊ᘓ♑ᘓ🖬⬉♉⬀❻❒🕯ᘓ📭 ⧫⌧⬂⬄ᘓ❸⇳➢❒④
♊ᘓ👌 ⧫⌧✓ᘓ🏽⬂③⬈⑥ 🕶⧫👌 ⌘☠■🖬⬃➔⬉⓿ᘓ🖲
☎✃☑❑←📭❑➔✍◆❒ 🗐 ⭘♊ᘓ♑ᘓ☞⧫♈③ᘓ♌
⧫❍⑩③❒🕮 🕶🕓➔⑩ᘓ🏱⬩♎ ★✎🕶✃ ❼■🖫ᘓ☽

⇙✇➚▤✦◘⍓➔⬧⍳◙ ⬥♍❑⇖☪⍣✌⇙⬧⇦☺⬂⍳◙⬸✁
⬰⚡⬀⬁ ⬥♍❑⇦⬧⍨◘⬂▦➔✍

***Тарҷума:***

*Ва (эй Паёмбар) ба занони мӯъмин бигӯ, ки чашмони хеш фурӯ гиранд (ба замин нигоҳ кунанд) ва шармгоҳи худро ҳифз намоянд ва зинатҳои худро ҷуз он миқдор, ки равост, ошкор накунанд ва рӯймолҳои худро то гиребон фурӯ гузоранд ва зинатҳои худро ошкор накунанд, ҷуз барои шавҳари худ ё падари худ ё падари шавҳари худ ё писари худ ё писари хоҳари худ ё занони ҳамкеши худ ё бандагони худ ё мардони хидматгузори худ, ки рағбат ба зан надоранд, ё кӯдаконе, ки аз шармгоҳи занон бехабаранд. Ва низ чунон пой бар замин назананд, ки он зинат, ки пинҳон кардаанд, дониста шавад. Эй мӯъминон, ҳамагон ба даргоҳи Худо тавба кунед, бошад, ки растгор гардед.*

**Сураи «Нур», ояи 31**

Тавре ки дида мешавад, дар ин оя ба иловаи муқаррар намудани пӯшиши занон, доираи афроди маҳраме, ки зан метавонад дар ҳузури онҳо беҳиҷоб пайдо шавад, нишон дода шудааст. Доираи ин гуна ашхос дар ояи 55-уми сураи «Аҳзоб» боз ҳам дақиқтар омадааст:

**Матни оя:**

☑❼⍨✖ ⭘♊✍✎⬀❸■◘⬧⇖ ⍓⍓⬸⬧☪⇖♉ ⬝⬧
✋⬧⬧❑ ⭘♊✍✎✎⬧✏⬸⬧✇✁⬧➚
✋⬧⬧❑ ⭘♊⍨♑✍★✏⬸⬧☪⬀✇❑🕮
✋⬧⬧❑ ⭘♊✍✎✍✠⏲⬧❑⇙⌘⍨☽
⭘♊✍✎✍✠⏲⬧❑⇙⌘⍨☽ ⍣➚✏⬸⬧☪⬀✇❑🕮
⍣➚✏⬸❑✡⬀✇❑🕮 ✋⬧⬧❑
⬝⬧⬧❑ ⭘♊⍨♑⍣✍⏲⬧❑⍓⌘❑🕮
⬸⬧✌ ⬝⬧⬧❑ ⭘♊⍨♑✍★✏⬸❁⭕⍨⬧
▤ ⭘♊⬋✎⇦☸⏲⍓☺⇙③❑🕮 ⇳💣⍒⌛■◘⬧✌
⬝♍⍨☽ ▦ ⅄✏⬸✁ ⬧✖✓✎☽❑✍⬸✁⬧❑

✍♏✍↗✉ 🗐❼■✍♦↖ ✍♍🔔☒✉ ⅄✏✍✂
⛍♎♎✍ ✂◈⑨⓿♎♑☒⅄ 🕮↗⬄✎☒★

***Тарҷума:*** *Занонро гуноҳе нест, агар дар назди падару писар ва бародару бародарзода ва хоҳарзодаву занони ҳамдин ё канизони худ беҳиҷоб бошанд. Ва бояд аз Худо битарсед, ки бар ҳар чизе нозиру шоҳид аст.*

**Сураи «Аҳзоб», ояҳои 55**

***

Масъалаи ҳиҷоби зани мусалмон дар ҳадисҳои Паёмбари гиромии Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* боз ҳам возеҳу рӯшантар омада, дар он илова бар ҳукми ҳиҷоб, масъалаи ҳадду меъёри он низ ба таври дақиқ баён шудааст.

Дар ҳадисе, ки аз Паёмбари Акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* аз тариқи ҳамсари гиромияшон Ҳазрати Оиша(р) ривоят шудааст, Ишон таъкид намудаанд, ки ҳар зани болиғ бояд ба ҷуз чеҳра ва дастонаш ҳамаи ҷои баданашро аз номаҳрамон бипӯшонад.

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ عَائِشَةَ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهَا أَنَّ أَسْمَاءَ بِنْتَ أَبِي بَكْرٍ دَخَلَتْ عَلَى رَسُولِ اللَّهِ y وَعَلَيْهَا ثِيَابٌ رِقَاقٌ فَأَعْرَضَ عَنْهَا رَسُولُ اللَّهِ y وَقَالَ يَا أَسْمَاءُ إِنَّ الْمَرْأَةَ إِذَا بَلَغَتْ الْمَحِيضَ لَمْ تَصْلُحْ أَنْ يُرَى مِنْهَا إِلا هَذَا وَهَذَا وَأَشَارَ إِلَى وَجْهِهِ وَكَفَّيْهِ»**

***Тарҷума:*** *Ҳазрати Оиша(р) ривоят мекунад, ки вақте ки хоҳараш Асмо ба хонааш дохил шуд, дар танаш либоси нозуке буд, ки барҷастагиҳои баданаш намоён мешуд. Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ба ӯ муроҷиат намуда, фармуданд: «Вақте ки зан ба синни булуғ мерасад, бояд баданаш пӯшида бошад, ба ҷуз рӯ ва ду дасташ». Ва он ҷойҳоро ишора намуда, ба ӯ фаҳмонданд».*

**«Сунани Абудовуд», китоби «Либос», ҳадиси 4104**

Ҳадиси дигаре, ки низ Ҳазрати Оиша(р) ривоят намудааст, гувоҳӣ медиҳад, ки дар садри Ислом занони мусалмон ҳиҷобро пазируфта, ин ҳукми илоҳиро комилан иҷро менамудаанд:

***Матни ҳадис:***

**« أَنَّ عَائِشَةَ قَالَتْ لَقَدْ كَانَ رَسُولُ اللَّهِ y يُصَلِّي الْفَجْرَ فَيَشْهَدُ مَعَهُ نِسَاءٌ مِنْ الْمُؤْمِنَاتِ مُتَلَفِّعَاتٍ فِي مُرُوطِهِنَّ ثُمَّ يَرْجِعْنَ إِلَى بُيُوتِهِنَّ مَا يَعْرِفُهُنَّ أَحَدٌ»**

***Тарҷума:***

*«Оиша, разияллоҳу анҳо, мегӯяд: Расули Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, намози бомдодро мехонд ва гурӯҳе аз занони мусалмон ҳам, дар ҳоле ки худро бо чодарҳо печида буданд, дар намоз ширкат мекарданд ва баъд аз намоз ҳангоме ки ба хонаҳояшон бармегаштанд, касе онҳоро намешинохт.*

**«Саҳеҳи Бухорӣ», китоби «Салот», ҳадиси 372 ва «Саҳеҳи Муслим», китоби «Масоҷид ва мавозеъи салот», ҳадиси 1342**

Суннати Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* ҳамчунин барои занони мусалмон дар ҳузури номаҳрамон пӯшидани либосҳои танг, нозук ва ҳарирро манъ намудааст ва ин ҳукм низ дар замони Ишон ба иҷро расидааст:

***Матни ҳадис:***

**«عَنْ عَلْقَمَةَ بْنِ أَبِي عَلْقَمَةَ عَنْ أُمِّهِ أَنَّهَا قَالَتْ دَخَلَتْ حَفْصَةُ بِنْتُ عَبْدِ الرَّحْمَنِ عَلَى عَائِشَةَ زَوْجِ النَّبِيِّ y وَعَلَى حَفْصَةَ خِمَارٌ رَقِيقٌ فَشَقَّتْهُ عَائِشَةُ وَكَسَتْهَا خِمَارًا كَثِيفًا»**

***Тарҷума:*** *Алқама ибни Абуалқама аз модари худ ривоят мекунад, ки гуфт: «Ҳафса бинти Абдурраҳмон ба хонаи Оиша - ҳамсари Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, дохил шуд ва дар баданаш чодари нозук дошт ва ҳазрати Оиша чодари нозукро гирифта, ба ӯ чодари гафс дод».*

**«Муватто», китоби «Либос», ҳадиси 1643**

Ҳамин тавр, аз оёти қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ ба таври рӯшан дида мешавад, ки ҳиҷоби зани мусалмон яке аз меъёрҳои муҳим ва таъкидшудаи шариати исломӣ буда, дар ду манбаи аслии Ислом, яъне Қуръон ва Суннат, ба таври возеҳ ҳукм ва таъйин шудааст. Аз ин рӯ, ин воқеият бояд меъёри асосии муносибати ҳар мард ва ҳар зани мусалмон дар масъалаи ҳиҷоб бошад.

## Ҳадди ҳиҷоби зани мусалмон чӣ қадар аст?

Тавре ки то ин ҷо собит гашт, Қуръон ва Суннат барои зани мусалмон риояти ҳиҷобро фарз гардонида, ҳукми куллии онро ба таври возеҳ баён намудааст. Дар баробари ин, ояҳои зикршудаи қуръонӣ, хусусан, ояи 31-уми сураи муборакаи «Нур» ва бахше аз ҳадисҳои набавӣ ба чигунагӣ ва ҳадду ҳудуди ҳиҷоби зан низ ишора намудаанд. Вале бо вуҷуди ин, масъалаи ҳадди ҳиҷоби зан аз сӯи уламои исломӣ дар ду шакл фаҳмида ва шарҳу тафсир карда шудааст:

1.Баъзе аз уламо аз матни ояҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ чунин хулоса гирифтаанд, ки ҳиҷоби исломӣ бояд тамоми бадани занро фаро гирад. Яъне зан илова бар тану сару гардан, бояд рӯй ва дастони худро низ бо ниқоб ё чодар аз номаҳрамон бипӯшонад.

2.Аксари уламои исломӣ аз аҳкоми Қуръону Суннат чунин хулоса гирифтаанд, ки ҳиҷоби зани мусалмон бояд тамоми бадан, ба истиснои чеҳра ва панҷаи дастони ӯро фаро гирад. Яъне барои зан воҷиб аст, ки тамоми тани худро аз номаҳрамон

бипӯшонад, вале ҷоиз аст, ки рӯй ва панҷаи дастони худро кушода гузорад.

Албатта, тавре ки мебинем, ҳеҷ гурӯҳе ё фарде аз уламои исломӣ дар бораи фарз будани ҳукми ҳиҷоби зани мусалмон шакку шубҳае надоранд, балки фақат дар бораи ба ҳудуди зери ҳиҷоб, яъне ба мафҳуми «аврат» дохил шудани рӯй ва панҷаи дастони зан байни онҳо тавофути назар мавҷуд аст. Ҳар ду ҷониб дар ин масъала далелҳои нақливу ақлӣ оварда, онро собит намудаанд.

Дар миёни машҳуртарин олимони исломии муосир, ки тарафдори пӯшида будани тамоми бадани зан, аз ҷумла, пӯшида будани чеҳраи ӯ мебошанд, метавон аз шахсиятҳое чун Аллома Мавдудӣ, Абдуллоҳ Носеҳ Алвон ва Мавлавӣ Абдуссамади Ғиёсӣ ном бурд, ки ин масъаларо дар осори зерини худ овардаанд: Абулаъло Мавдудӣ, «Ҳиҷоб», тарҷумаи Неъматуллоҳи Шаҳронӣ, Теҳрон, 1377 ҳ.ш. *(саҳ. 233-258)*, Абдуллоҳ Носеҳ Алвон, «Чӣ гуна фарзандони худро тарбият кунем», тарҷумаи Абдуллоҳи Аҳмадӣ, Теҳрон, нашри «Эҳсон», 1381 ҳ.ш. *(саҳ.190-196)*, Мавлавӣ Абдуссамади Ғиёсӣ, «Ҳиҷоби зани мусалмон», интишороти «Шайхулислом Аҳмади Ҷом», 1385 ҳ.ш.*(саҳ.51-120)* ва ғайра.

Аммо, муқоисаи далелу ҳуҷҷатҳои нақлӣ ва ақлии ҷонибдорони пӯшиши тамоми бадани зан, аз ҷумла, рӯй ва дастҳо ва далелу ҳуҷҷатҳои ҷонибдорони боз будани чеҳра ва дастони занон нишон медиҳад, ки далелҳои олимони гурӯҳи дуюм бисёр дақиқ, асоснок аз Қуръону Суннат ва қавию мантиқӣ мебошанд. Аз ин рӯ, мо низ ба ҳамин назар мувофиқем. Илова бар ин, назари мазҳаби ҳанафӣ низ чунин аст, ки поинтар ба он ишора хоҳад шуд.

***Пас, бо чӣ далелҳо кушода будани рӯй ва дастони занон иҷозат мебошад?***

Тавре ки баён шуд, ояи аслие, ки дар он ҳукм ва ҳадди ҳиҷоби зани мусалмон муқаррар шудааст, ояи 31-уми сураи «Нур» аст, ки дар он аз ҷумла, омадааст:

***Аз матни оя:***

♎●☼◷◆☪♎✌⬃⬧←☺▫▪♎ℯℛ✉ ✍➔♎◆❒
⇳♊♎✌ ⌘♊⇳♏➔♏⬂⬄◆③
⌘♊⇳➔⌧▩⬂◆⬧⑥◆❒ ⚫♊♎♎♎❷◷❁◷⬀✉❒🕮
⬧▫⬄♎⑨⬀⌨⬉③ ⬧⬧◆❒ ⚫♊←♑⍓♉❒⬉❷➔▫
◆❷⍓♑⬧← ☞◆✌ ⬧⬧♐☽ ⚫♊←♑◆☞◆♈③♐♒
◆✖⬂⬄♐❸⇳➢◆⓿⬂✉◆❒ ☎ ☞⍓♑⬃✡♎✌
🗐❼■✍◆⬉ ⚫♊♎♎♎❷←☺➔③◷🗎
.. ⚫♊♏⅋♏▯❑⬉⑩⬉♉

***Тарҷума:*** *Ва ба занони мӯъмин бигӯ, ки чашмони хешро фурӯ геранд ва шармгоҳи худро нигаҳ доранд* ***ва зинатҳои худро ҷуз он миқдор, ки пайдост, ошкор накунанд*** *ва рӯймолҳои худро то гиребон фурӯ оваранд…*

**Сураи «Нур», ояи 31**

Маҳз бо такя ба ҳамин оя аксари муфассирон ва фақеҳони исломӣ кушода будани рӯй ва панҷаи дастони занро аз назари Ислом ҷоиз донистаанд. Ин оя ҳам аз тарафи Паёмбари гиромӣ ва ҳам аз тарафи асҳоби Ишон, ки шоҳиди аз ҷониби Расули Акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* тафсир ва татбиқ шудани ҳукми Қуръон дар бораи ҳиҷоб будаанд, маҳз ба ҳамин маъно шарҳ шудааст. Дар аксари тафсирҳо муфассирон мазмуни ин ояро маҳз бо такя ба аҳодиси набавӣ ва шаҳодати асҳоби Паёмбар*, саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* ба таври муфассал шарҳ додаанд, ки барои намуна баъзе аз онҳоро аз тафсири Имом Суютӣ меорем: *«…Ибни Абишайба,*

*Абд ибни Ҳамид, Ибни Абиҳотим ба нақл аз Ибни Аббос ривоят мекунанд, ки манзур аз* **إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا** *чеҳра, кафи дастҳо ва ангуштар аст. Абдурразоқ, Абд ибни Ҳамид ба нақл аз Ибни Аббос дар бораи ояи* **إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا** *ривоят кардаанд, ки манзур ҳинои кафи дастҳо ва ангуштар аст. Ибни Абишайба, Абд ибни Ҳамид ва Ибни Абиҳотам ба ривоят аз Ибни Аббос гуфтаанд, ки дар ояи* **إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا** *манзур симои чеҳра ва ботини кафи дастҳо аст. Ибни Ҷарир ба нақл аз Саъид ибни Ҷубайр ривоят мекунад, ки манзур аз ояи* **إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا** *чеҳра ва кафи даст аст. Ибни Ҷарир ба нақл аз Ато ривоят мекунад, ки дар ояи* **إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا** *манзур кафи дастон ва чеҳра аст. Абдурразоқ ва Ибни Ҷарир аз Қатода ривоят мекунанд, ки дар ояи* **إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا** *манзур халхол, ангуштар ва сурма мебошад. Қатода мегӯяд: Аз Паёмбари Худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, дарёфтаам, ки фармудааст: «Барои зане, ки ба Худо ва рӯзи Қиёмат имон дошта бошад, ошкор намудани дастон ҷоиз нест, магар то ин ҷо» ва (барои нишон додани ҳадди он) нисфи банди дасти худро баст... Оиша(р) мегӯяд: Духтари бародари модариям назди ман омад ва дохили хонаи Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, шуд ва Расули Акрам, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, рӯи худро аз ишон баргардонд. Ман гуфтам: Ишон духтари бародарам ва ҳоло ҷавон аст. Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, фармуд:* ***«Ҳар духтаре, ки ба ин синну сол расид, ҷоиз нест, ки андомаш ошкор гардад, ба ҷуз чеҳра ва поинтар аз ин»*** *ва Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, (барои нишон додани ҳадди он) банди дасти худро баст ва кафи дастонашро боқӣ гузошт.*

**Ниг: Ҷалолуддини Суютӣ. Тафсири «ад-Дурру-л-мансур», ҷилди 6, саҳ. 179-181.**

Тавре ки дида мешавад, аксари ҳадисҳои набавӣ ва қавли саҳобагон, ки дар ин масъала то имрӯз

расидаанд, ин ояи муборакаи қуръониро ба ҳамин маъно тафсир намудаанд, ки ҳиҷоби зани мусалмон тамоми бадани ӯро фаро гирифта, дар айни замон, кушода будани рӯй ва панҷаи дастони ӯро ҷоиз медонад.

Муфассири машҳури аҳли суннат ва ҷамоат Имом Замахшарӣ дар тафсири «Кашшоф» дар шарҳи ин оя аз ҷумла, чунин меорад: *«Агар пурсида шавад, ки чаро ба таври мутлақ пӯшондани тамоми зинати зоҳири зан ҳукм нашуда, кушода гузоштани бахшҳое аз он ҷоиз шумурда шудааст, дар ҷавоб гуфта мешавад, ки пӯшондани чеҳра ва панҷаи даст барои зан мушкил пеш меоварад. Зеро чорае нест, ки зан бояд бо дасти худ ашёро ҷо ба ҷо кунад ва табиист, ки барои муайян кардан ва ҷобаҷоии онҳо ниёзманд ба намоёндани чеҳраи худ мебошад, махсусан, ҳангоми масъалаҳои муҳимме чун шаҳодат, муҳокима ва ақди никоҳ ва ҳамчунин, ба ҳангоми роҳ рафтан дар гузаргоҳои пурҷамъияти умумӣ ва ночор шудан ба ташхиси роҳ ва ҷои по… ва бояд донист дар миёни аъзои дигари бадани зан ба ин далел иҷозаи напӯшондани чеҳра ва панҷаи дастҳо дода шудааст, ки ин ду узв дар анҷоми тамоми корҳо дахил мебошанд. Ва ҳамчунин, дар рафтуомадҳо ва муоширатҳо бо мардум зарурӣ мебошанд. …Ва низ табиат ва сиришти инсон аз сухан гуфтан ва рӯ ба рӯ шудан бо наздикон ва ошноён бо чеҳраи пӯшида нафрат дорад ва аз ҳама муҳимтар ин ки зан дар сафарҳо ва савору пиёда шудан аз воситаҳои нақлиёт ва таъмини умури зарурӣ ва фаъолиятҳои ҷамъиятӣ ниёзманд ба сӯҳбат кардан ва рӯ ба рӯ шудан бо дигарон мебошад».*

**Ниг: Маҳмуд ибни Умари Замахшарии Хоразмӣ. «Тафсири Кашшоф», ҷилди 3, саҳ. 236**

Илова бар ҳадису қавлҳое, ки бевосита ба ҷоиз будани кашфи чеҳра ва дастони зан далолат мекунанд, ҳамчунин, як силсила оёт, аҳодис ва санадҳои таърихии дигар низ мавҷуданд, ки ба таври ақлонӣ ва мантиқӣ дар ҳамин ҳадд муайян шудани ҳиҷоби зани мусалмонро собит менамоянд, ки баъзе аз онҳо чунинанд:

1. Худованд дар ояи 31-уми сураи «Нур» мефармояд:

***Аз матни оя:***

⧫✗⬂⬄🙰❸⇳➢◆⓿⬂✆◆❑
🗐❼■✍⧫⬉ ⭘♊🙵♎❖❷🡐☺🡒③🕓🗎
⭘♊🙱🙴🙱🗄❑⬉⑩⬉♉

***Тарҷума: …****Ва занон бояд сарандозҳои худро бар гиребонҳои худ фурӯ гузоранд (яъне гардани худро бо сарандоз (рӯймол) бипӯшонанд)…*

**Сураи «Нур», ояи 31**

Тавре ки дида мешавад, Худованд пӯшидани рӯймол то гиребон ва пеши барро ба таври мушаххас амр мефармояд, вале дар бораи пӯшидани руй ба таври мушаххас намегӯяд. Бисёре аз муфассирон ба ин назаранд, ки агар пӯшидани рӯй фарз мешуд, дар ин оя он низ ба таври мушаххас зикр мегашт. Масалан, Ибни Ҳазми Зоҳирӣ мефармояд: *«Худованд ба фурӯ андохтани рӯсарӣ ба гиребонҳо дастур фармуда ва ин худ насси қатъӣ бар сатри аврат, гардан ва синаро дорад ва бар мубоҳу дуруст будани намоёндани чеҳра далолат дорад. Чунин истинботе ҷуз ин имкон нахоҳад дошт».*

**Ниг: Ибни Ҳазми Зоҳирӣ. «ал-Маҳаллӣ», ҷилди 3, саҳ.216**

2. Худованд дар ояи 30-юми сураи «Нур» ба мардон дастур медиҳад, ки чашмони худро аз нигоҳи занони бегона боздоранд. Ё Расули акрам,

*саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* дар чандин ҳадиси худ мардон ва ҷавононро амр фармудаанд, ки чашми худро аз тамошои занон ҳифз намоянд ва ба ин восита гунаҳгор нашаванд. Тибқи мантиқ, агар пӯшидани чеҳра ва даст, яъне пӯшидани тамоми бадани зан фарз мебуд ва он пӯшида мебуд, пас, Ислом тамошои чӣ чизеро манъ ва наҳй кардааст? Аз ин рӯ, мавҷуд будани чунин оя ва ҳадисҳо низ ба он далолат дорад, ки рӯй ва дастони занон боз мебошанд ва он имкони ҷалби назари мардонро дорад.

Шайх Юсуф Қарзовӣ низ ин ояҳо ва аҳодисро баршумурда, чунин хулоса гирифтааст: *«Агар тамоми чеҳраи занон пӯшида ва ҳамаи онон бо ниқоб ва рӯбанд бошанд, тавҷиҳе барои ин ки чашмони мутааҳилин (зандорон) аз назар ба номаҳрам маҳфуз мемонд, намедошт. Ва ҳангоме ки чеҳраи занҳо боз ва ошкор набошад, то дар он сурат имкони фитна ва ҷазби хоҳишҳо фароҳам гардад, дигар чашмҳо чӣ чизеро метавонанд бубинанд? Яъне, ҳангоме ки тамоми рӯ ва бадани зан пӯшида бошад, гуфтани ин ки издивоҷ боиси ҳифзи чашмон мегардад, чӣ мафҳуме хоҳад дошт?»*

**Ниг: Юсуф Қарзовӣ. «Дидгоҳҳои фиқҳии муосир», ҷилди 2, саҳ. 685-686**

Ҳамин тавр, бар пояи оёти қуръонӣ, аҳодиси набавӣ, қавли саҳобагони киром ва тафсирҳое, ки аксари муфассирони исломӣ таълиф намудаанд, маълум мегардад, ки ҳадди ҳиҷоби исломӣ чунин аст: **аз чашми номаҳрамон пӯшида будани тамоми бадани зан воҷиб аст, вале кушода будани чеҳра ва панҷаи дастони ӯ иҷозат мебошад.**

### Ҳиҷоби зан дар мазҳаби ҳанафӣ

Албатта, ҳукми масъалаҳои шаръӣ дар мазҳаби ҳанафӣ низ аз сарчашмаҳои аслии Ислом, яъне аз Қуръону Суннат истинбот шуда, дар асоси ин ду сарчашма таъйин шудаанд. Вале, аз сабабе, ки аксари мардуми кишвари мо пайравони мазҳаби Имоми Аъзам Абуҳанифа(р) ҳастанд, табиист, ки дар тамоми масъалаҳои динӣ ҳукми мазҳаби ҳанафиро низ ба таври алоҳида ҷӯё мешаванд. Бинобар ин, ки рӯи сухани мо низ бештар ба хонандагони тоҷикистонист, дар ин бахш назари мазҳаби ҳанафӣ ба масъалаи ҳиҷоби зани мусалмонро низ ба таври мухтасар зикр менамоем.

Фақеҳи бузургвори ҳанафӣ Абдуллоҳ Мусаллии Ҳанафӣ дар китоби «ал-Ихтиёр ли-т-таълили-л-мухтор», ки яке аз китобҳои машҳур дар фиқҳи ҳанафӣ мебошад, дар мавриди сатри зан аз назари мазҳаби ҳанафӣ чунин мегӯяд: *«Чашми мард бояд ба ҷуз рӯ ва кафи дастони зани озодаи номаҳрам ба ҷои дигаре аз бадани ӯ нарасад, албатта, он ҳам ҳангоми эмин будан аз шаҳват ва фитна. Аз Имом Абуҳанифа ривоят шудааст, ки пойро ҳам ҷузви истисноҳо қарор додааст ва ин истисно ба хотири он аст, ки зарурат дар харид ва фурӯш ва шиносоии ашхос аз тариқи чеҳра ҳангоми доду гирифт бо бегонагон ҳукмфармо мебошад, ба далели вуҷуд надоштани касе, ки ниёзмандиҳои ӯро фароҳам созад... Имом Абуҳанифа дар мавриди пой мегӯяд, ки пой мутлақан аврат нест, зеро дар роҳ рафтан ошкор шудани он зарурӣ аст. Ва дигар ин ки нигоҳи шаҳватангез дар чеҳра ва даст аз пой бештар аст…»*

**Ниг: Абдуллоҳ ибни Маҳмуди Мусаллии Ҳанафӣ. «ал-Ихтиёр ли-т-таълили-л-мухтор», ҷилди 4, саҳ.156**

Ин назар, ки аз Абдуллоҳ ибни Маҳмуди Ҳанафӣ оварда шуд, дидгоҳи мазҳаби ҳанафӣ дар масъалаи ҳиҷоби занро ба таври куллӣ баён мекунад ва китобҳои дигари ҳанафӣ низ онро айнан ё қисман такрор намудаанд. Вале ба хотири комилан собит гаштани назари мазҳаби ҳанафӣ чанд қавли дигареро аз фақеҳон ва китобҳои мӯътабари ин мазҳаб меоварем:

1.Имом Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ, яке аз шогирдони машҳури Имом Абуҳанифа дар мавриди пӯшиши занон ва иҷозаи боз будани чеҳра ва ду даст чунин мегӯяд:

***Матн:***

**والكف ولا بأس بأن ينظر إلى وجهها وإلى كفها ولا ينظر إلى شيء غير ذلك منها وهذا قول أبي حنيفة وقال الله تبارك وتعإلى وقل للمؤمنات يغضضن من أبصارهن ويحفظن فروجهن ولا يبدين زينتهن إلا ما ظهر منها ففسر المفسرون أن ما ظهر منها الكحل والخاتم والكحل زينة الوجه والخاتم زينة الكف فرخص في هاتين الزينتين ولا بأس بأن ينظر إلى وجهها وكفها**

***Тарҷума:*** *Ва назар кардан бар каф ва рӯйи зан иҷозат аст, аммо ба чизе ҷуз ин ду аъзо назар кардан ҷоиз нест. Ин қавли Имом Абуҳанифа аст. Худованди мутаъол мефармояд: Ва ба занони мӯъмин бигӯ, ки чашмони хешро фурӯ гиранд ва шармгоҳи худро нигаҳ доранд* ***ва зинатҳои худро ҷуз он миқдор, ки пайдост, ошкор накунанд****… ва муфассирон зинати зоҳирро ба зинати сурма ва ангуштар таъбир кардаанд, яъне сурма зинати рӯй ва ангуштар зинати даст аст ва назар дар ин ду зинат рухсат дода шудааст.*

**Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ. «ал-Мабсут», ҷилди 3, саҳ. 57-59**

2. Имом Марғелонӣ дар китоби машҳури «ал-Ҳидоя шарҳи «Бидояту-л-мубтадӣ», назари Ибни Аббос ва Имом Абуҳанифа ва шогирдашон Имом

Абуюсуфро дар мавриди сатри занон ва иҷозаи боз будани чеҳра ва ду даст то банди онро зикр карда, мегӯяд:

***Матн:***

**قال ولا يجوز أن ينظر الرجل إلى الأجنبية إلا إلى وجهها وكفيها لقوله تعالى ولا يبدين زينتهن إلا ما ظهر منها قال علي وابن عباس رضي الله عنهما منها ظهر منه الكحل والخاتم والمراد موضعهما وهو الوجه والكف كما أن المراد بالزينة المذكورة موضعها ولأن في إبداء الوجه والكف ضرورة لحاجتها إلى المعاملة مع الرجال أخذا وإعطاء وغير ذلك**

***Тарҷума:*** *Гуфт: Ба мард назар кардан ба ҷуз рӯй ва кафи зани бегона ҷоиз нест. Ба далели гуфтаи Худованд:* ***зинатҳои худро ҷуз он миқдор, ки пайдост, ошкор накунанд.*** *Алӣ ва Абдуллоҳ ибни Аббос (разияллоҳу анҳумо) дар ин маврид гуфтаанд: чизҳои зоҳиршаванда иборатанд аз сурма ва ангуштар ва мурод ҷои қарор гирифтани онҳост ва он рӯй ва даст аст, ҳамчунон ба назар мерасад, ки мурод аз он зинати зикршуда мавзеи онҳост, зеро дар кушода будани каф ва рӯй заруратест барои муомила бо мардон дар доду гирифт ва ғайра…*

**Имом Марғелонӣ. «ал-Ҳидоя шарҳи «Бидояту-л-мубтадӣ», ҷилди 4, саҳ. 83-84**

3. Аз фақеҳони муосири ҳанафӣ аллома Ваҳбаи Зуҳайлӣ мафҳуми «аврат» ва ҳудуди ҳиҷоби зани мусалмонро ба таври зерин баён мекунад: *«Аз назари шаръӣ «аврат» ба қисматҳое аз бадани инсон гуфта мешавад, ки пӯшонидани он воҷиб аст ва зану мард ҳар як бо таваҷҷуҳ ба табиати худ маҳдудаи авраташон аз ҳамдигар фарқ мекунад. Ҳаё ва адаб сатр ва пӯшидани авратро лозим мешуморанд. Аврати мардон аз ноф то зонуҳост ва аврати занон, ки набояд онро дар ҳузури мардони бегона ва номаҳрам кашф намоянд, ҳамаи бадани онон, ба ҷуз панҷаи ҳар ду даст ва чеҳраи онон».*

**Ниг: Ваҳба Зуҳайлӣ. «Фиқҳи хонавода дар ҷаҳони муосир». саҳ.339**

Илова бар ин, мазҳаби ҳанафӣ таъйин мекунад, ки либоси зани мусалмон дар берун аз хона бояд шартҳои зеринро низ дошта бошад:

- он қадр ҳарир ва тунук набошад, ки бадани зан аз пушти он намоён гардад;

-он қадр танг ва ба бадан часпида набошад, ки андом ва барҷастагиҳои бадани зан маълум шавад;

-либоси болоии зан он қадр ороишӣ ва пурҷило набошад, ки таваҷҷӯҳи атрофиёнро ба зан ҷалб намояд.

**Дар ин бора низ ниг: Ваҳба Зуҳайлӣ. «Фиқҳи хонавода дар ҷаҳони муосир», саҳ.347-348**

Хулоса, аз баррасии нуктаҳо ва иқтибосҳое, ки дар мавриди назари мазҳаби ҳанафӣ дар масъалаи сатр ва ҳиҷоби занон оварда шуд, метавон хулоса гирифт, ки дар мазҳаби ҳанафӣ сатри зан дар асоси Қуръон ва Суннат ва дигар сарчашмаҳои шариати исломӣ, мисли иҷмоъ ва қиёс, чунин муайян гаштааст: **пӯшидани тамоми бадани зан дар ҳузури номахрамон фарз аст, ба истиснои чеҳра, панҷаи дастон ва пойҳо то буҷулак.** Яъне, занони мусалмон вазифадоранд, ки тамоми бадани худ, аз ҷумла, сару гӯшу гардан ва мӯйи худро низ ба таври комил пӯшонанд ва фақат кушода будани рӯй, панҷаи дастҳо ва пойҳои онҳо то буҷулак ҷоиз мебошад. Ин аст ҳукм ва ҳудуди ҳиҷоби зани мусалмон аз назари мазҳаби ҳанафӣ, ки аксари мардуми Тоҷикистон пайравони он мебошанд.

## Нигоҳе ба фалсафа ва зарурати ҳиҷоб

То ин ҷо ҳукми Худованд дар масъалаи ҳиҷоби зани мусалмон аз сарчашмаҳои аслии исломӣ муайян гашт ва ҳадду меъёри он низ баён шуд. Вале бо вуҷуди барои бисёриҳо маълум будани ҳукм ва андозаи ҳиҷоб, дар аксари маврид ин савол гузошта мешавад, ки фалсафа ва зарурати ҳиҷоб барои зани мусалмон дар чист? Яъне, чӣ зарурате будааст, ки Худованд риояти ҳиҷобро барои занон фарз гардонидааст?

Дар посух ба ин савол бояд гуфт, ки агар ба ин масъала аз назари имонӣ нигоҳ шавад, яъне, агар инсон ба Худованд ва Қуръони карим ва Паёмбари акрам ва ҳаққонияти онҳо бовар дошта бошад, ҷавоби ин пурсиш барояш бисёр равшан ва сода аст: риояти ҳиҷоб ба он сабаб зарур аст, ки Худованд онро дар Қуръони карим амр кардааст ва Паёмбари гиромӣ дар ҳадисҳои худ риояти онро дастур фармудаанд. Ин посухи қонеъкунанда барои ҳамаи касонест, ки ба ин масъала нигоҳи имонӣ ва эътиқодӣ доранд. **Яъне, муҳимтарин сабаб, далел, фалсафа ва зарурати риоят кардани ҳиҷоб барои зани мусалмон ин аст, ки он ҳукми Худованд аст.**

Аммо бо вуҷуди ин, шарҳи фалсафа ва зарурати ҳиҷоб низ барои рӯшан шудани моҳияти ин масъала ба хоҳишмандон кумаки зиёд хоҳад кард ва илова бар ин, аз шарҳи он маълум хоҳад гашт, ки дини мубини Ислом чӣ ҳикмати бузургеро дар масъалаи ҳиҷоб дар назар гирифтааст. Аз ин рӯ, дар ин бахш бо такя ба таҷрибаву фармудаҳои мутафаккирони исломӣ чанд нуктаи мантиқию ақлонӣ дар бораи аҳаммият, моҳият ва зарурати ҳиҷоб ба таври мухтасар ироа мегардад.

**Аввалин** далеле, ки зарурати ҳиҷобро аз назари ақлию мантиқӣ ва аз назари табиату таҷрибаи

ҷомеаи инсонӣ собит менамояд, таъмини эҳтиром ва кароматӣ зан мебошад. Яъне, бо ба бар кардани ҳиҷоб ва пӯшонидани қисмати аз тарафи Худованд муайяншудаи бадани худ зани мусалмон дар баробари мард ваҷҳаи бисёр гиромӣ ва боэҳтиром ва ҳифзшударо мегирад. Соҳиби каромат ва эҳтиром будан яке аз сифатҳои аслии занони мӯъмина аст, зеро Худованд дар Қуръони карим ба занон амр кардааст, ки ҳангоми ҳаракат ҷиддию матин бошанд ва бо виқор роҳ раванд ва худро дар баробари мардон ба намоиш нагузоранд, то ба ин восита ба эҳтиромашон афзуда шавад. Аз тариқи ҳиҷоб зан аз мақоми як шахсияти дастрас ва мавриди нигоҳҳои ҳайвонию шаҳвонӣ, ба як шахсияти ҳифзшуда ва гиромӣ табдил мегардад. Тани зан ҳамчун ҳарими поку арзишманди ӯ бо пӯшида будан арзиши боз ҳам болотар мегирад. Чунон ки доктор Ҳаддоди Одил дар ин мавридовардааст: «*Либос барои инсон як ҳарим аст, ба манзалаи девор ва дижи мустаҳакаме, ки танро аз дастбурд маҳфуз медорад ва кароматӣ ӯро ҳифз мекунад. Либос барои он аст, ки таҳрики ҷинсиро кам кунад, на он ки бар қудрати таҳрик бияфзояд. Либос пӯсти дуюми инсон нест, балки хонаи аввали ӯст*».

**Ниг: Ғуломалии Ҳаддоди Одил. «Фарҳанги бараҳнагӣ ва бараҳнагии фарҳангӣ». саҳ. 30**

Ҳамин тавр, агар мо ба ин масъала аз нигоҳи манфиати худи зан ва манфиати воқеии тамоми ҷомеа нигоҳ кунем, пӯшидани бадани зан на маҳдудият, балки ҳифозат ва масунияти он аст. Дар ҳақиқат, чунин вуҷуди гаронбаҳо арзиши онро дорад, ки бисёр некӯ ҳифз шуда бошад:

*Хоҳар, зи ту аз Фотима ин гуна хитоб аст:*
*Арзандатарин зинати зан ҳифзи ҳиҷоб аст!*

**Далели дигаре,** ки зарурати пӯшида будани бадани занро собит месозад, эҳсосоти латиф ва шарму ҳаёи занона аст. Худованд табиати занро чунон офаридааст, ки агар бар асари шароит ва таблиғоти нодуруст фитрати ӯ вайрон нашуда бошад, ҳамеша шарму ҳаёро ҳамчун яке аз латифтарину қавитарин эҳсосоти худ риоят менамояд. Аслан, тасаввур намудани зани солими беҳаё имконпазир нест, зеро агар фитрати зан ҳанӯз солим бошад, пас, ҳатман саршор аз ҳаёст. Маҳз ҳамин ҳаё намегузорад, ки зан бадани худро ба намоиши номаҳрамон гузорад ва аз ин рӯ, худи зани солимфитрат ҳамвора талош менамояд, ки бадани ӯ, яъне ҳарими гиромии ӯ, аз назари дигарон пӯшида бошад.

Вале, дар айни замон бояд гуфт, ки бар хилофи баъзе пиндорҳо, шарму ҳаё на нишонаи заъфу нотавонии зан, балки нишонаи қудрат ва тавоноии ӯ мебошад. Вақте ки мард мехоҳад бо бартарии нирӯи ҷисмонии табиии худ бар зан фазилат ҷӯяд, зан наметавонад дар муқобили он нирӯи ҷисмониро ба кор гирад. Аз ин рӯ, нирӯи бисёр зариф ва қавитаре, ки зан дар баробари мард дар ихтиёр дорад, нозу шарму ҳаёи ӯст ва ҳеҷ марди асиле наметавонад дар баробари ин силоҳи зан зӯрозмоӣ намояд. Марди солим дар баробари ҳаёи зан чорае ҷуз таслим надорад. Зане, ки аз асрори ин қудрат огоҳ аст, зане қудратманд ва сарбаланд аст.

Фақеҳи муосири ҳанафӣ Ваҳбаи Зуҳайлӣ дар мавриди нигоҳи Ислом ба ин масъала мефармояд: *«Дини мубини Ислом пӯшондан ва сатри авратро ҷузви лавозими шарм ва ҳаё дониста ва ҳаёву шармро бахше аз имон ба ҳисоб овардааст. Пӯшондани ҷисм хислате табиӣ ва фитрӣ аст. Шайтонҳо мехоҳанд,*

*ҳамчунон ки пӯшиши Одам ва Ҳавворо аввалин бор бардоштанд, бо истифода аз ҳамаи воситаҳои имрӯзӣ чун филм, навор, сурату плакатҳо ва ғайра занони мусалмонро бо он бегона намоянд»*.

**Ниг: Ваҳба Зуҳайлӣ. «Фиқҳи хонавода дар ҷаҳони муосир», тарҷумаи Абдулазиз Салимӣ. Теҳрон: «Эҳсон». 1382 ҳ.ш. (саҳ.238)**

Хулоса, агар духтарони мо аз хурдсолӣ дар муҳити поку боҳаё тарбият ёбанд ва дар давраи рушди худ дар доираи арзишҳои ҳаёмеҳвар бузург шаванд, ҳисси табиии ҳаё дар онҳо боз ҳам қавитар гашта, онҳо занони поку тавоное хоҳанд буд. Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки ҳаё аз муҳимтарин ва гиромитарин сифатҳои зан аст, балки ҳаё зевари зан, силоҳи зан ва қудрати бузурги зан аст:

*Гарчи гул дар нозукӣ машҳур дар баҳру бар аст,*
*Хотири шарму ҳаё аз барги гул нозуктар аст.*

**Далели сеюми** таҷрибӣ ва ақлоние, ки метавон барои зарурати ҳиҷоб ва пӯшиши зан зикр намуд, зарурати оромиши равонӣ ва фикрии зан ва мард ҳангоми кору фаъолият аст. Тавре ки дар бобҳои пешин зикр шуд, Ислом ҳаргиз хонанишинӣ ва гӯшагирии занро амр нанамуда, занро ҳамчун шахси фаъъоли хонавода ва ҷомеа муаррифӣ менамояд. Ҳангоми иҷрои ин нақш ва дар зиндагию фаъолияти иҷтимоии худ зан ҳамеша дар муҳитҳои омехтае қарор мегирад, ки дар он мардони номаҳрам низ ҳузур доранд. Чунин муҳит метавонад дар роҳ, нақлиёти ҷамъиятӣ, мактабу донишгоҳ, корхонаву идора ва ғайра пеш ояд. Дар чунин вазъият агар зан бадани худро бо ҳиҷоб напӯшида бошад ва чунон ки дар ҷомеаҳои ғарбӣ ва ғарбзада мебинем, бахше аз

тани ӯ урён ва дар маърази нигоҳи дигарон бошад, ҳам худи зан ва ҳам мардони ҳамроҳу ҳамкори ӯ наметавонанд оромиши комили равонию фикрӣ дошта бошанд.

Зеро вақте ки бадани зан, хусусан, гардану сари сина ва ронҳову дасту пойҳои ӯ урён бошанд, яъне либоси имрӯзи ғарбӣ ба бар дошта бошад, ҳангоми кору бархӯрду фаъолият хоҳ нохоҳ мавриди нигоҳи мардони атроф қарор мегирад ва илова бар масъалаи гуноҳу савоб, боиси таҳрики шаҳвонии атрофиён мегардад. Дар чунин муҳит, мардон ва хусусан, ҷавонмардон наметавонанд бо камоли оромиши фикрию зеҳнӣ кору фаъолият намоянд ва ин вазъият ба натиҷаи кори онҳо низ зарари ҷиддӣ мерасонад.

Ҳатто тадқиқоти илмию сотсиологие, ки дар солҳои охир дар кишварҳои ғарбӣ анҷом шудааст, нишон медиҳад, ки беш аз 70% аз заноне, ки дар муҳитҳои омехта бо мардон кор мекунанд, худро дар чунин муҳит ноором ва нороҳат ҳис мекунанд. Аксари занони аврупоӣ муқобили он ҳастанд, ки дар идораҳои корӣ дар як ҳуҷра (кабинет) бо мард нишаста бошанд. Чунин занон, бо вуҷуди ин, ки шахсияти динӣ надоштаанд, изҳор намудаанд, ки аз чунин муҳити корӣ бисёр хаста ва дилгир шудаанд, зеро то ҷое зери таъсири маҳдудияти он ҳастанд, ки ҳатто наметавонанд ҳангоми зарурат ҷое аз бадани худро даст зананд ва ё бихоранд ва ё ҳангоми зарурат ба сӯи ҳоҷатхона раванд.

Аммо, агар зан дар муҳити умумӣ бо бадани пӯшида зоҳир шавад, ин ҳолат ба ӯ иҷозат медиҳад, ки дар ҷомеа озодона кору фаъолият намояд. Чунон ки алломаи бузурги исломӣ Муҳаммад Рамазон Бутӣ мефармояд: *«Худованди Субҳон ҳиҷоб ва пӯшиши исломиро воситае барои иштироки зан бо мард дар*

*ростои ташкили ҷомеа ва корҳои гуногуни он қарор додааст. Ва низ аз он абзоре сохтааст, ки дар мумкин сохтани ҳамёрии амалии зан ва мард дар арсаҳои илмӣ, фарҳангӣ ва дигар фаъолиятҳои маданӣ ва инсонӣ таъсиргузор аст».*

**Ниг: Доктор Рамазон Бутӣ. «Зан дар миёни шаффофияти шариати илоҳӣ ва тирагии фарҳанги Ғарб». Интишороти «Курдистон», Ҷ.И.Э. Санандаҷ: 1382 ҳ.ш. саҳ.147**

Бо дар назар гирифтани таъсири бади муҳити омехта ба сифати таҳсили толибилмон, мактабҳои беҳтарин ва ашрофии кишвари Британия ҳанӯз ҳам розӣ нестанд, ки дар синфҳои онҳо писарону духтарон якҷо таҳсил кунанд ва аз ин рӯ, таҳсили ҷудогонаи писарон ва духтарон дар мактабҳои ҷудогонаро ҳамчун яке аз роҳҳои бисёр самараноки таълиму тарбият ҳифз намудаанд. Ва дар ҳақиқат, шогирдони ин мактабҳо ҳам аз назари дониш ва ҳам аз назари ахлоқ нисбат ба шогирдони мактабҳои омехта сатҳи бисёр болотар доранд.

**Далели дигаре**, ки зарурати пӯшидагии бадани зан ва аз чашмрасу дастраси дигарон эмин будани онро собит месозад, коҳиши фисқу фасод ва устувории оилаҳост. Бешубҳа, занони нимаурён дар муҳитҳои омехта яке аз омилҳои афзоиши фасод буда, пӯшишу рафтори таҳрикомези онҳо худ яке аз барангезандагони майли мардон ба фасод мешавад. Зеро, тавре маълум аст, ҳиссу хоҳиши шаҳвонӣ як нирӯи азим ва қавии инсонист, ки ҳарчӣ муҳити муносибтар ёбад ва ҳарчӣ шароити бештар фароҳам шавад, боз ҳам бештар таҳрику фаъъол мешавад ва дар ниҳоят, оромиши соҳиби худро аз байн мебарад ва онро ба роҳи фасод ҳидоят менамояд. Аз ин рӯ, агар бадани занон пӯшидаву ҳифзшуда бошад, ангезаву шароит барои майл ба фасод бисёр камтар

мешавад ва ҷомеа солимтар ва оилаҳо устувортар боқӣ мемонанд.

Таъсири дигари ҳиҷоби зан бар устувории оила дар он аст, ки вақте ки зан бо ҳиҷоб ба берун меравад ва кору фаъолият мекунад, шавҳари ӯ низ ба вазъияти ҳамсари худ бештар эътимоду боварӣ дорад ва дар натиҷа кору фаъолияти зан мавзӯи баҳси зану шавҳар ва дар ниҳоят сабаби ихтилофи оилавӣ намегардад.

Муҳаққиқ ва равоншиноси исломӣ доктор Мансурнажод ба ҷанбаи дигари ин масъала ишорат намудааст, ки он низ хеле ҷолиб аст. Ӯ мазмунан мегӯяд: *«Агар марде ҳамеша бадани нимабараҳна ва чеҳраҳои зебои ину он занро бинад, дигар чандон майл ва рағбате ба ҳамсари худ дар хона нахоҳад дошт ва умуман, арзиши занаш пеши ӯ пойин меояд. Дар айни замон, агар зане ҳар рӯз бадани худро пеши дигарон арза дорад ва мавриди таваҷҷӯҳ, лабханд, калимот ва суханони дигарон қарор гирад, дигар шавҳар барои ӯ чандон ҷаззобият нахоҳад дошт. Яъне, дар натиҷаи ба осонӣ дастраси ҳамагон гаштани зебоии занон хонаводаи босафо, ҷаззоб ва ором осебпазир гашта, ба муҳите сард ва берӯҳ ва пур аз ошӯб табдил мешавад, ки натиҷаи табиии он ҷудоиҳо ва шикофҳост, на пайвандҳо ва висолҳо».*

**Ниг.: Муҳаммади Мансурнажод. «Масъалаи зан, ислом ва феминизм». саҳ. 103**

Албатта, дар бораи аҳаммият ва зарурати ҳиҷоб муфассирону муҳаққиқони исломӣ нуктаҳои бисёр зиёди дигареро баршумурдаанд, ки ҳар яки он моҳияти ин амр ва ин ҳикмати илоҳиро боз ҳам рӯшантар собит менамояд. Аз ҷамъбасти ҳамаи овардаҳои олимони киром метавон хулоса намуд, ки ҳиҷоби исломӣ барои зан на маҳдудият, балки

кафолати озодию эҳтирому шарофат аст. Яъне, бо таъйин намудани ҳиҷоб барои занон Ислом барои яке аз муҳимтарин ва печидатарин масъалаҳои ҷомеаи инсонӣ ҳалли муносибтарин пайдо намудааст, ки бар тибқи он, ҳам занон метавонанд дар ҷамъият озодона кору фаъолият намоянд ва ҳам ҷомеа метавонад аз таҳрику фасоду инҳироф эмин бимонад. Ин аст, ки ҳиҷоб беҳтарин роҳи ҳалл барои мушкилтарин масъалаи ҷомеа аст!

## ХУЛОСА

Ҳамин тавр, дар ин бахши китоб яке аз муҳимтарин ва печидатарин масъалаҳои ҳуқуқи зан дар Ислом, яъне масъалаи ҳиҷоб ва сатри занро ба таври бисёр мухтасар баррасӣ намудем. Ҳангоми кори таҳқиқӣ бори дигар маълум гашт, ки дар ҳақиқат, масъалаи ҳиҷоби зани мусалмон ҳамеша яке аз мавзӯъҳои марказӣ ва қобили таваҷҷӯҳи ҳам уламои мусалмон ва ҳам муҳаққиқони ғайриисломӣ буда, дар ин масъала теъдоди бисёр бузурги китобу рисола, таҳқиқу мақола ва назару фатвоҳо таҳия гаштаанд, ки фақат мутолиаву муқоисаи онҳо метавонад моҳҳо идома ёбад. Вале чун мақсади аслии мо на баррасии ҳамаи китобу рисолаву назару фатвоҳо, балки пеш аз ҳама, баёни сареҳу фаҳмои назари сарчашмаҳои дини мубини Ислом дар ин масъала буд, мо низ бештар ба ҳамин ҷанбаи мавзӯъ таваҷҷӯҳ намудем.

Бо баррасиву бозрасии мухтасари тамоми нуктаву матлабҳое, ки то ин ҷо баён гашт, зарур аст, ки дар масъалаи ҳиҷоби зани мусалмон хулосаҳои зерин ироа шаванд:

1. Ҳиҷоби зани мусалмон фикру мулоҳиза ё ихтирои ҳеч муфтиву мулло набуда, он ба таври возеҳ ҳам дар матни Қуръони карим, ҳам дар ҳадисҳои набавӣ ва ҳам дар иҷмоъ ва фатвои тамоми уламои исломӣ ворид шудааст. Аз ин рӯ, масъалаи ҳиҷоби зани мусалмон ҳамчун ҳукми илоҳӣ бахши муҳимми ақида ва таълимоти исломӣ мебошад ва табиист, ки ҳеҷ фарди мусалмоне, ки ба матни Қуръон ва ба матни ҳадисҳои саҳеҳи Пайғамбари Ислом, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*, имон ва бовар дорад, масъалаи ҳиҷобро зери савол намебарад ва онро инкор намекунад.

2. Мутобиқи таълимоти Қуръон ва Суннат ва низ, хулосаи уламои исломӣ аз матни ин сарчашмаҳо, барои ҳар зани мусалмон фарз аст, ки тамоми бадани худро, аз ҷумла, сар, гӯш, гардан, пешобар ва мӯи сари худро аз чашми номаҳрамон пӯшида нигоҳ дорад ва фақат рӯй ва панҷаҳои дасти худро кушода гузорад.

3. Мазҳаби ҳанафӣ, ки аксарияти мардуми мо пайрави онанд, низ меъёри ҳиҷобро дар асоси Қуръон ва Суннат ҳамин қадр муқаррар намуда, ҳамчунин, кушода мондани пойи занон то буҷулаки пойро низ ҷоиз медонад.

4. Илова бар ин, ки ҳиҷоб ҳукми бебаҳси илоҳист, аз назари ақлонӣ ва мантиқӣ низ собит гаштааст, ки он яке аз муносибтарин роҳҳои ҳал барои ҳамзамон таъмин намудани ҳам кору фаъолияти озоди ҷамъиятии занон ва ҳам эминии ҷомеа аз фисқу фасод, яъне аз марги тадриҷӣ мебошад. Пас, ҳиҷоб дар воқеъ на мушкилу маҳдудият, балки имтиёз ва роҳи ҳалл аст, роҳи ҳалл барои яке аз печидатарин масъалаҳои ҷомеаи башарӣ.

5. Вақте ки ҳукми Худованд дар масъалаи ҳиҷоби занон ба таври возеҳ, рӯшан, мушаххас ва фаҳмо

баён мешавад, ба ҳамагон муяссар мегардад, ки муносибати худро нисбат ба он озодона муайян намоянд. Дар чунин сурат онҳое, ки ҳиҷобро риоят мекунанд, дақиқан медонанд, ки чӣ ҳукмеро риоят мекунанд ва онҳое, ки ҳиҷобро тарк мекунанд, медонанд, ки чӣ ҳукмеро тарк кардаанд ва низ онҳое, ки бо ҳиҷоб мухолифат мекунанд, ба таври возеҳ медонанд, ки бо чӣ ва бо ҳукми кӣ мухолифат доранд. Худованд моро аз мухолифат бо аҳкоми шариат нигаҳ дорад!

Ва дар ниҳоят, барои боз ҳам равшантар шудани манбаъ ва моҳияти ҳукми илоҳӣ дар бораи ҳиҷоби зани мусалмон, матни ояи 59-уми сураи «Аҳзоб» ва бахше аз матни ояи 31-уми сураи «Нур» аз Қуръони каримро ҳамчун ҳусни анҷоми ин матлаб меорем, ояҳое, ки ҳар зану марди мусалмон бояд болои он биандешад:

***Матни ояи 59-уми сураи «Аҳзоб»:***

❺✐✍🖫☐☪🖭✂ ☐&⑨❒✱🕓♦③
◰⌨⬁♉🕓◆❒⬂❀✠✿ ✍➔🔔
⚘↗✎✂❁○✂♦◆❒ ◰⌨⚘✍◆☪♦📪◆❒
❦▫✓⚘✡⇳⑨↖③ ♦✖✓⚘☪⚘✌⬃♦←☺⬂🖭✂
♊⚘✌ ●♊✐&⬀❸■🖬♦↖
◰⌨⚘🖭🕓♦❶ 🗐 ○♊♑⌛❹⌛🕓■🖬◰♉
•☒♦▫ ⌘♊⬂▫♦❷⬃➔↖③ ♌❒🕮 ✂❼☐❄⬃⑩❒🕮
✦✎✂ ❦♍🔔☒📪◆❒ 🗏 ♦✖⬂⇦♦❶⬃♦↖③
⬘✐⬀ ✝☺⑩⚘○▪❻ ✂✡❻❑➔▦☒➘

***Тарҷума:*** *Эй Паёмбар, ба занони худ ва духтарони худ ва занони мӯъминон бигӯ, ки чодарҳои худро бар худ фурӯ гузоранд! Ин ба он наздиктар аст, ки шинохта шаванд; пас, ба онҳо озор дода нашавад. Ва Худо Омурзандаи Меҳрубон аст.*

***Аз матни ояи 31-уми сураи «Нур»:***

⚘💣✱🕓◆☪⚘✌⬃♦←☺▫🖬⚘♏🖭 ✍➔🔔◆❒
⇳♊⚘✌ ⌘♊⇳✐➔✐⬂⬄♦③

⌘♊⇳➔☒⊞⬂♦⬩⑥◆❒ ●♊♋♎⌧❷🕒❁🕒⬀✍✉❒🕮
🙰▫⇦♋⑨⬀🖮⬉③ ⬩⬩◆❒ ●♊⇦♑⍓♉❒⬉❷➔▫
♦❷⍓♑⬩⇦ ✍♦👌 ⬩⬩♏☽ ●♊⇦♑♦☞♦♈③♏♌
♦✖⬂⬄♏❸⇳➢◆⓿⬂✆◆❒ ☎ ✍⍓♑⬃✡♋👌
🗐❼■✍♦⬉ ●♊♋♎⌧❷⇦☺➔③🕓🗎
..●♊♐♣♐🖳❑⬉⑩⬉♉

***Тарҷума:*** *Ва ба занони мӯъмин бигӯ, ки чашмони хешро фурӯ гиранд ва шармгоҳи худро нигаҳ доранд ва зинатҳои худро ҷуз он миқдор, ки пайдост, ошкор накунанд ва рӯймолҳои худро то гиребон фурӯ банданд…*

**Ин аст ҳукми Қуръони карим дар масъалаи ҳиҷоб!**

## 4. Масъалаи саҳми зан аз мерос

Масъалаи назари шариати исломӣ дар бораи саҳми зан дар мерос аз ҷумлаи он масъалаҳоест, ки ҳам дар худи фиқҳи исломӣ ва ҳам берун аз он мавриди омӯзиш ва баҳсу баррасиҳои бисёр зиёде қарор гирифтааст. Ин аст, ки дар ин бора китобу рисолаҳои зиёди ҷудогона навишта шуда, паҳлӯҳои гуногуни ин мавзӯи ҳассос шарҳу тавзеҳ гаштааст ва ҳатто барои шинохти паҳлӯҳои гуногуни ин масъалаи печида илми ҷудогонае ба вуҷуд омадааст, ки онро **илми фароиз** меноманд.

Вале бо вуҷуди фаровонии адабиёт, ҳанӯз идома доштани баҳсҳо дар атрофи масъалаи саҳми зан дар мерос нишон медиҳад, ки зарурати баёни сода ва барои ҷомеаи имрӯзи мо фаҳмои ин масъала ҳамчунин боқӣ мемонад.

Аз тарафи дигар, бисёре аз мухолифини Ислом чунин таблиғ мекунанд, ки гӯё Ислом дар масъалаи мерос ҳуқуқи занро комилан поймол намуда, барои мардон ду баробари занон саҳм қоил мебошад. Боиси таассуф аст, ки вақтҳои охир ин фикри бепоя дар зеҳни мусалмонони аз аҳкоми исломӣ ноогоҳи мо низ пайдо шуда, дар онҳо тасаввури нодурустеро нисбат ба ин таълимоти шариати исломӣ ба вуҷуд овардааст. Барои рафъи ин нофаҳмӣ зарур аст, ки имрӯз назари Ислом дар масъалаи саҳми занон дар мерос ба таври дақиқ, мухтасар, сода ва фаҳмо баён карда шавад. Бо ин мақсад, ин ҷо паҳлӯҳои гуногуни онро ба таври мушаххас шарҳ менамоем:

1.Бар хилофи тасаввурҳои мавҷуда, дини мубини Ислом на танҳо маҳдудкунандаи ҳуқуқи зан дар мерос нест, балки Ислом дар ин масъала инқилоб ва пешрафти бузурге намуда, умуман, худи мафҳуми мерос гирифтани зан ва ҳаққ доштани ӯ дар мероси хешовандони наздикашро ба вуҷуд овард. Зеро санадҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки дар ҷомеаи ҷоҳилияи тоисломии араб ва ҷомеаҳои зардуштиву яҳудиву насронӣ занон ҳаққи гирифтани мерос надошта, аз моли боқимондаи наздиконашон ва ҳатто аз моли шавҳарашон чизе мерос гирифта наметавонистанд. Илова бар ин, дар ҷомеаҳои ғайриисломӣ худи занон ҳамчун мол ҷузъи мерос ҳисоб шуда, миёни меросхӯрони мард тақсиму тарака мешуданд.

Мувофиқи одате, ки пеш аз Ислом ҳоким буд, меросбари шахси вафоткарда фақат писарони болиғи ӯ, ки тавони савор шудани асп ва иштирок дар ҷангро дошта бошанд, шуда метавонистанд. **(Ниг: «Тафсири Руҳу-л-маъонӣ», ҷилди 4, саҳ. 210)**

Вале агар марди вафотёфта писари болиғе намедошт, мероси ӯ байни хешовандони мардаш тақсим шуда, на танҳо ба зану фарзандонаш аз он

чизе намерасид, балки худи зан ва фарзандони ноболиғаш низ ҳамчун моли мерос байни хешовандони мардаш тақсим мешуданд.

Вале бо омадани Ислом дар ҷомеаҳои мусалмоннишин ин қоидаи нангин барҳам хӯрда, занон ҳуқуқи дарёфти меросро ба даст овარданд. Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ, дар замони Расули акрам, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* чунин ҳодисае пеш омад: Авс ибни Собит(р) вафот намуд ва ҳамсараш бо ду духтар ва як писари ноболиғ боқӣ монданд. Тибқи одати қадимаи ҷоҳилият тамоми молу сарвати Авс ибни Собитро ду писарамаки ӯ соҳиб шуда, ба зану фарзандони ӯ чизе надоданд. Ҳамсари Авс ба хотири таъмини ояндаи духтаронаш пешниҳод кард, ки ин ду писари амак бо духтарони ӯ издивоҷ кунанд, вале онҳо ин пешниҳодро радд карданд. Он зан ночор ба назди Паёмбар, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* рафта, воқеаро баён карда, аз маҳрумияти худ ва фарзандонаш шикоят намуд. Маҳз дар ҳамин замон барои Паёмбари гиромӣ, *саллаллоҳу алайҳи ва саллам,* ояи мерос аз тарафи Худованд нозил гашт, ки тибқи он зану фарзандони ноболиғ соҳиби саҳмияи худ дар мерос шуданд. Тибқи ин таълимот аз як ҳашт ҳиссаи мерос ба ҳамсари Авс ибни Собит(р) дода шуда, бақияи он байни як писар ва ду духтари ӯ чунин тақсим шуд, ки нисф ба писар ва нисфи дигараш ба ду духтар тааллуқ гирифт ва писарони амаки Авс ибни Собит(р) аз мероси ӯ маҳрум шуданд.

**Ниг: Тафсири «Руҳу-л-маъонӣ», ҷилди 4, саҳ. 210**
**ва тафсири «Маорифу-л-Қуръон», ҷилди 3, саҳ. 380-382**

Ин аввалин мавриде буд, ки бо омадани Ислом қонуни нангини ҷоҳилият шикаста, занон, духтарон ва фарзандони ноболиғ соҳиби ҳаққи гирифтани мерос ва соҳиби саҳми худ аз мерос шуданд. Ҳамин тавр, бо нузули ояҳои қуръонӣ дар ин масъала,

таълимоти Ислом дар бораи тақсими мерос миёни бозмондагон такмил шуда, як низоми пурмаънӣ ва одилонаи ҳалли ин масъала ба вуҷуд омад. Ва яке аз муҳимтарин бахшҳои ин таълимоти исломӣ тибқи дастури илоҳӣ фарз ва ҳатмӣ шудани додани саҳми занон ва духтарон дар мерос мебошад.

Ҳамчунин, тибқи ҳамин оёти қуръонӣ, аз мерос маҳрум намудани фарзандон, чи духтар ва чи писар, низ манъ карда шудааст. Яъне, дар Ислом ҳеҷ падаре наметавонад касе аз фарзандонашро аз ҳаққи гирифтани мерос маҳрум намуда, мероси худро ба фарзанди дӯстдоштааш ва ё ба касе дигар васият намояд. Тавре ки медонем, имрӯз дар Аврупо баъзе сарватмандон дороии худро ба таври расмию қонунӣ ба шахсони дигар, ба маъшуқа ва ё гоҳе ба ҳайвони дӯстдоштаашон мерос гузошта, фарзандони худро аз мерос маҳрум месозанд, ки ин амал инҳирофи ошкор аз табиати инсонӣ мебошад. Вале дини мубини Ислом ба шахс иҷозат намедиҳад, ки ҳатто дар сурати хостанаш ҳам фарзандонашро аз мерос тамоман маҳрум созад.

2.Назари мушаххаси шариати исломӣ дар масъалаи саҳми занон ба мерос чист? Дар ин бора бояд гуфт, ки ҳаққи занон бар гирифтани мерос дар Қуръони карим ҳам ба таври усулӣ ва ҳам ба таври мушаххас эълон шудааст. Худованди мутаъол дар ояи 7-уми сураи «Нисо» дар ин масъала чунин мефармояд:

***Матни оя:***

✐✌🔔⮹♊▓♒❷◘🙵♋♐⚫ 🙵◘⑩⬉🕒♦☼

♉●☺🙵♓👌 ☒🖰♦❷⬩✍

⬀♌✁♦♉🙷✏🕒◆❑⬂♐⚫♉✁

♦♌❑🡄📪♦❷⬂🔔☞🏵♉✁◆❒

🙵➚✏♉❁○🙵♓✡◘🙵♐⚫◆❒ 🙵◘⑩⬉🕒♦☼

♉●☺🙵♓👌 ☒🖰♦❷⬩✍

⬀♌✁♦♉🙷✏🕒◆❑⬂♐⚫♉✁

[illegible]

***Тарҷума:*** *Аз ҳар чӣ падару модар ва хешовандон мерос мегузоранд, мардонро насибест. Ва аз он чӣ падару модар ва хешовандон ба ирс мегузоранд, чи андак ва чи бисёр, занонро низ ҳаққест, ҳаққи муайяне.*

**Сураи «Нисо», ояи 7.**

Тавре ки аз ин ояи карима бармеояд, Ислом барои занон ба таври ҳатмӣ ва бидуни баҳс саҳми муайянеро аз мерос таъйин кардааст.

Дар мавриди тақсими мушаххаси мерос миёни ворисон, аз ҷумла писарон ва духтарон Худованд чунин дастур фармудааст:

***Матни оя:***

[illegible]

➲✇♦❷⬂🕭❒🕮 ⬀☠←♑⓾③❒🕮 ♦♌❒🡻❻⇳⑨⬩✍
☪❑•✍③⌘❷⬧▭ 🗐 🙵✡➔⬂▦♦☼ ⬀🖃➚▤⬧♐
⅄✏🙵✃ ❑♌♐❩ ▤ ★✏🙵✃ ☙⬀♉♓✌
🙵✞☺⓾⬁▤⌂❍ 🙵🕒☺⓾♐🖪♦⬉ ♦♌🕭☒🖏
⬄⬂⬂⬀

***Тарҷума:*** *Худо дар бораи фарзандонатон ба шумо амр мекунад, ки саҳми як писар (аз мерос) баробари саҳми ду духтар аст. Ва агар ду ё зиёда духтар бошанд, аз се ду ҳиссаи мерос (66,66%) аз онҳост. Ва агар як духтар бувад, нисфи меросро (50%) барад ва агар маййитро фарзанде бошад, падару модари ӯ ҳар яке аз як шаш ҳиссаи меросро (13,5%) барад. Ва агар фарзанде надошта бошад ва меросбарони ӯ танҳо падару модар мебошанд, дар ин сурат модар як сеюми дороиро (33,33%) мегирад (ва боқимондаро падар мегирад.) Аммо агар (шахси вафоткарда) бародарон дошта бошад, саҳми модар пас аз анҷоми васийяти маййит ва пардохти қарзҳои ӯ, як шашум (13,5%) мебошад. Ва шумо намедонед, ки аз падарону модаронатон кадом яке шуморо судмандтар аст. Инҳо ҳукми Худост, ки Худо Донову Ҳаким аст!*

**Сураи «Нисо», ояи 11.**

Аз мазмуни ин оя бармеояд, ки шариати исломӣ саҳми ҳар як меросбарандаро ба таври мушаххас таъйин намуда, аз ҷумла, муқаррар кардааст, ки ҳангоми боқӣ мондани мерос аз падар ва тақсими он байни фарзандон, саҳмияи писар як баробар бештар аз саҳмияи духтар мебошад. Маҳз ҳамин нуктаи масъалаи мерос, яъне ҳангоми тақсими мерос байни фарзандон ду баробари саҳми духтарон будани саҳми писарон, миёни афроди зоҳирбин боиси баҳсҳои гуногун гашта, аз тарафи баъзе мухолифини Ислом ҳамчун мисоли поймол шудани ҳуқуқи зан дар Ислом муаррифӣ мешавад. Вале дар нуктаҳои

баъдӣ хоҳем дид, ки ин гуна гумону иттиҳомҳо пеш аз ҳама аз надонистани ҳикмати бузурги ин дастури илоҳӣ пеш меоянд.

3. Дар ҳақиқат ҳикмати ин тақсими қуръонӣ дар чист? Ё чаро Ислом ҳангоми тақсими мерос саҳми духтарро як баробар камтар аз саҳми писар таъйин намудааст? Барои фаҳми моҳияти ин масъала ва дарки маънои ин тақсими қуръонӣ бояд пеш аз ҳама ба тамоми ҳуқуқу ҷойгоҳи зан дар таълимоти исломӣ таваҷҷӯҳ шавад, зеро ҳукми Ислом дар масъалаи мерос як ҷузъи мушаххасе аз таълимоти ҷомеъ ва комили исломӣ дар масъалаи зан мебошад.

Тавре ки дар бахшҳои пешин, хусусан, дар қисми аввали ин рисола шарҳ шуд, шариати исломӣ барои зан як силсила ҳуқуқҳои истисноӣ пешбинӣ намудааст, ки яке аз муҳимтарини онҳо дар тамоми марҳалаҳои ҳаёти зан ба дӯши мард будани масъалаи таъмини нафақа ва эҳтиёҷоти ӯ мебошад. Яъне, тибқи таълимоти исломӣ таъмини тамоми нафақаи зан дар даврони хурдӣ (то издивоҷ) ҳамчун духтар ба ӯҳдаи падар ё ҳамчун хоҳар ба ӯҳдаи бародар, пас аз издивоҷ ҳамчун ҳамсар ба ӯҳдаи шавҳар ва дар даврони пирсолӣ ҳамчун модар бар ӯҳдаи фарзандон воҷиб мебошад. Яъне, тибқи шариати исломӣ, мард вазифадор аст, ки дар ҳама ҳолат нафақа ва тамоми эҳтиёҷоти рӯзмарраи занро таъмин намояд, **агарчи зан худ соҳиби дороӣ бошад.** Аз ин рӯ, ҳангоми тақсими мерос байни фарзандон ин асл ба назар гирифта шуда, барои писарон, ки вазифаи таъмини нафақаи занонро ба дӯш доранд, як саҳми комил ва барои духтарон, ки нафақаи онҳоро шариат ба дӯши мардон гузоштааст, нисфи саҳм дода мешавад.

Ин тарзи тақсими мерос бисёр одилона буда, ҳам ҳуқуқи занон ва ҳам ҳуқуқи мардонро бо дар назар гирифтани масъулият ва ӯҳдадориҳои шаръӣ ва

оилавиашон ба хубӣ таъмин менамояд. Вақте ки Ислом ба писар аз мерос ду баробари духтар саҳм медиҳад, ба ин восита писарро барои таъмини нафақа ва эҳтиёҷоти занони дигар, яъне хоҳар, ҳамсар ва модараш масъул мекунад.

Ин тарзи тақсими мерос, ки шариати исломӣ муайян намудааст, ҳуқуқи занонеро, ки чи дар замони тақсими мерос ва чӣ дар оянда нафақаашон ба дӯши мардон меафтад, таъмин менамояд. Ҳамин тавр, ин тарзи тақсими мерос дар асл таъмини ҳуқуқи занонро фароҳам овардааст, ба ин маъно, ки духтар ҳам саҳми худро аз мерос мебарад ва ҳам, илова бар ин, нафақаи ӯ аз тарафи писар (бародар) таъмин мешавад. Агар духтар шавҳар дошта бошад, ҳам ҳаққашро аз мероси падар мегирад, ҳам аз тарафи шавҳараш таъмин мешавад.

4. Аммо ба ҳар ҳол, пурсида мешавад, ки оё нисфи саҳми писар гирифтани духтар аз мерос ҳуқуқи ӯро помол намекунад ва ё вазъи моли ӯро бад намесозад? Дар посух ба ин савол бояд гуфт, ки дар сурати риоят шудани таълимоти шариати исломӣ духтар дар ҳар сурат аз назари нафақа таъмин мебошад ва баръакси писар, дар оянда дар вазъияти беҳтари молӣ қарор мегирад. Зеро илова бар ним саҳми меросе, ки ба ӯ тааллуқ мегирад, духтар соҳиби чанд имтиёзи дигар низ мешавад:

1. То замони издивоҷ нафақаи духтар бар зиммаи бародаронаш аст, яъне дар ин давра ӯ маҷбур нест, ки аз мероси гирифтааш чизе барои зиндагии худ харҷ кунад.

2. Баъд аз издивоҷ нафақа ва таъмини эҳтиёҷоти духтар комилан ба дӯши шавҳараш мегузарад ва духтар боз ҳам маҷбур нест, ки аз он саҳми мероси гирифтааш харҷ намояд.

3. Илова бар ин, духтар ҳангоми издивоҷ маҳрия дарёфт мекунад, ки он низ бар тибқи шариати

исломӣ ҳаққи шахсии духтар аст ва касе ҳаққи тасарруф дар онро надорад.

Ҳамин тавр, духтар дар ҷамъ, илова бар саҳме, ки аз мерос мегирад, ҳамчунин, аз таъмини нафақа аз тарафи бародар ва пас аз издивоҷ аз маҳрия ва нафақаи ҳатмии шавҳар бархурдор мешавад. Вале баръакси ин, писар бо он як саҳме, ки аз мерос мегирад, дар оянда бояд:

1. Барои издивоҷ ба ҳамсараш маҳрия бидиҳад.

2. Нафақаи ҳамсар ва дигар наздиконаш, мисли хоҳар ва модарро таъмин намояд.

Ҳамин тавр, масъулият ва зарурати молии писар бисёр зиёдтар аз духтар буда, ӯ барои иҷрои вазифаи шаръии худ дар таъмини ҳуқуқи (нафақаи) ҳамсар, хоҳар ва модараш ба харҷи бисёр бештар аз духтар ниёз дорад.

Барои шарҳи беҳтари ин масъала метавон ба мисоли зерин муроҷиат намуд: Агар падаре баъди вафоташ маблағи 15000 сомонӣ мерос гузорад ва фақат як духтару як писари меросхӯр дошта бошад (ҳамсар надошта бошад), тибқи қонуни шариат аз ин маблағ ба писар 10 000 сомонӣ ва ба духтар 5000 сомонӣ саҳм дода мешавад. Дар идомаи зиндагӣ писар барои издивоҷ 5000 сомонӣ харҷи ҳадя ва маҳрия мекунад ва аз сармояи ӯ 5000 сомонӣ боқӣ мемонад, дар ҳоле ки хоҳараш шавҳар карда, масалан, ба маблағи 2500 сомонӣ маҳрия мегирад, ки сармояи ӯ ба 7500 сомонӣ мерасад. Илова бар ин, писар масъулияти таъмини нафақаи ҳамсар ва оилаашро дорад, вале баръакси ин, нафақаи хоҳараш аз тарафи шавҳараш бояд комилан таъмин гардад. Пас, сармояи писар дар ҳоли масрафшавӣ аст, вале сармояи духтар дар ҳоли захирашавӣ. Оё, дар натиҷа, духтар дар вазъияти молии беҳтар аз писар қарор намегирад?

Албатта, ин мисол то ҳадде сода аст ва зиндагӣ бисёр мураккабтар аз ин мебошад. Вале мақсад аз овардани мисол дар он аст, ки ҳикмат, маънӣ ё фалсафаи ин навъи тақсими мерос дар Ислом дарк шавад ва рӯшан гардад, ки он ҳаргиз ба маънои нақзи ҳуқуқи зан дар мерос нест.

5. Илова бар ин, чунин тасаввур дуруст нест, ки бар тибқи назари Ислом дар ҳар сурат саҳми мардон аз мерос нисбат ба саҳми занон як баробар бештар аст. Тақсими зикршуда, яъне ду баробари духтар саҳм бурдани писар танҳо ба фарзандон ва баъзе бародарону хоҳарон тааллуқ дошта, дар мавридҳои дигар ин қоида ҷорӣ намешавад. Баръакс, дар баъзе мавридҳо бар тибқи дастури исломӣ саҳми занон дар тақсими мерос бо мардон баробар буда, дар баъзе мавридҳо ҳатто бештар аст.

Барои мушоҳидаи мавридҳое, ки дар онҳо саҳми зан ва мард аз мерос баробар аст, чанд мисоли мушаххас меорем:

- агар падар ва модаре фарзандашон аз дунё гузарад ва шахси вафоткарда як писар аз худ бар ҷой монда бошад, падару модар ҳар яке аз мероси вай ба андозаи аз як шаш ҳиссаи (13,5%), яъне ба таври баробар саҳм мебаранд. Дар чунин маврид ислом нагуфтааст, ки чун падар мард аст, бояд ду баробари модар, ки зан аст, аз мероси писараш саҳм бигирад. Худованди мутаъол дар ин маврид мефармояд:

***Аз матни оя:***

♐❍⬃③◆❑♦✉☹❀◆❒
⌨⑨♐■◷◆❒ ⇗♏✍➚▤♐⍰
⬇❑⬅⑨❹❍⍰☞✂ ☞⍓☺⬋✐⬃☸♐♓✌
♦♌♙☒✍ ♌⍭☽ ☒⍰♦❷⬧✍ ☞❍☺♐✌
▤✎☞⬧✏◆❑ ◷⬅❍⬧⍰

***Тарҷума:*** *Ва агар вафоткардаеро фарзанде бошад, падару модар ҳар яке як шашуми меросро барад.*

**Сураи «Нисо», ояи 11.**

-агар шахси бефарзанд ва бепадар бимирад ва бародарону хоҳарони модариаш меросхӯри ӯ бошанд, дар чунин сурат, ҳам бародарон ва ҳам хоҳарон аз мероси ӯ сеяки молашро (33,33%) байни худ тақсими баробар мекунанд, яъне ҳар яке саҳми баробар мегирад. Ин ҷо низ тақсими мероси ӯ бар тибқи писар будани бародарон ва духтар будани хоҳарон сурат намегирад, балки ин ворисон новобаста ба ҷинсияти худ аз ин мерос саҳмияи баробар дарёфт мекунанд. Худованд дар ин маврид мефармояд:

***Аз матни оя:***

⮘✍⬉♉◆❻ ♒♍♎☒✍ ♌⬊☽◆❒
♐❑❑🕮 🕓🕯◆✂🕓■🖬•🖹 ⇦♈◆❻❑⬉③
⬊⑧❑🕮 🖽🕓⬉🕮⬩✐◆❒ ⮘❑❑🕮◆❷⬂✌🙰✂
🖮⑨🙵■🕓◆❒ ⇗♏✍⬈🗏⬊🖬⬩▫ ⮘💣⇙⌘🡅🕮 ⇙❑❑🕮
♌⬊✉⬩▫ 🗐 🡓❑⇦⑨❹❍🙰🙰✂ 🙰⮹☺⇦♑⇙✡🙵♓✌
♊🙵✌ ◆❸⬩✡⇩🖹❑🕮 ☎✂☑❑🡄☼♎•🖹
❼⬊✘ 🡓⬈✐♎•🖹◆❸➔⌖ ⇳💣⇦♑⬩▫ ⮹🖮🙵🙰🕓⬩❶
🗐 🙵☸➔🖬🙘✞🙰🙰✂

***Тарҷума:*** *Ва агар мард(-и мурда), ки аз вай мерос мебаранд, ё зан(-и мурда) калола бошад (падару фарзанд надошта бошад) ва ӯро бародаре ё хоҳаре бувад аз модар, пас, шашяк (13,5%) аз они ҳар яке аз онҳо аст; ва агар зиёда аз ин бошанд, пас, онҳо дар сеяк (33,33%) бо ҳам шариканд.*

**Сураи «Нисо», ояи 12.**

- агар фарде аз дунё гузарад ва фақат як бародари модарӣ ва ё як хоҳари модарӣ аз ӯ ба ҷой монад, аз мероси ӯ ба бародару хоҳараш як шашуми саҳм (13,5%) мерасад. Ин ҷо низ мард будани

бародар ва зан будани хоҳарро дар назар намегиранд, балки саҳми онҳо баробар аст. Ҳукми ин масъала дар ояи 11-уми сураи «Нисо» омадааст.

Илова бар ин, дар илми фароиз, ки илми қоидаҳои тақсими мерос аст, баъзе мавридҳое ҳастанд, ки ҳангоми тақсими мерос **саҳми зан бештар аз саҳми мард мебошад.** Барои рӯшан шудани ин масъала ба чанд мисоли мушаххас таваҷҷӯҳ намоед:

- агар зани соҳибмоле аз дунё гузарад ва шавҳар, бобо ва модараш ба ҷой монанд, аз мероси ӯ ба шавҳар як дуввум (50%), ба модар як севвум (33,3%) ва ба бобо як шашум (13,5%) тааллуқ мегирад. Яъне дар чунин маврид модари ӯ нисбат ба бобояш саҳми бештар мегирад.

- агар зане аз дунё гузарад ва шавҳар, модар ва ду бародари шақиқ(аз як падару модар) ва як хоҳари модарӣ дошта бошад, хоҳари модарӣ як шашуми комил (13,5%) саҳм мебарад ва ду бародари шақиқ ҷамъан як шашум (13,5%) ирс мебаранд. Пас, дар ин сурат, ҳар яке аз бародарони шақиқ ба андозаи ними саҳми хоҳари модарӣ мерос мегиранд.

- агар зане вафот карда, шавҳар ва як духтар аз худ ба ҷой гузорад, аз мероси ӯ ба духтараш нисфи мол (50%) ва ба шавҳараш фақат як чаҳоруми мол (25%) тааллуқ мегирад. Пас, дар ин мисол, духтар ду баробари шавҳари модараш мерос мегирад, яъне зан ду баробари мард мерос мегирад.

Қобили зикр аст, ки фақеҳи бузургвори аҳли суннат ва ҷамоат аллома Рамазон Бутӣ дар масъалаи мерос бурдани занон баҳсу таҳқиқи доманадоре анҷом дода, ба аксари эроду ишколҳои мухолифини ин баҳс посуххҳои бисёр қавӣ ва равшан ироа намудааст. Номбурда ин матлабро аз ҷумла, чунин ҷамъбандӣ мекунад: *«Мунтақидон ояи ирсро як қонуни умумӣ ва ҷорӣ дар тамоми аҳкоми ирс талаққӣ мекунанд ва ҳатто ба хаёли онҳо ва бисёре аз*

*мардумони авомфиреб, ҳукме, ки дар ин оя омадааст, на танҳо марбут ба аҳкоми ирс, балки ба андозаи як қонуни мутлақи иҷтимоӣ талаққӣ менамоянд, ки Ислом онро дар тамоми ҳолатҳо ва дар мавриди ҳамаи қазияҳо ва мушкилот мавриди таваҷҷӯҳ қарор хоҳад дод. Аммо дар асл, ин оя фақат дар хусуси ирси фарзандон нозил шудааст ва на ғайри ишон. Ва аммо, ворисони дигари маййит, марду зан аҳкоми дигаре доранд, ки дар аксари онҳо саҳми ирси зан ва мард яксон аст».*

**Ниг: Рамазон Бутӣ «Зан дар миёни шаффофияти шариати илоҳӣ ва тирагии фарҳанги Ғарб», саҳ. 99**

## ХУЛОСА

Аз маҷмӯи нуктаҳои бисёр мухтасари овардашуда дар бораи саҳми зан аз мерос метавон чунин хулоса гирифт:

1. Як баробар зиёд будани саҳми мардон нисбат ба занон дар тақсими мерос як қоидаи умумии Ислом дар тақсими мерос набуда, фақат ба фарзандони маййит ва баъзе бародарону хоҳарон тааллуқ дорад.

2. Дар мавридҳои дигар саҳми меросбарон бар тибқи зан ё мард буданашон муайян намешавад ва дар баъзе мавридҳо саҳми меросхӯрони зан ва меросхӯрони мард баробар аст. Дар мавридҳои алоҳида саҳми меросхӯри зан аз меросхӯри мард бештар мебошад.

3. Ҳангоми тақсими мерос байни фарзандон бештар будани саҳмияи писарон маъно ва ҳикмати худро дошта, ба вазифаҳои оилавӣ, иҷтимоӣ ва

шаръии писарон дар таъмини нафақаи ҳамсар ва хоҳару модарашон вобаста мебошад.

4. Қоидаҳои амалкунанда дар тақсими мерос ба бахшҳои дигари ҳуқуқ ва фаъолияти занон ҳеҷ иртиботе надошта, муайянкунандаи вазъият ва ҷойгоҳи куллии зан дар таълимоти исломӣ нест.

5. Андешаҳои ғаразноке, ки нобаробарии тақсими мерос байни фарзандонро ҳамчун намунаи нақзи ҳуқуқи занон дар Ислом дониста, онро ба кулли ҷанбаҳои ҳуқуқи зан дар Ислом мансуб медонанд, ҳеҷ асосе надошта, ё аз сари бехабарӣ аз ҳикмати ин тақсимоти исломӣ ва ё ба таври махсус ба хотири доғдор кардани чеҳраи дини мубини Ислом аз тарафи душманони он садо медиҳанд.

6. Бар хилофи фарҳанги имрӯзи ғарбӣ, ки шахс метавонад мероси худро ба маъшуқа ё ҳайвони дӯстдоштааш гузорад, Ислом динест, ки маҳрум кардан аз меросро манъ кардааст. Яъне, шахс наметавонад касеро аз фарзандонаш аз ҳаққи гирифтани мерос маҳрум кунад ва ба ин восита Ислом ҳуқуқи фарзандонро ҳимоя мекунад.

7. Таълимоти исломӣ дар масъалаи тақсими мерос ба ҳар тариқ ҳуқуқи занонро комилан ҳимоят намуда, ҳуқуқи онҳоро ҳаргиз поймол намекунад. Агар ин ва дигар мавридҳои таълимоти шариати исломӣ дар масъалаи ҳуқуқи занон дар ҷомеаи мо батамом дарк ва дар қонунгузории мо амалӣ шаванд, занон на танҳо аз назари ҳуқуқӣ, балки аз назари молию моддӣ низ бисёр таъмин ва ҳимояшуда мегарданд.

*Вассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу*

# Тақризҳои илмии соҳибназарон ба ин китоб

## Таҳқиқи комил ва пухта

(Тақриз ба китоби Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода «**Ҷойгоҳи зан дар ислом**»)

Занон ҳамеша нисфи зиёди аҳли башарро ташкил медоданд ва медиҳанд. Саҳми онҳо дар рушди ҷомеаи инсонӣ, хусусан, тавлиди навъи башар, омӯзишу парвариш ва ҷомеапазир намудани он, ташкил ва такомули оила ва оиладорӣ, иҷрои вазифаҳои муҳимми иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ басе бузург ва назаррас аст. Аз ин сабаб ҳама равияҳои афкори иҷтимоӣ ва динӣ ба масъалаи таъйини ҷойгоҳи зан дар ҳаёти ҷомеа таваҷҷӯҳи хосса зоҳир кардаанд. Ин масъала хусусан, дар дини мубини ислом мавриди баёни муфассал қарор гирифтааст. Дар Қуръони маҷид ва аҳодиси қудсии набавӣ ҷиҳатҳо ва паҳлӯҳои гуногуни он ба таври сареҳ ёд шудаанд. Аммо ба сабаби камсаводию каммаърифатии динии ҷомеаи кунунии Тоҷикистон пиромуни ин масъала хурофот ва таҳрифоти зиёд муқаррар гаштааст, ки амнияти ҷомеаро халалдор мекунанд, ҳам дини мубини исломро доғдор менамоянд. Ҳол он ки ба гуфти Сайид Ҷамолуддини Афғонӣ - яке аз озодандештарин мутафаккирони мо:

*Ислом ба зоти худ надорад айбе,*
*Ҳар айб, ки ҳаст, дар мусалмонии мост.*

Бо дарки аҳаммияти ниҳоят зиёди масъала барои ҷомеаи кунунии Тоҷикистон Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода китобе бо номи «Ҷойгоҳи зан дар Ислом» таълиф кардааст, ки дар заминаи истифодаи маводди фаровони қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ

навишта шудааст. Ин китоб аз чанд ҷиҳат дорои аҳаммияти бузург аст:

**Якум,** аҳаммияти китоби Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода аз он иборат аст, ки дар заминаи далелҳои кофӣ ва басанда - оёти Қуръони маҷид ва аҳодиси набавӣ - беасос ва бебунёд будани яке аз хурофотҳои роиҷ дар байни мардум - ақидаи нобаробарии фитрии занон бо мардонро равшан ва возеҳ собит менамояд. Исботи баробарии фитрии мардону занон чи аз рӯи табиат ва чи аз рӯи имон омили бисёр муҳимми истиқрори равобити ҳасанаи байни онҳо ва таҳкими оиладорӣ ва амнияти ҷомеа аст.

**Дуюм,** Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода дар китоби худ бо такя ба оёти Қуръони карим ва аҳодиси набавӣ мавқеи занро дар оила ва ҳам дар ҷомеа ба сароҳати том нишон додааст. Бар асоси оёти Қуръони маҷид ва ҳадисҳои набавӣ мавқеи зан ҳам дар оила ва ҳам дар ҷомеа ба хубӣ муайян карда шудааст. Дар бештари тадқиқот, ки ба ин масъал бахшида шудаанд, танҳо масъалаи заношӯӣ матраҳ мешавад ва таҳлили ҳуқуқҳои зан бо нишон додани ҷойгоҳи зан дар оила маҳдуд мегардад. Муаллифи асари мазкур доираи ин масъаларо густарда гирифта, исбот мекунад, ки ислом ҳаёти занро бо чорчӯби ҳаёти оилавӣ маҳдуд намекунад ва иштироки занро дар ҳаёти ҷамъиятӣ манъ намесозад ва ин бесабаб нест: зан дар баробари ҳамсар, модар ва кадбонуи хонадон буданаш, узви ҷамъият низ мебошад ва шахсияти ӯ низ эҳтиёҷ ба такомулу рушд дорад, ки ин дар рафти иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ муяссар мегардад. Зан, модар, ки тарбиятгари фарзанд мебошад, мебоист ҳамрадифи замонааш бошад, то фарзандони дорои мафкура, дониш, малака ва ҷаҳонбинии васеъ тарбия намояд ва онҳо тавонанд ҳамқадами замона бошанд ва дар ин ҷомеа мавқеи худро дарёбанд. Хусусан, даст задани муаллиф ба

масъалаи таълим ва таҳсили занон аз назари ислом боиси таҳсин аст, зеро он яке аз масъалаҳои ҳалталаби ҷомеаи мост.

**Сеюм,** ҷиҳати хосси ин китоб аз он низ иборат аст, ки дар он мавқеъ ва ҳуқуқҳои модар мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки бешубҳа аҳаммияти бузурги тарбиявӣ дорад. Зеро, мутаассифона, на ҳамаи ҷавонони имрӯза нисбат ба волидайни худ вазифаю ӯҳдадориҳои фарзандияшонро иҷро мекунанд. Аз ин ҷиҳат, хеле хуб аст, ки муаллиф дар асоси оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ таъкид менамояд, ки эҳтиромии волидайн, хусусан, модар ҷузъи муҳимми вазифаҳои динии фарзандон аст.

**Чаҳорум,** муаллиф ҳуқуқ ва ҷойгоҳи духтарро аз назари ислом ҷудогона нишон додаст ва бо далелҳо аз Қуръони карим ва аҳодиси набавӣ баробарии писару духтарро дар оила ва дар ҳаққи фарзандӣ исбот намудааст. Гумон мекунам, ки баёни ин масъала барои истиқрори равобити хешутаборӣ ва муносибати ҳасана дар оила ва ҷомеа бебаҳс аст.

Бояд қайд намуд, ки ҷомеаи имрӯзаи мо гирифтори падидаи бисёрзанӣ шудааст. Вале бемаърифатии исломии занон ва мардони ҷомеаи мо боиси он шудааст, ки онҳо бе риояи шарт ва талаботе, ки дин ва шариати ислом дар ин маврид муқаррар кардааст, ба ин кор даст бизананд. Бо ин рафтор онҳо решаи муносибатҳои оилавиро хароб менамоянд ва зиёда аз ин, ба муносибатҳои заношавҳарии аз ҷиҳати шариат макрӯҳ роҳ медиҳанд.

Муаллифи китоб дар баробари таҳлили дигар масоил ба ин масъала низ равшанӣ андохта, бе баҳси зиёд шартҳоеро, ки ба гирифтани беш аз як зан иҷозат медиҳад, номбар кардааст. Донистани ин шартҳо барои ташкили оилаи солим ва барпо кардани сулҳу салоҳи оилавӣ аҳаммияти хосса дорад.

Масъалаи муҳимми дигар барои ҷомеаи мо масъалаи талоқ мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар ин масъала низ ҳам занон ва ҳам мардони тоҷик маълумоти кофии динӣ надоранд ва аз шарту ҳолатҳои талоқ бехабаранд. Муаллиф бо сароҳат таъкид менамояд, ки шариати исломӣ **«талоқро ташвиқ накарда, онро ҳамчун танҳо кори мубоҳе, ки ғазаби Худоро ба вуҷуд меорад»** муаррифӣ менамояд. Қайд кардан зарур аст, ки муаллиф тамоми нозукиҳои талоқ ва инчунин, ҳуқуқҳои занро баъд аз талоқ шарҳ додаст.

Бо назардошти он чӣ баён шуд, метавон гуфт, ки китоби Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода таҳқиқоти илмии ҷомее аст, ки ҷойгоҳи занро дар ислом, дар оила, дар ҷомеа ба таври боварибахш муайян мекунд. Мутолиа ва аз бар кардани нукоти он камсаводию каммаърифатии ҷомеаи моро дар масъалаи ҷойгоҳи зан дар ислом бегумон рафъ хоҳад кард.

Зимни арзёбии мусбати китоби Ҳоҷӣ Абар Тураҷонзода «Ҷойгоҳи зан дар ислом» баъзе андешаҳои баҳснок ва норасоиҳои онро низ бояд зикр кард:

**Якум,** муаллиф истилоҳи «нафси воҳид»-ро ба маънои «гавҳари ягона», «моддаи ягона», «тани ягона» (с.18) гирифтааст, ки чандон саҳеҳ нест. «Нафси воҳид» ҷавҳар аст, вале на ҷавҳари моддӣ ва баданӣ, бал, ҷавҳари рӯҳонӣ. Тибқи таълимоти Қуръонӣ ва баъзе назариёти фалсафӣ инсон аз ду ҷавҳар - ҷавҳари рӯҳонӣ, ки ҳамон нафс аст ва ҷавҳари моддӣ, ки бадан ё тан аст, халқ шудааст. Вале асли инсон на тани ӯ, балки нафси ӯст. Бинобар ин «нафси воҳид»-ро танҳо ҷавҳари рӯҳонӣ таъбир бояд кард.

**Дуюм,** дар матни китоб баъзе калимот нодуруст истифода шудааст. Масалан, муаллиф дар бисёр ҷойҳои китобаш калимаи «розӣ» ро ба маънои

«ризо», «ризоият» истифода мекунад, ки хато аст. Дар ин маврид муаллиф фирефтаи хатои ом шудааст.

**Сеюм,** дар бисёр мавридҳо ба ҷои пешояндҳои «нисбат ба», «доир ба», «оид ба» шаклҳои «нисбати…», «доири…», «оиди…» истифода шудааст. Ин тарзи истифодаи пешояндҳои мазкур дар замони мо аз охирҳои солҳои 80-уми асри XX маъмул шудааст, ки хатои ом аст.

Вале бояд гуфт, ки ин навоқиси сабкӣ арзиши илмии китоби Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзодаро ба ҳеҷ ваҷҳ коста намекунанд. Ҳамчунин, қобили зикр аст, ки асари мазкур хусусияти таблиғотӣ, яктарафа ва ифротӣ надошта, муаллиф дар он бо усули тидақиқотию илмӣ ва бо гуфтори мантиқию мӯътадил масъалаҳои ба миён гузоштаро муҳокима ва исбот менамояд. Китоб зимни нигоҳдошти сабки илмӣ ба забони фасеҳи тоҷикӣ навишта шудааст ва барои ҳама хонадагон дастрас мебошад.

Чор пешниҳоди зеринро низ мехоҳам иброз дорам:

1) Хуб мешуд дар нашрҳои ояндаи китоб таҳлили татбиқии назароти ислом ва дигар динҳо дар ин мавзӯъ анҷом дода шавад, то афзалияти ислом дар шарҳи ин масъала равшан гардад. Дар ин маврид метавон аз таҳқиқоти шарқшинсон, аз ҷумла, шарқшиносони ғарбӣ истифода кард.

2) Агар китоб ба забонҳои русӣ ва англисӣ тарҷума ва чоп шавад, судманд хоҳад буд.

3) Ба хатти ниёгон чоп кардани китоб низ аҳаммияти бузурги фарҳангӣ дорад.

4) Агар дар нашрҳои ояндаи китоб дастгоҳи илмӣ, яъне, феҳристи адабиёт, истилоҳоти мавзӯӣ, номҳои ашхос ва ҷуғрофӣ илова шавад, салиқаи илмии он баландтар хоҳад гашт.

**Мӯсо Диноршоев,**
доктори илмҳои фалсафа,
академики Акдемияи Илмҳои

Ҷумҳурии Тоҷикистон
19.03.2011

# Тақриз

## ба китоби Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода «Ҷойгоҳи зан дар ислом»

*(Душанбе, 2011)*

Раванди пажӯҳиш ва тадқиқоти илмӣ дар мавзӯоти улуми исломӣ аз ҷониби худи уламои исломӣ дар Тоҷикистон бо ғалабаи Инқилоби Октябр (1917) қатъ гардида буд. Баъди ба даст омадани истиқлолият ин раванд дар шакли нашри китобҳои даврони классикӣ, баргардони китобҳои нави дар хориҷи кишвар навишташуда ба хатти кунунии тоҷикӣ, тарҷумаи чунин китобҳо, Қуръони карим ва аҳодиси набавӣ ба забони тоҷикӣ ва ғайра аз нав ба роҳ ниҳода шуд. Дар ин мобайн ба нудрат бошад ҳам, дар хусуси аркони Ислом (ба вижа ибодот) баъзе таълифоти оригиналӣ низ ба майдон омаданд. Ва ба ғайр аз рисола, монография ва китобҳои воқеан бар мабнои илм ва объективона таълифёфта боз ду навъи дигари таълифот ба дасти хонандагон мерасид, ки ба ҳукми **«душмани доно беҳ аз дӯсти нодон»** навишта шудаанд. Яъне, аз тарафи душманони ошкори дохилию хориҷии Ислом бо ғаразҳои мухталиф таълиф ёфта, дар ҷумҳурӣ паҳн карда мешуд.

Дар ин навиштаҳо аҳкоме, қонуниятҳое, хусусиятҳое аз ҷониби худи муаллифон ё доираҳою созмонҳои зиддиисломӣ бофта ва сохта ва ба Ислом нисбат дода мешуданд, аз қабили «Ислом-ривоҷдиҳандаи терроризм», «Ислом-монеаи пешрафти илмӣ-техникии ҷомеаҳои шарқи

мусалмон» ва ғайра. Ва бархе дигар аз тарафи «дӯстони нодон» дар мақола, рисола ва китобҳои навишта ё аз минбарҳои баланди ватанию байналмилалӣ гуфта мешуданд, ки низ барои Ислом ва мусалмонон безарар набуданд, зеро муаллифони онҳо аҳком ва ҳаққу ҳуқуқи Исломро бо эҳсосоти зиёд, бо муболиғаю иғроқҳое қаламдод мекарданд, ки ақли солим онҳоро қабул надорад.

Аммо масъалаҳои мубрами Ислом, муносибати ҷомеаҳои мухталифи таърихию кунунии ҷаҳон ба Ислом, муносибати Ислом ба ҷомеа, давлат, сиёсат, иқтисод, фарҳанг, ҷанбаҳои иҷтимоӣ, илмӣ, ақоидӣ, идеологӣ, равоншиносии Ислом камокон матраҳ ва ҳанӯз мунтазири ҳалли худ буданду ҳастанд. Дуруст аст, ки дар ин миён, махсусан, дар зимни чорабиниҳои доир ба бузургдошти 1310 солагии Имоми Аъзам(р) чанде таълифот дар ин соҳа навишта, тарҷума ва ба хатти кириллӣ баргардон карда шуданд. Масъалаҳои марбут ба зан, ҷойгоҳу мақоми ӯ дар ҷомеа, оила, ҳаққу ҳуқуқу воҷиботи ӯ аз нигоҳи Ислом низ нигарони ҳалли худ мебошанд.

Дар зеҳнҳои оммаи мардуми тоҷик ҳанӯз ҳам бештар ҳамон чизҳое ҳаст, ки аз тарассуботи идеологии атеистии моҳиятан зиддиисломии даврони Шӯравӣ боқӣ мондааст. Ва аз тарафи дигар, аз навиштаҳои шарқшиносону исломшиносони аксар яҳудитабори Ғарб аз навишта, гуфта, намоишдода ва ба навору диск гирифтаи созмонҳо, мазҳабу ҷараёнҳои сершумори исломситез, ки дар телевизион, радио, интернет, матбуот ва ғайра тасаллути сиёсию молӣ доранд, фароҳам омадааст.

Ба ҳар тақдир, маъракаҳои «фаранҷипартоӣ» ва **«фаранҷисӯзӣ»-**и солҳои сиюми асри XX, ки дар архивҳою наворҳо маҳфуз мондаанд, аз ёди мардуми ҷумҳуриҳои мусалмоннишини собиқ Шӯравӣ ҳанӯз

сутурда нашудаанд. Аксари авоми ин мардум аз тамоми масъалаҳои марбути зан ва ҷойгоҳу ҳаққу ҳуқуқи ӯ аз нигоҳи ислом фақат фаранҷӣ (сатр ва ё ҳиҷоб)-ро медонанд ва маънои онро маҳрумият аз озодӣ, канизӣ, зулм мефаҳманд. Ба сабаби ҳамин коҳиши шадиди маърифати динӣ, бахусус, набудани огоҳии комил дар бораи ҳақиқати масъалаи муносибати ислом ба зан чанд сол пеш дар ҷумҳурӣ фатвои на чандон дурандешона содир гардид, ки ба масҷид омадани занонро манъ мекард ва ин фатво дар дохилу хориҷи кишвар эътирозоти маъқул ва начандон маъқулро барангехта буд.

Лекин, дар ду даҳсолаи охир қисмати умдаи мардуми Тоҷикистон, бахусус, ҷавонон рӯ ба исломи ҳақиқӣ оврада, азм бар он ниҳодаанд, ки воқеан мусалмон бошанд. Ва онҳо дар масъалаҳои ақоид, ибодот ва муомилоти ислом пурсишҳои зиёд доранд, ки донистани онҳо барои ҳар як мусалмон шарти зарурӣ аст. Ва аз тарафи дигар дар доираҳои академӣ ва донишгоҳӣ ба тадқиқоту таҳқиқоти амиқи илмии ин масъалаҳо шурӯъ кардаанд ва ин амр тақозо мекунад, ки тамоми маълумоти сарчашмаҳои қадим ва натиҷаҳои пажӯҳишҳои навин дар дастраси онҳо қарор дода шавад.

Инак, донишманди маъруф Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода тайи чанд сол аст, ки барои қонеъ гардонидани талаботи маърифатии оммаи мусалмонон ва тақозои муҳаққиқону пажӯҳишгарон ба маълумоти асили исломӣ ҳиммат ба навиштани асарҳои комилан илмӣ гуморидааст. Ва бояд гуфт, ки тавфиқ ҳам ёфтааст. Сабаби муваффақият ва ба доираҳои васеъи хонандагон роҳ пайдо намудан ва хуш пазирой ёфтани асарҳои ӯ пеш аз ҳама аз назари мо, дар он аст, ки муаллиф дар таълифоти худ усули нигориши классикӣ ва усули тадқиқоту пажӯҳиши муосирро тавонистааст, ки дар заминаи таҳлилу

натиҷагириҳои мунсифона якҷо оварда, ба ҳам созгор гардонад.

Аз рӯи ин сабку услуб ӯ дар аввали баёни ҳар як мавзӯъ доир ба он тамоми оятҳо, ҳадисҳо, нуқтаи назарҳои олимони мӯътарафи гузаштаву муосирро оварда, баъди он ва мабнӣ бар он масъаларо ҳамаҷониба таҳлил намуда, сипас, хулосаҳои худашро ироа медорад. Ва ин усули кор дар ин монограияи нави муаллиф - «Ҷойгоҳи зан дар Ислом» низ комилан риоя шудааст.

Дар натиҷаи заҳмати бешумор, тадқиқу таҳлили амиқу дақиқ, истинботҳо муаллиф ҳамчун хидмате барои мардум, ки мехоҳанд назари дини мубини ислом дар масъалаи зан, мақому ҷойгоҳ, ҳаққу ҳуқуқи ӯ дар ҷомеаро аз манбаъҳои асили исломӣ бидонанд, дар китоби худ ба тамоми ҷанбаҳои аслии ин мавзӯъ равшанӣ андохтааст. Яъне, ба ӯ муяссар шудааст, ки ҳам ба саволҳои оммаи мусалмонон, ки дар доираи ин масъала матраҳ кардаанд, бо сабки содаву фаҳмо посух бидиҳад ва ҳам як монографияи комиле, ки ҳамин як мавзӯъро ҳаматарафа таҳқиқу тадқиқ карда бошад, дар ихтиёри муҳаққиқону пажӯҳишгарони соҳаҳои исломшиносӣ, ҷомеашиносӣ, ҳуқуқшиносӣ биниҳад.

Ин китоб монанди «Заруриёти диния»-и устод Айнӣ ё «ал-Ҳидоя»-и Имом Марғелонӣ китоби дарсӣ ё таълимӣ нест, зеро фақат як мавзӯъро бо усули тадқиқоти илмӣ баррасӣ кардааст, яъне асари пажӯҳишӣ ва монография аст. Ва аз сӯи дигар ин асар ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад ҳамчун китоби тарғиботӣ талаққӣ шавад, зеро ҳеҷ як муаллифи ҳанафимазҳаб барои мардуми ҳанафимазҳаб дар доираи мазҳаби ҳанфӣ як чизи тарғиботӣ наменависад. Дар акси ҳол, беҳуда гови нар медӯшад ё ба таъбири русӣ «ба даре, ки ҳар ду табақааш

кушода аст, бо шикастану зӯроварӣ даромаданӣ мешавад».

Ин асар ҳатто монанди китоби «Меъёру-т-тадайюн»-и Аҳмад Махдуми Дониш ҳам нест, ки он нисбат ба таҳқиқу пажӯҳиши илмӣ бештар бо мақсади ҳимояи мазҳаби Имоми Аъзам(р) аз таҳоҷуми мазҳабҳои дигар навишта шудааст. Дар ин хусус, дар бораи ин аср ягона ҳамин чизро гуфтан ҷоиз аст, ки маълумот ва хулосаҳои ин монографияро, ки сирфан илмӣ ва пажӯҳишӣ аст, метавон бар зидди таҳоҷум, ҳаракату таълимотҳои тарғиботӣ ва даъватҳои дину мазҳабҳои гуногуни бегона ва дар аксари мавридҳо - харобкор, ҳамчун далелҳои раднопазири илмӣ ба кор бурд.

Камбуде, ки дар ин китоб ба назари мо расид, ғалатҳои вобаста ба забони он мебошад. Муаллифи китоб, ончунон ки аз навиштаҳои собиқаш бармеояд, на танҳо ҳамчун як донишманди пухтакори дақиқназар, балки ҳамчун як муҳаррир, веростор, соҳибқалами устуворкори хушсалиқа низ маъруфиият дорад. Ва ин китоби худро ба ҳамин назари дақиқ дар пояи баланди илмӣ навишта бошад ҳам, вале ба чӣ сабаб бошад, ки онро аз назари таҳрир ва тасҳеҳи ниҳоӣ нагузаронидааст. Дар натиҷа як идда ғалатҳо ба забони нигориши китоб роҳ ёфтааст ва дар ин ҷо ба тариқи мисол ба чанде аз ин ғалатҳо ишора мешавад: имлои ягонаи «мусулмон» (с.259, 260, 261, 262 в ғ.) ё «мусалмон» (с.14, 67, 256, 263 в ғ.) риоя нашудааст; ибораҳо, ҷумлаҳо (бештар номҳои китобҳо)-и арабӣ аз рӯи қоидаи ягонаи транскрипсия (=овонигорӣ) ба хатти кириллӣ бозгардонида нашудаанд. Аз оврадани мисол, ки теъдоди он зиёд аст, худдорӣ мекунем.

Ғалатҳое низ ҷой доранд, ки ҳангоми ҳуруфчинӣ дар компютер сар задааст ва будани онҳо ҳусни китобро мекоҳад. Фақат ба як-ду мисол

иктифо мекунем: «Ислом» ҳама ҷо бо «И»-и калон, вале баъзан (масалан дар с.220) бо «и»-и хурд чоп шудааст; дар с.239 «Фатвои Ҳиндия» дар с.246 «Фатовои ҳиндия»; дар с.252 «Мухтаср» (ба ҷои «Мухтасар») ҳуруфчинӣ шудааст. Бояд гуфт, ки ғалатҳо зиёд нестанд ва бо як бор хондани муҳаррири масъули илмӣ аз матн бартараф мешаванд.

Боз ду нуктаи дигар аст: Бо таъкид бояд бигӯем, ки ин ду нукта ғалат нестанд, вале анҷом додани онҳо кори хонандаро осон мекунад. Яке ба шакли китоб тааллуқ дорад. Бадеҳӣ, чунин як тадқиқоти амиқи илмӣ, монография, бе ҷалб, иттико ва истифодаи манбаъҳо, китобу рисолаҳои қадиму ҷадид навишта намешавад. Муаллифи ин китоб ҳам ба таври фаровон аз ин манбаъҳо, китобу рисолаҳо истифода бурда, онҳоро барои тасдиқ ё радди фикри дигарон, исботи фикру хулосаҳои худаш ҳамчун далелу шоҳид иқтибос овардааст ва дар ҳама ҷо ба онҳо ишора кардааст, ки ин комилан ҷавобгӯи талаботи корҳои илмӣ аст. Вале, барои пурра ба ин талабот ҷавоб додан бояд рӯйхати ин манбаъҳо, китобу рисолаҳо дар охири китоб аз рӯи қоидаҳои библиография оварда мешуд.

Нуктаи дигарро фақат дар мисоли «Саҳеҳи Бухорӣ» нишон медиҳем. «Саҳеҳи Бухорӣ», ки ҷамъан шомили 97 китоб ва 7563 ҳадис аст, дар нусхаҳои қадими худ ҳеҷ гуна шуморагузорӣ надорад, вале дар нашрҳои асри навин ба китобҳо, бобҳо ва ҳадисҳои он шумора гузоштаанд. Ин шуморагузорӣ дар оғоз ошуфтагиҳо дошт ва дар нашрҳои нави академии он ба китобҳо ва ҳадисҳои «Саҳеҳ» аз оғоз то охир ба як тартиб ва ба бобҳои дохили ҳар китоб алоҳида шуморагузорӣ карда шудааст. Шуморагузории нусхае, ки муаллифи китоб аз он истифода бурдааст, ба шуморагузории

нашрҳои нави академӣ мувофиқат надорад: с.25: 4787-5185; с.33: 5514-5971; с.36: 5513-5970; с.38: 2427-2620. Ва бад-ин минвол то охири китоб. Ва имрӯз барои хонандаи китоб бештар нусхаҳои нави академии «Саҳеҳ» дастрас мебошанд, ки ҳам бо тиражи зиёд, ҳам бо шакли чоп ва ҳам ба нархи арзонтар саҳлу-л-вусуланд.

Чунон ки дидем, китоб ду ҳадаф дорад: посух додан ба саволҳои зиёди оммаи мусалмонон ва дастрас кардани маълумоти асил ва дақиқи илмӣ ба муҳаққиқону пажӯҳишгарон. Ва ҳамчунон дидем, ки ба ҳарду ҳадаф бо муваффақият таҳаққуқ бахшида шудааст, яъне, доираи хонандагони китоб, ки ҳам омманду ҳам олим, бағоят васеъ аст ва тиражи 2000 нусха, ки чопи китоб дар назар гирифтааст, барои ин доира кифоят намекунад.

Ва-л-Лоҳу Ааълам. Ва-с-салому ало мани-ттабаъа-л-ҳудо.

**Муҳаммадҷон Умаров,**
*ходими калони илмии*
*Институти забон, адабиёт,*
*шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ*
*05.03.11*

## Манбаъҳо ва адабиёти илмию соҳавӣ:

**1.** Муҳаммад ибни Исмоил ал-Бухорӣ. Саҳеҳу-л-Бухорӣ. -Бейрут: Дору-л-фикр, 1424 ҳ.қ. (2003).

**2.** Муслим ибни Ҳаҷҷоҷ ан-Найсобурӣ. Саҳеҳу Муслим. -Бейрут: Дору-л-фикр, 1421 ҳ.қ. (2000).

**3.** Муҳаммад ибни Исо ат-Тирмизӣ. Сунану-т-Тирмизӣ. -Бейрут: Дору-л-фикр, 1422 ҳ.қ. (2002).

**4.** Сулаймон ибни Ашъас. Сунану Абидовуд. -Бейрут: Дору-л-фикр, 1425-1426 ҳ.қ. (2005).

**5.** Аҳмад ибни Шуайб. Сунану-н-Нисоӣ. -Бейрут: Дору-л-фикр, 1421 ҳ.қ. (2001).

**6.** Аҳмад ибни Ҳанбал. ал-Муснад.-Бейрут.-Дору-л-фикр, 1411 ҳ.қ. (1991)

**7.** Муҳаммад ибни Язид. Сунану Ибн Моҷа. -Бейрут: Дору-л-фикр, 1421 ҳ.қ. (2001).

**8.** Абдуллоҳ ибни Абдурраҳмон. Сунану-д-Доримӣ. -Бейрут: Дору-л-фикр, 1421 ҳ.қ. (2000).

**9.** Молик ибни Анас. ал-Муватто. Қоҳира: Мактабату-с-Сафо. 1422 ҳ.қ. (2001).

**10.** Муҳаммад ибни Исмоил ас-Санъонӣ. Субулу-с-Салом шарҳу «Булуғи-л-маром». -Бейрут: Дору-л-фикр, 1421 ҳ.қ. (2000).

**11.** Муҳаммад ибни Абдуллоҳ. ал-Мустадрак ала-с-Саҳеҳайн.-Бейрут: «Дору-л-кутуби-л-илмия», 1411ҳ.қ. (1990).

**12.** Аҳмад ибни Ҳусейни Байҳақӣ. Сунану-л-Байҳақии-л-Кубро.- Маккату-л-мукаррама: «Мактабату Дору-л-Боз», 1414 ҳ.қ.(1994).

**13.** Юсуф Қарзовӣ. Марказу-л-маръати фи-л-ҳаёти-л-исломия.- Қоҳира: «Мактабату Ваҳба», 1416 ҳ.қ.

**14.** Юсуф Қарзовӣ. Дидгоҳҳои фиқҳии муосир, тарҷумаи Аҳмади Неъматӣ. -Теҳрон: «Эҳсон», 1382 ҳ.ш.

**15.** Юсуф Қарзовӣ. «Фиқҳи сиёсӣ». Тарҷумаи Абдулазизи Салимӣ.- Теҳрон: Эҳсон. 1379 ҳ.ш.

**16.** Муҳаммад Ғаззолӣ. Масоили занон байни суннатҳои куҳан ва ҷадид.- Теҳрон: «Эҳсон», 1381 ҳ.ш.

**17.** Алӣ ибни Султон (Мулло Алии Қорӣ). Мирқоту-л-мафотеҳ шарҳи «Мишкоту-л-масобеҳ».-Бейрут: «Дору-л-кутуби-л-илмия», 1422 ҳ.қ. (2001).

**18.** Холид Абдурраҳмон Алъак. Одоби зиндагии заношӯӣ дар партави Қуръон ва Суннат, тарҷумаи Муҳаммадсолеҳ Саидӣ.-Санандаҷ: «Курдистон», 1381 ҳ.ш.

**19.** Ваҳба Зуҳайлӣ. Фиқҳи хонавода дар ҷаҳони муосир, тарҷумаи Абдулазиз Салимӣ.- Теҳрон: «Эҳсон», 1381ҳ.ш.

**20.** Муҳаммад ибни Ҳиббон. Саҳеҳу Ибни Ҳиббон.- Бейрут: «Муассисату-р-рисола», 1414 ҳ.қ. (1993).

**21.** Муҳаммад ибни Ҷарир. Ҷомеъу-л-баён ан таъвил оёти-л-Қуръон (Тафсири Табарӣ).-Бейрут, «Дору-л-фикр», 1405ҳ.қ.

**22.** Камолуддин Муҳаммад ибни Абдулвоҳид ас-Сивосӣ. Шарҳи «Фатҳу-л-қадир».-Бейрут: Дору-л-фикр.

**23.** Маҳмуд ибни Умари Замахшарӣ. Тафсири Кашшоф.- Бейрут: Дору эҳёу-т-туросу-л-арабӣ

**24.** Рамазон Бутӣ. Зан дар миёни шаффофияти шариати илоҳӣ ва тирагии фарҳанги Ғарб.-Санандаҷ: «Курдистон», 1382 ҳ.ш.

**25.** Аббос Маҳмуд Аққод. ал-Марату фи-л-Қуръон.-Қоҳира: «Дору-л-ҳилол». 1969.

**26.** Муҳаммад Фатҳуллоҳ Зиёдӣ. Тааммулот фи қазойи-л-маръати-л-муслима.- Троблус: «Маъияту-д-даъвати-л-исломияти-л-оламияти», 2000.

**27.** Муҳаммади Мансурнажод. Масъалаи зан, ислом ва феминизм.-Теҳрон: «Барги Зайтун»,1381 ҳ.ш.

**28.** Ғуломалии Ҳаддоди Одил. Фарҳанги бараҳнагӣ ва бараҳнагии фарҳангӣ.-Теҳрон: «Дафтари нашри фарҳанги ниёгон», 1995.

**29.** Абдуллоҳ Носеҳ Алвон. Чӣ гуна фарзандони худро тарбият кунем? Тарҷумаи Абдуллоҳи Аҳмадӣ. Теҳрон: «Эҳсон», 1381 ҳ.ш.

**30.** Ҷин Ҳолм ва Ҷон Букер. Зан дар адёни бузурги ҷаҳон, тарҷумаи Алии Ғаффорӣ.-Теҳрон: «Амир Кабир», 1384 ҳ.ш.

**31.** Мавлавӣ Абдуссамади Ғиёсӣ. Ҳиҷоби зани мусалмон.- Турбати Ҷом: «Шайхулислом Аҳмади Ҷом», 1385 ҳ.ш.

**32.** Муҳаммад Абузаҳра. ал-Аҳволу-ш-шахсия.- Қоҳира: «Дору-л-фикри-л- арабӣ», 1957.

**33.** Абдуррауфи Мухлис. Тафсири Анвору-л-Қуръон.- Турбати Ҷом: «Шайхулислом Аҳмади Ҷом», 1381 ҳ.ш.

**34.** Муҳаммадсаид Вакил. Ислом ойини рушд ва тарақӣ.-Теҳрон: «Эҳсон», 1379 ҳ.ш.

**35.** Муҳаммадтақии Ҷаъфарӣ. Илм ва дин дар ҳаёти маъқул.- Теҳрон, 1384 ҳ.ш

**36.** Аҳмад ибни Алӣ ибни Ҳаҷари Асқалонӣ. ал-Исоба фи тамйизи-с-саҳоба.- Бейрут, 1412 ҳ.қ.

**37.** Аҳмад ибни Яҳёи Балозарӣ. Футуҳу-л-булдон,- Бейрут: «Дору-л-кутуби-л-илмия». 1403 ҳ.қ

**38.** Муҳаммад ибни Абибакр аз-Заръӣ. . (Ибни Қайим). Мифтоҳу дори-с-саода ва маншуру вилояти-л-илм ва-л-ирода.- Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия.

**39.** Ҷамол Муҳаммадфақии Расул. Зан дар андешаи исломӣ, тарҷумаи Маҳмуди Иброҳимӣ.- Теҳрон, «Эҳсон», 1382 ҳ.ш.

**40.** Муҳаммад Мустафо Мухтор. Ҳиҷоб дар нигоҳе нав» // «Пажӯҳишҳои қуръонӣ», 1380 ҳ.ш., №25-26.

**41.** Исмоил ибни Умар ибни Касир. Тафсиру-л-Қуръони-л-азим (Тафсири «Ибни Касир»). –Бейрут: «Дору-л-фикр», 1401 ҳ.қ.

**42.** Муҳаммад ибни Алии Шавконӣ. «Нил-ул-Автор», -Бейрут: «Дору-ҷ-ҷиял», 1973.

**43.** Аллома Муҳаммад Шафиъи Девбандӣ. Тафсири «Маорифу-л-Қуръон», тарҷумаи Мавлоно Муҳаммадюсуфи Ҳусайнӣ.-Турбати Ҷом: «Шайхулислом Аҳмади Ҷом», 1384 ҳ.ш.

**44.** Ҳабба Раъуф. Мушорикати сиёсии зан, тарҷумаи Мӯҳсини Ормин. -Теҳрон: «Қатра», 1377 ҳ.ш.

**45.** Муҳаммад ибн Аҳмад ал-Қуртубӣ. ал-Ҷомеу-л-аҳкоми-л-Қуръон. –Риёз: Дору оламу-л-кутуб, 1423 ҳ.қ. (2003).

**46.** Ҳусайни Меҳрпур. Ҳуқуқи зан аз манзари ҳуқуқи дохилӣ, мабонии фиқҳӣ ва мавозини байналмилалӣ. – Теҳрон: «Иттилоот», 1387 ҳ.ш.

**47.** Имом Муҳаммад Ғаззолӣ. «Эҳёу улуми-д-дин». Урдун: ал-Мактабату-л-исломияти-л-кубро ли кутуби-т-тароси-л-исломи ва-л-арабӣ. www.turath.com

**48.** Муҳаммад ибни Абибакр аз-Заръӣ. (Ибни Қайим). Зоду-л-маъод фи ҳадйи хайри-л-ибод. -Бейрут ва Кувейт. «Мактабату-р-рисола», «Мактабату-л-манори-л-исломия», 1407 (1986).

**49.** Шайх Низом ва ҷамоату мин улумои-л-Ҳинд. ал-Фатовию-л-Ҳиндия. –Бейрут: «Дору-л-фикр», 1411 ҳ.қ. (1991).

**50.** Муҳаммад ибни Абдулвоҳид (Камол ибни Ҳумом). Шарҳу «Фатҳу-л-қадир». Урдун: ал-Мактабату-л-исломияти-л-кубро ли кутуби-т-туроси-л-исломӣ ва-л-арабӣ. www.turath.com

**51.** Бадруддин Маҳмуд ибни Аҳмад ал-Айнӣ. Умдату-л-қорӣ шарҳу «Саҳеҳи-л-Бухорӣ». –Бейрут: Дору эҳёу-т-туроси-л-арабӣ»

**52.** Муҳаммадамин ибни Умар ибни Абдулазиз. Радду-л-муҳтор ало «Дурри-л-мухтор» (машҳур ба Ҳошияи Ибни Обидин). –Бейрут: «Дору-л-фикр», 1421 (2000).

**53.** Абдуррашиди Таррез. Талоқ аз дидгоҳи Ислом.-Теҳрон: «Эҳсон», 1384 ҳ.қ.

**54.** Ваҳба Зуҳайлӣ. ал-Фиқҳу-л-исломӣ ва адиллатуҳу. -Бейрут: «Дору-л-фикр», 1997.

**55.** Саййид Собиқ. Фиқҳу-с-сунна. –Бейрут: Дору-л-кутуби-л-араби. 1397 ҳ.қ. (1977).

**56.** Аҳмад ибни Абдулҳалим (Ибни Таймия). ал-Фатовию-л-кубро. -Бейрут: «Дору-л-маърифа».

**57.** Ҷалолуддини Суютӣ. ад-Дурру-л-мансур. -Бейрут: «Дору-л-фикр», 1993.

**58.** Маҳмуд ибни Умари Замахшарии Хоразмӣ. Тафсири Кашшоф. Урдун: ал-Мактабату-л-исломияти-л-кубро ли кутуби-т-туроси-л-исломи ва-л-арабӣ. www.turath.com

**59.** Абдуллоҳ ибни Маҳмуди Мусаллии Ҳанафӣ. ал-Ихтиёр ли-т-таълили-л-мухтор. Урдун: ал-Мактабату-л-

исломияти-л-кубро ли кутуби-т-туроси-л-исломи ва-л-арабӣ. www.turath.com

**60.** Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ. ал-Мабсут. Карочӣ: «Идорату-л-Қуръон ва-л-улуму-л-исломия»

**61.** Алӣ ибни Абибакр (Имом Марғелонӣ). ал-Ҳидоя шарҳу «Бидояту-л-мубтадӣ», «Мактабату-л-исломия»

**62.** Сайид Маҳмуд ал-Олусӣ. Рӯҳу-л-маонӣ фи тафсири-л-Қуръони-л-азим ва-с-сабъу-л-масонӣ. –Бейрут: Дору эҳёу-т-туроси-л-арабӣ.



**ҲОҶӢ АКБАР ТУРАҶОНЗОДА**

**ҶОЙГОҲИ ЗАН ДАР ИСЛОМ**

**Тарроҳ:** ***Бунафша Ҷабборова***

Ба матбаа 20.01.2011 супорида шуд. Ба чоп 20.04.2011 имзо шуд.
Андозаи 60x84 1/16. Коғази офсет. Чопи офсет.
Ҷузъи чопии шартӣ 18,5. Адади нашр 2000 нусха.
Супориши №2. Нархаш шартномавӣ

**ҶДММ «Шуҷоиён»**
**шаҳри Душанбе, хиёбони «Дӯстии халқҳо», 47.**
Тел.: 227-61-47